# «РОҲНАМОИ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ  БАРОИ СИНФИ 1-УМ»

## Барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**Вазорати маориф ва илми**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**тавсия кардааст**

**Душанбе**
**«Маориф»**
**2016**

**ББК Я2 81.2+74.261.4 я72**
**Р-84**

**Р-84.** Байзоев Азим. **«Роҳнамои фанни забони модарӣ барои синфи 1-ум» барои омӯзгорони инфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**. Душанбе: «Маориф», 2016. – 180 саҳ.

ISBN 978-99947-1-390-5

© Байзоев А. 2016
© «Маориф», 2016

Мундарича


| | |
|---|---|
| Сарсухан........................................................................................................ | 4 |
| I. Дастурҳои методӣ барои омӯзгорон............................................................ | 7 |
| 1. Сюжети китоб.............................................................................................. | 7 |
| 2. Аломатҳои шартӣ........................................................................................ | 7 |
| 3. Машғулиятҳо аз рӯйи расмҳо (инкишофи қувваи босира)....................................... | 10 |
| 4. Инкишофи ҳисси шунавоӣ (гӯш кардан)........................................................ | 11 |
| 4.1. Инкишофи ҳисси шунавоӣ бо роҳи хониши матн аз ҷониби омӯзгор...................... | 11 |
| 4.2. Инкишофи ҳисси шунавоӣ бо роҳи шунавонидани сабти овозии матнҳо................ | 12 |
| 5. Машғулиятҳо ва роҳҳои луғатомӯзӣ.............................................................. | 12 |
| 6. Масъалаҳои тозагии забон.......................................................................... | 14 |
| 7. Хониш ва инкишофи маҳорати хониши ифоданок................................................ | 15 |
| 8. Усулҳои истифода аз матнҳои классикӣ, ҳикоятҳо, ривоятҳо................................. | 18 |
| 9. Машқҳои забонӣ......................................................................................... | 20 |
| 9.1. Машқи навишти ҳарфҳо............................................................................. | 20 |
| 9.2. Ба ҷойи нуқта гузоштани ҳарфи зарурӣ.......................................................... | 20 |
| 9.3. Имлои ҳарфи калон................................................................................... | 21 |
| 9.4. Машқи хат............................................................................................... | 21 |
| 9.5. Ҳиҷо..................................................................................................... | 22 |
| 9.6. Калимасозӣ.............................................................................................. | 23 |
| 9.7. Иборасозӣ............................................................................................... | 24 |
| 9. 8. Ҷумласозӣ.............................................................................................. | 25 |
| 10. Инкишофи нутқи шифоҳӣ........................................................................... | 26 |
| 10. 1. Нақли матни шунида ё хонда.................................................................... | 26 |
| 10. 2. Инкишофи нутқ бо роҳи саволу ҷавоб......................................................... | 27 |
| 11. Ташаккул ва инкишофи тафаккур (фикрронӣ)................................................... | 28 |
| 12. Тақвияти хотира....................................................................................... | 30 |
| 13. Инкишофи малакаҳои гуногуни хонандагон бо истифода аз бозиҳо, чистонҳо, тезгӯякҳо........................................................................................................ | 31 |
| 14. Санҷиши дониши хонандагон бо таҳияи тестҳо................................................ | 32 |
| II. Таҳлил ва равиши дарсҳо. Такрор ва таҳкими “Алифбо”...................................... | 33 |
| Дарсҳои 1-2 Мавзӯъ: Ҳарф ва овоз. Дар ҷустуҷӯйи дониш...................................... | 34 |
| Дарсҳои 3-4 Мавзӯъ: Дар боғи дониш. Хониши матн дар нақшҳо.............................. | 37 |
| Дарсҳои 5-6 Мавзӯъ: Такрори ҳарфу овозҳо. Машқи навишти ҳарфҳое, ки шакли китобӣ ва дастии онҳо тафовут дорад.................................................................... | 40 |
| Дарсҳои 7-8 Мавзӯъ: Такрори ҳарфу овозҳо. Гурӯҳбандии ҳарфҳо ва овозҳо.............. | 41 |
| Дарсҳои 9-10 Мавзӯъ: Ҳиҷо ва калима. Зимистон............................................... | 42 |
| Дарсҳои 11-12 Мавзӯъ: Ҳиҷо ва калима. Зимистон. Моҳҳои сол............................... | 44 |
| Дарсҳои 13-14 Мавзӯъ: Бозиҳои зимистона. Таҳкими малакаҳо оид ба ҳарфҳо ва ҳиҷоҳо. Машқи хат........................................................................................... | 45 |
| Дарсҳои 15-16 Мавзӯъ: Ҷамъбасти маводди боби якум. Арзёбии салоҳиятҳои боби якум.............................................................................................................. | 47 |
| Боби ОИЛА……................................................................................................ | 49 |
| Дарсҳои 1-2 Мавзӯъ: Марҳабо, ба боғи ОИЛА.................................................... | 50 |
| Дарсҳои 3-4 Мавзӯъ: Оилаи мо.................................................................... | 52 |
| Дарсҳои 5-6 Мавзӯъ: Ҳарфи калон дар аввали номи одамон. Қадри модар.................. | 54 |
| Дарсҳои 7-8 Мавзӯъ: Инкишофи малакаҳои муколама ва одоби суҳбат. Ташвиқи тарзи солими ҳаёт. Як рӯз бо модарҷонам.......................................................... | 56 |
| Дарсҳои 9-10 Мавзӯъ: Инкишофи нутқи шифоҳӣ ва малакаҳои хониш. Бахти хонадон | 58 |
| Дарсҳои 11-12 Мавзӯъ: Сохтани ҷумла бо истифода аз калимаи додашуда. Артиши миллӣ........................................................................................................ | 60 |

| | |
|---|---|
| Дарсҳои 13-14 Мавзӯъ: Арзёбии салоҳиятҳо оид ба мавзӯи ОИЛА............................. | 62 |
| Боби ХОНА.................................................................................................................. | 64 |
| Дарсҳои 1-2 Мавзӯъ: Марҳабо, ба боғи ХОНА. Тасаввуроти умумӣ дар бораи хона ва ашёи он .......................................................................................................................... | 64 |
| Дарсҳои 3-4 Мавзӯъ: Панди бузургон. Таъйиноти асбоби рӯзгор. Калимасозӣ............ | 66 |
| Дарсҳои 5-6 Мавзӯъ: Нон чӣ хел пайдо мешавад?......................................................... | 67 |
| Дарсҳои 7-8 Мавзӯъ: Анвои хӯрока. Сето нон. Саволҳои чӣ? чиҳо?............................ | 69 |
| Дарсҳои 9-10. Мавзӯъ: Табақи чӯбин, косаи сафол, пиёлаи чинӣ.................................. | 71 |
| Дарсҳои 11-12 Мавзӯъ: Нони гандум. Тарбияи хислатҳои нек.................................... | 73 |
| Дарсҳои 13-14 Мавзӯъ: Ҷамъбасти маводди боби Хона. Арзёбии салоҳиятҳои боби Хона.......................................................................................................................... | 75 |
| Боби МАКТАБ.............................................................................................................. | 77 |
| Дарсҳои 1-2 Мавзӯъ: Мактаб. Шиносоӣ бо ҳам. Биёед, бо ҳам наздиктар мешавем!.... | 77 |
| Дарсҳои 3-4 Мавзӯъ: 8 Март – Рӯзи модарон. Меҳри модар........................................ | 79 |
| Дарсҳои 5-6 Мавзӯъ: Калима ва ҳиҷо. Ҳарфи калон дар аввали номҳо. Имло ва талаффуз....................................................................................................................... | 80 |
| Дарсҳои 7-8 Мавзӯъ: Синфи мо. Ашёи синф. Омӯзиши номҳои асили тоҷикии ашёи мактаб.......................................................................................................................... | 82 |
| Дарсҳои 9-10 Мавзӯъ: Баҳор ва тавсифи он. Аввалин тасаввурот роҷеъ ба калимаҳои зидмаъно..................................................................................................................... | 84 |
| Дарсҳои 11-12 Мавзӯъ: Саъю кӯшиш – асоси комёбӣ................................................... | 85 |
| Дарсҳои 13-14 Мавзӯъ: Наврӯз. Суннатҳои наврӯзӣ. Ҷумласозӣ.................................. | 87 |
| Дарсҳои 15-16 Мавзӯъ: Ҷамъбаст ва арзёбии салоҳиятҳо аз боби Мактаб. Марҳабо, ба боғи Бӯстон.............................................................................................................. | 88 |
| Боби БӮСТОН.............................................................................................................. | 90 |
| Дарсҳои 1-2 Мавзӯъ: Офтоб ва офтобпараст. Муколама: Боғи мо................................ | 91 |
| Дарсҳои 3-4 Мавзӯъ: Калимаёбӣ. Панди зиндагӣ. Меваҳо. Мафҳумҳои “меваи тар”, “меваи хушк”.............................................................................................................. | 92 |
| Дарсҳои 5-6 Мавзӯъ: Дарахтони мевадор ва бемева. Гулҳо.......................................... | 94 |
| Дарсҳои 7-8 Мавзӯъ: Калимаёбӣ ва калимасозӣ. Муносибат бо дарахтон..................... | 95 |
| Дарсҳои 9-10 Мавзӯъ: Баракати замин. Ҳифзи табиат.................................................. | 97 |
| Дарсҳои 11-12 Мавзӯъ: Гурӯҳбандии калимаҳо............................................................. | 98 |
| Дарсҳои 13-14 Мавзӯъ: Ҷамъбаст ва арзёбии боби Бӯстон........................................... | 100 |
| Боби ҲАЙВОНОТ......................................................................................................... | 101 |
| Дарсҳои 1-2 Мавзӯъ: Марҳабо, ба боғи Ҳайвонот. Ошноӣ бо номҳои ҳайвонот. Мафҳуми ҳайвоноти хонагӣ......................................................................................... | 102 |
| Дарсҳои 3-4 Мавзӯъ: Имлои ҳарфҳои “у” ва “ӯ”. Ҳарфи калон дар аввали лақаби ҳайвонот. Гург ва буз. Подабон................................................................................... | 104 |
| Дарсҳои 5-6 Мавзӯъ: Лақаби ҳайвонот. Ҳайвони дӯстдоштаи ман................................ | 106 |
| Дарсҳои 7-8 Мавзӯъ: Парандагон ва ғамхорӣ ба онҳо. Тозагӣ – гарави саломатӣ......... | 107 |
| Дарсҳои 9-10 Мавзӯъ: Ҳиҷо ва калима. Калимасозӣ..................................................... | 109 |
| Дарсҳои 11-12 Мавзӯъ: Деҳқон ва хирс. Калимасозии зинагӣ........................................ | 111 |
| Дарсҳои 13-14 Мавзӯъ: Ҷамъбаст ва арзёбии салоҳиятҳо аз боби Ҳайвонот................. | 113 |
| Боби ДЕҲА................................................................................................................... | 115 |
| Дарсҳои 1-2 Мавзӯъ: Деҳа ва тавсифи он. Шиносоӣ бо ҳаёти мардуми деҳа. Ҳарфи калон дар аввали номи деҳаҳо…………………………………………………………………… | 116 |
| Дарсҳои 3-4 Мавзӯъ: Васфи деҳқон. Иборасозӣ............................................................. | 117 |
| Дарсҳои 5-6 Мавзӯъ: Обҳои шифобахш. Рӯди Вахш. З322 Заррофа чӣ мегӯяд?..................... | 119 |
| Дарсҳои 7-8 Мавзӯъ: Заррофа чӣ мегӯяд? (идома аз дарси гузашта). Фаслҳои сол......... | 120 |
| Дарсҳои 9-10 Мавзӯъ: Реҷаи рӯз. Талқини Тарзи солими ҳаёт. Туҳфаи беҳтарин...... | 122 |

| | |
|---|---|
| Дарсҳои 11-12 Мавзӯъ: Гурӯҳбандии калимаҳо. Нигоҳубини асбоби хониш............. | 124 |
| Дарсҳои 13-14 Мавзӯъ: Ҷамъбаст ва арзёбии боби Деҳа............................................. | 125 |
| Боби ШАҲР........................................................................................................................ | 127 |
| Дарсҳои 1-2 Мавзӯъ: Пойтахти мо. Ҳарфи калон дар аввали номи шаҳрҳо, дарёҳо, кӯчаҳо, мактабҳо, пайкараҳо ва боғҳои шаҳр.......................................................... | 128 |
| Дарсҳои 3-4 Мавзӯъ: Калимасозӣ. Дар бозори шаҳр................................................... | 129 |
| Дарсҳои 5-6 Мавзӯъ: Душанбе. Қоидаҳои роҳгардӣ дар шаҳр. Чароғаки роҳнамо.... | 130 |
| Дарсҳои 7-8 Мавзӯъ: Аз таърихи пайдоиши чароғаки роҳ. Инкишофи тафаккур....... | 132 |
| Дарсҳои 9-10 Мавзӯъ: Норак. Об ва рӯшноӣ. Гардиши об. Мавқеи истифодаи ҳарфи “й” дар охири калима................................................................................................ | 133 |
| Дарсҳои 11-12 Мавзӯъ: Калима ва ҳиҷо. Ҷойи зисти мо. Кумаку ёрӣ ба ҳамдигар – нишони ҷавонмардӣ........................................................................................................ | 135 |
| Дарсҳои 13-14 Мавзӯъ: Ҷамъбаст ва арзёбии боби Шаҳр............................................ | 136 |
| Боби ДӮСТӢ ..................................................................................................................... | 138 |
| Дарсҳои 1-2 Мавзӯъ: Марҳабо, ба боғи Дӯстӣ. Гурӯҳбандии калимаҳо.................... | 139 |
| Дарсҳои 3-4 Мавзӯъ: Васфи дӯстӣ.................................................................................. | 141 |
| Дарсҳои 5-6 Мавзӯъ: Дар ситойиши дӯст ва дӯстӣ.......................................................... | 142 |
| Дарсҳои 7-8 Мавзӯъ: Гурӯҳбандии калимаҳо. Дӯсти ҷонӣ......................................... | 144 |
| Дарсҳои 9-10 Мавзӯъ: Калима, ҳиҷо, ҷумла. Дӯсти ҷонӣ (қисми дуюм).................... | 145 |
| Дарсҳои 11-12 Мавзӯъ: Мавқеи истеъмоли ҳарфҳои “у”, “ӯ”, “и”, “ӣ”. Одоби шиносоӣ.................................................................................................................... | 147 |
| Дарсҳои 13-14 Мавзӯъ: Ҷамъбаст ва арзёбии боби Дӯстӣ............................................ | 148 |
| Боби ИНСОН...................................................................................................................... | 150 |
| Дарсҳои 1-2 Мавзӯъ: Рӯзи Ғалаба.................................................................................. | 150 |
| Дарсҳои 3-4 Мавзӯъ: Боғи Инсон. Гурӯҳбандии калимаҳо........................................ | 152 |
| Дарсҳои 5-6 Мавзӯъ: Фариштамоҳ (Қисми якум)........................................................ | 153 |
| Дарсҳои 7-8 Мавзӯъ: Фариштамоҳ (Қисми дуюм). Калимасозӣ ва ҷумласозӣ. Дар мактаби кайҳоннавардӣ.............................................................................................. | 155 |
| Дарсҳои 9-10 Мавзӯъ: Ҳиҷо ва калима. Хоб доност ё шамол?..................................... | 157 |
| Дарсҳои 11-12 Мавзӯъ: Ҳарфи калон дар аввали номи персонажҳои ҳикояту афсонаҳо (таҷнис). Панду андарзҳо. Одамон дар осмон.............................................. | 159 |
| Дарсҳои 13-14 Мавзӯъ: Калимасозӣ. Ҷамъбаст ва арзёбии боби Инсон...................... | 160 |
| Боби ВАТАН (12 СОАТ)..................................................................................................... | 162 |
| Дарсҳои 1-2 Мавзӯъ: Ҷумла. Ташаккули маҳорати пайванд кардани мавзӯъҳо........... | 162 |
| Дарсҳои 3-4 Мавзӯъ: Ватан. Шарҳи мафҳуми Ватан. Ҳарфи калон дар аввали рамзҳои давлатии Тоҷикистон.................................................................................... | 164 |
| Дарсҳои 5-6 Мавзӯъ: Рамзҳои давлатӣ. Президент – ғамхори бачагон........................ | 165 |
| Дарсҳои 7-8 Мавзӯъ: Манзараҳои Ватани мо. Забони модарии мо.............................. | 168 |
| Дарсҳои 9-10 Мавзӯъ: Сулҳи Ватан. Иттифоқ.............................................................. | 169 |
| Дарсҳои 11-12 Мавзӯъ: Ҷамъбаст ва арзёбии боби Ватан.............................................. | 171 |
| Боби ҷамъбастӣ. Хӯш омадӣ, Тобистон! Хайр мактаб.................................................... | 172 |
| Дарсҳои 1-2. Ҷумласозӣ. Тобистон. Фаслҳои сол ва моҳҳо. Дар рӯзаки тобистон...... | 172 |
| Дарсҳои 3-4 Мавзӯъ: Дар рӯзаки тобистон (идома). Офарин, бачаҳо! Ташаккур, устод!............................................................................................................................ | 175 |
| Дарсҳои 5-6.......................................................................................................................... | 176 |
| Дарсҳои 7-8 Мавзӯъ: Ҷамъбасти соли таҳсил (4 соат, 2 соати аввал)........................... | 176 |
| Дарсҳои 9 – 10 Мавзӯъ: Ҷамъбасти соли таҳсил. Нақшаи ман дар таътил (4 соат, 2 соати охир)........................................................................................................................ | 178 |
| Дарсҳои такрорӣ.............................................................................................................. | 179 |

# САРСУХАН

Омӯзгорони гиромӣ!

Дистуре, ки дар даст доред, дар доираи татбиқи низоми нави таълим – таълим дар заминаи ташаккули салоҳиятнокии хонандагон, ки бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад, таҳия шудааст.

Зарурати татбиқи ин низом ба чолишҳои ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур аз тазодҳо вобаста аст. Таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити кунунии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чи бештари воситаҳои иттилоот (интернет, телевизион ва ғ.) имрӯз танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии ҷавонон ва дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад.

Шаҳрвандони имрӯза бояд сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, амалигардонӣ, тағйирпазирӣ, уҳдабароӣ, масъулиятшиносӣ ва созандагию бунёдкориро дошта бошанд. Онҳо бояд шахсони бомаърифати аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ устувор ва кордоне бошанд, ки роҳҳои дастрас кардани ахбор (маълумот)-ро тавассути воситаҳои гуногун интихоб намуда, онро таҳлилу таркиб ва арзёбӣ карда, масъалаҳои мураккаби олами атрофро дарк кунанд, мушкилиҳои гуногуни таълимию ҳаётиро пешгӯйӣ ва ҳал карда тавонанд, масъулияти худро дар назди оила, аҳли ҷомеа ва кишвар дарк намоянд. Табиист, ки барои ташаккули ин сифатҳо маҳз дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад.

Барои ноил гаштан ба ин вазифаҳо Вазорати маориф ва илм бо ҷалби мутахассисони соҳа стандартҳои таълими салоҳиятнокро барои зинаи ибтидоии таҳсил таҳия намуд. Дар асоси стандартҳои таҳиягардида барномаҳои таълим таҷдиди назар шуданд, китобҳои дарсии ҷорӣ таҳрир ва такмил дода шуданд.

Табиист, ки муваффақияти татбиқи низоми нав маҳз ба фаъолияти омӯзгори мактаб вобаста аст. Омӯзгор муҳимтарин омили татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи маориф аст.

Бо дарназардошти ин ҳама, ба хотири ёрии амалӣ ба омӯзгорон мо “Роҳнамои таълими фанни забони модарӣ”-ро ба китоби дасрӣ таҳия намудем, ки он дар айни замон роҳнамои татбиқи стандарт ва дастури истифода аз китоби дарсӣ аст.

Роҳнамо аз ду қисмати асосӣ – дастурҳои методӣ барои омӯзгорон ва таҳлилу равиши дарсҳо иборат аст.

Мо умедворем, ки дастури таҳиягардида мавриди писанди шумо – омӯзгорони азизу гиромӣ қарор мегирад. Ҳамзамон ҳама гуна пешниҳод ва фикру андешаҳои шуморо дар мавриди боз ҳам беҳтар шудани сифати он дар нашрҳои минбаъда бо камоли эҳтиром мепазирем.

# I. ДАСТУРҲОИ МЕТОДӢ БАРОИ ОМӮЗГОРОН

## 1. СЮЖЕТИ КИТОБ

Яке аз муҳимтарин ҷиҳатҳои таълими самараноки забон барои бачагони синни хурди мактабӣ ба муҳит ва олами кӯдакон наздик намудани маводди таълимӣ, бо роҳҳои гуногун ҷолибу шавқовар намудани он мебошад. Матни калонҳаҷму душворфаҳм моҳияти хуби таълимӣ ва тарбиявӣ дошта бошад ҳам, хастакунанда, дилгиркунанда ва ҳатто асабикунанда аст. Он дар бачагони хурдсол ҳисси бадбиниро ба фан, муаллим ва мактаб пайдо мекунонад. Кӯдаки хурдсол, агар аз уҳдаи иҷрои супориши додашуда набарояд, худро аз дигарон канор мегирад, ҳисси шарму тарс дар вуҷудаш пайдо мешавад, худро нисбат ба дигарон пасттар мепиндорад, ки натиҷаи хуб надорад.

Аз ин рӯ, муаллифони китоби дарсии синфи якум андешаи роҳбари гурӯҳи муаллифонро дар мавриди аз рӯйи сюжети ягонаи афсонавӣ таълим додани забон комилан ҷонибдорӣ намуданд. Моҳияти он мухтасаран чунин аст:

Азизҷону Азиза баъди хатми "Алифбо" бо як ҷаҳон орзую ҳаваси кӯдакона ба ҷустуҷӯйи Дониш мераванд. Онҳо ба боғе мерасанд, ки Боғи Дониш ном дорад ва як мӯйсафеди нуронӣ, бобои Хирад, боғбони он аст. Бобои Хирад ба ивази иҷрои супоришҳо ба бачагон як-як калиди дарвозаи боғчаҳои дигарро медиҳад, ки номи онҳо бо мавзӯъҳои пешниҳодкардаи барномаи таълим пурра мувофиқат мекунад:

| | |
|---|---|
| Боғи Оила; | Боғи Деҳа; |
| Боғи Хона; | Боғи Шаҳр; |
| Боғи Мактаб; | Боғи Дӯстӣ; |
| Боғи Бӯстон; | Боғи Инсон; |
| Боғи Ҳайвонот; | Боғи Ватан. |

Машғулиятҳои такрорӣ дар охири ҳар мавзӯъ (боғ) оварда шуда, дар баробари такрору таҳкими мавзӯъ пайвастагии мантиқии як мавзӯъро бо мавзӯи дигар таъмин мекунад.

Матнҳо доир ба фаслҳои сол (зимистон, баҳор, тобистон, тирамоҳ) ва ҷашнҳои миллӣ (Рӯзи Артиши миллӣ, Рӯзи модарон, Наврӯз, Иди Ғалаба) на дар шакли бобҳои алоҳида, балки дар дохили бобҳои зикршуда вобаста ба тақвим оварда шудаанд. Табиист, ки онҳо на ҳамеша ба ҳамон рӯз рост меоянд, бинобар ин, омӯзиши ин мавзӯъҳоро омӯзгорон худашон дар рӯзҳои мувофиқ ба роҳ мемонанд. Ҳамчунин, дар аввали китоб чанд машғулият барои такрори "Алифбо" (ҳарфу овозҳо) ва дар охир чанд машғулият барои такрори умумии китоб ҷой дода шудаанд. Дар суҳбатҳову афсонаҳо ва нақлҳои аҷоиб бобои Хирад ба ҳамаи пурсишҳои бачагон доир ба мавзӯъҳо бо ҳамон забони ширини бачагона ҷавоб медиҳад, панду насиҳат мекунад. Бобои Хирад ҳамчун рамзи устод аст, Азизҷону Азиза шахсоне ҳастанд, ки хонандагон худашонро бо онҳо баробар дидан мехоҳанд. Бинобар ин, бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки бачагон бобои Хирад ва Азизҷону Азизаро дӯст доранд.

## 2. АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

Барои беҳтару осонтар шудани истифодаи китоб аз аломатҳои шартӣ истифода шудааст. Бо мазмуни онҳо шинос шуда, кӯшиш кунед, ки такрор ба такрор ва зина ба зина худи хонандагон низ ба маънои онҳо сарфаҳм раванд.



**Суҳбат бо бобои Хирад**

Ин қисмат сюжети асосии китобро ташкил мекунад. Матнҳое, ки бо ин аломат оварда мешаванд, бачагонро ба фаҳмидани мазмуни умумии китоб омода мекунанд, такрори ҳар боб ва гузариш аз як боб ба боби дигарро таъмин мекунанд. Дар айни замон ин суҳбатҳо

нақши бедор кардани шавқу ҳаваси хонандаро ба омӯзиш мебозанд. Дар паҳлуи ин аломат гоҳҳо аломатҳои дигар, аз қабили **Бишнавед, Бихонед** ва ғайра оварда мешаванд. Ин аломатҳо усули корро бо матни додашуда нишон медиҳанд. Масалан, агар пас аз аломати додашуда аломати **Бишнавед** омада бошад, он матнро устод мехонад ё сабти овозии онро мешунавонад ва бачагон гӯш мекунанд. Агар матн калон бошад, усулҳои хондани он ба тариқи тақсим кардан ба порчаҳои хурд пешниҳод мешавад. Дар хотир доред, ки хондани аз ҳад зиёд хонандаи хурдсолро зуд хаста мекунад. Ҳангоми тақсими порчаҳо ба хонандагон аз усулҳои кори гурӯҳӣ ва инфиродӣ истифода баред (нигаред ба шарҳи усулҳои хондан).



**Бишнавед**

Ин аломат дар паҳлуи матнҳои калонҳаҷм гузошта шудааст. Ҳадафи асосии он ташаккул ва инкишофи ҳисси шунавоӣ ва фаҳмиши мазмуни матн ба воситаи гӯш кардан аст. Дар зинаи аввали таълим инкишофи тафаккури бачагони хурдсол бештар бо иштироки ҳиссиёти шунавоӣ (шунидан) ва биноӣ (дидан) таъмин мегардад. Беҳтар аст, ки бо истифода аз воситаҳои техникӣ сабти овозии ин матнҳо шунавонида шавад. Аммо, агар чунин имконият набошад, ҳангоми хондани ин матнҳо устод бояд ба оҳанги гуфтор таваҷҷуҳ кунад, дар мавриди зарурӣ оҳанги гуфторро вобаста ба иваз шудани мазмун (саволӣ, хитобӣ, ҳикоягӣ) ё персонаж (хурдсол, калонсол, ҳайвон, паранда, дарахт ва ғайра) тағйир диҳад. Зимни хондан ист кардан, фаҳмондани маънои ин ё калима, саволу ҷавоб кардан роҷеъ ба порчаи хондашуда бачагонро аз хасташавӣ раҳо мекунад.



**Бихонед**

Ин аломат нишон медиҳад, ки матни пешниҳодшударо бояд худи хонандагон хонанд. Агар пеш аз ин аломати дигар, масалан, **Бишнавед** бошад, машғулияти хондани матн пас аз шунидан сурат мегирад.

Хониши матнҳои нисбатан калонҳаҷм бо роҳи тақсим кардани онҳо байни бачагон аз рӯйи лаёқаташон сурат мегирад. Хониши баъзе аз ин гуна матнҳо бо роҳи нақшофарӣ иҷро мешавад.

Агар баъд аз хондан супориши дигар, масалан, навиштан низ дар назар бошад, он гоҳ ду аломат паси ҳам оварда мешавад ё супоришҳо ба шакли хаттӣ навишта мешаванд. Масалан: **Калимаҳои зеринро хонед ва нависед** (нигаред ба шарҳи усулҳои хондан).



**Бинависед**

Матнҳои хурд, супоришҳои алоҳида, машқи хат бо ин аломат дода шудаанд. Дар баъзе мавридҳо, агар иҷрои ду супориш, аз ҷумла, хондан ва навиштан якҷоя омада бошанд, дар баробари гузоштани ин аломат иҷрои ин амалҳо хаттӣ низ оварда мешавад. Ё худ, агар фаъолияти навиштани хонанда бо фаъолияти дигар алоқаманд бошад, тарзи иҷрои кор пурра шарҳ дода мешавад. Масалан, **«Аз калимаҳои пароканда ҷумла созед ва нависед» ё «Ба ҷойи нуқта ҳарфи заруриро гузошта, нависед».**



**Савол**

Ин аломат барои иҷрои супоришҳое гузошта мешавад, ки фаъолияти саволу ҷавобро дар назар дорад. Саволҳо ҳам вобаста ба мазмуни матн, ҳам аз рӯйи сурат ва ҳам барои фаҳмиши дониши хонандагон, барои ворид кардани онҳо ба мавзӯъ, гузошта мешаванд.

Саволҳои дар китоб мавҷудбуда намунавӣ буда, омӯзгорон худашон низ саволҳои дигарро метавонанд мураттаб намоянд ва ҷавоби онҳоро аз шогирдон хоҳиш намоянд.



**Супориш**

Табиист, ки ба хонандагон вобаста ба мавзӯи дарс ва мазмуни матн иҷрои супоришҳои гуногун вогузор карда мешавад. Моҳиятан супоришҳо хеле гуногун буда метавонанд, аз ин рӯ одатан пас аз ин аломат мазмуни супориш пурра бо ҷумла оварда мешавад. Масалан: **«Калимаҳои ишорашударо нависед ва бо ёрии устод маънидод кунед» ё «Ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, матнро қисм-қисм хонед».**



**Суҳбат**

Яке аз роҳҳои инкишофи нутқ барои бачагони синни хурди мактабӣ ташкили суҳбатҳо дар мавзӯъҳои рӯзмарра ва ё дар асоси матни мавриди омӯзиш аст. Ҳамчунин дар китоб суҳбатҳое ҷой дода шудаанд, ки барои тарбияи бачагон, аз ҷумла, омӯзиш ва риояи одоби муошират равона шудаанд. Бояд дар хотир дошт, ки суҳбатҳо иҷрои нақшҳоро дар назар дорад. Аз ин рӯ, аз ҳамон рӯзҳои аввал хонандагонро барои нақшофарӣ ва иҷрои он зина ба зина тайёр кардан лозим аст.



**Бозӣ**

Бозӣ аз муҳимтарин василаҳои таълиму тарбия аст. Албатта, бозиҳое, ки дар китоб оварда шудаанд, ё аз ҷониби худи устод пешниҳод мешаванд, характери омӯзишӣ доранд. Бозиҳо на танҳо барои омӯзиш, балки барои истироҳати хонандагон (ба маънои дам гирифтани баъзе аз аъзои ҳис) ва тайёр кардани онҳо барои иҷрои супориши дигар гузаронида мешаванд. Ин аломат барои ёфтани ҷавоби чистонҳо ва тезгӯякҳо низ истифода шудааст.



**Кӣ зудтар?**

Ин аломат низ як навъи супориш аст. Иҷрои он бо вақт чен карда мешавад ва моҳияти он инкишофи малакаҳои ҳозирҷавобӣ ва дарку иҷрои ҳар чи зудтари машғулият аст. Чунин машғулиятҳоро низ ба сифати як навъи бозӣ қабул ва истифода кардан мумкин аст.



**Ба хотир гиред**

Ин аломат дар мавридҳое истифода мешавад, ки мазмуни супориш ё чизи навишташуда, аз ҷумла, баъзе қоидаҳо, маънои калимаҳо ва ғайра ба хотир гирифта шавад. Масалан: **Аввали номи одамон бо ҳарфи калон навишта мешавад.**




**Чистон**

Чистонҳо низ яке аз роҳҳои инкишофи тафаккури хонандагони хурдсол аст. Аз ин рӯ, дар китоби дарсӣ вобаста ба мавзӯъҳо чистонҳои гуногун бо истифодаи ҳамин аломат оварда мешаванд (Нигаред: усули истифода аз чистонҳо).

Дар баробари аломатҳои зикршуда, дар китоб баъзе мавод дар дохили шаклҳои геометрӣ дода шудаанд. Ҳар яки онҳо мақсаду вазифаи муайян доранд.

**Луғат**

Баъзе калимаҳои душворфаҳм дар дохили чунин шакли геометрӣ шарҳ дода шудаанд. Зимнан, ин танҳо як навъи луғатомӯзӣ буда, дар китоб усулҳои дигари он низ пешниҳод шудааст (Нигаред: Шарҳи луғатҳо).

**Панду амсол**

Панду амсол, ки барои тарбияи хонандагон нақши арзанда доранд, дар дохили чунин аломат оварда мешаванд. Бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки дар баробари ба хотир гирифтани панду амсол, маъно ва мавриди истифодаи он низ ба хонандагон шарҳ дода шавад.

**Қоида**

Қоидаҳои грамматикӣ, тарзи навишти дурусти калимаҳо дар дохили ин аломат оварда шудаанд.

Дар маҷмӯъ, истифода аз ин гуна аломатҳо ва ба хотир гирифтани маънои онҳо ба хонандагон имкон медиҳад, ки худро барои иҷрои ҳар як супориш омода созанд.

### 3. МАШҒУЛИЯТҲО АЗ РӮЙИ РАСМҲО (ИНКИШОФИ ҚУВВАИ БОСИРА)

Сурат, ки яке аз воситаҳои дарки муҳити атроф аст, дар китоби дарсӣ мавқеи махсус дорад. Суратҳо дар ҷараёни таълиму тарбия фақат барои тамошо кардану шинохтани он чизе, ки тасвир шудааст, истифода намешаванд. Аз рӯйи суратҳо ташкил кардани саволу ҷавоб, суҳбатҳо ва вогузор кардани супоришҳои дигар имкон медиҳад, ки малакаҳои идрокии хонанда тавассути узви бинои инкишоф ёбанд. Дар баъзе мавридҳо дар зери суратҳо намунаҳои саволҳо оварда шудаанд. Аммо устодон худашон метавонанд бо дарназардошти сатҳи дониш ва қобилияти ҳақиқии шогирдонашон саволу супоришҳои дигарро барои ҳар як сурати додашуда таҳия кунанд. Масалан, доир ба ин сурат чунин саволу ҷавоброба роҳ мондан мумкин аст:




*– Дар расм киҳоро мебинед?*

*– Як мӯйсафед, як писарак, як духтарак.*

*– Медонед, номи онҳо чӣ буд?*

*– Номи мӯйсафед – бобои Хирад, номи писарак – Азизҷон, номи духтарак – Азиза.*

*– Азизҷону Азиза киҳоянд?*

*– Хонандагони синфи якум.*

*– Кӣ мегӯяд, дар болои дарвоза чӣ навишта шудааст?*

*– Боғи Дониш.*

*– Офарин! Медонед, «Боғи Дониш» чӣ маъно дорад?*

*– ...*

*– Биёед, бодиққат гӯш кунед, ман ба шумо мефаҳмонам: Шумо боғро дидаед? Офарин! Дар боғ чиҳо ҳаст?*

*– Себ, анор, ангур, дарахт, гул...*

*– Пас, боғ ҷоест, ки чизҳои хубу зебо дорад. Боғи Дониш ҳам маънои ҷойро дорад, ҷое ки дониш дорад, чизҳои омӯхтанӣ, ёд гирифтанӣ дорад. Аммо онро дида намешавад, ба даст гирифта намешавад. Онро бо хондану навиштан фаҳмидан мумкин аст. Хуб, бачаҳо, дар сурат боз чиҳоро мебинед?*

*– Дарахтонро.*

*– Дуруст. Дарахтон чӣ хел мешаванд?*

*– Сабз, баланд, мевадор...*

*– Офарин! Гулҳо чӣ?*

*– Сурх, сафед, зард. Боз хушбӯй, хушрӯй.*

*– Бисёр хуб. Кӣ мегӯяд, дарвоза кушода аст ё пӯшида?*

*– Дарвоза пӯшида аст.*

*– Дуруст. Медонед, барои ба боғ даромадан чӣ даркор?*

*– Калид.*

*– Офарин! Аммо калидро аз куҷо ёбем?*

*– ....*

*– Медонед, бачаҳо, калиди боғ дар дасти бобои Хирад аст. Бобои Хирад бисёр инсони хуб аст. Аммо калидро ба осонӣ намедиҳад. Барои калидро ба даст овардан нағз хондан лозим. Чӣ гуфтед, нағз мехонем?*

*– Ҳа, албатта!*

Ин гуна саволу ҷавоб ба тариқи намуна буда, устод мувофиқи табъу завқи худ ва шогирдонаш онро тағйир дода метавонад. Муҳимтар аз ҳама ба даст овардани ҳадафи гузошташуда аст, яъне ҷалби диққат, бедор кардани шавқу ҳавас, инкишофи нутқ, ба дарсҳои оянда омода сохтани хонандагон. Ин корро бо ҳамаи суратҳое, ки дар оғози ҳар як боб оварда мешаванд ва, ҳамчунин, бо суратҳое, ки вобаста ба матн (афсона, ҳикоя, шеър ва ғ.) ҷой дода шудаанд, ташкил кардан ба мақсад мувофиқ аст.

## 4. ИНКИШОФИ ҲИССИ ШУНАВОӢ (ГӮШ КАРДАН)

**4.1. Инкишофи ҳисси шунавоӣ бо роҳи хониши матн аз ҷониби омӯзгор.** Тавре зикр кардем, дар ибтидои таҳсил (синфҳои якуму дуюм) ташаккули тафаккури хонанда ва дарку фаҳмиши муҳит бештар ба воситаи шунидану гӯшкунӣ ба даст меояд. Ба хотир оред, ки кӯдаки хурдсол низ талаффузи калимаҳои аввалин ва фаҳмидани маънои онро бо роҳи такрор ба такрор гуфтани калонсолон ёд мегирад. Матнҳое, ки гуфтугӯйи Азизҷону Азизаро бо бобои Хирад дар бар гирифтаанд, ҳамчунин, ҳикояҳои калонҳаҷм дар аввал аз тарафи устод хонда мешаванд ё сабти овозии онҳо шунавонида мешавад. Танҳо пас аз шунидану фаҳмидани мазмуни матн бо хонандагон машғулиятҳои бо ҳамин матн алоқаманд (аз ҷумла, омӯзиши луғат, хониши гурӯҳӣ ё инфиродӣ, навиштани баъзе калимаҳо, иҷрокунӣ дар нақшҳо ва ғ.)-ро ташкил кардан мумкин аст. Кӯшиш кардан лозим аст, ки шунидани матн хастакунанда набошад. Бинобар ин, пас аз хондани порчаи муайян бозистода, маънои онро пурсидан ва дар сурати нофаҳмо будани баъзе ифодаҳо онро бо забони содатар шарҳ додан ба мақсад мувофиқ аст. Як чизи дигарро низ бояд ба назар гирифт, ки суҳбатҳои бобои Хирад бо Азизҷону Азиза дар пайвастагии маъноӣ ва мантиқӣ мураттаб шудаанд. Аз ин рӯ, пеш аз хондан ё шунавонидани порчаи нав ба ёд овардани суҳбати гузаштаро фаромӯш накунед.

**4.2. Инкишофи ҳисси шунавоӣ бо роҳи шунавонидани сабти овозии матнҳо.** Ба шарофати саъю кӯшишҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мактабҳои кишвар рӯз то рӯз бо васоити техникии омӯзишӣ бештару беҳтар муҷаҳҳаз мегарданд. Агар мактаб дорои имкониятҳои техникӣ бошад ва матнҳои барои шунидан пешниҳодшуда дар сабти овозӣ шунавонида шаванд, боз беҳтар мешавад. Ба ин хотир, мо сабти овозии муҳимтарин матнҳои китоби дарсиро дар дискҳо омода намудем, ки он ҳоло дастраси ҳамаи мактабҳои ҷумҳурӣ шудааст. Сабти овозӣ на танҳо матнҳои барои шунидан пешниҳодшуда, балки дигар матнҳои калонҳаҷм ва порчаҳои шеъриро низ дар бар гирифтааст. Матни аввал «Сухани муаллиф» буда, аз муроҷиати сармуаллифи китоби дарсӣ ва муаллифи сабти овозии матнҳо ба омӯзгорон ва падару модарон иборат аст. Матни охир «Муаллифон» маълумот дар бораи таҳиякунандагони сабти овозиро дар бар мегирад. Ин ду матн барои омӯзгорон ва падару модарон тавсия шудааст. Ҳангоми боз кардани диск номгӯйи матнҳо бо зикри саҳифаи китоб пайдо мешавад. Омӯзгор ё волидайн матни лизимаро тибқи барномаи таълим ба хонандаҳо барои шунидан пешкаш мекунанд. Сабти овозии суҳбатҳои бобои Хирад бо Азизҷону Азиза ва ҳикояҳо бо иҷрои нақшҳо аз ҷониби ҳунармандону хонандагони хурдсол таҳия шудаанд, ки онро хеле шавқовару дилчасп намудаанд. Ҳамчунин, дар аввал ва охири матнҳо мусиқии форам низ шунавонида мешавад. Сабти овозии матнҳо тавре таҳия шудааст, ки аз он ҳам ба воситаи компютер ва ҳам ба воситаи дастгоҳҳои шунавонидани сабтҳои овозӣ (DVD Pleyer) ба осонӣ истифода кардан мумкин аст.

Дар хотир бояд дошт, ки унвони матнҳо дар сабти овозӣ на ҳамеша ба унвонҳои саҳифаҳои китоб мувофиқанд. Масалан, такрори ҳар боб ва гузариш ба боби дигар маъмулан дар сабти овозӣ «Марҳабо, ба боғи…» номгузорӣ шудааст.

Дар дискҳо сабти сабти овозӣ дар ду шакл оварда шудаанд: **Project1** ва **Data**.

Шакли Project1 барои истифодаи он дар компютерҳо пешбинӣ шудааст. Ҳангоми боз кардани он манзараи саҳифаи аввали китоб пайдо шуда, дар қисмати рост ҷадвали номгӯйи матнҳо намудор мешавад, ки аз он матни дилхоҳро барои шунидан интихоб кардан мумкин аст. Ҳар матни интихобшуда то гузаштан ба матни дигар ё хориҷ шудан аз барнома такроран шунавонида мешавад. Ин, махсусан, барои аз ёд кардани порчаҳои шеърӣ кори кӯдаконро осон мекунад. Дар қисмати поёнии тарафи рост ду тугмача ҳаст, ки яке “Дар бораи барнома” ва дигаре “Баромад” мебошанд. Тугмаи якум роҷеъ ба барнома маълумоти мухтасар медиҳад. Тугмаи “Баромад” барои хориҷ шудан аз барнома истифода мешавад.

Шакли Data барои истифодаи барнома дар дастгоҳҳои аудиовизуалӣ (DVD Playerҳо) имкон медиҳад. Зимнан, ин матнҳоро дар MP3 Playerҳо низ сабт кардан мумкин аст.

Сабти овозии матнҳои китоби дарсӣ аввалин бор дар ҷумҳурӣ таҳия шудааст. Аз ин рӯ, ҳама гуна пешниҳоди омӯзгорон ва падару модарон роҷеъ ба аҳаммияти он ва беҳтар намудани сифати чунин сабтҳо дар оянда, ҳамчунин, таҳияи чунин сабти овозии матнҳо барои китобҳои дарсии дигар бо камоли мамнуният пазируфта хоҳанд шуд.

## 5. МАШҒУЛИЯТҲО ВА РОҲҲОИ ЛУҒАТОМӮЗӢ

Омӯзиши луғат хеле муҳимму муфид бошад ҳам, барои кӯдаки хурдсол бо мушкилӣ ба даст меояд. Ба хотири роҳ надодан ба якрангӣ ва ҷолибтар намудани ҷараёни омӯзиши луғат дар китоб маънои калимаву ибораҳо бо роҳҳои гуногун дода мешаванд.

***а) Пайдо кардани маънои калима аз рӯйи ҳамрангӣ.*** Дар охири матнҳо ё баъд аз анҷоми баъзе супоришҳои дигари вобаста ба матн (дар нақшҳо хондан, бозгӯ кардан ва ғ.) калимаву ифодаҳои мушкилфаҳм дар ду сутун оварда мешаванд. Дар ҳар ду сутун калимаҳои ҳаммаъно (муродифҳо) бо як ранг ишора мешаванд, аммо онҳо на дар баробари ҳамдигар, балки ба шакли пароканда ҷойгиранд. Хонандагон ҳаммаънои як калимаи сутуни аввалро метавонанд аз рӯйи ранг аз сутуни дуюм пайдо кунанд. Чунин тарзи луғатомӯзӣ на танҳо барои фаҳмидану ба хотир гирифтани маънои мафҳумҳои нав, балки

барои ташаккулу инкишофи тафаккури бачагон мусоидат мекунад. Барои намуна ба мисоли зер таваҷҷуҳ кунед (саҳифаи 6, пас аз шиносӣ бо бобои Хирад ва Азизҷону Азиза):

| | |
|---|---|
| ҷустуҷӯ | ақл, дониш |
| хирад | калонӣ, пурзӯрӣ |
| бузургӣ | кофтукоб |
| инсон | саёҳат, тамошо |
| сайр | одам |

**Эзоҳ:** Дар китоб ин намуна ба шакли ранга аст ва ҷуфти калимаҳои *ҷустуҷӯ/кофтукоб; хирад/ақл, дониш; бузургӣ/калонӣ, пурзӯрӣ; инсон/одам* ва *сайр/саёҳат, тамошо* бо рангҳои якхела омадаанд.

***б) Шарҳи луғатҳо дар дохили шакли махсуси геометрӣ.*** Дар китоб аз ин тарзи анъанавии луғатомӯзӣ низ истифода шудааст. Дар ин маврид хонанда аз рӯйи ишораи шакли геометрӣ дармеёбад, ки он луғат буда, маънои калимаву ифодаҳои овардашуда бояд ба хотир гирифта шавад. Чунин шакли геометрӣ ба шакли чоркунҷаи росткунҷа буда, калимаҳо на бо тартибашон дар матн, балки пасопеш оварда шудаанд. Ин хонандаро ба ҷустуҷӯ водор месозад ва бо ин роҳ низ ба ташаккули тафаккур мусоидат мекунад. Масалан, пас аз хондани матни "Уқоб" (саҳифаи 98) чунин луғат оварда шудааст:

**Уқоб**
*Уқоб парандаи калон* ҷусса мебошад. Пан* аҳои он бисёр сахту қавӣ аст. Уқоб *онварони хурдро сайд мекунад.*
**қавӣ** – пурзӯр
**сайд кардан** – шикор кардан
**калонҷусса** – хеле калон

Тавре мебинем, тартиби додани калимаҳо дар матн ва дар луғат яксон нест.

***в) Шарҳи луғатҳо дар дохили матн.*** Як роҳи дигари луғатомӯзӣ дар дохили худи матн шарҳ додани калимаҳои мушкилфаҳм аст. Дар сурати истифода аз мафҳуми нав маънои он дар паҳлуяш бо иловаи «яъне» оварда мешавад. Масалан, дар матни «Табақи чӯбин, косаи сафол, пиёлаи чинӣ» чунин омадааст (саҳифаи 43-44, боби "Хона"):

*Ана барои ҳамин мардуми мо онҳоро чинӣ, яъне аз Чин овардашуда мегуфтагӣ шуданд.*

Ё худ, мафҳуми истилоҳ бо овардани мисол фаҳмонда мешавад (ҳамон ҷо):

*Табақ, коса, пиёла, чойник – ҳамаи инҳоро дар якҷоягӣ* ***зарф*** *мегӯянд.*

***г) Дар матн ибораю ифодаҳо ишора шуда (дар зерашон хат кашида шуда), дар охири матн ибораву ифодаҳои ҳаммаънои онҳо оварда мешавад.*** Бачагон худашон ва ё, агар мушкилӣ кашанд, бо кумаки устод онҳоро ёфта, ба дафтар менависанд ва ба хотир мегиранд. Масалан, дар яке аз суҳбатҳои бобои Хирад бо Азизҷону Азиза омадааст (саҳифаи 96, Такрори боби "Ҳайвонот"):

Азизҷону Азиза аз ин гуфтаҳои бобои Хирад курта-курта гӯшт гирифтанд. Онҳо хурсанд шуданд, ки бисёр чизро ёд гирифтаанд. Қавл доданд, ки хондану омӯхтанро давом медиҳанд...

Бобои Хирад ба дасти онҳо калиди боғи навбатӣ – боғи ШАҲРро дод. Онҳо ба шаҳр ворид шуданд.

Дар охири ин матн чунин супориш ҳаст:

*Бачаҳо! Маънои ҳар яке аз навиштаҳои зерин ба маънои қисматҳои ишорашуда баробар аст. Онҳоро ёбед, ба дафтар нависед ва ба хотир гиред:*

- *Бисёр хурсанд шуданд;*
- *Даромаданд;*
- *Ваъда доданд.*

Истифода аз ин гуна тарзи луғатомӯзӣ барои ибораву ифодаҳо ва феълҳои таркибӣ бештар ба мақсад мувофиқ аст.

***д) Шарҳи таркибу ибораҳо аз тарафи устод.*** Табиист, ки шарҳи баъзе истилоҳот ва ибораҳо, махсусан, ибораҳои рехта заҳмати бештареро талаб мекунад. Ҳол он ки бе фаҳмондану фаҳмидани онҳо дарки мазмуни матн хеле мушкил аст. Дар чунин маврид беҳтар аст, агар ин гуна истилоҳоту иборот пеш аз шурӯъи хондан ё шунидани матн бо роҳи саволу ҷавоб ё аз ҷониби устод шарҳ дода шаванд.

Ҳамин тариқ, мо кӯшиш кардем, ки ҷараёни луғатомӯзии кӯдаконро на бо роҳи маҷбурии аз ёд кардани онҳо, балки бо роҳҳои гуногуни ҷолибу шавқовар ташкил кунем. Табиист, ки на ҳамаи калимаву ибораҳои душвофаҳми китоб шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Умуман, масъалаи тартиб додани луғати калимаҳои душворфаҳми ҳар матн кори осон нест, зеро як калима метавонад барои як гурӯҳ фаҳмо, аммо барои гурӯҳи дигар нофаҳмо бошад. Аз ин рӯ, аз омӯзгорони гиромӣ эҳтиромона хоҳиш мешавад, ки дар муносибат ба ҳар матн эҷодкор бошанд, худашон ҳис кунанд, ки кадом калима барои бачагон фаҳмо нест, онро бо интихоби яке аз роҳҳои пешниҳодшуда ва ё ба ҳар тарзи мувофиқ шарҳу тавзеҳ диҳанд.

## 6. МАСЪАЛАҲОИ ТОЗАГИИ ЗАБОН

Барои тоза нигоҳ доштани забон ва равонии он аз ҳамон синни хурди мактабӣ саъю кӯшиш кардан ба мақсад мувофиқ аст. Мағзи сари хонандаи хурдсол ҳанӯз тоза аст. Бинобар ин, ҳар калимаеро, ки ӯ аз калонсолон мешунавад ва ё аз китоб мехонад, ба ҳамон шакл истифода хоҳад кард. Мутаассифона, яке аз проблемаҳои муҳим дар мавриди тозагии забон то имрӯз ба таври фаровон истифода шудани калимаҳои русӣ дар забони гуфтории мардум аст. Кор то ба дараҷае расидааст, ки ҳатто барои ифодаи одитарин асбоби рӯзгор низ аз калимаҳои русӣ истифода мекунанд. Масалан, ҳоло ҳам аксаран ҳама *вилка, холодилник, пилесос, стол (устал)* мегӯянд, мардуми шаҳр аз калимаҳои *кухни, туалет, ванна* ва ғайра фаровон истифода мекунанд, ҳатто ба ҷойи *шибит* - *укроп*, ба ҷойи *кабудӣ зелен* мегӯянд. Ба андешаи мо, яке аз сабабҳои ин вазъи ногувор он аст, ки дар китобҳои дарсии пешин ба ин масъала диққати кофӣ дода намешуд. Мо мағзи сари бачагонро фақат бо навиштаҳои мушкилфаҳм аз осори классикон пур мекардем, китоби дарсӣ ҳаёти имрӯзаро инъикос намекард. Ҳатто дар одоби хӯрок хӯрдан аз Ҳусайн Воизи Кошифӣ иқтибос меовардем, аммо намегуфтем, ки панҷаю чумча (қошуқ)-ро чӣ хел ба даст гирем...

Бинобар ин, дар китоби дарсӣ кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки ба тозагии забони хонандагон низ аҳаммият диҳем. Муҳимтарин роҳҳои ба даст овардани ин ҳадаф чунинанд:

***а) Истифодаи калимаҳои тоҷикӣ ба ҷойи калимаҳои забонҳои ғайр.*** Вобаста ба ҳар мавзӯъ кӯшиш шудааст, ки хонандагон ба ҷойи калимаҳои маъмулии русӣ аз калимаҳои тоҷикӣ истифода кунанд. Масалан, дар боби ХОНА калимаҳои *яхдон, чангкашак*, дар боби **МАКТАБ** калимаҳои *миз, курсӣ, ҷузвдон* ва ғ. бо суратҳояшон оварда шудаанд. Ҳамчунин, ба ҷойи калимаи туркии *қишлоқ* истифода аз калимаи *деҳа* пешниҳод шудааст. Табиист, ки ҳамаи калимаҳоро бачагон дар ин синну сол аз худ карда наметавонанд, бинобар ин, чунин тарзи таълимро дар синфҳои болоӣ низ ба роҳ мондан лозим аст.

***б) Истифодаи калимаҳои адабӣ ба ҷойи калимаҳои гуфтугӯиӣ ва лаҳҷавӣ.*** Ба бачагон ҳамеша таъкид кардан лозим аст, ки истифодаи калимаҳои адабиро ба ҷойи калимаҳои лаҳҷавӣ ёд гиранд. Роҳҳои пешниҳоди ин гуна калимаҳо гуногун буда метавонанд. Як намунаи он чунин аст:

**Ҳамаи калимаҳое, ки мо нисбат ба модар мегӯем (оча, апа, бува, оя, нан...) хубу ширину азизанд. Аммо «модарҷон» гуфтан аз ҳама ширинтар аст! Бовар намекунед? Аз худи модаратон пурсед!**

Ин намунаҳо як навъ роҳнамоест, ки устодон вобаста ба омилҳои дигари ҷараёни таҳсил (макону маҳал, навъи мактаб, сатҳи дониш ва ғ.) худашон метавонанд роҳу усулҳои муассиртарро истифода кунанд. Дар хотир бояд дошт, ки луғатҳо на барои ҳамаи матнҳо мураттаб шудаанд. Гузашта аз ин, дар луғатҳо низ шояд на ҳамаи калимаҳои зарурӣ шарҳ дода шудаанд. Ҳамаи ин аз устод муносибати эҷодкоронаро ба луғатомӯзии шогирдон тақозо мекунад.

## 7. ХОНИШ ВА ИНКИШОФИ МАҲОРАТИ ХОНИШИ ИФОДАНОК

Хондани матни нисбатан калонҳаҷм хонандаи хурдсолро зуд хаста ва дилгир мекунад. Бинобар ин, дар давраи аввал бачагон қисм-қисм хондани матни яклухтро машқ мекунанд. Дар ин маворид матнҳо тавре тақсимбандӣ шудаанд, ки ҳама кор карда тавонад.

**а) Матнро метавон ба қисмҳои хурду калон тақсим намуд.** Қисмҳои нисбатан калон барои бачагони болаёқат ва қисмҳои нисбатан хурд ба бачагони дигар тақсим мешаванд. Ин тақсимот аз ҷониби устод бе шарҳи тафсилоти он (чаро чунин тақсим шуд) сурат мегирад. Барои ин ки бачагон қисматҳои худро дар хотир доранд, ҳар қисм дар ҳошияи чап бо ранги муайян ҷудо мешавад. Ба намунаи зер аз саҳифаи 5 таваҷҷуҳ кунед:



**1.** Бачаҳои азиз! Шумо “Алифбо”-ро хатм кардед. Акнун хондан ва навиштанро ёд гирифтед. Офарин! Хондан ва навиштан калиди дониш аст. Бо ин калид шумо дарвозаҳои донишро як-як кушода, ба боғи маърифат ворид мегардед.

**2.** Китоби «Забони модарӣ» шуморо ба сайругашт ва ҷустуҷӯ дар «Боғи Дониш» даъват мекунад. Дар ин сафари шавқовар дӯстонатон Азизҷону Азиза ва бобои Хирад ҳамроҳи шумо хоҳанд буд.

**3.** Онҳо ба шумо одоби салом, шинухез, ҳурмати падару модар, эҳтироми устод ва калонсолон, беҳтар хондану навиштан ва суҳбат карданро ёд медиҳанд.

**4.** Онҳо шуморо ба сайри боғу гулзор, дашту саҳро, кӯҳу дарё мебаранд.

**5.** Онҳо ба шумо дар бораи ҳайвоноту парандагони гуногун ҳикоят мекунанд.

**6.** Онҳо шуморо ба тамошои шаҳру деҳа мебаранд. Шуморо бо маҳсули дасти инсон ошно месозанд.

**7.** Афсонаҳои шавқовар мегӯянд, шеърҳои хуб мехонанд. Бо шумо бозӣ мекунанд.

**8.** Бобои Хирад ба шумо чӣ будани Ватан, дӯстӣ ва бузургии инсонро мефаҳмонанд.

**9.** Бо онҳо дӯст шавед. Ҳамроҳи онҳо кор ва машқ кунед. Ҳамсуҳбати онҳо шавед. Ёд гиред. Доно шавед! Он гоҳ тавоно хоҳед шуд!

Дар китоб ҳамаи ин порчаҳо бо рангҳои гуногун ишора шудаанд.

**б) Матн бо роҳи риояи тартиб ва якдигарро иваз кардан хонда мешавад.** Ин корро бо ҳар матни дилхоҳ анҷом додан мумкин аст. Худи омӯзгор матнро ба қисмҳо ва бачагон тақсим мекунад, ба онҳо тартиби хонданро нишон медиҳад, риояи онро назорат мекунад. Дар китоб, ҳамчунин, намунаҳои дигари бо роҳи риояи тартиб хондани матн оварда

шудааст. Аввал, матн шунида мешавад (устод мехонад). Сипас, ҷумлаҳо аз матн бетартиб (ба шакли пароканда) гузошта мешаванд. Бачагон бояд тартиби хондани онҳоро аз рӯйи маъно ва матни додашуда худашон пайдо карда хонанд. Ба матни «Нон чӣ хел пайдо мешавад» ва супоришҳои он таваҷҷуҳ кунед (с. 40):

## НОН ЧӢ ХЕЛ ПАЙДО МЕШАВАД?

Ҳар саҳар нону панир, ширу шакар мехӯрем. Аммо шумо медонед, ки нон чӣ хел пайдо мешавад? Бобои деҳқон заминро шудгор мекунад, гандум мекорад. Гандум месабзад. Ғизои гандум хоку обу офтоб аст. Гандум мерасад. Бобои деҳқон гандумро медаравад. Дар осиёб гандумро орд мекунад. Ордро модарамон хамир мекунад. Танӯрро бо оташ метафсонад. Хамирро завола карда, ба танӯр мечаспонад. Дар гармии танӯр нон мепазад. Онро мо бо ҳаловат мехӯрем. Дидед, барои як пора нон чӣ қадар меҳнат мекунанд! Ба қадри меҳнати бобои деҳқону модарон расед!



Ба гурӯҳҳои нуҳнафара ҷудо шавед. Ба гурӯҳи худ аз 1 то 9 рақам гузоред. Аз рӯйи ҳикоя ҷумлаҳоро бо тартиб хонед. «Рақамҳо» ҳикояро аз рӯйи тартиби худ мехонанд:

**1.** Бобои деҳқон гандумро медаравад.
**2.** Танӯрро бо оташ метафсонанд.
**3.** Гандум месабзад.
**4.** Бобои деҳқон заминро шудгор мекунад, гандум мекорад.
**5.** Ордро модарамон хамир мекунад.
**6.** Дар осиёб гандумро орд мекунанд.
**7.** Хамирро завола карда, ба танӯр мечаспонанд.
**8.** Дар гармии танӯр нон мепазанд.
**9.** Гандум мерасад.

Барои иҷрои супориш тартиби ҷумлаҳо чунин хоҳад буд:

**4**→1: Бобои деҳқон заминро шудгор мекунад, гандум мекорад;
**3**→2: Гандум месабзад;
**9**→3: Гандум мерасад;
**1**→4: Бобои деҳқон гандумро медаравад;
**6**→5: Дар осиёб гандумро орд мекунад;
**5**→6: Ордро модарамон хамир мекунад;
**2**→7: Танӯрро бо оташ метафсонад;
**7**→8: Хамирро завола карда, ба танӯр мечаспонад;
**8**→9: Дар гармии танӯр нон мепазад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи дуруст ва бо тартиб гузоштани ҷумлаҳо алоқаи мантиқии байни онҳо барқарор мешавад. Ин усули кор ҳам барои инкишофи тафаккур ва ҳам барои фаҳмиши мазмуни матн муфид аст.

**в) Аз рӯйи нақшҳо хондани матн.** Аз ин усул дар китоб хеле зиёд истифода шудааст. Аввалан, чунин тарзи кор хеле ҷолибу шавқовар буда, бачагон хастагиро ҳис намекунанд. Сониян, зимни иҷрои нақшҳо ба оҳанги гуфтору хониш аҳаммият медиҳанд. Барои намуна матни «Сето нон»-ро таҳлил кардан мумкин аст (с. 42). Аввал бачаҳоро ба гурӯҳҳои сенафара ҷудо мекунем. Беҳтар аст, дар гурӯҳ худи онҳо ба нақшҳо ҷудо шаванд:
1. Гӯянда. 2. Нонво. 3. Мард.

Ё худ, устод метавонад байни ҳар гурӯҳ нақшҳоро бо дарназардошти қобилияти бачагон ҷудо кунад. Аз ҷумла, қисми охири матн, ки аз забони мард гуфта мешавад, нисбатан дароз аст, Бинобар ин, беҳтар аст, онро хонандаи нисбатан болаёқат хонад. Пас аз мустақиллона хондан, нақшҳоро дар назди дигарон бозӣ мекунанд:

## СЕТО НОН

Гӯянда: Буд, набуд, як мард буд. Мард ҳар рӯз аз нонвохона сето нон мехарид. Нонво як рӯз аз он мард пурсид:

Нонво: –Амакҷон, чаро Шумо ҳар рӯз фақат сето нон мехаред?

Гӯянда: Мард ҷавоб дод:

Мард: –Як нонро қарз медиҳам. Нони дуюмро барои адои қарз медиҳам. Сеюмашро худам мехӯрам.

Гӯянда: Нонво ҳайрон шуду чизе нафаҳмид. Рӯзи дигар боз пурсид:

Нонво: –Амакҷон, ман маънои суханҳои Шуморо нафаҳмидам.

Гӯянда: Мард як табассум карду гуфт:

Мард: –Як нонро ба фарзандонам медиҳам. Ин қарз аст, чунки дар пиронсолиам онҳо ба ман нон медиҳанд. Нони дигарро ба падару модари пирам медиҳам. Ин адои қарз аст, чунки дар хурдсолиам онҳо ба ман нон медоданд. Нони сеюмро ману занам мехӯрем.

Бояд дар хотир дошт, ки на ҳамаи матнҳо дар китоб ба чунин нақшҳо тақсим шудаанд. Бо нақшҳо хондани матн дар чанд ҷойи китоб ба таври намуна оварда шудааст. Устод ҳар як матни дилхоҳро метавонад худаш ба нақшҳо тақсим карда, иҷрои онро ба бачагон супориш диҳад.

**г) Хониши ифоданок.** Хониши ифоданок бештар ба порчаҳои шеърӣ таааллуқ дорад. Ифоданок хондани шеър на танҳо риояи оҳанг, балки риояи вазну қофияро низ дар назар дорад. Бинобар ин, хондани шеър аз устод низ маҳорати хуби фаҳмиши вазну қофияро тақозо мекунад. Барои дуруст хондани шеър гоҳҳо дар машқҳои фонетикӣ (**Менависем – Мехонем**) усули дуруст ба ҳиҷоҳо тақсим кардани иборaҳо оварда шудаанд. Масалан, дар боби “Шаҳр” пас аз порчаи шеърӣ (с. 115) тарзи дуруст хондани баъзе қисматҳои он дода шудааст:

| Менависем | Мехонем |
|---|---|
| Душанбе | Ду-шам-бе |
| зеби дунёӣ | зе-би дун-йо-йӣ |

Тавре мебинем, дар ин порча (ва, умуман, дар тамоми ҷараёни хониш, бозгӯйи матн ва суҳбатҳо), пеш аз ҳама, риояи ба шакли йотбарсар, бо иловаи овози «й» хонда шудани садоноки «и» баъд аз садоноки дигар хеле муҳим аст. Дар айни замон дар шеър ҳолатҳое мешаванд, ки бо талаботи вазн як овоз метавонад ба ҳиҷо ё калимаи дигар гузарад.

Табиист, ки дар ҳамаи шеърҳои додашуда анҷом додани ин кор дар китоби дарсӣ аз имкон берун аст. Барои ҳар порчаи шеърӣ устод худаш метавонад ин корро анҷом диҳад. Барои намуна, як шеъри дигарро таҳлил кардан мумкин аст (саҳифаи 153):

**Дониш андар дил чароғи равшан аст**
**В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.**

*Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Усули ифоданок хондани ин шеър чунин аст:

***До-ни-шан-дар дил ча-ро-ғи рав-ша-наст***
***В-аз ҳа-ма бад бар та-ни ту ҷав-ша-наст.***

Тавре дида мешавад, байни калимаҳои «дониш андар», «равшан аст» ва «ҷавшан аст» ист накарда, онҳоро ба ҳам пайваст хондан лозим аст: «до-ни-шан-дар», «рав-ша- наст», «ҷав-ша-наст».

ғ) Пас аз беҳтар шудани суръати хониш бачагон хондани матнро аз рӯйи синтагмаҳо – қисматҳои ҷудонопазири таркиби ҷумла – ёд мегиранд. Дар ин маврид ба нуктаҳои зерин бояд таваҷҷуҳ кард:

– ба калимаҳо пайваст намудани пешоянду пасояндҳо;

– бе ист хондани ибораҳои изофӣ ва таркибҳои феълӣ;

– бе ист хондани калимаҳои чидааъзо, ки бо пайвандаки **-у** пайваст шудаанд;

– риояи ним ист пас аз аломати вергул ва ист пас аз ҳар ҷумла.

Барои ба роҳ мондани чунин тарзи хониш ба бачагон иҷозат диҳед, ки аввал порчаи матн (ибора ё ҷумла)-ро бе овоз, дар дил хонанд ва танҳо пас аз сарфаҳм рафтан ба ибораю таркибҳо бо овози баланд хонанд.

Ба хотири инкишофи маҳорати хониши хонандагон ин корро бо матнҳои гуногун ва дар синфҳои дигар низ анҷом додан лозим аст. Муҳим он аст, ки фақат бо супоришҳои худи китоб маҳдуд нашавем, балки бо матнҳои дигар низ худамон чунин корҳоро ташкил кунем.

Бояд қайд кард, ки шеърҳо аз ҷиҳати сатҳи хонишу дарки маъно яксон нестанд. Дар шеърҳои баландмазмун, аммо мушкилфаҳм аз усули хониши сатрӣ истифода бурдан беҳтар аст.

Масалан, хониши шеъри «Ҳамосаи бародарӣ» (с. 112)-ро чунин ташкил кардан ба мақсад мувофиқ аст:

*хонандаи 1: мисраи якум,*
*хонандаи 2: мисраи дуюм,*
*хонандаи 3: мисраи сеюм,*
*хонандаи 4: мисраи чорум,*
*Ҳама: мисраи панҷум.*

Зимнан, дар сабти овозии ин шеър ҳамин тарзи хондан ба эътибор гирифта шудааст: ҳар як мисраи он аз ҷониби шахсони алоҳида хонда шуда, мисраи охирро хонандагон якҷоя хондаанд.

· Хеле муҳим аст, ки дар ҳолатҳои зарурӣ мисраъ ба пуррагӣ шарҳ дода шавад. Масалан, дар шеъри "Баҳор омад" (Мирзо Турсунзода, с. 61) чунин мисраъҳо аз ҷониби омӯзгор шарҳ дода мешаванд:

***Либоси сабзро саҳро ба бар кард:*** Либоси сабз – сабзазор, алафзор; Ба бар кард – пӯшид. Яъне, дашту саҳро, ҳама ҷо сабз шуданд.

***Кулоҳи сап-сафед олу ба сар кард:*** Кулоҳ – тоқӣ, тӯппӣ; Кулоҳи сап-сафед – гули сафед, гули дарахти олу сафед аст.

Яъне, дарахти олу пур аз гул шуд ва ғайра.

Чунин тарзи шарҳ додани шеърҳоро бо порчаҳои панди бузургон низ анҷом додан ба мақсад мувофиқ аст.

## 8. УСУЛҲОИ ИСТИФОДА АЗ МАТНҲОИ КЛАССИКӢ, ҲИКОЯТҲО, РИВОЯТҲО

Яке аз муҳимтарин мушкилоти китобҳои дарсии пешина барои синфҳои ибтидоӣ усули истифода аз матнҳои адабиёти классикӣ аст. Матнҳо бештар дар ҳамон шакли аслӣ, бо забони мушкилфаҳм оварда мешуданд. Аз як тараф, аз лиҳози мазмун аксари матнҳои адабиёти классикӣ дорои аҳаммияти тарбиявӣ мебошанд ва барои ташаккули одоби ҳамида ва беҳтарин хислатҳои инсонӣ моводди хубе маҳсуб мешаванд. Аз ҷониби дигар, табиист, ки забони чунин матнҳо мушкилфаҳм ва аксари калимаҳои таркиби онҳо архаистӣ ё мутааллиқ ба услуби баланди адабӣ буда, дарки он аз ҷониби хонандаи хурдсол аз имкон берун аст.

Бинобар ин, дар китоб баъзе матнҳо аз адабиёти классикӣ ва афсонаҳо дар шакли такмилёфта ва мутобиқ ба шавқу завқи хонанда оварда шудаанд.

Яке аз чунин матнҳо ҳикояти «Дарахти зиндагӣ» аз Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ аст. Мазмуни мухтасари он (ин достон аз «Маснавии маънавӣ» аст) чунин аст: Дар замонҳои

қадим подшоҳе мезист. Рӯзе ба ӯ хабар меоранд, ки дар Ҳиндустон дарахте ҳаст, ки онро дарахти зиндагӣ мегӯянд. Ҳар касе меваи онро хӯрад, ҳаргиз намемирад. Подшоҳ ба ин гуфтаҳо бовар мекунад ва як нафар аз одамони худро ба ҷустуҷӯйи дарахт ба Ҳиндустон мефиристад. Он шахс, бо вуҷуди ҷустуҷӯйи зиёд, дарахтро намеёбад ва ноумед роҳи баргаштро пеш мегирад. Дар ҳамин асно бо пирамарди хирадманде дучор меояд ва аз ӯ мадад меҷӯяд. Пирамард мефаҳмонад, ки он дарахт ДОНИШ аст. Ҳар касе, ки илму дониш дорад, ӯ абадзинда мемонад.

Ин ҳикоят дар китоби дарсӣ ба тариқи зер омадааст:





*Бобои Хирад баъди аз Боғи МАКТАБ берун омадани Азизҷону Азиза ба онҳо калиди Боғи БӮСТОНро медиҳад ва мегӯяд: «Акнун ман ба шумо калиди боғи ҳақиқиро медиҳам. Ҳамон боғе, ки дар он дарахтон месабзанду гулҳо мерӯянд. Боғе, ки пал дорад. Дар пал сабзавот мерӯяд. Аммо ба шумо як вазифа месупорам: Дар байни дарахтон дарахте ҳаст, ки онро Дарахти зиндагӣ мегӯянд. Ҳар касе, ки меваи онро хӯрад, ҳеҷ гоҳ пир намешавад, ҳамеша зинда мемонад. Албатта, онро пайдо кунед ва меваашро ба даст оред».*

*Аммо Азизҷону Азиза дар боғи БӮСТОН он дарахтро пайдо намекунанд…*

Охири ҳикоят ба чунин тарз дода шудааст:

*Бобои Хирад бачаҳоро бо табассум пешвоз гирифт. Азизҷону Азиза бо сари хам гуфтанд, ки Дарахти зиндагиро наёфтанд.*

*Бобои Хирад онҳоро оғӯш карда гуфт:*

*– Ман ба шумо мегӯям, ки он дарахт дар куҷост. Аммо барои ин шумо бояд ба саволҳои ман ҷавоб диҳед.*

*– Мо розӣ!*

*– Дарахтон чанд хел мешаванд?*

*– Ду хел: мевадор ва бемева. Себ, анор, шафтолу, чормағз – дарахтони мевадор; сафедор, бед, арча, чинор бемева.*

*– Меваҳо чанд хел мешаванд?*

*– Ду хел: меваи тар – ангур, себ, олу, анор, биҳӣ; меваи хушк – бодом, писта, чормағз. Боз аз меваи тар меваи хушк тайёр мекунанд: аз ангур – мавиз, аз тут – тутмавиз, аз зардолу – зардолуқоқ.*

*– Офарин! Кабудӣ гуфта чиҳоро мегӯем?*

*– Райҳон, шибит, кашниз, пиёзи кабуд.*

*– Кадом маҳсулот полезӣ аст?*

*– Бодиринг, боимҷон, помидор, қаланфури булғорӣ.*

*– Ҳифзи табиат чист?*

*– Парвариш ва ғамхорӣ ба дарахтону гулҳо, ҳайвоноту парандагон. Тоза нигоҳ доштани манзилу макон.*

*Бобои Хирад бачагонро бо меҳр оғӯш карду бӯсид ва гуфт:*

*– Бачаҳо, он дарахте, ки ман гуфтам, ДОНИШ ном дорад. Касе, ки дониш дорад, пир намешавад, намемирад. Шумо ниҳоли он дарахтро ба даст овардед. Акнун онро парвариш кунед, то ки мева диҳад.*

Тавре мебинем, ин ҳикоят дар қисмҳои ҷудогона, дар аввал ва охири як боб оварда шудаанд. Ҳадаф аз чунин тарзи пешниҳоди матн фақат осон кардани он нест. Дар қисмати аввал супориши бобои Хирад барои ёфтани ин дарахт мақсади бобро ифода мекунад – яъне ҷустуҷӯйи дониш. Дар қисмати дуюм – охири боб он дар айни замон барои ҷамъбасти мавзӯъ хизмат мекунад.

Бо ин роҳ мазмуни матнҳо ба ҳаёти реалӣ наздик мешавад, бачагон чунин тасаввур мекунанд, ки ин ҳодиса на дар замонҳои қадим, балки ҳамин рӯзҳо сурат мегирад. Ба андешаи комили мо, дар шакли такмилёфта овардани матнҳо барои бедор кардани шавқу ҳаваси хонандагони хурдсол дар шинохти адабиёти ғании ниёгон низ мусоидат мекунад.

Мусаллам аст, ки вақте шоир ё нависанда шеъре эҷод мекунад ва ё ҳикояте менависад, ҳаргиз гумон намекунад, ки рӯзе ин шеър ё ҳикоя дар китоби дарсӣ ҷой дода мешавад. Аз

ин рӯ, чунин матнҳо аз муаллифони китоби дарсӣ ва устодони синфҳои ибтидоӣ ба шакли маводди таълимӣ дигаргун сохтани онҳо, яъне муносибати эҷодкорона ба матнҳоро тақозо мекунад.

## 9. МАШҚҲОИ ЗАБОНӢ

Тавре маълум аст, ҳадафҳои асосии "Барномаи таълими забон барои синфи якум" шинохти ҳарфу овоз, садонокҳо, ҳамсадоҳо ва йотбарсарҳо, дуруст ва зебо навиштани калимаю ҷумлаҳо, ёд гирифтани имлои ҳарфҳои нисбатан душвор, аз қабили *и-ӣ, у-ӯ, х-ҳ, ч-ҷ, қ-ғ, ъ*, ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани калима, ёд гирифтани истифода аз ҳарфи калон, сохтани ҷумлаҳои сода аст. Барои ба даст овардани ҳар яке аз ин ҳадафҳо дар китоб машқҳои махсус оварда шудаанд. Ин машқҳо на дар шакли пароканда, балки дар асоси матни истифодашуда мураттаб шудаанд.

### 9.1. Машқи навишти ҳарфҳо

Машқи навишти ҳарфҳо аз давраи омӯзиши "**Алифбо"** шурӯъ мешавад. Аммо дар давраи баъди алифбо ва омӯзиши "Забони модарӣ" низ ба тариқи такрор гузаронидани машқҳо аз манфиат холӣ нест. Дар давраи омӯзиши забони модарӣ моҳият ва ҳадафҳои машқи навишти ҳарфҳо тағйир меёбад, дар мураттаб сохтани ин машқҳо хусусиятҳои ташаккулу инкишофи тафаккур ба назар гирифта мешавад. Аз рӯйи мазмуну шакл машқҳои навишти ҳарфҳо ба чунин гурӯҳҳо ҷудо шудаанд:

***а) Ҳарфҳое, ки тарзи навишти чопӣ ва дастии онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунад.***

Тарзи навишти чопии ҳарфҳои Т, Ш, М, Ғ, Д, З ва ғайра аз тарзи навишти дастии онҳо фарқи муайян дорад. Аз ин рӯ, дар ибтидои таҳсил он барои бачагон бо мушкилӣ ба даст меояд. Дар боби такрори "Алифбо" (саҳифаҳои аввали китоб) намунаи чунин машқ оварда шудааст (Ба суратҳо нигаред ва номи ҳайвонотро нависед. Ба тарзи навишти ҳарфҳои Т, К, Х, Ӯ, Ҳ, Й, Ф, М, Ш диққат диҳед (с. 11)). Ин навъи машқҳоро то вақте бояд идома дод, ки бачагон тарзи навишти чунин ҳарфҳоро пурра ёд гиранд.

***б) Имлои «ӣ» дар охири калима.*** Масъалаи ёд гирифтани имлои ҳарфи **ӣ** дар охири калима нисбатан мураккаб буда, он ҷараёни дуру дарозро талаб мекунад ва омӯзиши он дар синфҳои минбаъда низ идома меёбад. Мақсад аз ҷой додан ва гузаронидани чунин машқҳо дар китоби синфи якум одат кунондани бачагон ба тарзи навишти муҳимтарин калимаҳоест, ки ба гурӯҳи луғати фаъоли онҳо тааллуқ доранд. Дар китоб танҳо ба тариқи намуна як-ду машқи навишти калимаҳое, ки дар охирашон ин ҳарфро доранд, оварда шудааст. Устод роҷеъ ба ҳар дарсу матн ба хотир гирифтану навиштани чунин калимаҳоро бояд ёдрас кунад.

***в) Имлои ҳарфи «ӯ».*** Тавре медонем, имлои ин ҳарф барои минтақаҳои муайяни ҷумҳурӣ ва вобаста ба қоидаҳои имлои нави забони тоҷикӣ мушкилот эҷод мекунад. Аз ин рӯ, машқи навишти калимаҳоеро, ки дар таркибашон садоноки **ӯ** доранд, пай дар пай ташкил кардан ба мақсад мувофиқ аст. Намунаи иҷрои чунин машқ дар такрори боби **ХОНА** (с. 48) омадааст.

***г) Имлои ҳарфи «ҳ».*** Ин ҳарф дар ду мавриди мушкилӣ эҷод мекунад: дар охири калима, ки одатан талаффуз намешавад (да(ҳ), панҷо(ҳ) ва ғ.), ва дар аввали калима дар гуфтори мардуми Бадахшон (масалан, (ҳ)афт, (ҳ)ашт ва ғ.). Аз ин рӯ, устодон чунин машқҳоро вобаста ба хусусиятҳои маҳаллӣ мураттаб менамоянд. Намунаи ин гуна машқ дар китоби дарсӣ дар саҳифаи 15 ҷой дода шудааст. Бояд дар хотир дошт, ки ба хотир гирифтани имлои калимаҳои дорои ҳарфҳои ***ӣ, ӯ*** ва ***ҳ*** дар китоб бо аломати **Ба хотир гиред (!)** ишора шудаанд.

### 9.2. Ба ҷойи нуқта гузоштани ҳарфи зарурӣ

Дар баробари машқҳои навишти ҳарфҳои душвор, ки дар синфи якум, асосан, бо роҳи бахотиргирӣ пешниҳод мешаванд, як қатор машқҳое низ оварда шудаанд, ки ҳадафи онҳо ташаккули фикрронӣ ва мулоҳизаронии бачагони синни хурди мактабист.

Масалан, дар калимаҳо як ҳарф навишта намешавад. Хонандагон худашон аз рӯйи маъно меёбанд, ки ба ҷойи он нуқта кадом ҳарфро гузошта нависанд. Ин гуна машқҳо ҳам барои садонокҳо ва ҳам барои баъзе ҳамсадоҳо мураттаб шудаанд. Дар мураттаб сохтани чунин машқҳо принсипи аз сода ба мураккаб гузаштан риоя шудааст. Масалан, дар машқи саҳифаи 27 ба ҷойи нуқта гузоштани фақат ҳарфҳои «а» ва «о» дар назар дошта шуда, ин ҳарфҳо дар аввал дар дохили қавс нишон дода шудаанд:

Ба ҷойи нуқта ҳарфи заруриро гузошта, калимаҳоро хонед ва нависед:
1. **(а)** – м • н, т • н, хон • , шон • , мод • р, хоҳ • р, п • д • р
2. **(о)** – н • м, н • н, м • дар, бар • дар, б • б •

Дар дарсҳои минбаъда, номи ашё (масалан, меваҳо) дар хоначаҳо оварда шуда, дар ҳар яки онҳо ба ҷойи як ҳарф аломати савол гузошта мешавад (нигаред ба машқи с. 72). Бачагон аз рӯйи мазмуни калима ҳарфи заруриро ёфта мегузоранд (н?к, ?еб, а?ор, анг?р, анҷ?р, о?у, б?дом, п?ста). Ин гуна машқҳоро ба тариқи бозӣ ва ташкили мусобиқа дар байни гурӯҳҳо дар ҳар лаҳза иҷро кардан мумкин аст. Махсусан, агар хонандагон аз бисёр хондан, навиштан, аз ёд кардан ё шунидан хаста шуда бошанд, ташкили чунин бозиҳо ҳам барои омӯхтан ва ҳам барои дамгирӣ кумак мекунад.

### 9.3. Имлои ҳарфи калон

Хонандаи синфи якум дар охири сол бояд мавқеи истифодаи ҳарфи калонро пурра аз худ карда бошад. Ин ҳадаф бо роҳи зина ба зина тайёр кардани онҳо ба даст меояд. Дар аввали ҷумла навиштани ҳарфи калонро ёд додан нисбатан осон аст. Инро хонандагон худашон низ дар натиҷаи хондану навиштан ва дидан ёд мегиранд. Аммо навишти ҳарфи калон дар аввали исмҳои хос таваҷҷуҳи бештарро талаб мекунад. Ин қоида дар китоб на яку якбора (ҳамаи исмҳои хос ё ҳамаи номҳои одамон, шаҳрҳо, деҳаҳо, ...бо ҳарфи калон навишта мешаванд), балки оҳиста-оҳиста ва вобаста ба мавзӯъ ба зеҳни хонанда ҷо карда мешавад. Масалан, дар боби ОИЛА, ки номи падару модар, бародару хоҳар ва ғ. истифода мешавад, таъкид шудааст, ки аввали номи одамон бо ҳарфи калон навишта мешавад.

Дар боби ҲАЙВОНОТ тарзи навишти ном ё лақаби ҳайвонот бо ҳарфи калон ишора мешавад. Дар мавзӯи ДЕҲА ба ин қоида навиштани номи деҳаҳо илова мегардад. Дар боби ШАҲР бо ҳарфи калон навиштани аввали номи шаҳрҳо, кӯчаҳо, мактабҳо, майдонҳо ва ғ. омӯхта мешаванд. Ниҳоят, дар боби **ВАТАН** таъкид мешавад, ки аввали номи расмии давлатҳо (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), рамзҳои давлатии Тоҷикистон ва калимаи Ватан низ (агар манзур Тоҷикистон бошад) бо ҳарфи калон навишта мешавад.

Муаллимон барои санҷишу тақвияти дониши хонандагон метавонанд ҳар лаҳза ин қоидаро ёдовар шуда, иҷрои супоришҳои гуногунро анҷом диҳад.

### 9.4. Машқи хат

Таълими машқи хат дар алоқамандӣ бо мавзӯъҳо ва бобҳои таълим оварда шудаанд. Ҳангоми иҷрои онҳо на танҳо тарзи зебо навиштани ҳарф, риояи таносуб, роҳҳои ба ҳам пайваст намудани ҳарфҳо дар дохили калимаҳо омӯхта мешавад, балки барои машқ ҷумлаву иборахое оварда мешаванд, ки характери тарбиявӣ доранд (панду амсол, порчаҳои шеърӣ ва ғ.). Барои мисол, дар машқи ҳарфи О (с. 16) навиштани порчаи **Хат навис, зебо навис, равшану хоно навис** супориш дода шудааст ё худ дар машқи ҳарфи Ҳ (с. 38) зарбулмасали **Ҳунар – аз дониш, дониш – аз хониш** оварда шудааст. Машқи хат дар дохили хатҳои дафтари хонанда нишон дода мешавад. Ин омӯзиши зебонависиро барои бачагон осонтар месозад:




Дар нашри нави китоб мо кӯшиш кардем, ки мазмуни матне, ки барои машқи хат интихоб гардидааст, бо мавзӯъҳои китоби дарсӣ алоқаманд бошад.

Бояд дар хотир дошт, ки дар машқҳои пешниҳодшуда на аз навишти дастӣ, балки аз барномаи компютерии навишти ҳарфҳо истифода шудааст. Ин имкон додааст, ки шакл ва моилии ҳарфҳо ҳамеша яксон бошад, дар сурате ки ҳангоми бо даст навиштан на ҳамаи ҳарфҳо яксону якхела навишта мешаванд. Дар айни замон, барои нигоҳ доштани дизайни китоб гоҳо навишти ҳарфҳо на аз аввали хат, балки каме дуртар аз он шурӯъ шудааст. Дар ин мавридҳо омӯзгорон бояд ба шогирдон таъкид кунанд, ки навишти ҳарфҳоро аз кадом қисмати дафтар шурӯъ кунанд, ҳамчунин ба тарзи пайвасти ҳарфҳо эътибор диҳанд ва шаклҳои дурусти пайвасти онҳоро пешниҳод намоянд.

Ёдовар мешавем, ки машқи хушнависиро хонандагон дар дафтари машқ иҷро мекунанд.

### 9.5. Ҳиҷо

Таълими ҳиҷо ва мавқеи он дар омӯзиши забон дар синфи якум аҳаммияти махсус дорад. Аввалин малакаҳои хонданро шогирдон аз хондани ҳиҷоҳо ёд мегиранд. Дуруст ҷудо кардани калима ба ҳиҷоҳо барои дурусту беғалат хондани калимаҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳо мусоидат мекунад. Дар оянда донистани ҳиҷо барои аз як сатр ба сатри дигар дуруст кӯчондани ҳиссаи калима кумак мекунад. Заминаҳои аввалини дониши хонандагон доир ба ин масъала дар синфи якум гузошта мешавад. Аз ин рӯ, дар китоби дарсӣ машқҳои зиёде ҷой дода шудаанд, ки ҳадафи онҳо комёб шудан ба дарки мафҳуми ҳиҷо ва истифодаи амалии он аст.

Омӯзиши ҳиҷо бо роҳҳои гуногун сурат мегирад, ки муҳимтарини онҳо чунинанд:

**а)** ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани калима;

**б)** аз ҳиҷоҳои додашуда сохтани калима;

**в)** ёфтан ва гузоштани ҳиҷои зарурӣ ва сохтани калима.

Ҳамаи ин машқҳо дар навбати худ вобаста ба сатҳи мушкилӣ ба қисматҳои хурд-хурд ҷудо шудаанд. Мақсад он аст, ки ҳама кор карда тавонад: қисматҳои осонро ҳамаи бачагон, қисматҳои нисбатан мушкилро бачагони болаёқат. Масалан, калимаҳои дуҳиҷоӣ, сеҳиҷоӣ ва чорҳиҷоӣ аз ҳам ҷудо оварда мешаванд (с. 58):

**Калимаҳои зеринро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед:**



- **дафтар, ҷадвал, китоб, ҷузвдон;**
- **оина, қаламдон, компютер;**
- **магнитофон, либосовезак.**

Ҳамчунин, аз ҳиҷоҳои додашуда сохтани калимаҳо дар шаклҳои гуногун пешниҳод шудааст:

**1.** Ҳиҷоҳо дар ду сутун оварда мешаванд. Ба ҳар ҳиҷои сутуни аввал як ҳиҷои сутуни дуюм мувофиқат мекунад, ки на дар рӯ ба рӯйи он, балки ба шакли пароканда гузошта шудааст. Ба намунаи зерин таваҷҷуҳ кунед (саҳифаи 76):

**Аз сутуни дуюм ҳиҷоҳои заруриро ёфта, калима созед.**

| | |
|---|---|
| да | барг |
| боғ | гур |
| сад | рахт |
| ан | бон |

| | |
|---|---|
| тар | лос |
| ан | ва |
| ме | ҳӣ |
| би | буз |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| гул | зор | | ге | чир |

(ҷавобҳо: 1. дарахт, боғбон, садбарг, ангур, гулзор; 2. тарбуз, анҷир, мева, биҳӣ, гелос).

**2.** Дар дарсҳои охир ба ҷойи калимаҳои духиҷоӣ калимаҳои сеҳиҷоӣ пешниҳод мешаванд. Масалан (с. 150, пас аз афсонаи “Фариштамоҳ”):

**Аз сутунҳои дуюму сеюм ҳиҷоҳои мувофиқро ёфта, калима созед ва нависед:**

| | | |
|---|---|---|
| **аф** | **зо** | **хоб** |
| **шоҳ** | **ти** | **гӣ** |
| **зин** | **со** | **да** |
| **ин** | **ло** | **са** |
| **ху** | **да** | **на** |

(ҷавобҳо: афсона, шоҳзода, зиндагӣ, интихоб, хулоса).

Барои осон шудани кор ҳиҷоҳои ҳар як калима бо як ранг оварда шудаанд. Масалан, ҳиҷоҳои *шоҳ* (сутуни якум), *зо* (сутуни дуюм) ва *да* (сутуни сеюм) бо ранги зард ишора шудаанд.

Ҳамаи ин машқҳо дар асоси маводди таълимӣ (матни додашуда) мураттаб шудаанд, бинобар ин, дар сурати ба мушкилӣ дучор шудан хонандагон метавонанд аз матн истифода кунанд.

### 9.6. Калимасозӣ

Аввалин малакаҳои калимасозӣ низ бо роҳҳои гуногун пешниҳод шудаанд.

**а)** пешниҳоди калимаҳои сода ва сохта барои шинос шудан бо нақши пасвандҳои шаклсоз (с. 39): хона – хонача, корд – кордча, табақ – табақча ва ғ. ;

**б)** ба ҷойи нуқта ҳарфҳои зарурӣ гузошта, калимаи нав сохтан (с. 117):

Д • Р (а, о, у, е), Б • Р (а, о, у, ӯ), • АРД (м, д, с, г) ва ғ.

(дар, дор, дур, дер; бар, бор, бур, бӯр; мард, дард, сард, гард).

**в)** як ҳарф ё ҳиҷо дода мешавад, хонандагон аз рӯйи намунаи додашуда худашон ҳиҷои дигар илова карда, калима месозанд (саҳифаи 91): о + ? (о-дил, о-қил, о-риф), шо + ? (шо-на, шо-лӣ, шо-ха) ва ғ.

**г)** ба бачагон ҳарф пешниҳод мешавад, онҳо калимаеро меёбанд, ки бо ин ҳарф сар мешавад: ё + ? (ёрӣ, ёл, ёфтан), я + ? (ях, яхдон, яхмос, ягона) ва ғ.

**ғ)** калимаҳо дар хоначаҳо дода мешаванд, бачагон ба ҳар ҳарфи ин калима аз рӯйи намуна калимаи дигар меёбанд (саҳифаи 88):

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **С** | | | | | |
| **А** | | | | | |
| **Н** | | | | | |
| **Ҷ** | | | | | |
| **О** | | | | | |
| **Б** | | | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Г** | | | | | |
| **Ӯ** | | | | | |
| **С** | | | | | |
| **О** | | | | | |
| **Л** | | | | | |
| **А** | | | | | |

Пешниҳоди намунавии калимаҳо: гурӯҳи якум – саг, акка, наҳанг, ҷайра, оҳу, буз; гурӯҳи дуюм – гов, ӯрдак, суғур, оҳу, лаклак, асп.

**д)** сохтани калимаи нав аз калимаи додашуда бо роҳи машқи математикӣ. Дар хоначаҳои сутуни аввали ҷадвал як калима дода мешавад. Супориш дода мешавад, ки аз он ҳиҷо ё ҳарфи додашударо тарҳ карда, ба ҳиссаи ҳосилшуда ҳиҷо ё ҳарфи дигари додашударо ҷамъ кунанд ва калимаи ҳосилшударо нависанд. Барои намуна ба машқи с. 64 таваҷҷуҳ кунед:

Аз калимаҳои сутуни аввал ҳиссаи додашударо тарҳ кунед, ба ҳиссаи боқимонда ҳарфу ҳиҷоҳои сутуни дигарро ҷамъ карда, калимаҳои навро ёбед ва бо истифода аз онҳо ҷумла нависед:

Намуна: дониш – иш = дон; дон + о = доно.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| дониш | – | иш | + | о | = | доно |
| шона | – | на | + | гирд | = | |
| қадам | – | дам | + | лам | = | |
| маккор | – | кор | + | таб | = | |
| устохона | – | хона | + | д | = | |

Ин гуна машқҳо бо мавзӯъ алоқамананд. Аз ҷумла, намунаи додашуда дар охири мавзӯи “Мактаб” оварда шудааст ва калимаҳои сохташуда (доно, шогирд, қалам, мактаб, устод) низ ба ҳамин мавзӯъ тааллуқ доранд. Хонандагон чунин машқҳоро дар дафтари машқ иҷро мекунанд.

Ҳамчунин, машқу бозиҳои дигар низ оварда шудаанд, ки фаҳмидану истифодаи онҳо мушкил нест. Ёфтани ребусҳо, сохтани калимаҳо аз ҳарфҳои пароканда ва ғайра аз ҳамин қабиланд.

### 9.7. Иборасозӣ

Машқҳои иборасозӣ дар синфи якум на барои комилан фаҳмидани моҳияти масъала, балки фақат барои ошноӣ пайдо кардан, мушоҳида кардан ва дуруст талаффуз кардан пешниҳод шудаанд.

Тавре маълум аст, муҳимтарин ва сермаҳсултарин роҳи иборасозӣ дар забони тоҷикӣ бандаки изофии **-и** аст. Ҳангоми иҷрои чунин машқҳо на танҳо ба дуруст тартиб додани ибораҳо, балки ба талаффузи онҳо (зада нагирифтани бандаки изофӣ, **йи** талаффуз шудани он пас аз садонок) эътибор бояд дод. Як намунаи онро дар зер шарҳ медиҳем (саҳифаи 25):



**Ба ҳамдигар пайваст карда нависед:**

модарҷон **и** меҳрубонам
падарҷон **и** азизам
бибиҷон **и** афсонагӯям
бобоҷон **и** ғамхорам

(Тарзи дуруст хондан: мо-дар-ҷо-ни меҳрубонам, на мо-дарҷон-и меҳрубонам ва ғайра).

Баъдтар ин навъ супоришҳо ба шакли нисбатан душвор оварда мешаванд (саҳифаи 99):



Аз сутуни дуюм калимаҳои мувофиқро ёфта, ибораҳоро нависед.

**Намуна:** Ҳавои соф.

| | | |
|---|---|---|
| кӯҳ | **и** | соф |
| об | **и** | баланд |
| дарахт | **и** | тоза |
| ҳаво | **и** | пурмева |
| боғ | **и** | сабз |

(иҷрои супориш: кӯҳи баланд, оби тоза, дарахти пурмева, ҳавои соф, боғи сабз).

Иборасозиро ҳангоми машғулиятҳо аз рӯйи расмҳо ба таври шифоҳӣ низ анҷом додан мумкин аст. Масалан, ба ҳар сурат (исм) ишора карда, аз бачаҳо пурсед, ки он чӣ хел мешавад ва дар шакли ибора овардани ҷавобҳоро хоҳиш кунед (себи сурх, себи ширин, себи калон, себи турш, себи зард...).

### 9. 8. Ҷумласозӣ

Дар синфи якум танҳо аввалин малакаҳои сохтани ҷумлаи сода пайдо мешавад. Барои ташаккул ва инкишофи ин малакаҳо аз роҳҳои гуногун истифода кардан мумкин аст. Чанде аз онҳоро шарҳ медиҳем.

**а)** сохтани ҷумла аз рӯйи намуна бо иловаи бандаки хабарии «аст» (саҳифаи 35):

| | |
|---|---|
| Модари ман | меҳрубон<br>азиз ғамхор<br>беҳтар аз ҷон<br>нағз<br>дилсӯз<br>аз ҳама хушрӯ |

**Намуна:** Модари ман меҳрубон аст.

**б)** сохтани ҷумла бо гузоштани як калимаи зарурӣ (номи шахс ё феъл). Масалан, дар боби ХОНА чунин машқ дода шудааст (саҳифаи 49):



Калимаҳои **дорем** ё **надорем**ро гузошта, ҷумлаҳоро пурра кунед ва нависед:
1. Мо ҳавлӣ ... 3. Мо қолин ...
2. Мо компютер ... 4. Мо яхдон ...

**в)** сохтани ҷумла аз калимаҳои пароканда. Калимаҳои дохили ҷумла дар шакли пароканда оварда мешаванд, хонандагон онҳоро бо тартиби муайян гузошта, ҷумла месозанд. Барои намуна яке аз онҳоро нишон медиҳем (саҳифаи 60):



Аз калимаҳо ва ибораҳои пароканда ҷумла созед.

пирони кордида, донаи умед, мепошанд, ба замин
(Пирони кордида ба замин донаи умед мепошанд).
суннатҳои бисёр, иди Наврӯз, дорад
(Иди Наврӯз суннатҳои бисёр дорад).

Ин ҷумлаҳо дар матн ҳастанд, бинобар ин ҳангоми мушкилӣ кашидан ба бачагон фаҳмонед, ки аз матн ин ҷумлаҳоро ёбанд.

**г)** сохтани ҷумла бо истифода аз матн. Як қисми ҷумла дода намешавад. Бачагон онро аз матн ёфта, пурра мекунанд (саҳифаи 151):



**Хоначаҳои мобайниро пур карда, ҷумлаҳоро нависед:**

| | | |
|---|---|---|
| Шоҳзодаи якум | .. .. .. .. .. .. .. .. .. .. .. .. .. .. | ёфт. |
| Шоҳзодаи дуюм | .. .. .. .. .. .. .. .. .. .. .. .. .. .. .. | ёфт. |
| Шоҳзодаи сеюм | .. .. .. .. .. .. .. .. .. .. .. .. .. .. .. | ёфт. |

Як намунаи дигари пурра кардани ҷумла (панд) ба тариқи бозӣ дар саҳифаи 92 низ оварда шудааст (Дониш – аз хониш).

**ғ)** Ҳамчунин, сохтани ҷумлаҳо бо истифода аз калимаҳои додашуда, аз рӯйи нақша (миқдори калима) ва ғайра низ пешниҳод шудаанд.

## 10. ИНКИШОФИ НУТҚИ ШИФОҲӢ

Мафҳуми нутқи шифоҳӣ дар маҷмӯъ як навъ инъикоси ҳамаи донишҳоест, ки хонанда аз шунидану хондану навиштан ба даст меорад. Истифодаи калимаҳои азхудшуда дар нутқ (аз луғати ғайрифаъол ба луғати фаъол табдил додани онҳо), нақли матни шунида ё хонда, саволу ҷавоб, суҳбатҳо ва омӯзиши одоби муошират, аз ёд кардани панду амсол ва истифодаи онҳо дар мавридҳои зарурӣ ва бисёр роҳҳои дигари инкишофи нутқ мавҷуданд. Дар китоби дарсӣ вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ ва равонӣ (психологӣ)-и хонандагон ба ин масъала низ диққати махсус дода шудааст. Як гурӯҳи чунин машғулиятҳо дар мавридаш зикр шуданд (аз ҷумла, кор бо суратҳо). Ҳоло роҳҳои дигари истифода аз маводди дарсиро, ки ҳадафи онҳо инкишофи нутқи шифоҳӣ аст, шарҳ медиҳем.

### 10. 1. Нақли матни шунида ё хонда

Барои ҳар порча (матн), ки дар китоб оварда шудааст, ба роҳ мондани нақли шифоҳии он аз ду ҷиҳат муҳим аст: санҷиши фаҳмиши мазмуни матн ва инкишофи нутқ. Дар ин маврид устод нақши босазо дорад. Хеле муҳим аст, ки барои иштибоҳ (нодуруст тартиб додани ҷумла дар нутқ, пасопеш овардани ҷумлаҳо, фаромӯш кардан, бозистодан ва ғайра) хонандагонро маҳкум ё сарзаниш накунем ё худ онҳоро бо роҳи муқоиса бо бачагони болаёқат рӯҳафтода накунем. Ба зуд-зуд буридану ислоҳ кардани нутқи хонанда низ набояд роҳ дод. Ба иштибоҳ роҳ додан камбудии хонанда набуда, балки қисми ҷудонопазири ҷараёни таълим аст. Барои намуна нақли тахминии як матн ва иштибоҳи имконпазири хонандагонро нишон медиҳем (с. 62-63) :

### РАҲМАТ БА ТУ, ДОДАРҶОН!



1. Фаридун бачаи доно ва қобил аст. Ӯ дар синфи дуюм мехонад. Вай ҳар рӯз вазифаи хонагиро тайёр мекунад. Як рӯз вай дарси математикаро тайёр мекард. Ду мисолро ҳал кард. Аммо мисоли сеюм мушкил буд. Ду бор кӯшиш кард, нашуд. Қаҳраш омад.

Китобу дафтарро як тараф монд. Зиқ шуд. Ба худаш гуфт, ки пагоҳ ба мактаб намеравад. Ҳамин вақт овози додарчааш – Эраҷро шунид. Додарчааш бо забони худаш «ағу-буғу» мегуфт. Фаридун ба хонаи дигар, ба пеши додарчааш рафт. Додарчааш дар гаҳвора бедор буд. Дар болои гаҳвора бозича овезон буд. Эраҷ дастакони фарбеҳакашро боло бурда, мехост бозичаро дорад. Аввал як дасташро боло кард. Нашуд. Баъд дасти дигарашро боло кард. Боз дасташ ба бозича нарасид. Фаридун хандиду наздиктар рафт.

2. Фаридун хост, ки ба додарчааш ёрӣ диҳад. Аммо ҳамин вақт Эраҷ ҳар ду дасташро боло карду бозичаро дошт. Овози хурсандона баровару ба акааш нигоҳ кард. Фаридун фикр кард: **Додарчаам худаш ҳаракат карда бозичаро бо дастонаш қапид. Ман ҳам метавонам!** Вай зуд ба хонаи дигар гузашта, боз китобу дафтари математикаро кушод. Ин дафъа ӯ худаш мисолро ҳал кард. Хурсанд шуду боз ба пеши додарчааш рафт. Эраҷро оғӯш карда, аз рухсораҳояш бӯсид. Бо меҳрубонӣ гуфт:

– Раҳмат ба ту, додарҷон!

***Намунаи кор бо матн:***

Аввал ба он диққат диҳед, ки матн ба ду қисм ҷудо шудааст. Сабабаш дар ин аст, ки он ҳаҷман калон буда, якбора хондан ё шунидани он хонандаи хурдсолро метавонад хаста ва дилгир кунад. Сониян, пас аз шунидани қисмати аввал бо роҳи саволгузорӣ тафаккури

бачагонро тақвият медиҳем. Матнро бо оҳанги ҷаззоб хонед. Агар имкониятҳои техникӣ бошад, сабти овозии онро шунавонед. Пас аз хондани қисми аввали матн аз бачагон пурсед, ки маънои онро фаҳмиданд ё не. Агар саволе пайдо шавад, ҷавоб диҳед. Пеш аз он ки нақли мазмуни матнро аз шогирдон хоҳиш кунем (ҳамон тавре ки дар китоб омадааст), калимаҳои асосиро бо роҳи саволу ҷавоб такрор кунед:

*– Номи бача чист? (– Фаридун).*

*– Номи додарчааш чист? (– Эраҷ).*

*– Фаридун дар синфи чандум мехонад? (– Дуюм).*

*– Фаридун чӣ кор мекард? (– Дарс тайёр мекард).*

*– Дарси забон буд? (– Не, дарси математика).*

*– Вазифаи хонагиро ҳал карда тавонист? (– Ҳамаашро не).*

*– Баъд чӣ шуд? (– Фаридун зиқ шуд, хост ба мактаб наравад).*

*– Бачаҳо, шумо ҳам агар дарсро иҷро карда натавонед, ҳамин хел хоҳиши ба мактаб нарафтан пайдо мешавад? (Ханда. Аломати ризоят).*

*– Хуб, Фаридун баъд чӣ кор кард? (– Ба хонаи дигар рафт).*

*– Барои чӣ? (– Додарчааш дар он ҷо буд).*

*– Додарчааш чӣ кор мекард? (– Дар гаҳвора мехобид. Мехост бозичаро бо дастонаш дошта бозӣ кунад).*

*– Эраҷ бозичаро дошта тавонист? (–Ду бори аввал натавонист).*

*– Ҷумлаи охир «Фаридун наздиктар рафт» аст. Кӣ мегӯяд, Фаридун чӣ кор кардан хост?*

(Дар ин ҷо вариантҳои гуногуни ҷавоб (аз ҷумла, бозӣ кардан хост, ёрӣ додан хост, бӯса кардан хост, гап задан хост) буда метавонанд. Ҳамаи онҳоро тасдиқ кунед).

Баъд аз ин нақли матнро хоҳиш кунед. Шарт нест, ки ҳамаи онро як кас нақл кунад. Нақли як хонандаро хонандаи дигар давом дода метавонад. Чунин тарзи супориш дигаронро водор месозад, ки бодиққат ба гуфтаҳои ҳамсинфашон гӯш диҳанд. Агар ягон қисми матн фаромӯш шавад, ёрӣ диҳед. Масалан, хонанда метавонад гӯяд:

**«Фаридун дарсро тайёр карда натавонист ва ба хонаи дигар рафт».**

Дар ин ҷо метавонед пурсед: – Ҳамаи вазифаашро тайёр накард ё як қисмашро? Ё худ: – Аз чӣ дарс тайёр мекард? Ва ғайра.

Ҳангоми нақли бачагон кӯшиш кунед, ки онҳо калимаҳои лаҳҷавиро истифода накунанд. Масалан, агар яке гӯяд: «Фаридун хонаи дигарда мера» ё «Фаридун хонаи дигарба пеши укош мерад», шумо бо ин роҳ ислоҳ кунед: «Аҳа, яъне ба хонаи дигар, ба назди додарчааш ме-ра-вад, ҳамин хел?»

Ҳамин тариқ, пас аз анҷоми ин кор бачагонро бо бозиҳо ва ё машғулияти дигар саргарм кунед. Пораи дуюмро, ки нисбатан хурд аст, соати дигари дарсӣ ба худи хонандагон ҳавола кунед, ки хонанд ва нақл кунанд. Бачагонро тайёр кунед:

*– Ба фикри шумо, Фаридун чӣ кор мекунад?*

*– Охири ҳикоя чӣ мешавад?*

*– Агар донистан хоҳед, худатон хонед ва мазмунашро нақл кунед.*

Дар баробари диққат кардан ба инкишофи нутқи хонандагон, ба паҳлуҳои тарбиявии ин ҳикоя таваҷҷуҳ карданро низ фаромӯш накунед. Талқин кунед, ки ҳар касе, ки саъю кӯшиш мекунад, ӯ ҳатман комёб мешавад.

### 10. 2. Инкишофи нутқ бо роҳи саволу ҷавоб

Саволу ҷавобро ҳам аз рӯйи ҳар сурати додашуда, ҳам матни хонда ё шунида, ҳам дар мавзӯи дигари берун аз китоб (масалан, «Рӯзи истироҳат») ташкил кардан мумкин аст. Баъзе матнҳо чунин машғулиятҳоро дар назар доранд. Аммо ин гуна саволгузориҳо намунавӣ буда, устод метавонад барои ҳар гуна матни дилхоҳ низ саволу ҷавобро ба роҳ монад. Дар аввали таҳсил саволҳо чунин тартиб дода мешаванд, ки ҷавобашон дар матн ҳаст. Аммо баъдтар, оҳиста-оҳиста саволҳоро тавре тартиб диҳед, ки ҷавоби онҳо бо роҳи таҳлилу хулоса ба даст ояд.

Саволгузорӣ барои такрор ва ба хотир овардани мазмуни дарсҳои гузашта низ кумак мекунад. Аз ин рӯ, дар қисматҳои такрори бобҳо чунин машғулиятҳо ҷой дода шудаанд.

Баъзе машғулиятҳо ёрии бештари устодро талаб мекунанд. Иҷрои чунин машғулиятҳо на танҳо барои инкишофи нутқ, балки барои инкишофи тафаккур ва бедор кардани шавқу ҳаваси бачагон ба донишомӯзӣ ва ихтироъкорӣ мусоидат мекунад.

Масалан, дар саҳифаи 41 чунин машғулият ҳаст:

Аз рӯйи расмҳо суҳбат кунед:






Ҳамин тариқ, роҳу усулҳои инкишофи нутқ бо роҳи саволу ҷавоб хеле гуногунанд. Аз ҳамаи онҳо пурсамар истифода баред. Аз бачаҳо хоҳиш кунед, ки ҳангоми ҷавоб додан ҷумлаҳоро пурра гӯянд.

## 11. ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ТАФАККУР (ФИКРРОНӢ)

Соли аввали таҳсил давраи ибтидоии ташаккул ва инкишофи тафаккур ба ҳисоб меравад. Аслан, ҳамаи машқҳо ва маводди таълиме, ки дар китоб оварда шудаанд, ба ин ё он андоза ба ташаккул ва инкишофи тафаккури хонанда равона шудаанд. Дар баробари ин матнҳо ё машқҳое низ ҳастанд, ки ҳадафи асосии онҳо такмил ва санҷиши инкишофи тафаккури хонанда аст. Барои ба даст овардани аввалин малакаҳои фикррронӣ дар зеҳни хонандагон чунин роҳу усулҳои мушаххас истифода шудаанд:

**а) Матнҳо аз рӯйи мақсад ба ду қисм ҷудо шудаанд.** Пас аз кор бо қисми аввал доир ба мазмуни қисми дуюм савол гузошта мешавад. Бачагон аввал худашон андешаҳояшонро мегӯянд. Баъд фикру андешаҳои онҳо бо матни аслӣ муқоиса мешавад. Матни “Раҳмат ба ту, додарҷон”, ки дар боло шарҳ дода шуд, аз ҳамин қабил матнҳост. Ҳоло матни дигареро баррасӣ мекунем:

### ФАРИШТАМОҲ (АФСОНА)



Буд, набуд, як подшоҳ буд. Ӯ як духтари зебову доно дошт. Номи духтараш Фариштамоҳ буд. Вақте Фариштамоҳ калон шуд, эълон кард, ки касеро ба шавҳарӣ қабул мекунад, ки беҳтарин чизи дунёро ба ӯ ҳадя кунад. Се шоҳзода талабгори ӯ шуданд. Онҳо ба ҷустуҷӯйи беҳтарин туҳфа ба роҳ баромаданд.

Шоҳзодаи якум як оина ёфт. Он ҳама ҷойи оламро нишон медод. Онро **оинаи ҷаҳоннамо** мегуфтанд.

Шоҳзодаи дуюм аспи паррон ёфт. Он парвоз мекард ва савори худро ба ҳар ҷое, ки хоҳад, зуд мебурд.

Шоҳзодаи сеюм як дарахти себ ёфт. Ҳар каси бемор, агар он себро хӯрад, зуд сиҳат мешуд.

Ҳар яке аз онҳо гумон мекард, ки туҳфаи беҳтаринро ёфтааст ва соҳиби Фариштамоҳ мешавад.

Шоҳзодаҳо дар як сароҳа бо ҳам вохӯрданд. Онҳо хостанд, ки аз ҳоли шоҳдухтар хабардор шаванд. Шоҳзодаи якум оинаи худро ба кор андохт. Онҳо диданд, ки Фариштамоҳ бемори вазнин шудааст ва табибон дар гирди ӯ ҷамъ омадаанд. Шоҳзодаи дуюм ҳамаро ба аспи паррони худ савор кард. Онҳо ба назди Фариштамоҳ омаданд. Шоҳзодаи сеюм себи худро ба ӯ дод. Фариштамоҳ себро хӯрда шифо ёфт.

Аммо баъд аз ин байни шоҳзодаҳо моҷаро хест. Шоҳзодаи якум гуфт:

– Фариштамоҳ аз они ман аст. Агар оинаи ман намебуд, мо аз бемориаш хабардор намешудем.

Шоҳзодаи дуюм гуфт:

– Фариштамоҳ аз они ман аст. Агар аспи паррони ман намебуд, мо зуд ба ин ҷо омада наметавонистем.

Шоҳзодаи сеюм гуфт:

– Фариштамоҳ аз они ман аст. Агар себи ман намебуд, ҳеҷ кас ӯро табобат карда наметавонист.

Баъд аз шунидан ё хондани ин порча ба бачагон бо чунин савол мурочиат мекунем:

*– Бачаҳои азиз! Ба фикри шумо, кадом туҳфа беҳтарин аст? Ба Фариштамоҳ ёрӣ диҳед, ки яке аз онҳоро интихоб кунад.*

Ҳамаи фикру мулоҳизаҳои бачагонро гӯш кунед. Андешаҳои онҳо набояд ба «дуруст» ва «нодуруст» ҷудо шаванд. Муҳимтар аз ҳама гуфтани ақида аст. Дар сурати интихоби яке аз тухфаҳо ба сифати туҳфаи беҳтарин хоҳиш кунед, ки хонанда фикри худашро асоснок кунад: *Чаро ту ҳамин хел фикр мекунӣ?*

Сипас, машғулияти инкишофи тафаккури хонандаро давом медиҳем. Ба ӯ чунин саволҳо дода мешаванд:

*– Одамон парвоз карда метавонанд? Бо чӣ?*

*– Оё ягон оинае ҳаст, ки тамоми оламро ба мо нишон диҳад? Номи он чист?*

*– Агар бемор шавем, чӣ мехӯрем?*

*– Ҳамаи он чизҳоеро, ки гуфтем, кӣ сохтааст?*

Ҳадафи асосӣ аз ин саволҳо ба даст овардани хулосаест, ки инсон ақл дорад ва бо истифода аз ақли худ ҳар чиз сохта метавонад.



Ниҳоят, охири афсонаро бигзор худи хонандагон хонанд. Зеро ҳар яки онҳо мехоҳанд донанд, ки ақидаи онҳо дуруст аст ё не.

Фариштамоҳ ҳайрон шуд. Ҳамаи шоҳзодагон барои наҷоти ӯ ёрӣ расонданд. Аммо кадомеро интихоб кунад? Охир, ӯ намехост касеро ранҷонад. Фикр кард, фикр кард ва ба хулоса омад, ки туҳфаҳои онҳоро намегирад. Фариштамоҳ ба шоҳзодаи якум оинаро баргардонида дод ва барои хизматаш ба шоҳзода тухфаи хубе дод. Ба шоҳзодаи дуюм ҳам ташаккур гуфту аспи парронро баргардонид ва барои ёрияш тухфаю пули бисёр дод. Аммо...Бо шоҳзодаи сеюм чӣ кор кунад? Охир, себи шоҳзодаро хӯрда буд!

Фариштамоҳ ноилоҷ шоҳзодаи сеюмро ба шавҳарӣ қабул кард. Онҳо солҳои дароз хушбахтона зиндагӣ карданд.

Хулоса ва ҷамъбасти ин машғулият низ хеле муҳим аст. Бачагонеро, ки андешаҳояшон бо мазмуни афсона дуруст набуд, рӯҳбаланд созед, гӯед, ки ҳар фикру андеша метавонад вуҷуд дошта бошад.

**б) Матн оварда шуда, хулосаи он ба худи бачагон ҳавола мешавад.** Дар мавридҳои зарурӣ ба бачагон барои хулоса кардани мазмуни ҳикоят ё матн ёрӣ расонед. Барои намуна як матнро аз назар мегузаронем:



## РӮБОҲ ВА ЛАКЛАК (АФСОНА)

Буд, набуд, як рӯбоҳ ва як лаклак буд. Онҳо бо ҳам ҷӯра шуданд. Рӯзе рӯбоҳ ба лаклак гуфт:

– Ҷӯраҷон, ба хонаи ман биё, туро зиёфат медиҳам.

Лаклак розӣ шуда, рӯзи дигар ба хонаи рӯбоҳ омад. Рӯбоҳ шавла пухта, табақи шавларо ба назди дӯсташ гузошт.

– Марҳамат, ҷӯраҷон, чӣ қадар ки хоҳӣ, хӯр!

Лаклаки бечора ба табақ нӯл зад, нӯл зад, аммо чизе хӯрда натавонист. Рӯбоҳ бошад, табақи шавларо то охир лесиду ба лаклак гуфт:

– Ҷӯраҷон, ками маро ба ҷойи зиёд қабул намо. Ҳар чӣ доштам, пешат гузоштам.

– Ба ҳаминаш ҳам раҳмат, – гуфт лаклак.

Ӯ ҳам рӯбоҳро ба хонааш ба меҳмонӣ даъват кард. Рӯзи дигар рӯбоҳ ба хонаи лаклак меҳмон шуда омад. Лаклак мастоба пухт. Баъд онро дар кӯзаи гарданборик кашида, ба назди рафиқаш гузошту гуфт:

– Хӯр, ҷӯраҷон, ҳар қадар ки дилат хоҳад, хӯр!

Рӯбоҳ кӯзаро лесид, бӯй кард, аммо чизе хӯрда натавонист. Лаклак бо нӯли дарозаш мастобаро то охир хӯрд. Рӯбоҳ бо шиками гурусна ба хонааш баргашт.

Бо ҳамин дӯстии лаклаку рӯбоҳ ба охир расид.

Саволҳое, ки ба ин матн гузошта шудаанд, ду ҳадаф доранд:

1. санҷиши мазмуни матн;
2. санҷиши тафаккур.

**Саволҳои гурӯҳи якум:**

• Рӯбоҳ барои лаклак чӣ пухт?

• Лаклак барои рӯбоҳ чӣ пухт?

**Саволҳои гурӯҳи дуюм:**

• Барои чӣ лаклак хӯрок хӯрда натавонист?

• Барои чӣ рӯбоҳ ҳам чизе хӯрда натавонист?

Ниҳоят, бо гузориши саволи зерин малакаи фикррониии бачагон ҷамъбаст мешавад:

• Чаро дӯстии рӯбоҳу лаклак ба охир расид?

Ҳамин тариқ, ҳамаи супоришҳое, ки дорои саволи «Чаро?», «Барои чӣ?» мебошанд, барои ташаккул ва инкишофи тафаккури хонандагон равона шудаанд. Устодон дар ҳар мавриди қулай метавонанд аз чунин роҳҳои саволгузорӣ истифода кунанд.

## 12. ТАҚВИЯТИ ХОТИРА

Тақвияти хотира, асосан, бо роҳи аз ёд кардани порчаҳои шеърӣ ва панду амсол ба роҳ монда шудааст. Ҳамчунин, дар такрори ҳар боб ба ёд овардани маводди гузашта ба тақвияти хотира кумак мекунад. Тақвияти хотира бо ташаккул ва инкишофи маҳорати хониши ифоданок сахт алоқаманд буда, дар баробари аз ёд кардан дуруст хондани онро низ дар назар дорад. Шеърҳое, ки роҷеъ ба мавзӯъҳои гуногун оварда мешаванд, аз ҷиҳати ҳаҷм, қобилияти фаҳмиш ва сатҳи мушкилӣ гуногунанд. Аксари шеърҳо аз осори шоирони номӣ буда, барои бачагони синни хурди мактабӣ эҷод шудаанд. Дар баробари ин, чанд порча панду ҳикматҳои шоирони классикӣ ва муосир низ оварда шудаанд. Ҳадафи он фаҳмиши ҳатмии мазмуни шеър набуда, дар хонандагон пайдо кардани ҳисси хушбинӣ ба мероси ниёгон ва сухани воло аст. Табиист, ки мазмуни асосии чунин шеърҳо аз ҷониби устод шарҳ дода мешавад.

Роҳҳои истифода аз шеър низ гуногун аст. Ба тариқи маҷбурӣ аз ёд кардани шеър ба мақсад мувофиқ нест. Шеъре, ки маҷбуран аз ёд мешавад, зуд фаромӯш хоҳад шуд. Яке аз роҳҳои бедор кардани шавқу ҳаваси бачагон ба шеър ва шеърдонӣ фароҳам овардани имконияти интихоби он аст. Масалан, дар оғози боби ОИЛА, вақте ки бобои Хирад барои додани калиди ин боғ аз бачагон гуфтани шеърро дар васфи падару модар хоҳиш мекунад, ду шеър оварда шудааст – яке дар васфи модар, дигаре – дар васфи падар. Беҳтар аст ба хонадагон имкон диҳем, ки худашон яке аз онҳоро аз ёд кунанд. Бачагони лаёқатманд метавонанд ҳар ду шеърро аз ёд кунанд.

Ҳамчунин, агар шеър ҳаҷман калон бошад, супориш додан лозим аст, ки онро пора-пора аз ёд кунанд. Ҳангоми хондан тартиби пораҳои шеър риоя мешавад.

Шеърҳои бачагона бо забони хеле содаву равон эҷод шудаанд, аз ин рӯ, аз ёд кардани онҳо барои хонандагон мушкилие ба бор намеорад.

Дар баробари аз ёд кардани шеър ба ифоданок хондани он низ бояд эътибор дод. Барои ифоданок хондани шеърҳо такрор ба такрор гӯш кардани сабти овозии он аҳаммияти калон дорад. Махсусан, ба назар гирифтан лозим аст, ки дар баъзе мавридҳо, вобаста ба талаботи вазн тақсими ҳиҷоҳо дар шеър ба таври ғайримаъмулӣ сурат мегирад. Намунаҳои он дар машқҳои **Менависем – Мехонем** оварда шудаанд. Ин тарзи хонишро дар ҳамаи шеърҳо таъкид кардан лозим аст.

## 13. ИНКИШОФИ МАЛАКАҲОИ ГУНОГУНИ ХОНАНДАГОН БО ИСТИФОДА АЗ БОЗИҲО, ЧИСТОНҲО, ТЕЗГӮЯКҲО

Дар китоби дарсӣ бозӣ мавқеи махсус дорад. Аксари онҳо ба гурӯҳи бозиҳои дидактикӣ дохил мешаванд. Бозиҳо ҳам дар инкишофи малакаҳои гуногуни бачагон нақши муҳим доранд ва ҳам барои истироҳату дамгирӣ. Бозиҳо аз як навъи машғулият ба навъи дигар гузаштанро таъмин мекунанд, хастагиро аз байн мебаранд, шавқу ҳаваси бачагонро ба мактабу китоб бештар месозанд. Бинобар ин, аз бозиҳо бамаврид истифода кардан лозим аст. Муҳим нест, ки бозӣ бо ҳамон тартиб ва дар ҳамон вақте гузаронида шавад, ки дар китоб омадааст. Ҷой ва вақти бозиҳоро дар ҷараёни дарс тағйир додан мумкин аст. Гузашта аз ин, бозиҳоро такрор кардан ва ё дар асоси мазмуни бозӣ онро дар дарсҳои дигар татбиқ кардан низ мумкин аст. Масалан, дар саҳифаи 117 бо номи ***Асрори калимаҳо*** бозии калимасозӣ ҷой дода шудааст. Бо истифода аз ин намуна устод метавонад дар дарсҳои дигар низ чунин бозиҳоро ба роҳ монад. Ё худ, бозии калимасозиро бо ҳарфи гуфташуда низ дар дарсҳои дилхоҳ ташкил кардан мумкин аст. Дар охири китоб низ намунаҳои гуногуни бозӣ ҷой дода шудаанд. Ин гуна бозиҳоро бачагон дар вақти танаффус ё дар хонаву кӯча бо дигарон низ иҷро карда метавонад. Кӯшиш кардан лозим аст, ки бозиҳои бачагон дар вақти берун аз мактаб низ харатери дидактикӣ дошта бошад, яъне бачагонро даъват кунед, ки дар баробари бозиҳои одии ҳамарӯза бо ин гуна бозиҳо (мактабхонӣ, калимаёбӣ, шаҳрёбӣ, ҳисобкунӣ ва ғайра) низ машғул шаванд.

Чистонҳо ва тезгӯякҳо дар китоб дар қатори бозиҳо омадаанд, зеро онҳо низ як навъ машғулияти истироҳатӣ ба ҳисоб мераванд. Ёфтани ҷавоби чистонҳо дар китоб бо роҳҳои гуногун нишон дода шудааст. Гоҳе ҷавоби чистон бо ҳарфҳои баръакс дар қавсайн дода мешавад, гоҳе дар ҷавоби чистон як ҳарф намерасад, ки онро худи хонандагон бояд ёбанд, гурӯҳи дигари чистонҳо бо расм оварда мешаванд. Ҳамаи ин гуногуншаклӣ ба хотири даст кашидан аз якрангӣ ва шавқовар кардани китоб ва дар айни замон тақвияти малакаҳои фикррониии бачагон бо роҳи ғайримаҷбурӣ аст.

Дар айни замон дар китоб бозиҳои нави дидактикӣ низ дода шудаанд (Диаграммаи Венн, Кластер, Синквейн), ки дар қисмати шарҳи бобҳо ва намунаҳои нақшаи дарсҳо муфассал шарҳ дода шудаанд. Тавсифи умумии ин навъи машғулиятҳо чунин аст:

**Диграммаи Венн.** Асоси диаграммаи Веннро давраҳое ташкил медиҳанд, ки якдигарро бурида мегузаранд. Диаграмма имконият медиҳад, ки маҳорати фикрии хонандагон инкишоф ёфта, мавзӯъҳоро таҳлилу таҷзия (анализ ва синтез) карда тавонанд.

Ин усул дар ҳамаи фанҳо аз рӯйи барномаҳои «Тафаккури интиқодӣ» ва «Қадам ба қадам» истифода мешавад:



Истифода аз ин метод имконият медиҳад, ки хонанда малакаи фикррونии мантиқии худро ташаккул диҳад. Яъне онҳо ду объекти муқоисашавандаро дида, фарқият ва умумияти онҳоро ба воситаи диаграммаи Венн муайян месозанд. Иҷрои супориш аз рӯйи ин диаграмма (қадамҳои стратегия) чунин аст:

• Гузориши проблема.

• Муайян намудани андозаҳо (параметрҳо)-и муқоиса.

• Ангезиши зеҳнӣ.

Кор аз рӯйи диаграммаи Венн дар гурӯҳҳои дунафара ё бештар аз он сурат мегирад. Пас аз анҷоми кор ҳар гурӯҳ натиҷаи онро муаррифӣ мекунад.

Намунаи кор аз рӯйи ин диаграмма мутобиқ бо матни «Деҳқон ва хирс» (Боби ҲАЙВОНОТ, с. 95) дар китоби дарсӣ дода шудааст.

**Синквейн**

Синквейн шакли ба худ хоси шеър мебошад, ки иборат аз панҷ мисраъ (сатр) буда, ҳар як мисраъ нисбат ба мазмуну шумораи калима талаботи махсусро талаб менамояд.

• Мисраи якум: Мавзӯъ (исм, як калима ё ибора).

• Мисраи дуюм: Муайян намудани мавзӯъ (ду сифат, ки бо ҳамин исм алоқаманд бошад).

• Мисраи сеюм: Амале, ки вобаста ба мавзӯъ ба ҷо оварда мешавад (се феъл).

• Мисраи чорум: Гуфторе, ки муносибати нависандаро ба мавзӯъ муайян мекунад (Як ҷумла, ки бо истифода аз ҳамон исм, сифат ва феъл сохта шудааст).

• Мисраи панҷум: Калимаи ҳаммаъно (синоним)-и мавзӯъ (исм).

***Намуна (мавзӯъ: гандум):***

**1.** Гандум.

**2.** Зард, сахт

**3.** Кишт мешавад. Мерӯяд. Месабзад.

**4.** Гандум месабзад ва зард мешавад.

**5.** Ғалла.

Устодони соҳибтаҷриба бо бозиҳое, ки дар китоби дарсӣ ҷой дода шудаанд, маҳдуд нахоҳанд шуд. Мо ҳамаи устодонро даъват мекунем, ки дар ин ҷода низ эҷодкорона фаъолият кунанд.

## 14. САНҶИШИ ДОНИШИ ХОНАНДАГОН БО ТАҲИЯИ ТЕСТҲО

Дар охири ҳар дарс ва ҳар боб барои санҷиши дониши хонандагон ва такрори мавзӯъ тестҳои сода тартиб додан мумкин аст. Барои инкишофи тафаккури хонандагон саволҳоро чунин таҳия кардан беҳтар аст, ки ҷавоби бевоситаи онҳо дар худи матн набошад. Беҳтар аст, ки саволҳо аз ҷиҳати сатҳи душворӣ гуногун бошанд, то ки ҳар хонанда дар тест иштирок карда тавонад. Ҳамчунин, ёфтани ҷавобҳои дурусти тестҳоро дар гурӯҳҳои дунафара низ ташкил кардан мумкин аст – бигзор хонандагон бо шарикдарсонашон суҳбат кунанд, ба ҳамдигар кумак кунанд. Муҳим он аст, ки ҳама кор карда, ҷавобҳои дурустро пайдо кунанд. Ҳамчун намуна барои дарси “Оилаи мо” (с. 21–22) чунин тестҳоро тайёр кардан мумкин аст:

1. Умедҷон хоҳар дорад?

А) Ҳа, Умедҷон хоҳар дорад.

Б) Не, Умедҷон хоҳар надорад.

2. Номи хоҳари Умедҷон чист?

А) Шукрона.

Б) Фарзона.

В) Мижгона.

3. Ҷамшеду Мижгона чанд фарзанд доранд?
А) як.
Б) ду.
В) се.

4. Номи падари Ҷамшед чист?
А) Хуршед.
Б) Умед.
В) Ҷамшед.

5. Кадом ҷумла дуруст навишта шудааст?
А) номи ман Парвиз аст.
Б) Номи ман парвиз аст.
В) Номи ман Парвиз аст.

Ин гуна тестҳоро вобаста ба имконияти мактаб бо роҳҳои гуногун пешниҳод кардан мумкин аст:

1. Дар варақҳои алоҳида ҳамаи тестҳоро чоп карда, ба ҳар хонанда додан;
2. Дар варақҳо ҳар тестро ба таври алоҳида чоп карда, ба бачагон вобаста ба сатҳи донишашон тақсим кардан;
3. Дар коғазҳо (флип-чартҳо) навишта, ба тахтаи синф насб кардан ва супоришро фаҳмондан;
4. Дар тахтаи синф навишта, ёфтани ҷавобҳои дурустро супориш додан.

Миқдори тестҳо низ гуногун буда метавонад. Масалан, агар барои такрори як мавзӯъ аз 3 то 5 савол пешниҳод шавад, барои такрори боб аз 5 то 8 тест пешниҳод кардан мумкин аст.

## 2. ТАҲЛИЛ ВА РАВИШИ ДАРСҲО
## ТАКРОР ВА ТАҲКИМИ “АЛИФБО” (16 СОАТ)

Тибқи барномаи таълим (2012) барои такрори “Алифбо” 10 соат ҷудо шуда буд. Он вақт миқдори соатҳои таълимӣ барои “Забони модарӣ” барои синфи якум 160 соатро ташкил медод. Пас аз он ки мӯҳлати таҳсил то 7 июн дароз карда шуд, миқдори соатҳои таълимӣ низ 10 соат афзойиш ёфт. Бо дарназардошти он ки пас аз хатми “Алифбо” бачагон як моҳ (январ) таътил доранд ва имкон дорад, ки баъзе чизҳои омӯхтаашонро фаромӯш карда бошанд, мо тасмим гирифтем, ки 10 соати иловагӣ чунин ҷудо карда шавад: 6 соат барои такрор ва таҳкими “Алифбо”, 4 соат барои такрори мавзӯъҳо дар охири соли таҳсил.

Ҳадафи асосии ин қисмати китоб бедор намудани шавқу ҳаваси хонандагон ба омӯзиши фанни забони модарӣ, тайёр кардани онҳо ба ҷараёни хондану омӯхтан, навиштану ба хотир гирифтан ва дарки муҳити атроф аст. Дар зимн ҳарфҳои алифбо, овозҳои садонок ва ҳамсадо, йотбарсарҳо, тарзи навишти баъзе ҳарфҳои мушкил ба тариқи такрор ёдрас мешаванд. Ҳамчунин, бачагон бо фасли зимистон ошно шуда, ҳисси ғамхорӣ ба ҳайвоноту парандагонро тақвият медиҳанд. Хеле муҳим аст, ки аз лаҳзаҳои аввали дарс ба бачагон фаҳмонем, ки дар дарсҳои забон мо навбат ба навбат ҳамроҳи дӯстонамон – Азизҷону Азиза ва роҳнамоии бобои Хирад дар боғи Дониш сайругашт мекунем. Шавқу ҳаваси бачагонро ба ин сайругашт бедор кунед. Бигзор онҳо худро дар олами афсонаҳо тасаввур кунанд.

**Дарсҳои 1-2**

**Мавзӯъ: Ҳарф ва овоз. Дар ҷустуҷӯйи дониш (2 соат)**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи муайяни вазъиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои ду-сеамалаи таълимӣ) риоя мекунад.**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**

**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**

**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- тарзи истифода аз китоби «Забони модарӣ»-ро фаҳмонда метавонанд;
- фарқи китобҳои «Алифбо» ва «Забони модарӣ»-ро гуфта метавонанд;
- аз рӯйи матни шунида саволу ҷавоб мекунанд;
- аз рӯйи мазмуни расмҳо ба саволҳо ҷавоб дода метавонанд;
- ҷумлаҳоро бо ҳарфҳои дастнавис навишта метавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, ҷадвали Алифбои тоҷикӣ, расмҳо, таҷҳизоти техникӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс**

1. Оғози дарс. Ба хотир овардани донишҳое, ки хонандагон аз “Алифбо” гирифта буданд. Ташвиқи хонандагон ба омӯзиши забон. Муаррифии китоби дарсӣ, мақсаду вазифаҳо ва муаллифони он.

Ба бачагон ёдовар шавед, ки нимсолаи якум онҳо кадом китобро хонданд (Алифбо) ва муаллифони он киҳо буданд. Пурсед, ки чиҳоро омӯхтанд (ҳарфҳо, овозҳо, навиштану хондан). Сипас, муқоваи китоби навро нишон диҳед ва хоҳиш кунед, ки номи онро хонанд (Забони модарӣ). Ба бачаҳо офарин гӯед ва маънои «забони модарӣ»-ро шарҳ диҳед. Хоҳиш кунед, ки бо навбат номи муаллифони китобро хонанд. Шарҳ диҳед, ки ин шахсон барои хурдтаракон ҳамин китоби зеборо таҳия кардаанд. Бо сурати муқоваи китоб кор карда, саволу ҷавоб ташкил кунед. Кӯшиш кунед, ки ҳар чи бештар миқдори хонандагон дар саволу ҷавоб иштирок кунанд. Масалан, ба саволи «Дар расм чиҳоро мебинед?» бигзор якнафарӣ ҷавоб диҳанд (дарахт, кӯҳ, гулҳо…). Вақте ба саволи «Дар расм киҳоро мебинед?» ҷавоби «як писарак ва як духтарак»-ро мешунавед, фаҳмонед, ки номи писарак Азизҷон ва номи духтарак Азиза аст ва ҳар дуи онҳо низ хонандагони синфи якум ҳастанд. Намунаи саволу ҷавоб чунин буда метавонад:

- *Дар расм киҳо тасвир шудаанд? (Дар расм духтарак ва писарак тасвир шудаанд).*
- *Онҳо дар даст чӣ доранд? (Онҳо дар даст китоб доранд).*
- *Онҳо ба куҷо мераванд? (Онҳо ба мактаб мераванд).*
- *Барои чӣ ба мактаб мераванд? (Барои хондан ба мактаб мераванд).*
- *Дар мактаб мехонанад. Боз чӣ кор мекунанд? (Менависанд, ҳисоб карданро ёд мегиранд, расм мекашанд…).*
- *Онҳо хурсанд ҳастанд ё ғамгин? (Онҳо хурсанд ҳастанд).*
- *Аз куҷо фаҳмидед? (Лабони пуртабассум доранд).*
- *Дар расм боз чиҳоро мебинед? (давом диҳед).*

**Тавсияҳо: ҳангоми саволу ҷавоб ба риояи меъёрҳои зерин диққат диҳед:**

- **Оё хонанда мазмуни саволро хуб дарк мекунад ё не?**
- **Оё мувофиқи савол ҷавоб медиҳад?**

- **Оё ҷавобҳо дар қолаби ҷумлаҳои дурустанд ё нодуруст?**
- **Оё озодона ва боваринок ҷавоб медиҳад ё не?**
- **Оё калимаҳоро тибқи қоидаҳои забони тоҷикӣ истифода мебарад ё не?**

Роҷеъ ба тоза нигоҳ доштани китоб, истифодаи он аз ҷониби додаракону хоҳаракони хурдсоли бачагон дар солҳои оянда суҳбат кунед.

2. Шиносоӣ бо аломатҳои шартӣ. Ин шиносии ибтидоӣ аст, шарт нест, ки дар як лаҳза ҳамаи онҳоро хонандагон дарк кунанд, дар дарсҳои минбаъда ҳар лаҳза аломатҳо ва маънои онҳоро ёдрас кардан лозим аст. Ба бачагон як-як аломатҳоро нишон дода, хоҳиш кунед, ки навиштаҳои паҳлуи онҳоро хонанд. Сипас, шарҳ диҳед, ки ин аломатҳо дар саҳифаҳои китоб ҳастанд ва ҳар яки онҳо маъно доранд.

Масалан, онҳоро чунин шарҳ додан мумкин аст:



*Бачаҳо, ин аломат маънои суҳбат бо бобои Хирадро дорад. Кӣ будани бобои Хирадро ман ба шумо баъдтар мефаҳмонам.*



*Аҳа, ин сурат ба чӣ монанд аст? (ҳамаи вариантҳои ҷавоброро то ёфтани варианти охирин қабул мекунем. Агар дар ёфтани ҷавоби дуруст мушкилӣ кашанд, кумак мекунем). Офарин! Мо дар китоб бисёр афсонаҳо, суҳбатҳои ширин ва шеърҳои хуб дорем, ки онҳоро мешунавем. Фаҳмидед? Офарин!*



*Ин сурати чист? Китоб. Саҳифаҳои он кушода аст ё пӯшида? Мо барои чӣ китобро мекушоем? Офарин, барои хондан. Пас, ҳар ҷо ҳамин аломат бошад, мо ҳама он матнро мехонем. Фаҳмидем?*



*Кӣ мегӯяд, ин ҷо чӣ тасвир ёфтааст? Офарин, қалам (ручка) ва дафтар. Мо бо ручка чӣ кор мекунем? Дар дафтар менависем. Дар китоб ҳар гоҳ ҳамин аломатро бинем, мо навиштанро машқ мекунем.*



*Ана инаш чӣ, кӣ мегӯяд? Намедонед? Дар паҳлуяш чӣ навишта шудааст? «Савол». Инро аломати савол мегӯянд, ҳар гоҳ, агар мо аз касе чизеро пурсем, савол медиҳем. Шумо агар дар саҳифаҳои китоб ҳамин аломатро бинед, ба саволҳои гузошта ҷавоб медиҳед, хуб?*



*Ана ин боз як аломати дигари аҷоиб. Медонед, маънои «супориш» чист? Масалан, агар модаратон ба шумо гӯяд, ки «Манижаҷон, дарсатро такрор кун!» - ин супориш аст. Ҳар ҷо агар супорише бошад, мо якҷоя онро иҷро мекунем. Шумо розӣ? Офарин!*



*Канӣ, Бежан, дар ин расм киҳоро мебинӣ? Офарин, як писараку як духтарак. Медонӣ, онҳо чӣ кор мекунанд? Дуруст, гап мезананд, яъне суҳбат мекунанд. Дар ин китоби мо суҳбатҳои аҷибу шавқовар хеле бисёранд. Ҳар ҷо ҳамин аломат бошад, мо ҳам суҳбат мекунем.*




*Ин ҷо чиро мебинед? Дуруст, рақамҳо (3, 10, 5, 54, 18, 7, 26). Аммо ин аломати «Бозӣ» аст. Шумо бозиро дӯст медоред? Дар китоб ҳам бозиҳо ҳаст, фақат ин бозиҳои муъҷизанок, яъне бозиҳое, ки ҳам моро шод мекунаду ҳам ягон чизро ёд медиҳад. Дидед, мо чӣ хел китоби нағз дорем!*



*Ин расми чист? Соат. Бо соат мо чиро чен мекунем? Вақтро. Ин ҳам аломати як намуди бозӣ аст, ҳамон бозие, ки иҷрои онро бо вақт чен мекунем, мусобиқа мекунем, мефаҳмем, ки кӣ супоришро аз ҳама пештар иҷро мекунад.*



*Ана инро, бачаҳо, аломати хитоб мегӯянд. Ҳар гоҳ шумо ин аломатро дар тарафи чапи китоб бинед, чунин маъно дорад, ки он навиштаҳоро бояд дар хотир гирем.*




*Кӣ мегӯяд, дар дохили ин расм ягон ҳарф ҳаст? Офарин, ҳарфи «ч». Кӣ бо ин ҳарф калима мегӯяд? Чинор, чормағз, чой, чор… Офарин, боз? Хайр биёед, ман як чиз мегӯям, шумо гӯед, ки он чист: Мехи заррин, таги замин. Чист он? Офарин, сабзӣ. Ман ба шумо чистон гуфтам, шумо ёфтед. Мо бо ин аломат аз китоб чистонҳои зиёдро ёд мегирем.*

**Луғат**

**Панду амсол**

**Қоида**

*Бачаҳои азиз! Ҳар калимаи наве, ки ёд мегирем, луғат аст. Ҳар гоҳ ин аломатро бинед, калимаҳо ва маънои онҳоро ба хотир супоред. Хуб? Офарин.*

*Ин аломати панду амсол, яъне панду насиҳатҳои бобою падарони мо аст. Онҳо ба мо роҳи дурусти зиндагиро нишон медиҳанд.*

*Ҳар як чиз, бачаҳои азиз, қоида дорад. Забон ҳам қоидаҳои худашро дорад. Ин қоидаҳо бо ҳамин аломат ишора мешаванд. Фаҳмидед? Офарин!*

*Акнун саҳифаи дигари китобро мекушоем.*

3. Суҳбат аз рӯйи расми саҳифаи 4. Ташкили саволу ҷавоб роҷеъ ба расм. Шарҳи мафҳуми «ҷустуҷӯйи дониш».

*Саволҳои намунавӣ барои суҳбат аз рӯйи сурат:*

*– Дар расм чиҳоро мебинед? Номи онҳо чист? (барг, китоб, қалам, тақвим, абр…)*

*– Онҳо барои чӣ лозиманд?*

*– Чанд китоб ҳаст?*

*– Чанд қалам ҳаст?*

*– Қаламҳо чӣ хеланд?*

Вақте ба саволи «*Чанд китоб ҳаст?*» ҷавобҳои гуногунро мешунавед (5, 6, 7) бачагонро бо калимаи «нодуруст» рӯҳафтода накунед (аксари бачаҳо дар аввал китоб ё дафтари бозро мушоҳида намекунанд). Шарт нест, ки ҳамаи ашёи расм тавсиф шавад. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки ҳама бачаҳо ба расм нигоҳ карда, фикр кунанд ва ҷавоби худро гӯянд. Дар охир худатон расмро тавзеҳ диҳед.

4. Шунавоӣ. Матни саҳифаи 5-ро пурра шунавонед ва ё худатон хонед. Ҳангоми хондан ба суръат ва оҳанги хониш риоя кардан лозим аст. Аз бачаҳо маънои онро пурсед. Бигзор ҳар кас чизи фаҳмидаашро гӯяд. Сипас, бачаҳоро бо қаҳрамонони китоб – бобои Хирад ва Азизҷону Азиза шинос кунед. Фаҳмонед, ки Азизҷону Азиза ҳамсолону ҳамсинфони бачаҳоянд. Мафҳуми «ҷустуҷӯйи дониш»-ро фаҳмонед.

5. Омӯзиши луғат. Аз бачаҳо хоҳиш кунед, ки саҳифаи 6-ро кушоянд. Аломатҳои «навиштан» ва «ба хотир гирифтан»-ро ёдовар шуда, супориш диҳед, ки маънои калимаҳоро пайдо карда, нависанд. Ҳар гоҳ дар фаҳмидани маъно мушкилӣ кашанд, ба тарзи осонтар онҳоро шарҳ диҳед (ба дафтари машқ нигаред).

6. (Ин қисмат ҳатмӣ нест, ба хусусияти синф ва сатҳи омодагии бачагон вобаста аст). Баъди иҷрои машқи боло ба матни саҳифаи 5 бармегардем. Хонандагон ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд. Матн аз рӯйи ишораҳои рангаи пахлуӣ ба бачагон аз рӯйи қобилияташон тақсим карда мешавад (қисматҳои калонтар барои бачагони болаёқат, қисматҳои хурд ба бачагони дигар). Ба онҳо вақт дода мешавад, ки қисмати худашонро мустақилона хонанд. Баъд бонавбат матнро мехонанд. Ҳангоми хондан шояд баъзе калимаҳои дигаре бошад, ки маънои онро бачаҳо нафаҳманд. Бинобар ин, вақте як нафар як бандро мехонад, маънои онро аз дигарон пурсед. Агар лозим шавад, барои фаҳмондани матн кумак кунед.

7. Тарзи навишт ва тарзи талаффузи ибораҳоро ба бачагон фаҳмонед (с. 6) ва якҷоя талаффузи дурусти онҳоро такрор кунед. Сипас, ба иҷрои машқи хат мегузарем. Ин имкон медиҳад, ки як узви ҳисси хонандагон истироҳат карда, аз узвҳои ҳисси дигар (биноӣ ва ломиса) истифода кунем. Ҳангоми иҷрои машқ хотиррасон кунед, ки навиштанро аз куҷо сар кунанд (дар китоб дар аввали сатрҳо ҷойи холӣ мавҷуд аст, бачагон навиштанро дар дафтари машқ иҷро мекунанд).

8. Санҷиши фаҳмиши матн. Инкишофи нутқ (Агар лозим шавад, матни с. 5-ро бори

дигар шунавонед). Аз хонандагон хоҳиш мешавад, ки бо навбат мазмуни асосии матнро бозгӯ кунанд. Барои ин хонандагонро ба гурӯҳҳо тақсим кардан мумкин аст. Ба ҳар гурӯҳ, бигзор, худи бачаҳо ном гузоранд. Бачагон худашон, ё бо ёрии устод ба чунин хулоса меоянд (аз ҳар гурӯҳ як нафар фикри умумиро баён мекунад):

*Г. 1. – Мо хондан ва навиштанро аз «Алифбо» ёд гирифтем. Хондан ва навиштан калиди дониш аст. Бо ин калид мо дарвозаҳои боғи донишро мекушоем. Дониш мегирем.*

*Г. 2 . – Китоби «Забони модарӣ» моро ба сайругашт ва ҷустуҷӯ дар «Боги Дониш» даъват мекунад. Дар ин сафар дӯстони ҳамсоламон – Азизҷону Азиза ва Бобои Хирад ҳамроҳи моянд.*

*Г. 3. – Онҳо ба мо ҳама чизро ёд медиҳанд: одоби салом, шинухез, ҳурмати падару модар, эҳтироми устод ва калонсолон, беҳтар хондану навиштан, суҳбат кардан.*

*Г. 4. –Мо якҷоя бо онҳо ба сайри дашту саҳро ва кӯҳу гулзор меравем.*

*Г. 5. – Ба мо дар бораи ҳайвоноту парандагони афсонаю ҳикоятҳои шавқовар мегӯянд.*

*Г. 6. – Мо якҷоя бо онҳо ба шаҳру деҳаҳо меравем.*

*Г. 7. – Шеър мехонем, бозӣ мекунем.*

*Г. 8. – Чӣ будани Ватан, дӯстӣ ва одамро мефаҳмем.*

*Г. 9. Мо бо онҳо дӯст мешавем, суҳбат мекунем. Бисёр чизро ёд мегирем.*

9. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Дарс ва маводди омӯхташударо бо роҳи саволгузорӣ ҷамъбаст кардан мумкин аст:

*– Номи китоби мо чист?*

*– Бобои Хирад кист?*

*– Азизҷону Азиза киҳоянд?*

*– Мо ҳамроҳи онҳо дар куҷо сайругашт меунем?*

*– Онҳо ба мо чиро ёд медиҳанд?*

Ҳамчунин, ба иҷрои кори бачагон дар дафтари машқ таваҷҷуҳ кунед ва онҳоро низ арзёбӣ кунед.

10. Таҳсину офарин гуфтанро ба ҳамаи хонандагон, махсусан, ба онҳое, ки нағз иштирок карданд, фаромӯш накунед.

| |
|---|
| Таъкид: 1. Ташкили лаҳзаҳои дамгириро фаромӯш намекунем. Онро ҳар лаҳзаи муносиб, вақте ҳис кардем, ки бачаҳо хаста шудаанд, ташкил мекунем. Беҳтар аст, ки танаффус ба охири ягон машғулият рост ояд. Аммо агар вақти танаффус ба миёнаи фаъолият рост ояд, онро қатъ карда, пас аз танаффус аз такрори лаҳзаҳои муҳимми он сар мекунем.<br>2. Дар синфҳое, ки миқдори бачагон хеле зиёд аст, шояд гузаронидани ҳамаи машғулиятҳои дарсӣ имкон надошта бошад. Дар ин маврид вақтро аз ҳисоби кӯтоҳтар кардани шарҳи муфассали аломатҳои шартӣ, сарфи назар кардан аз машғулияти 8 (ки онро худи омӯзгор ҷамъбаст мекунад) ва ғайра сарфа кардан мумкин аст. |

## Дарсҳои 3-4

## Мавзӯъ: Дар боғи дониш. Хониши матн дар нақшҳо (2 соат)

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**

**1. 2. 1. Дар вазъиятҳои муайян (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 3. 3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

– Матнҳои хурди содаро хонда метавонанд;
– Ҷумлаҳои содаро аз рӯйи нақшҳо мехонанд;
– Қоидаҳои хатро риоя карда, ҳарфу калимаҳоро дуруст менависанд;
– Мазмуни матни шунидаро муайян мекунанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, ҷадвали "Алифбои тоҷикӣ", дафтари машқ, расмҳо, таҷҳизоти техникӣ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Машғулияти 8-ро аз дарси гузашта ба ёд оред ва бо бачагон такрор кунед. Саволҳои машғулияти 9-ро такроран пешниҳод кунед:

*– Номи китоби мо чист?*
*– Бобои Хирад кист?*
*– Азизҷону Азиза киҳоянд?*
*– Мо ҳамроҳи онҳо дар куҷо сайругашт мекунем?*
*– Онҳо ба мо чиро ёд медиҳанд?*

2. Кор бо расми саҳифаи 7. Намунаи саволу ҷавоб бо ин расм:

*– Дар расм киҳоро мебинед? (– Як мӯйсафед, як писарак, як духтарак).*
*– Медонед, номи онҳо чӣ буд?(– Номи мӯйсафед – бобои Хирад, номи писарак – Азизҷон, номи духтарак – Азиза).*
*– Азиҷону Азиза киҳоянд? (– Хонандагони синфи якум).*
*– Кӣ мегӯяд, дар болои дарвоза чӣ навишта шудааст?(– Боғи Дониш).*
*– Офарин! Медонед, «Боғи Дониш» чӣ маъно дорад? (– ...)*

*– Биёед, бодиққат гӯш кунед, ман ба шумо мефаҳмонам: Шумо боғро дидаед? Офарин! Дар боғ чиҳо ҳаст? (– Себ, анор, ангур, дарахт, гул...)*

*– Пас, боғ ҷоест, ки чизҳои хубу зебо дорад. Боғи Дониш ҳам маънои ҷойро дорад, ҷое, ки дониш дорад, чизҳои омӯхтанӣ, ёд гирифтанӣ дорад. Аммо онро дида намешавад, ба даст гирифта намешавад. Онро бо хондану навиштан фаҳмидан мумкин аст. Хуб, бачаҳо, дар сурат боз чиҳоро мебинед? (– Дарахтонро).*

*– Дуруст. Дарахтон чӣ хел мешаванд?(– Сабз, баланд, мевадор...).*
*– Офарин! Гулҳо чӣ?(– Сурх, сафед, зард. Боз хушбӯй, хушрӯй).*
*– Бисёр хуб. Кӣ мегӯяд, дарвоза кушода аст ё пӯшида?(– Дарвоза пӯшида аст).*
*– Дуруст. Медонед, барои ба боғ даромадан чӣ даркор?(– Калид).*
*– Офарин! Аммо калидро аз куҷо ёбем? (– ...).*

*– Медонед, бачаҳо, калиди боғ дар дасти бобои Хирад аст. Бобои Хирад бисёр инсони хуб аст. Аммо калидро ба осонӣ намедиҳад. Барои калидро ба даст овардан нағз хондан лозим. Чӣ гуфтед, нағз мехонем?*

*– Ҳа, албатта!*

Хеле хуб мешавад, агар омӯзгор пешакӣ аз коғази ғафс (картон) шакли рамзии дарвоза ва калидчаи зарринро созад ё ин корро бевосита бо бачагон анҷом диҳад. Мавҷуд будани дарвозаи боғ дар синф ҳамеша бачагонро ташвиқ мекунад, то ки супоришҳоро бехато анҷом дода соҳиби калид шаванд. Дар ин маврид бачагон низ худро дар олами афсонаи аҷибу ғариб бо номи "Дар боғи дониш" тасаввур мекунанд, шавқи онҳо ба хондану донистан бештар мешавад.

3. Шунавоӣ. Фаҳмиши матни шунида. Аввал ба бачагон аломатҳои шартии саҳифаи 8-ро нишон дода, ба ёдашон оред, ки онҳо чӣ маъно доранд. Сипас, сабти овозии матнро ба бачагон барои шунидан пешкаш кунед. Агар имконияти шунавонидани сабти овозӣ набошад, онро худатон хонед. Зимни хондан ба оҳанги гуфтор – намудҳои ҷумла (ҳикоягӣ, саволӣ, хитобӣ), хусусиятҳои забони калонсолон ва хурдсолон (бобои Хирад, Азизҷон ва Азиза) диққат диҳед. Пас аз анҷоми кор мазмуни мухтасари матнро аз бачагон пурсед. Агар худи бачагон шавқу рағбат нишон надиҳанд, шавқи онҳоро бо роҳи саволгузорӣ

бедор кунед:

*– Бачаҳо ба куҷо рафтанд?*

*– Онҳо киро диданд?*

*– Номи аслии бобои Хирад чӣ будааст?*

*– Чаро ба боғ даромадан осон набудааст?*

*– Боғ саг доштааст?*

*– Бобои Хирад калиди боғро ба кӣ медиҳад?*

*– Шумо ҳам мехоҳед, ки калидро гиред ва ба боғ дароед?*

4. Кори мустақилона. Иҷрои нақшҳо. Пас аз ин саҳифаи китобро кушода, бачагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо мекунем. Дар ҳар гурӯҳ як кас гӯянда мешавад, дигаре – бобои Хирад, сеюмӣ – Азизҷон ва чорумӣ – Азиза. Агар тақсими тамоми синф ба гурӯҳҳои чорнафара имконнопазир бошад, дар баъзе гурӯҳҳо нақши як касро ба ду кас пешниҳод кардан мумкин аст. Бачагон худашон қисматҳои худро мустақилона мехонанд. Пас аз омода шудан ба назди тахта омада, ин суҳбатро дар шакли саҳнача ба дигарон пешниҳод мекунанд. Вобаста ба вақт имкон диҳед, ки ҳар чӣ бештар гурӯҳҳо ин саҳначаро иҷро кунанд. Барои кори ҳар гурӯҳ кафкӯбӣ карданро фаромӯш накунед.

5. Омӯзиши луғат. Ба бачагон супориш диҳед, ки калимаҳои бо ранги сурх ишорашударо аз матн ёбанд ва хонанд. Хуб аст, агар маънои баъзе калимаҳоро худи бачагон шарҳ диҳанд. Аммо, агар мушкилӣ ба миён ояд, маънои ҳар яке аз онҳоро шарҳу тавзеҳ диҳед. Пас аз фаҳмидани маънои калимаҳо иҷрои супориши дафтари машқро пешниҳод кунед (нигаред ба дафтари машқ). Дар зимн иҷрои ду машқи дигарро низ аз дафтари корӣ (навиштани номи қаҳрамонҳои китоб ва калимаҳое, ки ҳарфи "ӯ" доранд) фаромӯш накунед.

6. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Бо такрори саволҳо оид ба мазмуни матн (қисмати 3) дарсро ҷамъбаст ва дониши бачагонро арзёбӣ кунед. Иҷрои супоришҳоро дар дафтари машқ санҷида, ташаккули салоҳиятҳои фаҳмидан, навиштан ва омӯзиши луғатро муайян намоед. Бачаҳоро ташвиқ кунед, ки имрӯз бисёр кори хуб карданд, ба гирифтани калиди боғ тайёр шуданд. Аммо дар пеш боз супоришҳои дигар ҳаст...

**Таъкид:** Барои ғалатҳои ҷойдошта хонанда(гон)-ро сарзаниш накунед. Дастовардҳои хонанда(гон)-ро бо дигарон муқоиса накунед. «Ин аз вай донотару вай аз ин нодонтар аст» нагӯед. Инкишофи худи хонандаро муқоиса кунед. Масалан, Сарвиноз, як моҳ пеш тамоман ба саволҳо ҷавоб намедод. Имрӯз ба ду савол (бигзор ҷавоби ӯ ба ҳамаи меъёрҳо ҷавобгӯй набошад) ҷавоб дод. Пешравии ин хонанда аён аст, ҳарчанд суст ҳам бошад. Бо хонандагони алоҳида кор кунед. Шояд барои баъзеҳо ду ё се бор фаҳмондан даркор бошад, ё шояд бо баъзеи дигарон усули таълимро дигар кардан зарур аст.

Таъкидҳои боло ба ҳама намуди фаъолиятҳои таълимии хонанда(гон) дахл дорад.

Азбаски хонандагон тайи як моҳ дар таътил буданд, шояд баъзе ҳарфҳо ва қоидаҳои навиштанро фаромӯш карда бошанд. Аз ин рӯ, бори дигар қоидаҳои навиштанро ба ёд оред. Масалан, ботартиб навиштани унсурҳои ҳарф, васл кардани ҳарфҳо, мавзун ва моил навиштан ва ғайра. Дар вақти боқимондаи дарс хонандагон аз рӯйи намунаи китоб калима ва ҷумлаҳоро рӯйнавис мекунанд.

Эзоҳ: Бозиҳои дилхушӣ ва таълимиро, ки барои рафъи хастагӣ пешбинӣ шудаанд, дар лаҳзаҳои мувофиқ гузаронед.

**Дарсҳои 5-6**

**Мавзӯъ: Такрори ҳарфу овозҳо. Машқи навишти ҳарфҳое, ки шакли китобӣ ва дастии онҳо тафовут дорад. (ҳамагӣ 4 соат, 2 соати аввал)**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 2. 1. Дар вазъиятҳои муайян (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**

**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**

- Ҳарфҳои алифборо бо тартиб мехонанд;
- Садонокҳо, ҳамсадоҳо ва йотбарсарҳоро аз ҳамдигар фарқ карда метавонанд;
- Калимаҳое, ки ҳарфҳои йотбарсар доранд, дуруст мехонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, ҷадвали “Алифбои тоҷикӣ”, расмҳо, таҷҳизоти техникӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Такрори мавзӯи гузашта. Мазмуни матни саҳифаи 8-ро ёдовар шавед. Онро метавонед бори дигар шунавонед. Таъкид кунед, ки шарти асосии соҳиб шудан ба калиди боғ иҷро кардани супоришҳои бобои Хирад аст. Роҷеъ ба алифбои тоҷикӣ, ҳарфҳо ва овозҳо муҳимтарин маълумотро аз “Алифбо” такрор кунед.

2. Кор бо ҷадвалҳои алифбо. Маводди ин дарс саҳифаҳои 9-11-ро дар бар гирифтааст. Дар ин саҳифаҳо чор ҷадвали алифбо оварда шудааст, ки ҳар яке аз онҳо ҳадафҳои алоҳида доранд. Дар ду соати аввал бо се ҷадвали алифбо (с. 9-10) кор мекунем. Синфро ба се гурӯҳ аз рӯйи лаёқату истеъдоди бачагон тақсим кунед (Хонандагон набояд донанд, ки гурӯҳи якум сустхон асту гурӯҳи дигар аълохон). Ҷадвали якум фақат бурро хондани ҳарфҳои алифборо дар назар дорад. Ин кори нисбатан осон аст, аз ин рӯ, иҷрои ин супоришро ба бачагони нисбатан сустхон тақсим кунед. Супориш барои ҷадвали дуюм ҷудо кардани ҳарфҳо аз рӯйи ранг ба садонокҳо, ҳамсадоҳо ва йотбарсарҳо аст. Беҳтар аст, агар худи бачаҳо ба маънои ин рангҳо аз рӯйи хусусиятҳои ҳарфҳо сарфаҳм раванд. Агар онҳо мушкилӣ кашанд, фаҳмонед, ки чаро садонокҳо бо ранги сабз, ҳамсадоҳо бо ранги сурх ишора шудаанд (Ранги сабз аломати роҳи кушода аст, вақти талаффузи садонок роҳи ҳаво кушода мешавад. Сурх – аломати баста будани роҳ аст. Зард аломати мобайнӣ аст, ки хусусиятҳои ҳардуро дорад, яъне ин ҳарфҳо (йотбарсарҳо) дорои ду овоз – ҳамсадо ва садонок мебошанд). Ҷадвали сеюм ба дарки ҳамшаклии ҳарфҳо ва бо ҳамроҳ кардани унсурҳои иловагӣ (хатча, думча) сохта шудани ҳарфҳои дигар равона шудааст. Бачагон ба ҳарфҳои ҳамранг (Г, Ғ; Е, Ё; И, Й, Й; К, Қ; У, Ӯ; Х, Ҳ ва Ч, Ҷ) тавaҷҷуҳ карда, умумият ва тафовути онҳоро дармеёбанд. Ин корҳоро бачагон дар дафтари машқ иҷро мекунанд.

Ҳангоми иҷрои супоришҳо ба назди ҳар гурӯҳ рафта, ҷараёни кори хонандагонро мушоҳида кунед, агар ҳангоми иҷрои супориш иштибоҳ кунанд, кумак кунед. Ба бачагон иҷозат диҳед, то ки бо ҳамдигар маслиҳат кунанд, вале назорат кунед, ки бо овози паст суҳбат кунанд ва ба кори гурӯҳи дигар халал надиҳанд. Пас аз анҷоми кор ва ташкили лаҳзаи дамгирӣ ба ҳар гурӯҳ иҷозат диҳед, ки як нафарро интихоб кунанд, то ки аз номи гурӯҳ иҷрои супоришро ба ҳама нишон диҳад. Ҳамин тариқ, ҳама дар бораи ному тартиби ҳарфҳо, садонокҳо, ҳамсадоҳо, йотбарсарҳо ва ҳамшаклии ҳарфҳо маълумот мегиранд.

3. Санҷиши донишҳои гирифта. Бачагонро даъват кунед, ки тарафи рости супориши **Менависем–Мехонем-**ро бо дафтарашон пӯшонанд. Бо навбат аз шогирдон хондани калимаву таркибҳоро хоҳиш кунед. Зимни хондани онҳо ба тарзи талаффузи йотбарсарҳо ва артикли номуайянии **–е** (ки бояд **йе** хонда шавад: зебойе) эътибор диҳед. Агар хатое ҷой дошта бошад, аввал аз дигар шогирдон хоҳиш кунед, ки он хаторо ёбанд. Дар акси ҳол,

талаффузи бачагонро ислоҳ кунед.

Барои ташкили лаҳзаи дамгирӣ аз чистони саҳ. 9 истифода кунед.

4. Машқи навиштан. Дар дафтари машқ ду машқи навиштан пешниҳод шудааст. Ба бачагон якфарфӣ тақсим кунед ва навиштани калимаҳоро бо ин ҳарф супориш диҳед. Сипас маънои зарбулсамали саҳифаи 10-ро аввал аз бачагон пурсед ва барои ҳама шарҳ диҳед. Фаҳмонед, ки ин насиҳати бобои Хирад аст. Онро зебо нависанд ва аз ёд кунанд.

5. Ҷамъбасти дарс/Арзёбӣ. Салоҳиятҳоро дар шакли пурсиши корҳои гурӯҳӣ анҷом додан мумкин аст. Намояндаи ҳар гурӯҳ супориши иҷрокардаашро нишон медиҳад: 1) Як нафар ҳарфҳои алифборо бурро мехонад, дигар аъзои гурӯҳ бо ҳамон ҳарф мисол меоранд; 2) Як нафар ҳарфҳоро ба садонокҳо, ҳамсадоҳо ва йотбарсарҳо ҷудо карда мехонад, аъзои дигари гурӯҳ мисол меоранд; 3) Як нафар ҳарфҳои ҳамшаклро мехонад, дигарон мисол меоранд. Ғайр аз ин, салоҳиятҳои навиштан ва инкишофи тафаккурро аз рӯйи иҷрои машқҳои дар дафтари машқ пешниҳодшуда санҷед.

**Дарсҳои 7-8**

**Мавзӯъ: Такрори ҳарфу овозҳо. Гурӯҳбандии ҳарфҳо ва овозҳо (4 соат, 2 соати охир)**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- Ҳарфҳои алифборо бо тартиб мехонанд;
- Садонокҳо, ҳамсадоҳо ва йотбарсарҳоро аз ҳамдигар фарқ карда метавонанд;
- Калимаҳое, ки ҳарфҳои йотбарсар доранд, дуруст мехонанд;
- Мефаҳманд, ки ҳарфҳои “ъ” ва “ӣ” дар аввали калима навишта намешаванд;
- Тартиби ҳарфҳоро дар алифбо аз ёд мекунанд;
- Малакаҳои дуруст навиштани ҳарфҳои мушкилро тақвият медиҳанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, ҷадвали “Алифбои тоҷикӣ”, коғазпораҳо бо ҳарфҳои гуногун, расмҳо, таҷҳизоти техникӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Такрори мавзӯи гузашта. Кори гурӯҳии гузаштаро ба ёд оварда, такрор кунед. Барои таҳкими фаҳмиши ҳарфу овозҳо аз коғазпораҳо бо ҳарфҳои гуногун истифода баред. Ҳарфҳои коғазиро навбат ба навбат ба гурӯҳҳои гуногун тақсим карда, иҷрои ин корро ба худи бачагон супоред: як нафар ҳарфро нишон медиҳад, нафари дигар онро мехонад, нафари сеюм бо он ҳарф мисол меорад.

2. Кор бо ҷадвалҳои алифбо. Дар дарси гузашта се ҷадвали алифборо таҳлил кардем. Акнун бо ҷадвали чорум кор мекунем. Ҷадвали чорум донистани тартиби ҳарфҳоро дар алифбо месанҷад. Ба супориш таваҷҷуҳ кунед: *Ҳангомиботартиб навиштани ҳарфҳои алифбо Азизҷон якчанд ғалат кард. Ба вай ёрӣ диҳед, ки ғалатҳояшро ислоҳ кунад.* Яъне, тартиби ҳарфҳо дар ҷадвал дуруст нест. Бачагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, иҷрои мустақилонаи ин супоришро ба онҳо вогузор намоед. Бачагон ҳангоми иҷрои ин супориш набояд ба ҷадвали алифбо дар саҳифаҳои дигари китоб нигоҳ кунанд. Беҳтар аст онро дар дафтари машқ иҷро кунанд (ниг. дафтари машқ, дарси 7-8).

Ҳангоми иҷрои супоришҳо ба назди ҳар гурӯҳ рафта, ҷараёни кори хонандагонро мушоҳида кунед, агар ҳангоми иҷрои супориш иштибоҳ кунанд, кумак кунед. Ба бачагон иҷозат диҳед, то ки бо ҳамдигар маслиҳат кунанд, вале назорат кунед, ки бо овози паст суҳбат кунанд ва ба кори гурӯҳи дигар халал надиҳанд. Пас аз анҷоми кор ва ташкили

лаҳзаи дамгирӣ ба яке аз гурӯҳҳо иҷозат диҳед, ки як нафарро интихоб кунанд, то ки аз номи гурӯҳ иҷрои супоришро ба ҳама нишон диҳад. Гурӯҳҳои дигар дурустиву нодурустии иҷрои супоришро месанҷанд.

3. Инкишофи тафаккур. Иҷрои супориши саҳифаи 11-ро фаҳмонед. Дар баробари такрори ҳарфҳо ва шинохти онҳо бачагон навиштани ҳарфҳои нисбатан мушкилро, ки шакли навишти чопӣ ва дастии онҳо (Т, К, Х, Ҳ, Ӯ, Ӣ, Ф, М, Ш) аз ҳамдигар фарқ мекунад, ёд мегиранд. Шумо метавонед мисли ин машқҳои дигарро низ пешниҳод кунед. Дар дафтари машқ ин расмҳо оварда шудаанд, ба бачагон супориш диҳед, ки номи ҳар ҳайвонро дар зери сураташ нависад.

*(Номи ҳайвонотро, ки дар сурати саҳифаи 11 тасвир ёфтаанд, хотиррасон мекунем: тӯтӣ, кабӯтар, кабк, хурӯс, шутур, моҳӣ, мор, харгӯш).*

4. Машқи навиштан. Дар дафтари машқ ду супориши навиштан ҳаст: якум, дар тахтаи синф чор ҳарфи "о"-ро ба шаклӣ дастӣ нависед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки ба онҳо унсурҳои дигари хатро илова карда, калимаҳои дигар созанд ва нависанд. Намунаи ин калимаҳо: *бобо, одоб, обод, додо, дада, адаб*. Ин машқ ҳамзамон барои инкишофи тафаккур пешниҳод шудааст. Машқи дигари навиштан ба шинохти садоноку ҳамсадо ва йотбарсарҳо равона шудааст.

5. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Ҳарфҳои дар коғазпораҳо навишташударо як-як ба шогирдон нишон дода, хоҳиш кунед, ки номи онҳо ва ба кадом гурӯҳ (садонокҳо, ҳамсадоҳо, йотбарсарҳо) тааллуқ доштани онҳоро гӯянд. Ҳангоми душворӣ кашидан ба онҳо иҷозат диҳед, ки аз гурӯҳбандии ҳарфҳо дар саҳ. 11 истифода кунанд. Ба хотир гиред, ки кадоме аз бачагон ин вазифаро дуруст иҷро накарданд, дар дарсҳои оянда бо ин гурӯҳ, вақте ки дигарон бо иҷрои супориши дигар машғуланд, чунин машғулиятро такроран анҷом диҳед. Ба салоҳиятҳои навиштани хонандагон аз рӯйи иҷрои машқи супоришҳои дафтари машқ баҳо гузоред.

Ба бачагон "Аҳсан" гӯед, ки имрӯз ҷӯянда шуда, бисёр чизҳоро худашон ёфтанд. Онҳо барои гирифтани калиди боғ боз наздиктар шуданд.

## Дарсҳои 9-10

**Мавзӯъ: Ҳиҷо ва калима. Зимистон (6 соат, ду соати аввал)**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 3. 3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- фасли зимистонро шиносанд ва тавсиф карда тавонанд;
- дар бораи бозиҳои зимистона ҳикоя карда тавонанд;
- маънои калимаҳои наврро шарҳ диҳанд;
- аз ҳарфҳои як калима калимаҳои дигар сохта тавонанд;
- ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои зарурӣ гузошта, ҷумлаҳоро зебо ва беғалат навишта тавонанд;
- ғамхорӣ кардан нисбати парандагонро дарк кунанд (салоҳияти тарбиявӣ).

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, ҷадвали "Алифбои тоҷикӣ", расмҳо, таҷҳизоти техникӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Омӯзиши ин қисмати китоб ба фасли зимистон рост меояд. Бинобар ин, шаш соати таълимиро барои матнҳои фасли зимистон ҷудо кунед. Ҳадафи асосии ин мавзӯъ на танҳо шинохти яке аз фаслҳои сол, хусусиятҳои он, бозиҳои зимистона ва ёдрас кардани моҳҳои сол аст, балки ба даст овардани малакаҳои забонӣ ва таҳкими донишҳои аз "Алифбо" андӯхтаи бачагон низ дар назар дошта мешавад. Пас аз такрори мавзӯи гузашта (барои такрор аз ҳарфҳои дар коғазпораҳо навишташуда истифода кунед) таваҷҷуҳи шогирдонро ба расми саҳифаи 12 ҷалб кунед.

2. Шиносоӣ бо зимистон. Инкишофи нутқ. Беҳтар аст, ки кор бо сурат бо саволҳои одӣ, аз қабили "*Дар расм киҳо (чиҳо)-ро мебинед?"* маҳдуд нашавад. Барои дарки хусусиятҳои фасли зимистон чунин саволҳоро низ илова кардан мумкин аст:

*– Чаро дарахтон барг надоранд (сабз нестанд)?*

*– Чаро дарахтон аз хунукӣ хушк намешаванд?*

*– Барои чӣ мо дар зимистон либоси гарм мепӯшем?*

*– Барои бемор нашудан чӣ кор кардан лозим аст?*

ва ғайра. Ин гуна саволҳо ба бачагони хурдсол имкон медиҳад, ки роҷеъ ба ин фасли сол маълумоти бештар гиранд. Дар деҳот ба ин суҳбат мавзӯи дамгирии замин, ба киштукори баҳорӣ тайёр шудан ва ғайраро илова кардан мумкин аст.

3. Фаслҳои сол. Суҳбатро давом дода, роҷеъ ба фаслҳои сол ва пайдарпайии онҳо, бозиҳои зимистона ва нигоҳ доштани саломатӣ саволу ҷавоби озод ташкил кунед. Номи фаслҳои солро дар тахтаи синф нависед (ё ин корро ба шогирде вогузор кунед) ва супориш диҳед, ки бачагон онро ба дафтар кӯчонанд.

4. Хониш ва дарки маъно. Матни саҳифаи 13-ро бачагон аввал мустақилона мехонанд. Барои ин ба бачагон пешниҳод кунед, ки худашон аз рӯйи аломати шартии "Бихонед" он матнро пайдо кунанд. Калимаҳои нофаҳмо (**бутта, намудор шудан, парешон, лаҳза, бедарак** ва ғайра)-ро шарҳ диҳед. Сипас, бо овози баланд хондани онро бо навбат ба роҳ монед. Саволҳоро барои пайдо кардани ҷавоб метавонед ба гурӯҳҳо тақсим кунед ё ҳама онро якҷоя иҷро мекунанд. Баъдан, чистонҳоро ҳамчун лаҳзаи дамгирӣ истифода кардан мумкин аст.

5. Калима ва ҷумла. Ёдовар шавед, ки аломати пай дар пай омада дар охири саҳифаи 13 чӣ маъно дорад. Беҳтар аст, ки ду супориши дар ин саҳифа омадаро бачаҳо дар гурӯҳҳо иҷро кунанд. Супориши аввал, ки аз ҳиҷоҳо сохтани калимаҳоро талаб мекунад, нисбатан осонтар аст. Онро ба гурӯҳи бачагони нисбатан сустхон супориш диҳед. Супориши дуюмро ҳам ба ҷумлаҳои якуму дуюм ҷудо карда, ба гурӯҳҳои гуногун тақсим кардан мумкин аст. Ҳангоми иҷрои ин вазифа ба назди бачагон рафта, кори онҳоро мушоҳида кунед. Иҷозат диҳед, ки ҳангоми иҷрои супориш бо ҳамдигар бо овози паст маслиҳат кунанд. Пас аз иҷрои он аз ҳар гурӯҳ якнафариро ба тахта даъват кунед, то кори анҷомдодаи худро дар тахтаи синф нависанд. Дигарон низ ба дафтарҳои худ ин навиштаҳоро мекӯчонанд.

6. Суҳбат роҷеъ ба ҳаёти парандагону ҳайвонот дар фасли зимистон. Мақсади асосии хониши матни хурдакак дар аввали саҳифаи 14 бедор кардани меҳри бачагон ба дӯстони хурдсоли инсон – парандагону ҳайвоноти хонагӣ аст. Суҳбатро васеъ карда, метавонед пурсед: *Кӣ дар хона (ҳавлӣ) ягон паранда ё ҳайвони хонагӣ дорад? Барои чӣ ҳайвоноти хонагӣ бе либос хунук намехӯрад?* Пас аз гирифтани ҷавобҳои мусбат, бигзор, бачагон дар бораи нигоҳубини ин ҳайвон (паранда) суҳбат кунанд.

7. Машқи хат. Дар китоби дарсӣ машқи навишти ҳарфи "С" оварда шудааст. Супориш диҳед, ки онро дар дафтари машқ иҷро кунанд. Ҳангоми иҷрои машқ ба назди бачагон рафта, дар сурати зарурӣ ба онҳо ёрӣ расонед. Тарзи дуруст навиштан ва пайвасти ҳарфҳоро дар тахтаи синф нишон диҳед.

8. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Барои ҷамъбасти дарс ба таври намуна чунин саволу ҷавобро ташкил кардан мумкин аст:

*– Кӣ мегӯяд, мо имрӯз дар бораи чӣ суҳбат кардем?*

*– Дар зимистон барф меборад?*

*– Барои чӣ дар фасли зимистон ҳаво хунук мешавад? (Бигзор бачаҳо фикри худашонро гӯянд, ҳамаи андешаҳоро қабул кунед).*

*– Дар зимистон шумо кадом бозиҳоро дӯст медоред?*

*– Боз кадом фаслҳоро медонед?*

*– Бобои барфӣ кист?*

*– Ҷашни соли нав кай мешавад?*

*– Ба парандагону ҳайвоноти хонагӣ чӣ хел ёрӣ додан мумкин аст?.. ..*

Салоҳиятҳои навиштанро аз рӯйи иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ санҷед. Пас аз анҷоми саволу ҷавоб таҳсину офарин хондан ба бачагонро фаромӯш накунед. Ба бачагон супориш диҳед, ки аз падару модарашон пурсанд, ки онҳо дар кадом моҳ таваллуд шудаанд ва номи моҳи таваллудашонро дар хотир нигоҳ доранд. Ин дар дарси оянда лозим мешавад.

## Дарсҳои 11-12

**Мавзӯъ: Ҳиҷо ва калима. Зимистон. Моҳҳои сол (6 соат, 2 соати мобайнӣ)**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи муайяни вазъиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои ду-сеамалаи таълимӣ) риоя мекунад.**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- қаҳрамонҳои асосии матни шунидаро муайян карда тавонанд;
- мазмуни асосии матнро бо роҳи саволу ҷавоб гуфта тавонанд;
- порчаҳои кӯтоҳи матнро бурро хонда тавонанд;
- номи моҳҳои солро номбар карда тавонанд;
- ба ҷойи нуқтаҳо ҳарфҳои заруриро гузошта, калимаҳоро дуруст навишта тавонад;
- порчаҳо хурди шеърири бурро хонда, аз ёд карда тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, 12 коғазпора бо зикри номи моҳҳо, расмҳо, таҷҳизоти техникӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Саволҳоро аз ҷамъбасти дарси гузашта такрор кунед. Пеш аз шунавонидани матни "Хирс ва рӯбоҳ" (с. 14) аз бачагон пурсед, ки оё онҳо чӣ будани хирсу рӯбоҳро медонанд ё не. Ба онҳо ёрӣ диҳед, ки роҷеъ ба хирсу рӯбоҳ тасаввурот пайдо кунанд.

2. Шунавоӣ. Инкишофи нутқ. Сабти овозии матнро шунавонед. Агар имконияти техникӣ набошад, худатон хонед. Ҳангоми хондан ба оҳанг эътибор диҳад, ҳар гоҳ сухан аз забони хирс ё рӯбоҳ равад, овозро дигар кунед. Мазмуни матн осон бошад ҳам, ба хотир гирифтани номи моҳҳо бо як бор шунидан ғайриимкон аст. Бинобар ин, ҳангоми бори дуюму сеюм шунавонидан ё хондан таваҷҷуҳи бачагонро барои аз ёд кардани номи моҳҳо ҷалб кунед. Сипас, нақли мазмуни афсонаро хоҳиш кунед. Ҳангоми нақл сухани бачагонро набуред, агар иштибоҳ кунанд, аз дигарон ислоҳ кардани онро хоҳиш кунед. Бачагонро ба ду гурӯҳ ҷудо карда, супориш диҳед, ки калимаҳои дорои ҳарфи "я" ва "ю"-ро аз матн ёфта, ба дафтари машқ нависанд.

3. Ба хотир гирифтани номи моҳҳо. Ин кор барои кӯдаки хурдсол мушкил аст. Барои ин аз коғазпораҳое, ки дар онҳо номи моҳҳо бо рақамҳои аз 1 то 12 навишта шудаанд, истифода мекунем. Бачагонро ба гурӯҳҳои 12-нафара ҷудо кунед. Агар ба ин адад пурра тақсим нашаванд, ба баъзеҳо дутоӣ коғазпора диҳед. Бачаҳо аз рӯйи рақамҳо қатор истода, номи моҳҳои дар коғазпораи худ бударо аввал бо навбат мехонанд, Сипас, он номҳоро бо ҳамон навбат (кӣ аз паси кӣ?) аз ёд мегӯянд. Коғазпораҳоро иваз карда, онро идома медиҳанд. Иҷрои ин бозиро дар вақти танаффусу пас аз дарс низ хоҳиш кунед. Ин корро чанд маротиба бо ҳар гурӯҳ иҷро кунед. Чунин тарзи кор имкон медиҳад, ки бачагон бе маҷбурӣ, оҳиста-оҳиста номи моҳҳоро ёд гиранд. Барои ба хотир гирифтани номи моҳҳо иҷрои машқи навиштани моҳи мувофиқ дар хоначаҳои холӣ ёрӣ мерасонад (нигаред ба дафтари машқ).

**Таъкид:** Барои дар ин соати дарсӣ аз ёд накардани номи моҳҳои сол бачагонро сарзаниш накунед. Онҳо моҳҳои солро дар ҷараёни таҳсил, ё солҳои минбаъда худашон аз ёд мекунанд.

Дар идомаи ин кор аз бачагон хоҳиш кунед, ки ҳар кас чунин ҷумларо гӯяд: Ман дар моҳи .. .. таваллуд шудаам (Агар ягон кас моҳи таваллуди худро надонад, ҳар кадом моҳро метавонад интихоб кунад ва дар хона онро ислоҳ кунад). Тезгӯякро (с. 15) барои лаҳзаи дамгирӣ истифода баред.

5. Мавқеи истифодаи ҳарфи “ҳ”. Иҷрои супориши саҳифаи 15, махсусан, барои дуруст навиштани калимаҳое, ки дар охирашон ҳарфи “ҳ” доранд (дар забони гуфторӣ он одатан талаффуз намешавад) ва ҳамчунин, барои бачагони Бадахшон дар аввали калима навиштан ва талаффуз кардани он хеле муҳим аст.

6. Хониши бурро. Шеъри “Зеби зимистон”-ро бурро хонед. Аз ёд кардани онро бо роҳи тақсимбандии байтҳо ташкил кардан мумкин аст. Ба бачагон фурсат диҳед, ки худашон лаҳзае такрор карда, то ҷое ки имкон доранд, аз ёд кунанд. Сипас, байтҳои алоҳидаро ба бачагони алоҳида тақсим кунед. Вақте ки бачаҳо байтҳои азёдкардаи худро бо тартиб чанд маротиба дар назди ҳама мехонанд, дигарон низ бо роҳи гӯш кардан метавонанд онро пурра аз ёд кунанд. Ба ҳар касе, ки дар вақти ҷудошуда аз уҳдаи аз ёд кардани шеър мебарояд, таҳсину офарин хонед, дигаронро даъват кунед, ки ба пешқадамон баробар шаванд. Талқин кунед, ки яке аз шартҳои гирифтани калид аз дасти бобои Хирад аз ёд гуфтани ҳамин шеър аст. Бигзор, бачагони қафомонда дар хона онро дар ҳамкорӣ бо калонсолон аз ёд кунанд.

7. Ҷамъбасти дарс/арзёбӣ. Арзёбиро бо роҳи шӯхӣ низ ташкил кардан мумкин аст. Масалан, пурсед, ки хирси хоболуд чанд моҳ хоб мекунад ва он моҳҳо кадомҳоянд. Аз як-ду нафар гуфтани тезгӯякро ҳам бори дигар хоҳиш кунед, бигзор бачаҳо ханданд. Бо ҳамовозӣ якҷоя хондан ё аз ёд гуфтани шеъри “Зеби зимистон” зеби анҷоми кори имрӯза хоҳад шуд. Салоҳияти навиштанро аз рӯйи иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ санҷед. Дар охир ҳама барои бомуваффақият анҷом додани ҳамаи супоришҳои ин боб кафкӯбӣ кунанд ва ба вохӯрии навбатӣ бо бобои Хирад ва Азизҷону Азиза омода шаванд. Аз бачагон хоҳиш кунед, ки барои дарси оянда шеърҳои дӯстдоштаашонро дар бораи падару модар такрор карда оянд.

## Дарсҳои 13 – 14

**Мавзӯъ: Бозиҳои зимистона. Таҳкими малакаҳо оид ба ҳарфҳо ва ҳиҷоҳо. Машқи хат (6 соат. 2 соати охир)**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 2. 1. Дар вазъиятҳои муайян (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

– бозиҳои зимистонаро номбар карда тавонанд;
– қоидаҳои эҳтиёт карданро ҳангоми бозӣ медонад ва истифода мекунад;
– дар бораи бозиҳои зимистона ҳикоя карда тавонанд;
– маънои калимаҳои навро шарҳ диҳад;
– номи бозиҳои зимистонаро навишта тавонанд;
– аз ҳарфҳои як калима калимаҳои дигар сохта тавонанд;
– ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои зарурӣ гузошта, ҷумлаҳоро зебо ва беғалат навишта тавонад.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, 12 коғазпора бо зикри номи моҳҳо, расмҳо, таҷҳизоти техникӣ, расмҳои бозиҳои зимистона, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1) Омӯзиши мавзӯи навро бо суҳбат аз рӯйи расмҳо оғоз намоед. Расм (суратҳо)-ро дар бораи чанасаворӣ, яхмолакбозӣ ва чавгонбозӣ нишон дода, дар бораи қоидаҳои гузарондани ин бозиҳо суҳбат кунед. Дар ҷараёни суҳбат маънои калимаҳои «лезак», «яхмолакбозӣ», «чана», «чавгон»- ро шарҳ диҳед. Пас аз анҷоми суҳбат аз шогирдон пурсед: “Оё шумо ҳам ба бозиҳои зимистона машғул мешавед?” Дар бораи навъ ва қоидаҳои ин бозиҳо пурсон шуда, дар охир ба масъалаи эҳтиёт шудан ҳангоми бозиҳои зимистона диққати ҷиддӣ диҳед. Дар бораи роҳҳои пешгирии афтидан ва захмӣ шудан маслиҳат диҳед. Ҳангоми захмӣ шудан фавран даъват кардани одамони калонсолро таъкид намоед. Дар ин дарс хонандагони синфи якум шифоҳӣ ҳикоя (нақл) карданро меомӯзанд. Барои ҳамин пешакӣ дар бораи бозиҳои зимистона ҳикояи хеле хурд тартиб додан лозим аст.

2) Ба хонандагон гӯед, ки мо имрӯз ҳикоя карданро ёд мегирем. Ҳоло мову шумо дар бораи бозиҳои зимистона ҳикоя мекунем. Пешакӣ оғози ҳикояро дар варақи калон ё тахтаи синф нависед.

*Намунаи оғози ҳикоя: «Фасли зимистон аст. Мо фасли зимистонро дӯст медорем. Барои он дӯст медорем, ки ……. ».*

3) Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро хонанд. Беҳтар аст, агар онро ягон талабаи пешқадам хонад. Пас аз хондан диққати хонандагонро ба нуқтаҳои бисёри охири ҷумла ҷалб кунед ва пурсед, ки барои чӣ дар давоми ҳикоя нуқтаҳои бисёр гузошта шудааст? Фикри онҳоро ҷамъбаст ё илова карда фаҳмонед, ки нуқтаҳои бисёр чунин маъно дорад, ки ин ҳикоя нотамом аст ва онро бояд ба анҷом расонем. Биёед, ин корро мову шумо мекунем. Яъне шумо бояд давом диҳед. Ба ҳамин тариқ, хонандагонро ба давом додани ҳикоя ҳидоят намоед. Азбаски ин таҷрибаи аввал аст, хонандагон метавонанд якҷоя давоми ин ҳикояро гӯянд. Барои ин чанд нафарро гӯш карда, гунаи беҳтарашро интихоб намоед.

4) Мазмуни ҳикоя метавонад чунин бошад: «*Фасли зимистон аст. Мо фасли зимистонро дӯст медорем. Барои он дӯст медорем, ки дар ин фасл мо ба таътил мебароем. Дар вақти таътил барфакбозӣ, чанасаворӣ ва яхмолакбозӣ мекунем. Аз бозӣ хурсанд мешавем».*

| Таъкид: Аз рӯзи аввали шифоҳӣ тартиб додани ҳикояҳо ва саволу ҷавоб ба ҷанбаҳои зерин диққат диҳед ва риояи онро аз хонандагон талаб намоед:<br>– риояи қоидаҳои забони тоҷикӣ ҳангоми гуфтор;<br>– пайдарпайии матиқии баён (аввал чӣ буд, баъд чӣ шуд?);<br>– дар қолаби ҷумлаҳои содаи дуруст баён кардани фикр. |
|---|

5) Барои инкишофи малакаҳои навиштан хонандагон аввал навиштани номи бозиҳои зимистонаро дар тахтаи синф машқ карда, сипас, ба дафтарҳои худ мекӯчонанд.

6) Шеъри “Лезаки ман”-ро ба хонандагон пешниҳод кунед. Беҳтар аст, агар онро дар вараќи алоҳида чоп карда, ба ҳар хонанда яктоӣ таќсим кунед. Шеърро ифоданок хонед. Ҳаҷми шеър нисбатан калон аст, бинобар ин, онро ба порчаҳо таќсим кунед. Ҳар хонанда (ё гурӯҳ) як порчаи дилхоҳи худро барои хондан ва аз ёд кардан интихоб мекунад. Аз ҳар гурӯҳ якнафариро даъват карда, хониши пурраи шеърро ташкил кунед. Дар зимн шарҳи калимаҳои навро фаромӯш накунед.

7) Машќи хат. Аз 15 то 20 даќиќаи ваќтро барои иҷрои машќи хушнависии ҳарфи “о” (саҳ. 16) ҷудо кунед. Ҳарфҳо ва байтро дар тахтаи синф ҳам нависед. Ҳангоми иҷрои машќ ба назди бачагон рафта, дар мавридҳои зарурӣ ба онҳо ёрӣ диҳед, дар дафтарашон нависед.

8) Дар вараќ ё тахтаи синф калимаҳоро (5 калима) зебо ва хоно нависед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар зарфи як даќиќа ин калимаҳоро хонанд ва ба тарзи навишти онҳо диккат диҳанд. Пас аз як даќиќа калимаҳои навиштаро пӯшонед. Хонандагон онро дар дафтари худ менависанд. Сипас, рӯйи навиштаҷотро кушоед. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки навиштаҳои худро бо нусхаи асл муќоиса намуда, ғалатҳои худро ёфта, ислоҳ кунанд.

Унсурҳои зерин ислоҳ карда мешаванд:

- унсурҳои ҳарфҳо;
- ќоидаи васлшавии ҳарфҳо;
- риояи масофаи байни калимаҳо;
- покизагӣ (бе ислоҳ ва бе сиёҳ кардан);
- ғалатҳои имлоӣ: ҳарф партофта шудааст, ҷойи ҳарфҳо иваз шудааст.

9) Дар давраи таълими «Забони модарӣ» хонандагони синфи якум аз ҳарфҳои як калима чанд калима сохтанро ёд мегиранд. Ин кор ба маќсади инкишофи захираи луғавӣ ва малакаи фикррониии хонандагони хурдсол мусоидат мекунад. Барои ҳамин аз рӯзи аввал ба хонандагон тартиби иҷрои ин фаъолиятро фаҳмонед ва нишон диҳед. Масалан, супориш чунин аст: Аз ҳарфҳои калимаи **зимистон** калимаҳои гуногун созед. Барои ин аввал ҳамроҳи хонандагон миќдори ҳарфҳои калимаро муайян кунед.

*Зимистон - 8 ҳарф.*

*Кадом ҳарфҳо? з, и, м, и, с, т, о, н.*

*Калимаҳое тартиб медиҳем, ки ин ҳарфҳоро дошта бошанд. Намуна: миз, мис, сим, ист, тоз, ноз, мон, из, мизон ва ғайра.*

Маънои калимаҳои тартибдодаро шарҳ медиҳем. Масалан, из – пай (изи пой - пайи пой).

**Ҷамъбаст/Арзёбӣ.** Ҳангоми арзёбии маҳорати шифоҳӣ (ҳикоя тартиб додан) аз меъёрҳои зерин истифода кунед.

Ҳикояи тартибдодаи хонанда:

- ба мавзӯъ мувофиќ аст;
- аввал, ќисми асосӣ ва анҷом дорад;
- тартиби калимаҳо дар ҷумлаҳо дурустанд;
- ҷумлаҳо пайдарпай ва бо ҳам алоќаманданд;
- меъёрҳои забони тоҷикӣ риоя шудаанд.

Маҳорату салоҳиятҳои дигари хонандагонро аз рӯйи иҷрои супоришҳои дафтари машќ санҷед.

## Дарсҳои 15 - 16

**Мавзӯъ: Ҷамъбасти маводди боби якум. Арзёбии салоҳиятҳои боби якум.**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 1. Ќоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи муайяни вазъиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои ду-сеамалаи таълимӣ) риоя мекунад.**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутќи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар наќшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 1. Дар вазъиятҳои муайян (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**
**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**
**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**
**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**
- ҳамаи ҳарфҳои тоҷикиро шиносанд;
- садонокҳо ва ҳамсадоҳоро аз ҳамдигар фарқ карда тавонанд;
- медонанд, ки йотбарсарҳо ҳарфҳои дуовоза мебошанд ва ин ҳарфҳоро дар дохили калимаҳо дуруст талаффуз кунанд;
- калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда тавонанд;
- аз ҳиҷоҳои додашуда калима созанд;
- дар мавзӯи фасли зимистон ва бозиҳои зимистона ба таври сода саволу ҷавоб карда тавонанд;
- номи моҳҳо ва фаслҳои солро асосан донанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, 12 коғазпора бо зикри номи моҳҳо, расмҳо, таҷҳизоти техникӣ, расмҳои бозиҳои зимистона, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**
1) Аввал бо роҳи аз ёд хондани порчаҳои шеърӣ хотираи хонандагонро месанҷем. Аз ёд хондани шеърро танҳо аз онҳое пурсед, ки ҳанӯз ҷавоб надодаанд. Барои худ роҷеъ ба ҳар хонанда дар мавриди тақвияти хотира қайдҳо анҷом диҳед.
2) Барои санҷиши салоҳиятҳои шинохти ҳарфҳо, хондан, фаҳмидан, шунидану гуфтан аз латифаи "Чаро?" истифода мебарем. Аввал, матнро барои хонандагон мехонем ва калимаҳои нофаҳморо шарҳ медиҳем. Сипас, матни латифаро ба ҷумлаҳо ҷудо карда, ба бачагон яктоӣ ҷумла тақсим мекунем.

| Таъкид: Ҷумлаҳои латифа асосан содаанд. Танҳо ду ҷумлаи охир исбатан дароз аст. Онҳоро ба бачагони лаёқатманд тақсим кунед, |
|---|

Ба бачагон чунин супориш медиҳем:
А) Ҷумларо нависанд (барои санҷиши маҳорати рӯйбардоркунии хонанда).
Б) Миқдори калимаҳоро дар ҷумла ҳисоб кунанд (дарки чӣ будани калима).
В) Миқдори калимаҳои як/ду/се/чорҳиҷоиро ҳисоб кунанд.
Г) Миқдори садонокҳо, ҳамсадоҳо ва ҳарфҳои йотбарсарро ҳисоб кунанд (набудани ҳарфи йотбарсар ҳам нишони донистани он аст).
Ғ) Мазмуни ҷумлаи навиштаро гуфта диҳанд.
Д) Ба мазмуни ҷумла саволи одӣ тартиб диҳанд.
Е) Бачагонеро, ки ҷумлаҳои якхела доранд, паҳлуи ҳам мешинонем ва хоҳиш мекунем, ки ҳамдигарро санҷанд.
Ж) Барои ҳар ҷумла якнафариро ба тахта даъват карда, кори анҷомёфтаро таҳлил мекунем.
Намунаи кор:
Ҷумла: **Ба як табақ манту оварданд**.
Иҷрои супориш:

| Навъи супориш | Дуруст | На он қадар дуруст | Нодуруст |
|---|---|---|---|
| Рӯйбардор кардани ҷумла | | | |
| Панҷ калима | | | |
| Ду калимаи якҳиҷоӣ (ба, як), ду калимаи дуҳиҷоӣ (табақ, манту), як калимаи сеҳиҷоӣ (оварданд) | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Садонокҳо: 8 (шашто “а”, якто “у”, якто “о”); Ҳамсадоҳо: 13 (дутоӣ “б”, “д”, “н”, “т”; яктоӣ “к”, “қ”, “м”, “в”, “р”); Як йотбарсар: “я” (й + а). | | | |
| Ба назди Афандӣ дар як табақ манту оварданд. | | | |
| Ба назди Афандӣ чӣ оварданд? (Як табақ манту) | | | |

Ба ҳар ҷавоби дуруст 3 хол, нимадуруст 2 хол ва бештар хатодошта 1 хол мегузорем ва салоҳиятҳои умумии хонандагонро муайян мекунем (Ин фақат барои омӯзгор аст, на барои хонандагон). Барои ҳар хонанда ҷиҳатҳои қавӣ ва заифро муайян намуда, фаъолияти худро дар оянда мутобиқи он ба роҳ мемонем.

3) Бачагон хаста шудаанд. Бинобар ин, машқи навбатиро бо роҳи саволу ҷавоб иҷро мекунем:

- *Бачаҳо, мо чанд чашм дорем? (дуто)*
- *Боз кадом узви мо дутоист/ҷуфт аст? (гӯш, по, даст, абру, лаб...)*
- *Мо чанд даҳон дорем? (якто)*
- *Забони мо чандтост? (якто).*
- *Медонед, барои чӣ дутоӣ чашму гӯшу дасту по дорем, аммо яктоӣ даҳону забон? (...).*

Ба бачагон моҳияти тарбиявии ин масъаларо шарҳ медиҳем: бояд бештар бинем, шунавем, кор кунем, аммо камтар гап занем, хӯрем.

4) Чистонро барои санҷиши инкишофи тафаккур истифода мебарем:

- *Карнай чист?*
- *Чаро гӯшро ба карнай монанд кардаанд?*
- *Магар карнай хап аст?*
- *Аз ҳама гап бохабар будан чӣ маъно дорад?*
- *Боз кӣ чистон медонад?*

**Натиҷаҳои арзёбӣ**

Натиҷаҳои арзёбии салоҳиятҳо хеле муҳим аст. Беҳтар аст, агар роҷеъ ба ҳар хонанда дар як варақ пешрафту комёбиҳо ва мушкилиҳояшро қайд карда, бо падару модар ва ё наздикони дигари ӯ суҳбат кунем. Роҳҳои бартараф кардани камбудиҳои ҳар хонандаро ба волидонаш/наздиконаш фаҳмонед, то ки дар хона бо ӯ кор кунанд.

## БОБИ ОИЛА (14 СОАТ)

Оила дар синни хурди мактабӣ баробар ба дунёи кӯдакист. Дар баробари ошно шудан бо номҳои хешутаборӣи адабӣ (падар, модар, бародар, хоҳар) бачагон меҳру муҳаббати модарон ва ғамхориҳои падаронро дарк мекунанд, ҳисси дӯстдории муҳити оилавии худро тақвият медиҳанд, одоби суҳбатро бо калонсолон ёд мегиранд. Дар баробари ин донишҳои худро оид ба шинохти ҳарфу овозҳо, калимаҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳои сода бештар месозанд. Навишти ҳарфи калонро дар аввали номи одамон ёд мегиранд. Салоҳиятҳои шунавоӣ ва хониши бурроро инкишоф медиҳанд, қобилиятҳои аввалини муколама бо якдигарро ҳосил мекунанд. Аввалин машқҳоро оид ба сохтани ибораҳо ва ҷумлаҳои сода аз рӯйи намунаҳо иҷро мекунанд. Мавзӯи “Артиши миллӣ”, ки дар ин боб оварда шудааст, дар рӯзи мувофиқ омӯхта мешавад. Агар тибқи ҷадвали дарсҳо ин ҷашн ба рӯзи дигар рост ояд, онро ба ҳамон рӯзи мувофиқи дигар (ҳатто ба боби дигар) гузаронидан мумкин аст. Барои такрори боб машқу матнҳое оварда шудаанд, ки хонандагон маводди азхудкардаашонро на бо роҳи маҷбурӣ, балки бо роҳи иҷрои супоришҳои сода, шунидани суҳбати бобои Хирад ва Азизҷону Азиза, сохтани ҷумлаҳои сода ва шеър гуфтан дар васфи падару модар ба хотир меоранд ва дониши худро мустаҳкам мекунанд.

Дар ин боб машқҳои хушнависӣ барои навиштани баъзе ҳарфҳо оварда шудаанд. Машқҳои хушнависиро аз рӯйи супоришҳои дафтари машқ анҷом диҳед.

Таъкид: Дар ин қисмати китоб барои омӯхтани калимаҳои хешутаборӣ оилае тавсиф ёфтааст, ки онро солим мегӯянд, яъне оилае, ки падару модар, бобою бибӣ ва писару духтар ҳастанд. Қабл аз оғози ин дарсҳо вазъи оилавии хонандагонро омӯзед, махсусан, кӯдаконеро, ки яке аз волидайнашон нестанд, ба назар гиред, то ки аз саволҳои ноқулай худдорӣ кунед, дили онҳоро бо ба ёд овардани наздикони аздастрафтаашон озурда насозед. Бо онҳо роҷеъ ба наздикони дигарашон (амак, тағо, амма, хола…) суҳбат кунед.

Миқдори умумии соатҳои таълимӣ барои омӯзиши ин боб 14 соат аст.

## Дарсҳои 1-2 Мавзӯъ: Марҳабо, ба боғи ОИЛА (2 соат)

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи муайяни вазъиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои ду-сеамалаи таълимӣ) риоя мекунад.**
**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**
**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**
**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**
**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**
- мафҳуми “дониш”-ро фаҳманд;
- аз рӯйи расм дар мавзӯи муайян суҳбат карда тавонанд;
- ҷумлаҳои содаро бо оҳанг хонанд;
- шеърҳои содаро бурро хонда тавонанд;
- калимаҳоро ба ҳиҷоҳо дуруст ҷудо карда тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, расмҳо, шакли картонии Дарвозаи боғ, калиди рамзӣ, воситаҳои техникии истифода аз сабти овоз, дафтари машқ.

***Равиши дарс***

1. Оғози дарс: Мавзӯи гузаштаро каме такрор карда, суҳбати бобои Хирад бо Азизҷону Азизаро аз саҳифаи 8 ба ёди бачагон оред. Агар қисман ё пурра фаромӯш карда бошанд, сабти овозии онро бори дигар шунавонед ва ё худатон хонед. Махсус қайд кунед, ки шарти додани калиди боғ иҷрои супоришҳо буд.

*– Бачаҳои азиз, дар хотиратон ҳаст, ки бобои Хирад чӣ гуфта буд?*

*– Албатта! Гуфта буданд, ки агар ба ҳамаи саволҳо ҷавоб диҳем, супоришҳоро иҷро кунем, моро ба боғ роҳ медиҳад.*

*– Офарин, бачаҳо. Кӣ мегӯяд, супоришҳои бобои Хирадро дар синфи мо кӣ аз ҳама беҳтар иҷро кард?*

Бигзор, худи бачагон беҳтаринҳоро интихоб кунанд. Чанд нафар аз бачагони пешқадамро ба назди дарвоза даъват кунед ва ба дасти онҳо калиди рамзиро диҳед, то ки дарвозаро кушоянд. Ҳама кафкӯбӣ мекунанд. Сипас, бачагонро барои шунидани суҳбат даъват кунед:

*– Биёед акнун суҳбати Азизҷону Азизаро бо бобои Хирад якҷоя гӯш мекунем.*

Матни саҳифаҳои 18 ва 19-ро хонед. Мазмуни матни шунидаро аз хонандагон пурсед. Агар мушкилӣ кашанд, ёрӣ расонед. Сипас, аз рӯйи расми с. 18 суҳбат ташкил кунед. Маънои калимаи «оила»-ро фаҳмонед.

2. Меҳри модару падар. Аввал аз бачагон хоҳиш кунед, ки худашон дар васфи падар ё модар (ва ё аъзои дигари оила) шеърҳои медонистагиашонро хонанд. Барои ҳар касе, ки

шеър мехонад, кафкӯбӣ карданро аз ёд набаоред. Шеърҳо дар васфи модару падар хеле зиёданд. Дар саҳифаҳои 19 ва 20 дар васфи модару падар яктоӣ шеър оварда шудааст. Порчаҳои шеъриро худатон бурро хонед (ё сабти овозии онро шунавонед). Ёдовар шавед, ки шарти гирифтани калиди боғи ОИЛА аз ёд гуфтани шеър дар васфи падар, модар ё аъзои дигари оила аст. Вобаста ба лаёқати бачагон шеърҳоро тақсим кунед, ё интихоби онро ба худи бачагон вогузор кунед. Бачагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед, бигзор худашон яке аз ин шеърҳоро барои хондан ва аз ёд кардан интихоб кунанд. Иҷозат диҳед, ки шеърҳоро дар гурӯҳҳо бо навбат бо овози паст хонанд, барои аз ёд кардан ба ҳамдигар ёрӣ диҳанд. Масалан, як кас мисраъ ё байти аз ёд кардаашро дар гурӯҳ мехонад, дигарон саҳифаи китобро боз карда, нигоҳ мекунанд ва ба ӯ ёрӣ медиҳанд, хато гӯяд, ислоҳ мекунанд, фаромӯш кунад, ба ёдаш меоранд. Ин тарзи кор имкон медиҳад, ки бачагон шеърро бе маҷбурӣ, бо хоҳиши худ аз ёд кунанд ва бурро хонанд. Ҳангоми иҷрои ин вазифа бо навбат ба назди бачагон равед, мушоҳида кунед, офарин гӯед, дар мавриди зарурӣ ёрӣ диҳед.

3. Хониши бурро. Пас аз он ки бачагон шеърро аз ёд карданд ё хониши буррои онро ёд гирифтанд, аз ҳар гурӯҳ якнафариро бо навбат ба тахта даъват кунед, то ки шеърҳои интихобкардаашонро барои ҳама бо овози баланд хонанд ё аз ёд гӯянд. Ба ҳар хонандае, ки шеърро бурро аз ёд мегӯяд, калиди рамзиро тахти кафкӯбиҳои дигарон диҳед.

4. Пеш аз омӯзиши маънои луғатҳои нав лаҳзаи дамгирӣ ташкил кунед. Сипас, маънои калимаҳои дар луғат бударо аввал аз худи бачагон пурсед. Ҳар ҷо ки натавонистанд, худатон маънидод кунед. Ҳангоми аз тарафи яке аз хонандагон дуруст муайян кардани маънои калима ва ибораҳо як бори дигар онро барои хонандагони синф таъкид кунед. Айнан ин корро бо шеъри дигар (Падар) низ анҷом медиҳем. Агар бачагон барои баёни маънои мисраъҳо бо лаҳҷа гап зананд, сарзаниш намекунем, фақат шакли адабии онро ёдовар мешавем.

5. Барои он ки бачагон фаъолиятҳои гуногунро анҷом диҳанд ва аз хондану гуфтани шеър ва луғатомӯзӣ дилгир нашаванд, ба иҷрои супориши ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани калимаҳо мегузарем. Калимаҳоро яктоӣ ба гурӯҳҳо тақсим кунед. Ҳангоми иҷрои супориш ба бачагон иҷозат диҳед, ки бо овози паст бо ҳам маслиҳат кунанд. Пас аз он ки ҳама супоришҳои худро иҷро карданд, аз ҳар гурӯҳ як нафарро ба тахта даъват карда, навиштани онро дар тахтаи синф хоҳиш мекунем. Дигарон бодиққат мушоҳида мекунанд, агар хато кунад, ислоҳ мекунанд. Шакли охирини навишти калимаҳоро ба дафтар мекӯчонанд.

(Тарзи дурусти ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани калимаҳо: о-и-ла, ка-лон, хур-санд, су-по-риш, як-то-ӣ, ме-ди-ҳам).

Ёдовар шавед, ки миқдори ҳиҷоҳо дар калима на ба миқдори ҳарфҳо, балки ба миқдори садонокҳо вобаста аст. Масалан, калимаи “оила” ҳамагӣ панҷ ҳарф бошад ҳам, се садонок дорад (о, и, а), аммо калимаи “хурсанд”, ки аз ҳафт ҳарф иборат аст, фақат ду ҳиҷо доранд, чунки миқдори садонокҳо (у, а) дутост.

6. Имло ва талаффуз. Ба иҷрои машқи “Менависем – Мехонем” мегузарем. Аз бачаҳо хоҳиш кунед, ки тарафи рости китобро (Мехонем) бо коғаз ё дафтар пӯшонанд. Як кас мехонад, дигарон бодиққат гӯш мекунанд. Агар дуруст хонад, аҳсан мегӯем, агар иштибоҳ кунад, дигарон ислоҳ мекунанд. Аз бачагоне, ки дар талаффуз хато карданд, такрори онро хоҳиш мекунем. Таркибҳои охири ин машқ ба шеър вобаста аст. Иҷрои онро ба бачагони нисбатан пешрафта супориш диҳед. Баъди дуруст талаффуз кардани ин таркибҳо ба саҳифаи пешин гузашта, дуруст хондани шеърро бори дигар таъкид кунед.

7. Машқи хат. Дар ин дарс барои иҷрои машқи хушнависии ҳарфи “б” аз 15 то 20 дақиқа вақт ҷудо кунед. Ин корро дар ҳар фурсати муносиб, дар давоми ду соати таълимӣ ташкил кардан мумкин аст. Ҳангоми иҷрои ин вазифа ба назди ҳар хонанда рафта, кори ӯро мушоҳида кунед. Дар мавридҳои лозима ба дафтари онҳо худатон ин ҳарф ва пандро нависед, то ки онҳо аз рӯйи навиштаҳои шумо машқро давом диҳанд.

8. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Арзёбии салоҳиятҳоро бо роҳи саволу ҷавоб дар бораи падару модар, аз ёд ё бурро хондани порчаҳои шеърӣ ва иҷрои супоришҳои дафтари машқ ба роҳ

мондан мумкин аст. Ба ҳамаи онҳое, ки хуб кор карданд, шеър хонданд, офарин мегӯем. Ёдовар мешавем, ки дарси оянда ҳама вориди боғи ОИЛА мешавем. Бинобар ин, супориш диҳед, ки ҳама, агар имконият бошад, як сурати оилавии худро биёранд, агар чунин сурат дар хона мавҷуд набошад, дар бораи ҳар узви хонавода (бо зикри номашон) маълумоти мухтасар дошта бошанд.

**Дарсҳои 3-4**
**Мавзӯъ: Оилаи мо (2 соат)**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи муайяни вазъиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои ду-сеамалаи таълимӣ) риоя мекунад.**
**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**
**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**
**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**
**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**
- аҳли хонаводаро шиносанд ва номҳояшонро донанд;
- калимаҳои адабии ифодакунандаи муносибатҳои хешутабориро донанд ва истифода кунанд;
- дар аввали номи одамон ҳарфи калонро истифода кунанд;
- аз рӯйи расми хонаводагӣ ва расмҳои китоб суҳбат карда тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, сурати оилавӣ, шакли картонии Дарвозаи боғ, калиди рамзӣ, воситаҳои аёнӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс: Такрори дарси гузашта, ба хотир овардани суҳбати бобои Хирад бо Азизҷону Азиза, аз ёд гуфтани шеър дар васфи падар ва модар. Ин марҳиларо чунин гузаронидан мумкин аст:

*– Бачаҳо! Мо дарси гузашта дар кадом мавзӯъ суҳбат кардем? ...Офарин! Пас фаҳмидем, ки Азизҷону Азиза дар васфи падару модар шеър гуфтанд ва Бобои Хирад ба онҳо калиди Боғи ОИЛАро дод. Ҳамин тавр? ...Шумо ҳам мехоҳед ин калидро ба даст оред? ...Пас, кӣ мехоҳад дар васфи падар ва ё модараш шеър хонад? Офарин бачаҳо! Чӣ хуб аст, ки шумо ҳам мисли Азизҷону Азиза доною бафаҳм шуда истодаед. Биёед, акнун бо оила шинос мешавем.*

2. Шиносоӣ бо оила: Аз рӯйи расм суҳбат оростан оид ба оила ва аъзои он. Аз рӯйи синну сол ва ҷинс муайян кардани бобо, бибӣ, падар ва модар.

Ин корро бо истифода аз методи кластер ташкил кардан мумкин аст:



Аз рӯйи расми саҳифаи 21 суҳбат ташкил кунед. Ёдовар мешавем, ки беҳтараш чунин муроҷиат кунед: «Бачаҳои азиз, саҳифаи 21-ро мекушоем». Суҳбатро ба тариқи намуна чунин ташкил кардан мумкин аст:

*– Шукрона падар дорад?*

*– Ҳа, Шукрона падар дорад.*

*– Номи падари Шукрона чӣ?*

*– Номи падари Шукрона Ҷамшед аст (бачагонро даъват кунед, ки вақти ҷавоб аз ҷумлаҳои пурра истифода кунанд, фақат бо «ҳа» ё «не», ё гуфтани фақат ном маҳдуд нашаванд).*

*– Шукрона модар ҳам дорад? Номи модари Шукрона чӣ?*

*– Ҳа, Шукрона модар ҳам дорад. Номи модараш – Мижгона.*

*– Шукрона … дорад?.. ..*

Пас аз гузаронидани чунин суҳбат ба бачагон савол диҳед, ки дар номҳои писаронаю духтаронаи ин суратҳо чӣ монандӣ ҳаст. Агар худи бачаҳо онро ёбанд, бисёр хуб аст, агар наёбанд, шумо фаҳмонед: дар охири ин номҳо ҳамоҳангӣ дида мешавад (Хуршед, Ҷамшед, Умед; Фарзона, Мижгона, Шукрона).

3. Хониши матн. Инкишофи нутқ. Суҳбат аз рӯйи расмҳои саҳифаи 21 ва шинос шудан бо номҳо ба бачагон хониш ва фаҳмиши матнро осонтар мекунад. Супориш диҳед, ки аввал матнро ҳама мустақилона хонанд. Сипас, онро ба таври намуна як-ду нафар (беҳтараш духтарон, чунки матн аз номи Шукрона аст) мехонанд, дигарон гӯш мекунанд.

Бачагони ҳушёртару болаёқаттар метавонанд нақшҳоро бозӣ кунанд. Масалан, як кас нақши Умедро мебозад ва дар бораи оилаи худ маълумот медиҳад. Бозии ин нақш осонтар аст, чунки дар матни овардашуда ба ҷойи номи Шукрона номи Умедро мегузорем ва ба ҷойи «як додарча дорам» «як хоҳарча дорам» мегӯяд. Аммо иҷрои нақши Ҷамшед мушкилтар мешавад:

*Салом, бачаҳо. Номи ман – Ҷамшед. Ман падар, модар, зан ва ду фарзанд дорам (ё як писару як духтар дорам). Номи падарам Хуршед ва номи модарам Фарзона аст. Номи занам – Мижгона. Номи писарам Умедҷон ва номи духтарам Шукрона аст.*

Ин матнро бо роҳи гузориши саволҳои дигар низ таҳлил кардан мумкин аст. Масалан, метавонед пурсед:

*– Хуршеду Фарзона чанд набера доранд?*

*– Номи шавҳари Мижгона чист?*

*– Мижгона ба Фарзона кӣ мешавад?...*

Тавре мебинем, роҳу усулҳои кор бо ин матн хеле гуногунанд. Вобаста ба хусусиятҳои инфиродии хонандагон, шароити синфу мактаб ва навъи он, маҳаллу минтақа ва ғайра муносибтарини онҳоро интихоб кунед.

4. Инкишофи нутқ. Муаррифии хонаводаи худ. Аз рӯйи суратҳои оилавӣ аввал як-ду нафарро ба назди тахта даъват карда, ёрӣ диҳед, ки оилаи худро бо зикри номашон барои дигарон муаррифӣ кунанд. Сипас, бачагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед ва иҷрои мустақилонаи ин корро дар гурӯҳҳо ташкил кунед. Шарт нест, ки ҳама сурати хонаводагӣ дошта бошанд, бе сурат ҳам метавонанд дар бораи оилаи худ маълумот диҳанд. Бачагон ҳангоми кор дар гурӯҳ ба ҳамдигар дар бораи номи аҳли хонавода ва синни онҳо метавонанд бо овози паст саволу ҷавоб кунанд.

*Саволҳои намунавӣ барои ёрӣ расонадн ба хонандагон:*

*– Дар оилаи шумо чанд кас ҳаст?*

*– Номи падар (модар, бибӣ, бобо)-и ту чӣ?*

*– Ту чанд бародар (хоҳар) дорӣ?*

*– Номи бародар(он), хоҳар(он)-и ту чӣ?*

5. Дар саҳифаи 22 шеъри “Хоҳаракам” ҷой дода шудааст. Онро барои гӯш кардан ва хониши бурро истифода баред. Порчаҳои шеърро яктоӣ ба бачагон тақсим кунед ва аз ёд

кардани онро супориш диҳед. Бачагони лаёқатманд метавонанд ҳамаи шеърро аз ёд кунанд. Зимни ин машғулият калимаҳои душвори шеърро шарҳ диҳед (нағма – оҳанг, суруд; саҳар – пагоҳӣ; ғунча – гули навшукуфта).

6. Инкишофи тафаккур. Кор дар гурӯҳҳо: Аз рӯйи расмҳои саҳифаи 23 тайёр кардани матни шифоҳӣ дар бораи «Модарҷонам чӣ кор мекунанд?»

Бачагон ба гурӯҳҳо тақсим мешаванд. Ҳар гурӯҳ мустақилона кор мекунад. Сипас, аз ҳар гурӯҳ як нафар намоянда аз рӯйи сурат суҳбат мекунад.

*Намунаи матни шифоҳие, ки бачагон тайёр мекунанд:*

*Модарҷони ман бисёр серкор аст. Додарчаамро нигоҳубин мекунад (гаҳвора меҷунбонад). Маро саҳарӣ аз хоб бедор мекунад. Барои мо хӯрок тайёр мекунад (Ба мо нону ширу қанд... медиҳад). Либосҳоямро пӯшонда, ба мактаб гусел мекунад (Барои либос пӯшидан ба ман ёрӣ мерасонад). Барои мо хӯроки бомаза мепазад. Либосҳоямонро мешӯяд (ҷомашӯйӣ мекунад).*

> **Таъкид:** Маълум аст, ки бачагони баъзе маҳалҳо ба калонсолон, аз ҷумла, ба падару модарашон бо ҷонишини "Шумо" муроҷиат мекунанд ва дар шахси сеюми танҳо низ шакли ҷамъро истифода мекунанд: «Модарҷонам маро саҳарӣ аз хоб бедор мекунанд». Чунин рафтори бачагонро дастгирӣ кунед. Барои бачагони дигар низ эҳтиромона рафтор карданро бо калонсолон ёд диҳед.

7. Инкишофи маҳорати навиштан (саҳ. 23). Пеш аз иҷрои супориш ба ёди бачагон оред, ки аломати тарафи чап (Бинависед) чӣ маъно дошт. Сипас, ба худи бачагон пешниҳод кунед, ки акнун мо чӣ кор мекунем? Пас аз гирифтани ҷавоби тасдиқ (менависем) онҳоро ба навиштани мустақилона даъват кунед. Ҳангоми иҷрои супориш ба назди бачагон рафта, кори онҳоро мушоҳида кунед. Бачагон навиштанро дар дафтари машқ анҷом медиҳанд. Матнро ба ду қисмат тақсим карда, навиштани як қисматро супориш додан кофист.

8. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Арзёбиро бо додани саволҳо дар бораи аъзои оила ва ёдрас кардани истифодаи калимаҳои адабӣ ба ҷойи калимаҳои гуфторӣ (ако, уко – бародар, дада, ота, додо – падар ва ғайра) гузаронед. Салоҳиятҳои бачагонро аз рӯйи натиҷаи корҳои гурӯҳӣ ва иҷрои супоришҳои дафтари машқ низ арзёбӣ кунед. Ҷалби таваҷҷуҳи бачагон ба навиштаҳои саҳифаи 23 ва даъват барои истифодаи калимаи "модар" ба ҷойи вариантҳои гуфтории он ҳусни ҷамъбасти дарс мешавад.

## Дарсҳои 5-6

**Мавзӯъ: Ҳарфи калон дар аввали номи одамон. Қадри модар (2 соат)**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи муайяни вазъиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои ду-сеамалаи таълимӣ) риоя мекунад.**

**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**

1. Порчаҳои шеъриро ифоданок хонанд;
2. Аввали номи одамонро бо ҳарфи калон нависанд;
3. Калимаҳои навро ёд гиранд ва дар мавридҳои зарурӣ истифода кунанд;
4. Малакаҳои иборасозиро пайдо кунанд;
5. Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо дуруст ҷудо кунанд;

6. Машқи хатро бо рияи қоидаҳои навиштан иҷро кунанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, воситаҳои техникии шунидани сабти овозӣ, воситаҳои аёнӣ, дафтари машқ.

***Равиши дарс:***

1. Оғози дарс. Барои тайёр кардани бачагон муҳимтарин ҳолатҳои дарси гузаштаро ба ёд меорем. Аввал аз чанд нафар, ки дар дарси гузашта ҷавоб надода буданд, хоҳиш мекунем, ки дар бораи оилаи худ маълумот диҳанд. Агар мушкилӣ кашанд, бо роҳи додани савол онҳоро "ба гап медарорем" (*Дар оилаи шумо чанд кас ҳаст? Номи падар (модар, хоҳар, бародар, бибӣ)- и ту чӣ?...)*. Сипас, барои дарки меҳри модар ва қадри ӯ чунин саволро пешниҳод кардан мумкин аст:

*– Барои чӣ мо модарони худро дӯст медорем? (Намунаҳои ҷавоб: нигоҳубин мекунад, хӯрок мепазад, либосҳоямонро тоза мекунад, ғамхорӣ мекунад...).* Агар дар ҷавоби ин савол мушкилӣ ба миён ояд, даъват мекунем, ки расмҳои саҳ. 23-ро бори дигар мушоҳида кунанд.

2. Хониши ифоданок. Бачагонро барои шунидани шеъри Эраҷ Мирзо (с. 24) омода мекунем: *Дидед, бачаҳои азиз, модар барои фарзанди худ чӣ корҳоеро анҷом медиҳад. Ҳама мехоҳанд меҳри худро ба модарашон бо шеър, бо сухани нек, бо хониши аъло ва одоби хуб нишон диҳанд. Биёед, ҳамроҳ як шеърро дар васфи модар гӯш мекунем.* Агар имкониятҳои техникӣ мавҷуд набошад, ин шеърро худамон чанд маротиба ифоданок мехонем. Сипас, худи бачаҳо онро мустақилона мехонанд. Аз ёд кардани он ҳатмӣ нест, аммо агар худи бачагон шавқманд шаванд, бигзор аз ёд кунанд.

3. Луғатомӯзӣ. Аз бачагон хоҳиш мекунем, ин шеърро пора-пора (якбайтӣ) хонанд. Пас аз шунидани ҳар байт маънояшро мепурсем. Агар надонанд, ёрӣ мерасонем. Шарт нест, ки фақат бо маънидод кардани калимаву ибораҳои дар қисмати луғат овардашуда қаноат кунем. Ҳангоми хондан шояд боз чанд калимаи дигаре пайдо шавад, ки бачагон маънои онро надонанд. Пас аз фаҳмондани калимаҳои душворфаҳм бори дигар шеърро якҷоя мехонем.

4. Навиштани ҳарфи калон дар аввали номи одамон. Барои ёдрас кардани ин қоида супориши саҳ. 25-ро иҷро кунед. Як кас ба назди тахта даъват мешавад, дигарон бо навбат номи худро мегӯянд, ӯ менависад. Ғалати ӯро худи хонандагон ислоҳ мекунанд. Барои як кас навиштани се ном кофист. Пас аз иҷрои ин супориш диққати хонандагонро ба қоидаи дар саҳ. 25 овардашуда ҷалб кунед ва таъкид кунед, ки ин онро ҳамеша риоя кунанд.

5. Иҷрои супориши саҳифаи 25 (Номи писар. Номи духтар)-ро барои лаҳзаи дамгирӣ истифода кардан мумкин аст. Ин супориш осон бошад ҳам, боиси дамгирӣ ва хандаву шӯхии бачагона мешавад.

6. Малакаҳои иборасозӣ. Бачагон аз рӯйи намуна ибора месозанд. Ин машқро ҳам даҳонӣ (ба таври хониш) ва ҳам хаттӣ иҷро кардан мумкин аст. Муҳимтарин мақсади иҷрои ин машқ он аст, ки ҳангоми иловаи бандаки изофӣ бачагон онро алоҳида талаффуз накунанд. Масалан, "мо-дар-ҷон-и меҳ-ру-бо-нам" не, балки "мо-дар-ҷо-ни меҳ-ру-бо-нам" хонанд.

7. Ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани калимаҳо. Ҳадафи асосии ин супориш низ инкишофи малакаҳои дуруст ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани калимаҳо аст. Бачагон бо иҷрои ин супориш дарк мекунанд, ки ҳангоми пайваст шудани ҳиссаҳои дигар ба калима шакли ҳиҷо метавонад тағйир ёбад. Муқоиса кунед: "мо-дар-ҷон", аммо "мо-дар-ҷо-нам", яъне дар калимаи дуюм бо иловаи бандакҷонишин ҳиҷои сеюм шакли худро тағйир медиҳад.

8. Машқи хат. Дар ин дарс бачагон хушнависии ҳарфи "в"-ро машқ мекунанд. Ин корро дар ҳудуди 15-20 дақиқа дар ҳар фурсати муносиб ташкил кардан мумкин аст.

9. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Салоҳиятҳои асосии хонадагонро тибқи мавзӯъ (истифодаи ҳарфи калон дар аввали номи одамон, ба ҳиҷоҳо дуруст ҷудо кардани калимаҳо, истифодаи калимаҳои адабӣ, хониши буррои шеър) аз рӯйи иҷрои машқҳои китоб ва дафтари машқ арзёбӣ мекунем. Муҳимтарин нуктаҳои ҷамъбасти дарс таъкид кардани он аст, ки ҳар кас ном дорад, номҳо писарона ва духтарона мешаванд ва аввали номи одамонро ҳамеша бо

ҳарфи калон менависем. Ба бачагоне, ки дар дарс фаъолона иштирок карданд, офарин мегӯем, ҳамаро даъват мекунем, ки шеъри “Модар”-ро барои модарашон дар хона хонанд.

**Дарсҳои 7-8**

**Мавзӯъ: Инкишофи малакаҳои муколама ва одоби суҳбат. Ташвиқи тарзи солими ҳаёт. Як рӯз бо модарҷонам. (2 соат)**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**

**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- одоби муоширатро риоя кунанд;
- реҷаи рӯзро донанд;
- мафҳуми тарзи ҳаёти солимро фаҳманд;
- мазмуни расмҳоро фаҳманд;
- ба саволҳои сода аз рӯйи расмҳо ҷавоб гуфта тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, воситаҳои техникии шунидани сабти овозӣ, воситаҳои аёнӣ, дафтари машқ.

| |
|---|
| Таъкид: Агар барои иҷрои ҳамаи машғулиятҳои ин дарс бо ҳамон тартибе, ки пешниҳод шудааст, камбуди вақтро эҳсос кунед, супоришҳои “Саҳарӣ”, “Дар нисфирӯзӣ” ва “Хоби ширин”-ро дар айни замон ба се гурӯҳ вобаста ба лаёқати бачагон тақсим карда, иҷрои онро бо навбат хоҳиш кунед. Бо ин тарзи кор вақти кофӣ барои иҷрои супоришҳои дигар боқӣ мемонад.<br>Кор бо афсонаи “Бахти хонадон” мавзӯи дарси оянда аст. Дар ин дарс фақат шунавонидани он кофист. |

***Равиши дарс:***

1. Оғози дарс. Ба бачаҳо савол медиҳем, ки дарси гузашта мо чӣ чизҳои навро ёд гирифтем. Таъкид мекунем, ки дар аввали номи одамон ҳарфи калон менависем. Шеъри “Модар”-ро аз чанд нафари дигар, ки дарси гузашта аз ёд нагуфта ё нахонда буданд, мепурсем.
2. Малакаҳои одоби суҳбат ва иҷрои нақшҳо. Аз бачаҳо пурсед, ки ҳар рӯзи онҳо чӣ хел мегузарад ва дар гузаштани рӯз модар чӣ нақше мебозад.

| |
|---|
| **Таъкид:** Бо бачагоне, ки модар надоранд, тарзи дигар рафтор кунед. Масалан, пурсед, ки онҳоро кӣ аз хоб бедор мекунад, кӣ либосҳои онҳоро мешӯяд, ки хӯрок мепазад ва ғайра. Агар ин корро хоҳарони калонӣ ё бибии онҳо анҷом диҳанд, дар суҳбатҳо ба ҷойи “модар” калимаҳои “апа” ё “бибӣ”-ро истифода кунанд.<br>Агар таълим дар синфи якум дар мактаби шумо дар басти дуюм (баъди нисфирӯзӣ бошад), мазмуни суҳбати дуюмро худатон тағйир диҳед. |

Унвони дарс (Як рӯз бо модарҷонам)-ро шарҳ медиҳем. Муколамаи якум (“Саҳарӣ”)-ро бо риояи оҳанг (сухани модар – сухани кӯдак) мехонем. Бигзор худи бачагон аввал онро мустақилона хонанд. Сипас, бачагонро ба гурӯҳҳои дунафара – як писару як духтар ҷудо мекунем ва хондани муколамаро ба таври мустақилона супориш медиҳем (бо овози паст, байни ҳам мехонанд). Агар баробар ба гурӯҳҳои дунафараи гуногунҷинс (нақши модар –

нақши писар) ҷудо кардани синф имконнопазир бошад, бо гурӯҳи дигар (чанд нафар фақат писарон ё чанд нафар фақат духтарон) чунин супориш додан мумкин аст: гурӯҳҳои иборат фақат аз писарон: ба ҷойи модар ӯро падар аз хоб бедор мекунад, калимаи "модар" ва "оча"-ро бо "падар", "падарҷон" иваз мекунанд; гурӯҳи иборат фақат аз духтарон: Ба ҷойи писар модар духтарро аз хоб бедор мекунад, ба ҷойи калимаи "писарҷонам" "духтарҷонам"-ро истифода мекунанд.

Ихтиёрӣ чанд гурӯҳ иҷрои нақшҳоро барои ҳама дар назди тахта нишон медиҳанд (ба ҳар гурӯҳ кафкӯбӣ мекунем).

3. Ташвиқи тарзи солими ҳаёт. Кор бо суратҳои саҳ. 26. Суратҳоро ба гурӯҳҳо (чор гурӯҳ) тақсим кунед. Ҳар гурӯҳ ба худаш рақам интихоб мекунад: гурухи як бо сурати якум кор мекунад, гурӯҳи ду – бо сурати дуюм, гурӯҳи се – бо сурати сеюм ва гурӯҳи чор – бо сурати чорум. Дар гурӯҳҳо бачаҳо ба саволи "Дар ин расм Азизҷон чӣ кор мекунад?" ҷавоб медиҳанд. Ҳангоми ҷавоб додан ба саволҳо, агар бачаҳо калимаҳои лаҳҷавӣ ё русиро истифода баранд, онҳоро ислоҳ мекунем. Масалан, агар касе гӯяд, ки дар ин расм (расми 2) Азизҷон гимнастика мекунад", мо мегӯем: дуруст, Азизҷон варзиш мекунад. "Гимнастика чӣ будаст? – Варзиш. Офарин! Дар охир бачагонро даъват мекунем, ки онҳо низ ҳар саҳар дасту рӯяшонро шӯянд, дандонҳояшонро тоза кунанд, наҳор хӯранд ва варзиш кунанд. Бачагон ҷумлаҳои тартибдодаи худро дар дафтари машқ менависанд.

4. Машқи навиштани калимаҳоро бо иловаи ҳарфҳои дар қавс додашуда анҷом медиҳем. Ин супоришро низ ба ду тақсим кардан мумкин аст. Бачаҳоро даъват кунед, ки бо навбат рақамҳои "як" ва "ду"-ро такрор кунанд. Рақамҳои як сатри аввали супориш, рақамҳои ду сатри дуюми супоришро иҷро мекунанд. Баъд интихобан ду нафар ин корро дар тахтаи синф иҷро мекунанд ва дигарон дурустии иҷрои онро дар дафтарҳои худ месанҷанд.

5. Ба иҷрои муколамаи "Нисфирӯзӣ" ва ташкили суҳбат аз рӯйи расмҳои саҳ. 27 мегузарем. Онро айнан мисли муколамаи "Саҳарӣ" ва суҳбати пешина бо расмҳо ичро кардан мумкин аст. Дар охир таъкид кунед, ки ҳар гоҳ ба хона баргарданд, ба аҳли хонавода "ассалом" гуфтанро ёд гиранд ва ҳамеша ба ин одоби хуб одат кунанд. Ёдовар шавед, ки дар баробари бозӣ кардан ва телевизор тамошо кардан бо хондану шунидани матнҳои китоб низ машғул шаванд.

6. Машқи навиштани ҷумлаҳои сода. Ду нафарро ба тахта даъват кунед, то ки ин ду ҷумларо яктоӣ дар тахтаи синф нависанд. Дигарон мустақилона дар дафтар иҷро мекунанд. Бори дигар бо ҳарфи калон сар шудани номи одамонро ёдовар мешавем. Ҳамчунин, ба ҳусни хати онҳое, ки дар тахтаи синф навиштанд, эътибор медиҳем.

7. Пеш аз гузаштан ба муколамаи "Хоби ширин" метавонед аз бачагон пурсед, ки онҳо кай хоб мекунанд, афсонаро дӯст медоранд ё не, кӣ ба онҳо афсона мегӯяд, кадом афсонаҳоро медонанд ва ғайра. Бигзор як-ду нафар афсонаи дӯстдоштаи худро нақл кунанд. Сипас, гӯед: *Бачаҳо, биёед тасаввур мекунем, ки ҳоло шаб шудаасту вақти хоб. Мехоҳед пеш аз хоб афсона шунавед?* Пас аз гирифтани ҷавоби тасдиқ зуд иҷро кардани муколамаи "Хоби ширин"-ро супориш диҳед. Бачагонро ташвиқ кунед, ки афсонаро бодиққат гӯш кунанд. Ёдовар мешавем, ки дар ин дарс фақат гӯш мекунем.

8. Ҷамъбаст/арзёбӣ. Арзёбиро бо додани чунин саволҳо ташкил кардан мумкин аст:

– *Бачаҳо, имрӯз дарс шавқовар буд?*

– *Мо пагоҳӣ чӣ корҳоро анҷом медиҳем?*

– *Дар мактаб чӣ кор мекунем?*

– *Баъди ба хона рафтан чӣ кор мекунем?*

– *Аввали номи одамонро бо кадом ҳарф менависем?*

– *Афсона ба шумо маъқул шуд? Аз падар ё модаратон хоҳиш кунед, ки ин афсонаро имшаб ба шумо хонда диҳанд.*

– *Саргузашти Азизҷону Азизаро дӯст медорем?*

Барои арзёбӣ, ҳамчунин, кори иҷрокардаи хонандагонро дар дафтари машқ санҷед.

Ба ҳама офарин мегӯем ва то дарси дигар хайрухуш мекунем:

*(Офарин бачаҳо! Мо чӣ будани зиндагӣ дар оиларо хубтар фаҳмидем. Номҳоро бехато менависем Бехато ва бо ҳарфи калон навиштани номҳоро ёд гирифтем. Ман боварӣ дорам, ки шумо ҳурмати падару модар ва калонсолонро ба ҷо меоред. Шеърҳои хурдро дар хона ба падару модар ва калонсолон аз ёд хонда диҳед. Дарси оянда мо дар бораи модари азизамон боз чизҳои навро ёд мегирем. То дарси оянда!).*

**Дарсҳои 9-10**

**Мавзӯъ: Инкишофи нутқи шифоҳӣ ва малакаҳои хониш. Бахти хонадон. (2 соат)**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- мазмуни асосии матни шунидаро, ки якчанд калимаи нофаҳмо дорад, мефаҳманд;
- мафҳумҳои “дӯстӣ”, “иттифоқ”, “аҳл”-ро дарк карда метавонанд;
- ба таври рамзӣ мафҳуми “бахт”-ро шарҳ дода метавонанд;
- малакаҳои истифодаи ҳарфҳои калону хурдро бо ҳамон як калима ёд мегиранд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, воситаҳои техникии шунидани сабти овозӣ, коғазпораҳо бо ҳарфҳои “Б”, “А”, “Х”, “Т”, воситаҳои аёнӣ, дафтари машқ.

***Равиши дарс:***

1. Оғози дарс. Саволҳои охири дарси гузаштаро ба тарзи дигар пешниҳод мекунем (дар замони гузашта):

– *Бачаҳо, дирӯз дарс шавқовар буд ё не?*
– *Имрӯз пагоҳӣ шумо чӣ кор кардед? (аз хоб хестем, дасту рӯямонро шустем, ношто кардем, ба мактаб омадем...Варзиш ҳам кардед? (...)*
– *Дирӯз дар мактаб чӣ кор кардем?*
– *Баъди ба хона рафтан чӣ кор кардед?*
– *Навиштани аввали номи одамонро бо ҳарфи калон ёд гирифтед?*
– *Кадом афсонаро гӯш кардем?*
– *Падар ё модаратон ин афсонаро дишаб ба шумо хонда доданд?*
– *Кӣ афсонаро нақл мекунад?*

2. Матни афсонаро мешунавонем ё ифоданок мехонем. Барои санҷиши дарки пурраи маънои афсона чунин саволҳоро пешниҳод кардан мумкин аст:

– *Мард чанд писар дошт?*
– *Бахт ба ӯ чӣ гуфт?*
– *Падар чӣ кор кард?*
– *Чаро писари калонӣ чунин ҷавоб дод?*
– *Падар ба писари дуюм чӣ гуфт?*
– *Писари дуюм чӣ ҷавоб дод?*
– *Писари хурдӣ чӣ ҷавоб дод?*
– *Хонаи бахт куҷост?*

3. Луғатомӯзӣ. Аввал таваҷҷуҳи бачагонро ба калимаҳои ҳамранг ҷалб мекунем (Супориши навиштан дар с. 30). Бачагон онро ба тариқи зерин бояд нависанд, ё супориши дар дафтари машқ пешниҳодшударо иҷро кунанд.

*1. Бигузор равад! – Равад, рафтан гирад!*

*2. Иттифоқ – дӯстӣ – аҳл;*

*3. Лозим – даркор.*

Қисмати дуюми калимаҳо нисбатан осонфаҳм буда, аксари бачаҳо бо роҳи муқоиса маънои калимаҳои сутунҳои аввалро дармеёбанд. Агар шарҳи баъзе калимаҳо аз ҷониби хонандагон мушкил бошад, ба онҳо ёрӣ расонед. Санҷиши омӯзиши калимаҳои навро бо иҷрои супориши бо аломати савол ишорашуда месанҷем. Дар аввал ба бачаҳо ёдовар шавед, ки ин аломат чӣ маъно дошт, сипас, бачагонро ба ҷавоби саволҳо даъват кунед. Зимнан, шарҳи калимаву мафҳумҳои нави ин афсона бо ҳамон калимаҳои ишорашуда маҳдуд намешавад. Шояд дар афсона дигар калимаҳое низ бошанд, ки барои кӯдакони хурдсол фаҳмо нестанд. Махсусан, маънои калимаи “хондан”-ро дар ҷумлаи **Мард писари калониро пеши худ хонда гуфтааст** шарҳ диҳед.

4. Малакаҳои калимасозӣ ба ҳарфи додашуда. Супориши дигар бо ду ҳадаф пешниҳод шудааст: Аввалан, бо роҳи таҳлили калимаҳои **Бародарӣ, Аҳл, Хурсандӣ** ва **Тавоноӣ** бачагон дар бораи чӣ будани бахт тасаввуроти аввалин пайдо мекунанд. Яъне, бахт дар ҷоест, ки бародариву тифоқ (аҳл) бошад, ки натиҷаи он хурсандиву зӯрӣ (тавоноӣ) мешавад. Сониян, хонандагонро ба гурӯҳҳо тақсим намуда, супориш диҳед, ки бо ҳарфҳои додашуда (Б, А, Х, Т) боз калимаҳои дигар пайдо кунанд. Агар дар ёфтани калимаҳо мушкилӣ кашанд, пешниҳод кунед, ки номи одамонро низ барои мисол овардан мумкин аст (ба дафтари машқ нигаред).

5. Маҳорати хониш дар нақшҳо. Синфро ба гурӯҳҳои шашнафара (барои осонтар шудани кор шаш нафар бошанд, беҳтар аст) тақсим мекунем. Барои дар нақшҳо хондани афсона шаш нафар лозиманд: Гӯянда, Бахт, Мард, Писари калонӣ, Писари миёна, Писари хурдӣ. Аз ҳама сухани бештарро гӯянда мегӯяд, бинобар ин, дар ҳар гурӯҳ номаълум як хонандаи болаёқатро дар назар дошта бошед. Гӯянда метавонад фақат чор сатри аввалро хонад, суханҳои дигари гӯянда (писарҳоро бо навбат ҷеғ задани мард, сухани бахтро ба онҳо расонидан...)- ро бачагон метавонанд намойиш диҳанд. Дар ин маврид шакли иҷрои нақшҳо чунин мешавад:

*Бахт:* - *Ман аз хонаат меравам!*

*Мард:* - *Некрӯз, ҳо Некрӯз! (ба писарон ном интихоб мекунем)*

*Писари калонӣ (Некрӯз):* - *Лаббай, падарҷон.*

*Мард:* - *Бахт аз хонаи мо рафтанист. Ту ба ин чӣ мегӯйӣ?...*

Нақшҳои дигарро худи бачагон интихоб мекунанд. Агар иҷрои нақши гӯянда барои ягон гурӯҳ мушкилӣ ба бор орад, он нақшро худи шумо иҷро кунед.

Ҳамчунин, афсонаро бе суханҳои гӯянда низ дар нақшҳо иҷро кардан мумкин аст. Дар ин маврид, ҳамчуноне ки дар супориши китоб омадааст, бачагонро ба гурӯҳҳои панҷнафара тақсим мекунем.

6. Мушоҳидаи ҳолатҳое, ки ҳамон як калима метавонад бо ҳарфи калон ё хурд сар шавад. Барои иҷрои нақшҳо ба ҳама офарин гуфта, ба иҷрои супориши навбатӣ мегузарем. Иҷрои он бевосита бо иштироки омӯзгор сурат мегирад. Барои осонтар шудани кор аз бачагон мепурсем:

*– Бачаҳо, кӣ мегӯяд, мо ҳарфи калонро дар куҷо менависем?*

*– Дар аввали ҷумлаҳо.*

*– Офарин, боз дар куҷо менависем?*

*– Дар аввали номи одамон.*

*– Дуруст. Биёед акнун саҳифаи 30-ро мекушоем ва супориши дуюмро иҷро мекунем. Кӣ аломати супоришро аз саҳифаи китоб нишон медиҳад?*

*Бачагон ду супоришро нишон медиҳанд, таъкид мекунем, ки ба мо супориши дуюм, яъне*

*охири саҳифа, лозим аст.*

– *Хуб, бачаҳо, калимаи якуми "Зебо" бо ҳарфи калон сар мешавад. Пас ин "Зебо" чӣ маъно дорад?*

– *Номи духтарона (Агар ҳеҷ кас наёбад, худамон мегӯем).*

– *Дуруст. Аммо калимаи дуюми "зебо" бо ҳарфи хурд аст. Ин ҳам номи духтарона аст?*

– *Не!*

– *Агар номи духтарона набошад, чӣ маъно дорад?*

– *Хушрӯ (базеб, нағз...). Ҳамаи вариантҳоро қабул мекунем, дурусташро (хушрӯ) таъкид мекунем.*

Ин корро бо ҷуфти калимаҳои дигар низ идома медиҳем. Агар вақт имкон диҳад, чанд ҷумлаи сода навиштан мумкин аст: "Номи дугонаам Зебо аст", "Хоҳарчаам духтараки зебо аст". Барои сарфаи вақт ин супоришро ба ду тақсим намуда, иҷрои қисми якумро ба духтарон (Зебо – зебо, Лола – лола) ва иҷрои қисми дуюмро ба писарон (Раҳмат – раҳмат, Азиз – азиз) супориш додан мумкин аст. Супоришро бачагон дар дафтари машқ иҷро мекунанд.

*7.* Панд. Навиштан ва аз ёд кардан. Аввал пандро мехонем ва шарҳ медиҳем. Чӣ будани мерос, касб, ҳунар, омӯхтанро фаҳмонда, бачагонро ташвиқ мекунем, ки касбу кор ва донишу ҳунар ҳар касро бой мегардонад, мероси падар бошад, зуд тамом мешавад. Таъкид мекунем, ки дар аввали ин панд кадом аломат истифода шудааст (Бинависед). Бачагон онро ба дафтарҳо навишта, аз ёд мекунанд, муаллим назди онҳо рафта, корашонро мушоҳида мекунад.

8. Ҷамъбаст/арзёбӣ. Роҷеъ ба масъалаҳое, ки имрӯз гузаштем, чанд савол тартиб дода, ё аз саволҳои болоӣ бори дигар истифода карда, тибқи ҷавобҳои бачагон салоҳиятҳоро месанҷем ва арзёбӣ мекунем. Махсусан, таъкид мекунем, ки номи одамон бо ҳарфи калон сар мешавад, аммо агар ҳамон калима номи одам набошад, бо ҳарфи хурд менависем. Иҷрои супоришҳоро дар дафтари машқ тафтиш карда, роҷеъ ба дониш, маҳорат ва қобилияти ҳар хонанда (салоҳияти ӯ) дар дафтари худ ишораву қайдҳои лозимӣ ворид мекунем.

Таҳсину офарин хонданро ба ҳамаи хонандагон, махсусан, ба онҳое, ки нағз иштирок карданд, аз ёд намебарорем. Бачагонро ба дарси оянда ташвиқ мекунем.

## Дарсҳои 11-12

## Мавзӯъ: Сохтани ҷумла бо истифода аз калимаи додашуда. Артиши миллӣ (2 соат).

**Таъкид.** Ин мавзӯъ ба ҷашни Артиши миллӣ (23 феврал) бахшида шудааст. Онро аз рӯйи тақвим дар арафаи ҷашн гузаштан лозим аст. Аз ин рӯ, вақту рӯзи ташкили ин дарсро пешу қафо бурдан мумкин аст.

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофикро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**

- роҷеъ ба Рӯзи Артиши миллӣ ба таври сода суҳбат карда тавонанд;
- мафҳуми "Модар-Ватан"-ро асосан дарк кунанд;
- бо калимаҳои нав ҷумлаҳои сода тартиб дода тавонанд;

- шеърро бурро хонда тавонанд;
- аз расмҳо суҳбат карда тавонанд;
- бо калимаҳои додашуда ҷумлаҳои сода тартиб дода тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, воситаҳои аёнӣ, суратҳои сарбоз(он), тайёра (ҳавопаймо), танк, киштӣ (агар бошанд), дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Мисли ҳамеша роҷеъ ба дарси гузашта бо бачагон саволу ҷавоб мекунем. Азбаски баъд аз кадом мавзӯъ омадани ин дарс аниқ нест, таҳияи саволҳоро барои такрори дарси пешин ба худи омӯзгорон ҳавола мекунем.
2. Артиши миллӣ. Барои омода сохтани бачагон ба дарки мафҳуми иду ҷашнҳо чанд савол медиҳем:

– *Шумо кадом идҳоро медонед? (Рамазон, Қурбон, Соли нав...)?*
– *Медонед, киро "аскар" ё "сарбоз" мегӯем?*
– *Аз оилаи шумо ягон кас дар аскарӣ хизмат кардааст?*

Сипас, таваҷҷуҳи бачагонро ба расмҳои саҳ. 31 ҷалб мекунем. Ин ҷо ҳам, тибқи маъмул, чанд савол гузоштан мумкин аст:

– *Дар расм киро мебинед? (сарбоз, писараки хурд, Парчами Тоҷикистон, чархбол, ҳавопаймоҳо (тайёраҳо)...*
– *Дар дасти сарбоз чист?*
– *Автомат (силоҳ, яроқ, милтиқ...)?*
– *Дар пеши сарбоз сурати писарак ҳаст. Барои чӣ?*
– *...(Кумак мекунем: ин писарак ҳам орзу дорад, ки калон шаваду мисли акояш сарбоз шавад).*
– *Дар расмҳои дигар чиҳо тасвир шудаанд?*
– *Сарбоз, танк, киштӣ, ҳавопаймо (ин чизҳоро бачагон аз рӯйи бозичаҳояшон медонанд, агар надонанд, кумак мекунем).*

3. Хониши бурро ва фаҳмиши матн. Акнун, ки бачаҳо бо баъзе мафҳумҳои асосӣ ошно шуданд, матнро аввал худамон мехонем. Зимни хондан мепурсем, ки маънои ҷумларо фаҳмиданд ё не. Дар ҷойи зарурӣ аз хондан боз истода, шарҳ медиҳем. Сипас, хониши мустақилонаи онро супориш медиҳем. Бачагон бояд бе овоз ё бо овози паст хонанд. Дар охир чанд нафар барои дигарон ин матнро бо овози баланд мехонанд. Шарт нест, ки ҳар нафар матнро аз аввал то охир хонад, беҳтар аст, яке хониши дигареро идома диҳад. Зимни ҷавоб додан ба саволҳои зери матн аввалин тасаввуротро дар бораи мафҳумҳои Ватан, артиш, хизмат ба вуҷуд оред. Ин мафҳумҳо дар дарсҳои оянда боз ҳам фаҳмотар хоҳанд шуд.
4. Бо шеъри Озод Аминзода "Орзу" кор мекунем. Ин шеър на танҳо содаву равон ва фаҳмост, балки бевосита ба мавзӯи Артиш ва хизмат дар сафи он бахшида шудааст. Омӯзгорон метавонанд шеъри дигаррро оид ба мавзӯъ истифода кунанд.
5. Сохтани ҷумлаҳо бо калимаҳои додашуда. Пеш аз фаҳмондани супориш маънои калимаҳоро шарҳ медиҳем. Корро дар гурӯҳҳо низ ташкил кардан мумкин аст. Барои ҳар гурӯҳ тартиб додани як ҷумла кофист. Ҷумлаҳои беҳтаринро дар тахта менависем, то ки ҳама ба дафтарҳои худ кӯчонанд.
6. Пеш аз гузаштан ба иҷрои машқи хат аввал роҷеъ ба маънои ҷумлаи "Ҳар як марди Тоҷикистон бояд хизмати Модар-Ватанро иҷро кунад" суҳбат ташкил мекунем. Сипас, хушнависии ҳарфи "ж"-ро ташкил мекунем. Омӯзгор ба назди хонандагон рафта, ҷараёни иҷрои супоришро назорат мекунад.
7. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Бори дигар маънои калимаву мафҳумҳои нав – Артиши миллӣ, ҷашн, сарбоз, хизмати аскарӣ, Ватан ва ғайраро аз бачагон мепурсем. Агар вақт бошад, бори дигар хониши бурроеи шеърро ташкил мекунем. Ёдовар мешавем, ки мо қадам ба қадам ба боғи дигар наздик мешавем. Ба ҳама аҳсан мегӯем.

## Дарсҳои 13-14

**Мавзӯъ: Арзёбии салоҳиятҳо оид ба мавзӯи ОИЛА (2 соат).**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**

**1. 2. 1. Дар вазъиятҳои муайян (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**

**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**

- ҳиҷоҳоро якҷоя карда, калима навишта тавонанд;
- дар аввали номи одамон ҳарфи калонро истифода баранд;
- аз рӯйи намуна ҷумлаҳои сода тартиб дода тавонанд;
- ҷумларо ба калимаҳо, калимаҳоро ба ҳиҷоҳо, ҳиҷоҳоро ба ҳарфҳо ҷудо карда тавонанд;
- калимаҳоро аз рӯйи миқдори ҳарфҳо фарқ карда, дар ҷойи зарурӣ навишта (гузошта) тавонанд;
- мазмуни матни шунидаро бо ҷумлаҳои сода ё бо роҳи саволу ҷавоб нақл карда тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, ҳарфҳои коғазӣ, воситаҳои техникии шунидани сабти овозӣ, воситаҳои аёнӣ, дафтари машқ.

***Равиши дарс:***

1. Оғози дарс. Азбаски пас аз кадом дарс гузаронидани ин мавзӯъ аниқ маълум нест (тавре қайд кардем, мавзӯи гузашта ҷашнӣ буда, тартиби гузаронидани он метавонад аз тартиби мавзӯъҳо дар китоби дарсӣ тафовут дошта бошад), такрори он метавонад пайвастаи мавзӯи дигар бошад. Аз ин рӯ, таҳияи зинаи аввали дарс ва ташкили суҳбату саволу ҷавобро ба худи омӯзгорон вогузор мекунем.
2.

| |
|---|
| **Таъкид:** Ин мавзӯъ такрори боби ОИЛА ва пайвастани онро ба боби ХОНА таъмин мекунад. Маводди ин дарс барои санҷиши донишу малакаҳои азхудкардаи бачагон равона шудааст. Ҳар як машғулият ба мо имкон медиҳад, ки як навъи салоҳият санҷида шавад. Моҳияти ин фаъолиятҳоро ба хонандагон фаҳмонед |

3. Инкишофи малакаҳои шунавоӣ. Матни “Дӯстрӯякони модар”, ки аҳамияти тарбиявӣ низ дорад, барои шунидан пешниҳод шудааст. Сабти овозии онро шунавонед ва ё худатон хонед. Аз чанд нафар хоҳиш кунед, ки мазмуни онро нақл кунанд. Барои санҷиши пурраи мазмуни матн аз саволҳои гузошташуда истифода баред. Агар барои ҷавоб додан ба баъзе саволҳо (аз ҷумла, “Модар чанд фарзанд дорад?”), матнро бори дигар шунавонед. Саволҳои пешниҳодшуда ба инкишофи тафаккур равона шудаанд, яъне посухи онҳо дар шакли ҷавоби тайёр дар матн нестанд. Барои дарки чунин саволҳо ва пайдо кардани ҷавоби онҳо ба бачагон ёрӣ расонед. Масалан, агар бачаҳо надонанд, ки Сайёра чӣ кор кард, аз матн ҷойи зарурирo хонед:

- *Ҳавлиро кӣ рӯфт? – пурсид модар. – Ман,* - *ҷавоб дод Сайёра.*
- *Пас Сайёра чӣ кор кард? – Офарин! Сайёра ҳавлиро рӯфт.*

4. Аз ҳиҷоҳо тартиб додани калимаҳо. Ба бачаҳо ёдовар мешавем, ки аломати қаламу дафтар чӣ маъно дорад. Яъне, менависем. Барои иҷрои ин супориш 10 дақиқа вақт ҷудо кунед. Пас аз гузаштани ин муддат кори хонадагонро аз рӯйи суръати иҷро санҷед ва

арзёбӣ кунед. Ин корро хонандагон дар дафтари машқ анҷом медиҳанд.

5. Хониши бурро. Барои он ки ду машқи санҷиши навиштан пайи ҳам наояд, аввал машқи дигарро иҷро кардан мумкин аст: Аз хонандагон хоҳиш мекунем, ки шеърҳои азёдкардаашонро дар васфи падару модар бори дигар гӯянд. Барои ин хондани шеърро ба таври умумӣ (хор) ташкил кардан мумкин аст. Махсусан, ба онҳое эътибор диҳед, ки дар дарсҳои гузашта натавониста буданд ё вақт барои шунидани онҳо нарасида буд.

6. Машқи навиштани дуюм ба санҷиши салоҳияти тартиб додани ҷумлаҳои сода равона шудааст. Ин корро низ хонандагон дар дафтари машқ анҷом медиҳанд. Ҳангоми иҷрои ин супориш ба назди бачагон рафтан ва кори онҳоро назорат карданро фаромӯш накунед.

7. Бозии охири саҳ. 34-ро ҳамчун лаҳзаи дамгирӣ истифода кардан мумкин аст. Барои ин аз ҳарфҳои коғазӣ ё коғазпораҳое, ки дар он ҳарфҳо навишта шудаанд, истифода мекунем. Ҳарфҳоро ба бачаҳо яктоӣ тақсим мекунем. Агар миқдори бачагон дар синф бештар аз 35 нафар бошад, пас аз анҷоми вазифа аз ҷониби як нафар ҳарфи ӯро каси дигар соҳиб мешавад, агар миқдори хонандагон камтар аз 35 нафар бошад, ба бачагони болаёқат duҳарфӣ тақсим мекунем. Устод як калимаи сода мегӯяд: “модар”, бачаҳое, ки дар дасташон ҳарфҳои “м”, “о”, “д”, “а”, “р” доранд, ба назди тахта омада, бо ҳамон тартибе паҳлуи ҳам меистанд, ки калима сохта шавад. Ҳангоми интихоби калима ба он эътибор диҳед, ки як ҳарф ду маротиба такрор нашуда бошад (масалан, *бобо, падар* ва ғайра).

8. Матни саҳ. 35-ро мешунавонем ё худамон мехонем. Маънои онро бо роҳу саволу ҷавоб аз бачагон мепурсем. Пандро такрор карда, маънидод мекунем. Сипас, барои санҷиши фаҳмиш ва дарки маънои матни шунида саволҳо тартиб дода, салоҳиятҳои шунавоӣ ва гуфтанро месанҷем. Намунаи саволҳо чунин буда метавонад:

- *Азизҷону Азиза (ё мо) аз боғи оила чиҳоро донистем?*
- *Дар оила киҳо зиндагӣ мекунанд?*
- *Киҳоро мо дӯст медорем?*
- *Чаро дӯст медорем?*
- *Бахт чӣ будааст?*
- *Панди бобои Хирад (Падар розӣ, модар розӣ, Худо – розӣ) чӣ маъно дорад?*

6. Иҷрои супориши бобои Хирад ба санҷиши инкишофи тафаккур ва мустақилона кор кардан равона шудааст. Супоришро бори дигар ба бачаҳо шарҳ медиҳем. Онро барои осонтар шудан чунин фаҳмондан мумкин аст:

– *Бачаҳо, бобои Хирад супориш додааст, ки зинаҳоро бо калимаҳои мувофиқ пур карда, ба болои он бароем. Танҳо ҳамон вақт бобои Хирад ба мо калиди боғи ХОНАро медиҳад. Чӣ гуфтед, мо метавонем?*

– *Албатта!*

– *Офарин! Канӣ, кӣ мегӯяд, зинаи аз ҳама боло (ҳаштум) чанд хонача дорад?*

– *Дуто.*

– *Дуруст. Биёед акнун аз калимаҳои дар поёни зина навишташуда калимаи дуҳарфаро меёбем. Кӣ ёфт?*

– *Ман! “Об”.*

– *Офарин, Фарангис. Зинаи ҳафтум чанд хонача дорад?*

– *Сето.*

– *Дуруст. Калимае, ки се ҳарф дорад, кадом аст?*

– *Нон.*

Иҷрои минбаъдаи машқро ба худи хонандагон вогузор мекунем ва натиҷаи кори онҳоро арзёбӣ мекунем. Ин корро низ бачагон дар дафтари машқ иҷро мекунанд. Шакли пурраи иҷрои ин супориш чунин аст:

| | |
|---|---|
| об | 8 |
| нон | 7 |

| | |
|---|---|
| хона | 6 |
| яхдон | 5 |
| тиреза | 4 |
| дарвоза | 3 |
| намакдон | 2 |
| чангкашак | 1 |

9. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Салоҳиятҳои ҳар хонандаро аз рӯйи иҷрои супоришҳо месанҷем. Ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи ҳар яки онҳоро барои худ қайд мекунем. Барои тақвияти салоҳиятҳо ва бартараф кардани норасоиҳои ташакулли онҳо бо падару модарон (калонсолони хонавода) суҳбат мекунем. Дар дарсҳои оянда фаъолияти худро бо дарназардошти натиҷаҳои бадастомада ба роҳ мемонем.

## БОБИ ХОНА (14 СОАТ)

Мақсади асосии ин боб омӯзиши асбобу анҷоми хона ва тарзи муносибат бо онҳо, дуруст навиштан ва истифодаи калимаҳои тоҷикӣ ба ҷойи калимаҳои маъмулии бегона, расидан ба қадри нон ва хӯрок, пайдо кардани аввалин тасаввурот роҷеъ ба инкишофи илму техника ва дар зимн бедор кардани шавқи кӯдакон ба илму дониш аст. Дар баробари иҷрои машқҳои гуногун хонандагон малакаҳои шунавоӣ, хониш, навишторӣ ва фаҳмишро тақвият мебахшанд, нутқи худро инкишоф медиҳанд. Дар ин боб, ҳамчунин, иҷрои машқҳои хушнависӣ дар назар дошта шудааст.

Таъкид: Тавре ки баъзе омӯзгорон дар семинарҳои омӯзишӣ оид ба таълими забони модарӣ дар синфи якум қайд карданд, таълими ин боб барои бачагони мактаб-интернатҳои ятимон мушкилӣ ба бор меорад, зеро дар тасаввури онҳо “хона” ба ҳамон шакле, ки мо мефаҳмем, вуҷуд надорад. Дар ин маврид аз роҳҳои дигари самараноки дарс истифода кардан мумкин аст. Аз ҷумла, агарчи ин гуна бачагон ҳамроҳи падару модар зиндагӣ намекунанд, аммо бо мафҳуми хона ва чизу чораи он ба таври умумӣ ошноянд. Ба зеҳни ин бачагон ҷой кардан лозим аст, ки хона ҷоест, ки мо зиндагӣ мекунем, хӯрок мехӯрем, хоб мекунем, телевизор тамошо мекунем ва ғайра. Барои ошно шудан бо зарфҳо аз ошхона худи он чизҳоро оварда нишон додан мумкин аст. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки ҳангоми кор бо расми саҳифаи 36 талқин кунем, ки агар онҳо хуб хонанд ва соҳиби донишу ҳунар шаванд, метавонанд барои худ ана ҳамин хел хона созанд ва хурсандона зиндагӣ кунанд. Албатта, худи устодон низ метавонанд боз роҳҳои дигари шавқовартару рангинтар кардани дарсҳои ин бобро пайдо намоянд. Эҷодкорӣ ёвари шумо бод!

### Дарсҳои 1-2

**Мавзӯъ: Марҳабо, ба боғи ХОНА. Тасаввуроти умумӣ дар бораи хона ва ашёи он (2 соат).**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- дар бораи хона тасаввуроти умумӣ дошта бошанд;
- ашёи хонаро шиносанд ва номбар карда тавонанд;
- номҳои тоҷикии ашёи хонаро истифода кунанд;
- ба хусусиятҳои тасвири ҷисмҳо дар чистонҳо пай баранд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, шакли картонии дарвозаи боғи ХОНА, китоби роҳнамо, ҳарфҳои коғазӣ, расмҳои ашёи хона, воситаҳои аёнӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Пас аз такрори супориши бобои Хирад (пур кардани хоначаҳои зина бо калимаҳои мувофиқ, с. 35), чанд нафарро ба тахта даъват карда, ботантана калиди боғи Хонаро месупорем. Онҳо кушодани дарвозаро бо калид ба таври рамзӣ иҷро мекунанд. Бачаҳоро даъват мекунем, ки саҳифаи 36-ро кушоянд. Номи қаҳрамононро, ки дар расм тасвир ёфтаанд (Азизҷон ва Азиза), ба ёд меорем. Ҳамроҳи онҳо бо расм кор мекунем.
2. Суҳбат аз рӯйи сурат. Бо саволҳои гуногун тасаввуроти бачагонро оид ба хона пурра месозем ва дар зимн калимаҳои навро ёд медиҳем:

– *Дар расм киҳоро мебинем? Номи онҳо чӣ буд?*

– *Дар расм чиҳоро мебинем? Боз чиро? (Ин саволро то вақте ки бачагон ҳамаи ашёи ин расмро номбар накунанд, давом медиҳем. Ҳамаи вариантҳоро, ҳатто агар хато ё калимаи бегона (русӣ) бошад, қабул мекунем).*

Чанд савол барои ёфтани сифатҳо ва сохтани ибораҳо пешниҳод мекунем:

– *Хона чӣ хел аст? (зебо, хиштин, хушрӯ...)*

– *Дарахтон чӣ хел? Чӣ хел дарахтонро мебинед? (дарахтони баланд, сабз...)*

Чанд саволи дигар барои инкишофи тафаккур гузоштан мумкин аст:

– *Хона чанд тиреза дорад?*

– *Хона дар дорад? (Ин ҷо бачагон шояд ҳайрон шаванд, чунки дари хона намоён нест. Агар касе гӯяд, ки дар дорад, аммо он дар расм намудор нест ё аз тарафи дигар аст ва монанди ин, аҳсан мехонем. Таъкид мекунем, ки хона бе дар намешавад).*

Чунин саволҳоро давом додан мумкин аст. Қисми дуюми кор бо ин расм кор дар гурӯҳҳо аст. Бачагонро ба гурӯҳҳо тақсим карда, супориш диҳед, ки дар бораи ин хона нақли шифоҳӣ тайёр кунанд. Ҳангоми таҳияи нақл иҷозат диҳед, ки бо овози паст суҳбат кунанд, аз ҳамдигар пурсанд, маслиҳат кунанд. Ба таври намуна як-ду нафарро ба назди тахта даъват карда, нақлро барои ҳамаи синф шунавонидан мумкин аст.

3. Хонаи мо. Таваҷҷуҳи бачагонро ба расмҳо ва номҳои онҳо ҷалб мекунем. Бигзор аввал худи бачаҳо номи ҳар яке аз ашёро гӯянд. Ҳамаи вариантҳоро қабул мекунем, агар касе ба ҷойи "яхдон" "холодилник" гӯяд, сарзаниш намекунем. Дар сурати пайдо накардани ном таъкид мекунем, ки номи онҳоро аз калимаҳои зери расмҳо ёбанд. Сипас, ба таҳлили ҳар ном мегузарем. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки бачагон истифодаи калимаҳои тоҷикиро ба ҷойи вариантҳои маъмулии русӣ ё лаҳҷавӣ ёд гиранд. Масалан, мегӯем, ки "дуруст, ҳама инро "стол" ё "устал" мегӯянд, аммо мо, ки акнун доно шудем, онро бояд "миз" гӯем. Дар бораи ҳар яке аз ашё ва вазифаи он дар хона бо роҳи саволу ҷавоб маълумот медиҳем. Дар охир ашёи хонаро як-як ба гурӯҳҳои дунафара тақсим карда, фурсат медиҳем, ки дар бораи ин чиз нақли мухтасари шифоҳӣ тайёр кунанд. Бачагон метавонанд ҳамин чизи хонаи худро тавсиф кунанд. Масалан, *"Мо дар хона як телевизори ранга дорем. Мо ҳар рӯз телевизор тамошо мекунем. Телевизор ба мо ҳама чизро нишон медиҳад: кино, консерт..."* Ба таври намуна иҷрои онро аз чанд кас дар назди тахтаи синф ё аз ҷойи худ хоҳиш мекунем.
4. Навиштан. Ба аломати зери расмҳо таваҷҷуҳи бачагонро ҷалб карда, мепурсем: "Ин аломат чӣ маъно дошт"? – Бинависед (навиштан). – Офарин, пас биёед ин калимаҳоро дар дафтари машқ дар ҷойи худашон менависем. Барои ин хонандагонро ба чор гурӯҳ ҷудо

мекунем. Ба ҳар гурӯҳ навиштани номи ашёи хонаро дар зери суратҳо аз рӯйи дафтари машқ супориш медиҳем.

5. Чистонро ҳам барои лаҳзаи дамгирӣ, ҳам барои инкишофи нутқу тафаккур истифода кардан мумкин аст. Пеш аз ҳама, тарзи дурусти навишт ва талаффузи "қуфл"-ро ёд медиҳем: *Бачаҳо, мо номи инро "қулф" мегӯем, аммо ҳамеша "қуфл" менависем.* Пас аз он ки маънои чистонро ёфтанд, дар бораи қуфлу калид ва вазифаҳои он суҳбат мекунем: *Мо кай хонаро қуфл мекунем? Барои чӣ қуфл мекунем? Ҳама қуфлро бо як калид кушодан мумкин аст? Ва ғайра.* Дар зимни маънои калимаҳои "як умр" (доимо, ҳамеша), "саргарм" (машғул, ба коре банд), "рухсат" (иҷозат) ва "ҳаргиз" (ҳеҷ гоҳ, ҳеҷ вақт)-ро шарҳ медиҳем.

6. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Бо истифода аз расмҳо дарсро ба таври сайругашт дар хона ҷамъбаст ва арзёбӣ кардан мумкин аст:

– *Бачаҳо, мо имрӯз ба кадом боғ даромадем?*
– *Хона чӣ хел буд? (Хиштин ё сангин? Якошёна ё дуошёна?)*
– *Хонаи мо чанд тиреза дошт?*
– *Хона дар ҳам дорад?*
– *Дар хона мо чиҳоро дидем?*
– *Курсӣ чист? Миз чӣ?*
– *Чизҳои хона (ҳар якеро ном бурда) барои чӣ лозим аст?*
– ...

Иҷрои супоришҳоро дар дафтари машқ низ месанҷем. Дар охир ба ҳама офарин мехонем ва то дарси оянда хайрухуш мекунем.

**Дарсҳои 3-4**

**Мавзӯъ: Панди бузургон. Таъйиноти асбоби рӯзгор. Калимасозӣ.**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи муайяни вазъиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои ду-сеамалаи таълимӣ) риоя мекунад.**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 1. Дар вазъиятҳои муайян (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**

**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**

**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- шеърро бурро ва бо оҳанг хонанд;
- мазмуни шеърро бо ҷумлаҳои одӣ баён карда тавонанд;
- таъйиноти асбоби рӯзгорро донанд;
- хусусияти пасванди "-ча"-ро барои нишон додани андозаи хурди ҷисмҳо дарк кунанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, расмҳои ашёи хона, воситаҳои аёнӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Бо ёдовар шудани муҳимтарин ашёи хона аз дарси гузашта (с. 37) бори дигар роҷеъ ба ашё ва вазифаҳои ҳар яки он суҳбат мекунем. Ин корро худи бачагон дар гурӯҳҳои дунафара (бо ҳампаҳлуҳои худ) метавонанд анҷом диҳанд ва аз якдигар чунин савол кунанд: - *Дар хонаи шумо гулдон ҳаст? – Ҳа, ҳаст. – Гулдон барои чӣ лозим аст? – Мо дар он гул парвариш мекунем...*
2. Кор бо панд:

**Хишти аввал чун ниҳад меъмор кач,**
**То ба охир меравад девор кач.**

Ин байти Ҷалолиддини Балхӣ аз чанд ҷиҳат муносиб аст. Аввалан, он ба мавзӯъ мувофиқ аст (хона). Сониян, фаҳмондани маънои он осонтар аст. Онро бо истифода аз бозичаҳои "лего" (хиштчаҳои хурди пластмассӣ, ки аз он ҳар гуна хоначаҳо ва деворҳо сохтан мумкин аст ва онро ҳамаи бачагон истифода мекунанд) нишон додан мумкин аст: аввал хиштчаҳоро рост болои ҳам мечинем, сонӣ кач мечинем ва нишон медиҳем, ки ин гуна девор то охир сохта намешавад, меафтад. Ниҳоят, фаҳмондани калимаҳои мушкили ин байт низ хеле осон аст: аввал – якум; ниҳодан – мондан, гузоштан; меъмор – хонасоз; чун – агар, вақте ки. Мазмуни ин байтро ба маънои дигар низ шарҳ додан моҳияти тарбиявӣ дорад: Агар мо аз рӯзҳои аввал дуруст рафтор кунем, яъне боодоб бошем ва нағз хонем, зиндагии мо то охир хуб мешавад.

3. Дар ин дарс чанд машқи навиштан оварда шудааст. Барои он ки онҳо пайиҳам наоянд, ҷойи онҳоро иваз мекунем. Ба иҷрои супориши сохтани калимаҳо бо пайваст кардани решаҳо шурӯъ мекунем. Бачагон онро мустақилона менависанд, як нафар ин корро дар тахтаи синф анҷом медиҳад. Бо ин роҳ дар бачагон аввалин малакаҳои сохтани калимаҳои нав бо иловаи ҷузъи умумӣ ҳосил мегардад. Доир ба маънои ҳар яке аз ин калимаҳо (қандчой, ширчой, асалчой) суҳбат кунед.

4. Акнун супоришеро иҷро мекунем, ки ҳадафи он таҳкими дониши бачагон дар бораи истифодаи асбобу анҷоми хона аст. Бачагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, иҷрои як супоришро ба як кас вогузор кунед. Ин супоришро онҳо дунафарӣ, бо ҳамнишини худ низ метавонанд иҷро кунанд. Умуман, тарзи иҷрои он ба салоҳияти устод аст. Пас аз навиштани ҷавобҳо дар дафтарҳо роҷеъ ба ҳар кадоми ин асбоб суҳбат мекунем. Махсусан, эҳтиёт кардан бо корд, беҳтараш аз он истифода накардан, чумчаро дуруст дар даст гирифтан ва ғайраро таъкид мекунем. Номгӯйи чунин саволҳоро бештар кардан ҳам мумкин аст.

5. Машқи хат. Дар ин дарс хушнависии ҳарфи "ҳ"-ро анҷом медиҳем. Онро мисли ҳамеша супориш дода, зебо навиштанро таъкид мекунем. Ҳамчунин, ҳангоми иҷрои машқ ба тарзи нишасти хонандагон эътибор медиҳем, агар касе нодуруст нишаста бошад, оҳиста, бо овози паст ӯро ислоҳ мекунем.

*6.* Лаҳзаи дамгирӣ ташкил кунед. Барои он аз бозиҳои охири китоб (калимаёбӣ), чистонҳо ё шаклҳои дигари дамгирӣ метавонед истифода кунед.

7. Супориши охирини ин дарс – калимасозиро бо иловаи пасванди "-ча" иҷро мекунем. Бачаҳо мефаҳманд, ки агар ба номи ҳар чиз ин пасвандро илова кунем, шакли хурди он ҳосил мешавад. Ин калимаҳоро барои навиштан низ супориш додан мумкин аст.

8. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Пандро бори дигар чанд маротибагӣ мехонем. Бачаҳои закӣ аз ёд карда бошанд, хоҳиш мекунем, ки аз ёд бихонанд ва таҳсину офарин мегӯем. Салоҳиятҳои фаҳмидану навиштанро аз рӯйи иҷрои супоришҳои дафтари машқ месанҷем.

Ёдовар мешавем, ки дарси оянда бачаҳоро боз матну супоришҳои шавқовартар интизоранд.

## Дарсҳои 5-6

## Мавзӯъ: Нон чӣ хел пайдо мешавад?

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**

**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**

**-** феълҳое, ки дар таркибашон ҳарфи "ӯ" доранд, шиносанд ва дуруст нависанд;

- мазмуни асосии матни шунидаро фаҳманд;

- пайдарпайии амалҳоро ҳангоми нақли мазмуни матн бо ёрии саволгузорӣ риоя кунанд;

- мафҳумҳои навро вобаста ба матн шарҳ дода тавонанд;

- қадри нон, меҳнати деҳқон ва ғамхории модаронро дарк кунанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, рақамҳои коғазӣ аз 1 то 9, расмҳои ашёи хона, воситаҳои техникии шунавонидани сабти овозӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Ба бачагон савол диҳед, ки оё онҳо хоҳарча ё додарча доранд ё не. Агар дошта бошанд, пурсед, ки ба онҳо ягон хел ёрӣ медиҳанд? Масалан, бозӣ медоранд, барои хӯрок хӯрдан ёрӣ мерасонанд, гаҳвораи онҳоро меҷунбонанд ва ғ. Сипас шеъри "Чаро?"-ро шунавонед ё худато хонед. Ин шеър бо ду мақсад пешниҳод шудааст: якум, инкишофи тафаккур (ҷавоб додан ба саволи "чаро?"). Хонандагон пас аз шунидани шеър худашон бояд муайян кунанд, ки гӯяндаи шеър (ман) аз Барно ва Раъно калонсолтар аст. Дуюм, шинохтан ва дуруст навиштани феълҳои маъмулие, ки бо ҳарфи "ӯ" навишта мешаванд. Супориши дуюмро бачагон дар дафтари машқ иҷро мекунанд.
2. Барои омода кардани хонандагон ба мавзӯи асосии дарси нав ашёи хонаро такрор мекунем. Махсус савол мегузорем, ки коса, пиёла, чумча (қошуқ), табақ барои чӣ лозиманд. Ҳадаф аз ин саволҳо чунин аст, ки бачагон дарк кунанд: дар ҳар хона ду навъи чизҳо ҳастанд: хӯрданӣ (хӯрока) ва чизҳое, ки ин хӯрокаро нигоҳ медорем ва ё бо истифода аз онҳо хӯрок мехӯрем. Ба ёд меорем, ки аз ҳамаи хӯрокаҳо (чизҳои хӯрданӣ) кадом як аз ҳама муҳиму азиз аст. Суҳбатро то вақте давом медиҳем, ки бачаҳо калимаи "нон"-ро ба ёд оранд. Сипас, мепурсем, ки оё медонанд, ки нон чӣ хел пайдо мешавад. Ҳамаи ҷавобҳоро қабул мекунем. Шояд ҷавобҳои бачаҳои шаҳр аз бачаҳои деҳот фарқ кунанд. Аз имкон берун нест, ки бачаҳои шаҳр гӯянд, ки нонро аз мағоза ё бозор пайдо мекунанд. Бо аломати ризо ин ҷавобҳоро низ қабул мекунем.
3. Бачаҳоро даъват мекунем, ки якҷоя нақли бобои Хирадро дар бораи чӣ хел пайдо шудани нон гӯш кунем. Агар имкониятҳои техникӣ набошад, онро худи муаллим бо оҳанги ширин мехонад. Фаҳмиши ин матн барои бачаҳои деҳа осонтар аст, зеро онҳо шояд аллакай кӣ будани деҳқон, чӣ будани гандуму осиёбро донанд. Барои бачаҳои шаҳр ин мафҳумҳоро шарҳ медиҳем. Матнро пас аз як бор шунавонидан бозгӯйи онро ихтиёрӣ аз ягон шогирд хоҳиш мекунем. Сипас, онро бори дуюм шунавонида, боз бозгӯйи онро хоҳиш мекунем. Бо ин роҳ ҷараёни фаҳмиши бачагонро санҷидан мумкин аст. Бигзор онҳо худашон иштибоҳҳояшонро ёбанд ва ислоҳ кунанд. Ҳамчун ҷамъбасти шунидани матн таъкид мекунем, ки нон сарчашмаи зиндагӣ аст, онро бояд эҳтиром кунем ва ба қадри меҳнати деҳқону модар расем. Барои фаҳмидани маънои баъзе калимаҳо (махсусан, барои бачаҳои шаҳр) аз рӯйи расми саҳ. 40 саволу ҷавоб ташкил кунед ва ҷараёни аз гандум пайдо шудани нонро нишон диҳед *(гандум – орд - хамир – завола – танӯр – оташ – нони пухта)*.
4. Навиштан. Зарбулмасалро мехонем ва маънои онро шарҳ медиҳем. Сипас, хоҳиш мекунем, ки ҳама онро навишта, аз ёд кунанд.
5. Иҷрои супориши саҳ. 41 ба ташаккул ва инкишофи тафаккури бачагон равона шудааст. Бачагонро ба гурӯҳҳои нуҳнафара ҷудо карда, рақамҳои коғазиро ба ҳар яки онҳо месупорем. Таваҷҷуҳи бачагонро ба аломати ин супориш ҷалб мекунем: он ҷо расми соат аст. Пас мо дар байни гурӯҳҳо мусобиқа ташкил мекунем, кадом гурӯҳ пештар супоришро иҷро кунад, ҳамон гурӯҳ ғолиб аст. Супоришро мефаҳмонем: онҳо бояд рақамҳои

чумлаҳоро аз рӯйи мазмуни матн дуруст ҷо ба ҷо гузоранд ва ҳар кас ба хондани ҷумлаи худаш омода шавад. Ҳангоми иҷрои супориш ба назди ҳар гурӯҳ рафта, барои иҷрои дурусти супориш ёрӣ мерасонем. Тартиби рақамҳо ва ҷумлаҳо чунин мешавад:

**4**□1: Бобои деҳқон заминро шудгор мекунад, гандум мекорад;
**3**□2: Гандум месабзад;
**9**□3: Гандум мерасад;
**1**□4: Бобои деҳқон гандумро медаравад;
**6**□5: Дар осиёб гандумро орд мекунад;
**5**□6: Ордро модарамон хамир мекунад;
**2**□7: Танӯрро бо оташ метафсонад;
**7**□8: Хамирро завола карда, ба танӯр мечаспонад;
**8**□9: Дар гармии танӯр нон мепазад.

Дар зимн калимаҳои нофаҳморо ба бачагон шарҳ медиҳем. Саъй мекунем, ки мафҳумҳоро бо калимаҳои сода фаҳмонем. Масалан, *сабзидан – сабз шудан, калон шудан; расидан – пухтан, тафсондан – бо оташ гарм кардан* ва ғайра.

6. Барои мустаҳкамтар кардани дониши бачагон супориши саволу ҷавобро иҷро мекунем. Пас аз анҷоми он бори дигар панди саҳ. 40-ро ёдрас шуда, ба қадри нон расиданро талқин мекунем.
7. Машқи хат. Дар охири дарс 15-20 дақиқаро барои иҷрои машқи хушнависии ҳарфи “д” ҷудо кунед. Мисли ҳамеша ба назди бачагон рафта, барои онҳое, ки ҳусни хаташон беҳбудӣ мехоҳад, ёрӣ диҳед. Навиштани баъзе ҳарфҳо ва калимаҳоро барои ҳама дар тахтаи синф ҳам навишта нишон диҳед.
8. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Ба сифати ҷамъбасти дарс ва арзёбии салоҳиятҳо бозгӯйи матнро бори дигар хоҳиш кардан мумкин аст. Барои арзёбии салоҳият пайдарпайии фикр ва алоқамандии байни ҷумлаҳоро мушоҳида кунед. Дар зимн ба таври хулоса савол мегузорем: *Мо имрӯз кадом калимаҳои навро ёд гирифтем? (гандум, деҳқон, сабзидан, расидан, орд, хамир, меҳнат).* Иҷрои машқҳои дафтари кориро низ месанҷем.

## Дарсҳои 7-8
## Мавзӯъ: Анвои хӯрока. Сето нон. Саволҳои чӣ? чиҳо?

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**
**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**
**1. 3. 3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.**
**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**

- муҳимтарин маводди хӯрокаро номбар карда ва навишта тавонанд;
- аввалин малакаҳои нақшофариро ба даст оранд;
- ҷумлаҳоро аз рӯйи маъно (саволӣ, хабарӣ, тааҷҷуб) бо оҳанги мувофиқ талаффуз карда тавонанд;
- мазмуни ҳикоятро дарк кунанд;
- мавқеи истифодаи саволҳои “чӣ?”, “чиҳо?”-ро донанд;
- малакаҳои ибрози андешаро оид ба мазмуни матн пайдо кунанд;
- роҷеъ ба муносибати байни наслҳо аввалин андешаҳоро ба даст оранд (инкишофи тафаккур).

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, расмҳои маводди хӯрока, воситаҳои техникии шунавонидани сабти овозӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Суҳбати гузаштаро дар бораи нон ба хотир оварда, онро бо ёдовар шудани дигар маҳсулоте, ки аз орд ҳосил мешавад (кулча, фатир, санбӯса ва ғайра) идома медиҳем.

2. Омӯзиши калимаҳои ифодакунандаи номи хӯрока. Ин корро бо роҳи ташкили бозӣ (саҳ. 42) анҷом медиҳем. Агар бачагон чӣ будани яхдонро надонанд (дар хонаҳое, ки яхдон надоранд), ин калимаро бо калимаи “хона” иваз кунед, яъне *“Дар хона чӣ ҳаст?”/”Дар хона чӣ чизҳои хӯрданӣ ҳаст?”.* Ба бачагон таъкид мекунем, ки агар як чизро номбар кунем, **чӣ** мегӯем, агар ду ё бисёртар чиз бошад, **чиҳо** мегӯем. Дар айни замон ба бачагон истифодаи калимаҳои тоҷикиро ба ҷойи вариантҳои русии он (панир – сыр, ҳасиб – колбаса, ҷурғот – кефир, шарбат – сок) ёд медиҳем. Бо табассум мегӯем, ки агар дар хона падар ё модарашон хато кунанд, онҳоро ислоҳ кунанд, “*Не, модарҷон, ин “колбаса” не, ин “ҳасиб” аст”.* Бо номбар кардани номи маводди хӯрока расмҳои онҳоро нишон медиҳем. Сипас, барои аз ёд кардани номи маводди хӯрока аз бозии калимаёбӣ истифода мекунем:

*– Се ҳарф дорад.*
*– Нон.*
*– Не, ҳарфи аввал “ш”.*
*– Шакар.*
*– Не, шакар панҷ ҳарф аст. Мо гуфтем, се ҳарф дорад.*
*– Шир!*
*– Офарин! Ёфтед.*
– .. ..

3. Инкишофи маҳорати шунавоӣ ва хониш. Беҳтар аст аввал калимаҳои нофаҳмо (қарз додан, адои қарз, нонво, нонвохона, сухан)-ро шарҳ диҳем. Сабти овозии матни “Сето нон”-ро мешунавонем (ё муаллим худаш мехонад). Нақли онро барои намуна аз як ё ду кас хоҳиш мекунем. Агар нақл пурра набошад, матнро бори дигар мешунавонем ё мехонем. Пас аз он ки бачагон маънои матнро фаҳмиданд, синфро ба гурӯҳҳои сенафара ҷудо мекунем. Яке нақши нонво, дигаре нақши мард ва сеюмӣ нақши гӯяндаро мебозад. Иҷрои нақши мард мушкилтар аст (дар охир бисёр гап мезанад), бинобар ин, иҷрои онро ба бачагони лаёқатманд месупорем ё ба ду нафар тақсим мекунем. Бачагон дар гурӯҳҳо мустақилона кор мекунанд. Муаллим кори онҳоро мушоҳида мекунад. Сипас, вобаста ба вақт аз чанд гурӯҳ иҷрои онро дар назди тахтаи синф хоҳиш мекунем. Дар охир барои дарки дурусти матн маънои суханҳои мардро аввал аз бачагон мепурсем, агар мушкилӣ кашанд, худамон ёрӣ мерасонем ва мефаҳмонем.

4. Ин кори шавқовар, аммо хастакунанда буд. Бинобар ин, лаҳзаи дамгирӣ ташкил кунед.

5. Машқи хат. Хушнависии ҳарфи “н”-ро ташкил мекунем. Ба назди бачагон рафта, дуруст нишастану зебо навиштани онҳоро назорат мекунем.

6. Ҷамъбаст/арзёбӣ. Барои арзёбии натиҷаҳо чунин саволҳоро пешниҳод кардан мумкин аст:

*– Мо имрӯз номи кадом чизҳои хӯрданиро ёд гирифтем?*

– *Ту паниррo дӯст медорӣ ё тухмро?*
– *Кадом меваҳоро медонед?*
– *Дар афсонае, ки шунидем ва дар нақшҳо бозӣ кардем, мард ҳар рӯз чанд нон мехарид?*
– *Нони якум барои киҳо буд?*
– *Нони дуюм чӣ?*
– *“Дар пиронсолӣ фарзандонам ба мо медиҳанд” чӣ маъно дорад?*
– ...

Ҳамчунин, иҷрои супоришҳоро дар дафтари машқ месанҷем.

Ба бачагон барои иштироки фаъолона офарин мегӯем ва ёдовар мешавем, ки онҳо имрӯз бобои Хирадро шод карданд ва боз як қадам ба боғи дигар наздиктар шуданд.

## Дарсҳои 9-10.
## Мавзӯъ: Табақи чӯбин, косаи сафол, пиёлаи чинӣ.

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**

**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**

– мазмуни матни шунидаро фаҳманд;
– матнро равону бурро хонда тавонанд;
– доир ба мазмуни матн ба саволҳои одӣ ва таҳлилии сода ҷавоб дода тавонанд;
– маънои калимаҳои навро шарҳ дода тавонанд;
– калимаҳои ҳаммаъноро муайян карда, навишта тавонанд;
– зарфҳоро номбар карда, нависанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, табақи чӯбин, косаи сафол, пиёлаи чинӣ (агар набошанд, расмҳои онҳо), воситаҳои техникии шунавонидани сабти овозӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Ашёи хонаро ба ёд оварда, номбар кардани зарфҳоро хоҳиш кунед. Беҳтар аст дар синф табақ, коса, пиёла ва ё расмҳои онҳо бошад. Барои ин чунин саволҳои водоркунанда гузоштан мумкин аст:

*– Бачаҳо, шумо дар куҷо хӯрок мехӯред?*
*– Дастархон чист?*
*– Вақте ки хӯрок мехӯрем, дар рӯйи дастархон чиҳоро мебинем?*
*– Шӯрборо дар чӣ мекашем?*
*– Пиёла барои чӣ лозим аст?*
*– Медонед, табақ чист?...*

Сипас, бачагонро ба шунидани матн даъват мекунем.

2. Тасаввурот дар бораи инкишофи илму дониш. Матни “Табақи чӯбин, косаи сафол, пиёлаи чинӣ”-ро мешунавонем (агар имконияти техникӣ набошад, онро бо оҳанг мехонем). Барои аввалин бор фаҳмидани мазмуни асосии он кофист. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки бачагон низ мисли Азизҷону Азиза аз калонсолон пурсидани ҳар чизро ёд гиранд. Сипас, онро бори дуюм низ шунавонед ва ё хонед. Ба фаҳмондани маънои калимаҳои нав эътибор диҳед. Бояд дар хотир дошт, ки омӯзиши луғат дар ин матн бо роҳи дигар пешниҳод шудааст. Калимаҳои нав дар худи матн шарҳ дода шудаанд:

*Табақ, коса, пиёла, чойник – ҳамаи инҳоро зарф мегӯянд;*
*Сахттару мустаҳкамтар;*
*...онҳоро “чинӣ”, яъне аз Чин овардашуда (дар Чин сохташуда) меноманд.*

Сипас, навиштани калимаҳои ишорашударо супориш медиҳем. Бори дигар маънои ҳар яке аз онҳоро мепурсем.

Аз рӯйи матн саволу ҷавоб ташкил кардан мумкин аст. Бо ин роҳ бачагон мазмуни матнро боз ҳам беҳтар дарк мекунанд. Намунаи саволу ҷавоб чунин буда метавонад:

- *Бобои Хирад аз чӣ хурсанд мешуд?*
- *Бобои Хирад аз ҳар пешрафти Азизҷону Азиза хурсанд мешуд.*
- *Азизҷону Азиза аз бобои Хирад чиро мепурсиданд? Онҳо аз пурсидан шарм медоштанд?*
- *Азизҷону Азиза аз бобои Хирад ҳамеша ҳама чизро мепурсиданд. Онҳо аз пурсидан шарм намедоштанд.*
- *Вақте ки хонандагон бо чизҳои хона шинос шуданд, чаро ҳайрон монданд?*
- *Ҳайрон монданд, ки чаро одамон табақро чӯбин, косаро сафол, пиёларо чинӣ мегӯянд?*
- *Онҳо аз кӣ пурсиданд?*
- *Онҳо аз бобои Хирад пурсиданд.*
- *Бобои Хирад чӣ хел ҷавоб дод?*
- *Бобои Хирад бо меҳрубонӣ ҷавоб дод.*
- *Табақ, коса, чойник, пиёларо бо як калима чӣ мегӯянд?*
- *Табақ, коса, чойник, пиёларо зарф мегӯянд.*
- *Аввал одамон зарфҳоро аз чӣ месохтанд?*
- *Аввал одамон зарфҳоро аз чӯб месохтанд.*
- *Баъд зарфҳоро аз чӣ месохтагӣ шуданд?*
- *Одамон оҳиста-оҳиста аз лой сохтани зарфҳоро ёд гирифтанд...*

3. Хониши матн барои як кас вазнин аст. Бинобар ин, беҳтар аст онро ба қисмҳо ҷудо карда, хониши мустақилонаро супориш диҳем. Қисмати аввалро ба се қисм ҷудо кардан мумкин аст. Қисматҳои дигарро аз рӯйи тақсимоташон ба абзатсҳо хонондан мумкин аст. Бачагон қисматҳои худро мехонанд, дар зимн ба хониши ҳамсинфони худ зеҳн монда, бодиққат гӯш мекунанд.

4. Ба бачагон зарфҳои дигарро низ нишон дода, дар бораи онҳо нақл кунед. *Масалан, чойник ҳам зарф аст. Он ду хел мешавад: ҳам барои чой ҷӯшондан, ҳам барои чойро дам кардан. Чойро аз чойник нӯшидан мумкин нест. Медонед, барои чӣ? Якум, агар чой гарм бошад, лабу даҳонамон месӯзад. Дуюм, чойи чойникро дигарон ҳам менӯшанд. Ҳар кас бо пиёлаи худаш чой менӯшад, аз косаи худаш хӯрок мехӯрад.*

Зарфҳо ё ашёи дигарро нишон дода, аз чӣ сохта шудан ва барои чӣ истифода шудани онҳоро пурсидан мумкин аст. Ё худ бачагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, тавсифи ашёи алоҳидаи хонаро супориш додан мумкин аст. Худашон маслиҳат карда, дар бораи он ба дигарон маълумот медиҳанд.

5. Амалҳои математикӣ (ҷамъ ва тарҳ)-ро хотиррасон кунед. Тарзи иҷрои супориши с. 44-ро аз рӯйи намуна фаҳмонед. Ёдовар мешавем, ки ин ва машқҳои дигари ба ин монанд тибқи мавзӯи дарс омода шудаанд, яъне ҳамаи калимаҳои нави сохташуда ба ашёи хона тааллуқ доранд. Чунин машқҳо дар баробари инкишофи тафаккур робитаи байнифаннӣ (забони модарӣ ва математика)-таъмин месозад, ки яке аз усулҳои таълими салоҳиятнок аст.

6. Бозии "Чӣ дӯсти чӣ"-ро барои дамгирӣ истифода кунед. Онро низ хонандагон дар дафтари машқ иҷро мекунанд.

7. Ду машқи навиштанро, беҳтараш, хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, супориш диҳед. Барои ин аз ҳар гурӯҳ якнафариро ба назди тахтаи синф даъват кунед. Дигарон ба намояндаи гурӯҳи худ метавонанд ёрӣ расонанд. Дар охир кори гурӯҳҳоро ба тариқи мусобиқа санҷед ва кӯчондани онро ба дафтари машқ супориш диҳед.

8. Инкишофи тафаккур. Бозии "Дӯстони сегона ва бегона". Мазмуни бозиро фаҳмонед. Барои намуна сатри аввалро пурра шарҳ диҳед: Бачаҳо, дар ҳар сатр чор калима ҳаст. Ҳамин хел? Канӣ, як ҳисоб кунед. Офарин. Аз ин чор калима сетояш ба ҳам наздик аст. *Масалан, биёед, калимаҳои сатри аввалро мехонем: нон, ҷурғот, шакар, миз. Акнун ҳар яки онҳоро шарҳ медиҳем. Нонро чӣ кор мекунем? Офарин, мехӯрем. Ҷурғотро ҳам хӯрдан мумкин*

*аст? Албатта, дуруст. Шакарро чӣ? Шакарро ҳам ба чой андохта мехӯрем, ҳамин тавр? Офарин. Акнун кӣ мегӯяд, миз чӣ буд? Дуруст. Мизро ҳам хӯрда мешавад? (бигзор ханданд) Не! Ана, дидед, дар ин ҷо калимаҳои "нон", "ҷурғот", "шакар" ҳама чизҳои хӯрданӣ аст, бинобар ин, онҳоро дӯстони сегона мегӯем, аммо "миз" барои онҳо бегона аст. Акнун сатрҳои 2, 3, 4, 5-ро худамон мустақилона дар гурӯҳҳо иҷро мекунем. Дар хотир дошта бошед, ки он калимаи бегона на ҳамеша дар охир, балки дар ҳар ҷо ки хоҳад, ҷой гирифтааст.*

Синфро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, иҷрои ҳар сатрро супориш медиҳем. Беҳтар аст, иҷрои ҳар супориш ба ду ё се гурӯҳ тақсим шавад, он гоҳ ҷавобҳои худро бачагон бо ҳам муқоиса мекунанд ва ҳангоми роҳ додан ба иштибоҳ ҳамдигарро ислоҳ мекунанд. Тарзи иҷрои супоришро хотирнишон мекунем:

Кӯрпа, кӯрпача, ҷевон, болишт – дар ин ҷо калимаи "ҷевон" бегона аст;

Дар, табақ, чойник, пиёла – дар ин ҷо калимаи "дар" бегона аст.

Парда, қолин, гӯшт, палос – дар ин ҷо калимаи "гӯшт" бегона аст;

Тухм, ҳасиб, панир, курсӣ – дар ин ҷо калимаи "курсӣ" бегона аст.

Ҳангоми иҷрои супориш ба назди бачаҳо равед, аз имкон берун нест, ки маънои баъзе калимаҳо (масалан, палос) барояшон нофаҳмо бошад ё маънои онро аз хотир бароварда бошанд (ҷевон, ҳасиб...). Барои фаҳмондани тарзи муайян кардани калимаи бегона низ ёрӣ медиҳем. Кӯшиш кунед, ки ёрии шумо бевосита набошад, балки бо роҳи саволгузорӣ фаҳмонида шавад.

9. Ҷамъбаст/Арзёбии дарс. Таваҷҷуҳи бачагонро бори дигар ба мазмуни матн ҷалб мекунем. Аз ҳар кас бо роҳи саволгузорӣ мазмуни онро мепурсем. Махсусан, аз худ кардани калимаҳои навро бо роҳи саволгузорӣ месанҷем. Иҷрои супоришҳои дафтари машқ ба арзёбии салоҳиятҳо кумак мерасонад.

## Дарсҳои 11-12
## Мавзӯъ: Нони гандум. Тарбияи хислатҳои нек

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**

**1. 2. 1. Дар вазъиятҳои муайян (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**

**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- мазмуни умумии матни шунидаро фаҳманд;
- қадри нонро дар зиндагӣ дарк кунанд;
- муҳимтарин сифатҳои нонро дарк кунанд;
- калимаҳои осонфаҳми навро маънидод карда тавонанд;
- тасаввуроти худро роҷеъ ба инкишофи ҳаёт ва илм, ки аз дарси гузашта ба даст оварда буданд, тақвият бахшанд;
- ахлоқи ҳамидаро ташаккул диҳанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, расмҳои чароғ ва фурӯзонак, радио ва телевизор, ҷорӯб ва чангкашак, воситаҳои техникии шунавонидани сабти овозӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Барои тайёр кардани бачагон ба омӯзиши маводди ин дарс суҳбатро бо ба хотир овардани матни "Нон чӣ хел пайдо мешавад?" сар кардан мумкин аст. Агар бачагон фаромӯш карда бошанд, онҳоро сарзаниш накарда, худамон бо таъкид такрор мекунем: Ёдатон ҳаст, бачаҳо, бобои деҳқон заминро шудгор карда, гандум мекорад. Дуруст? Ба хотир овардед? Офарин!...Дар охир таъкид кунед: Мо гуфтем, ки нон барои ҳар яки мо бисёр азиз аст. Мо барои ҳар касу ҳар чизи азиз шеър менависему мехонем.

2. Инкишофи маҳорати шунавоӣ ва хониш. Имрӯз дар бораи қадри нон шеър мехонем. Биёед, аввал онро гӯш кунем. Сабти овозии шеърро мешунавонем (ё худамон бо оҳанг қироат мекунем). Шеър аз се банд иборат аст. Ба ҳар кас хониши як бандро супориш диҳед. Барои ин бачагон метавонанд рақамҳои 1, 2, 3-ро бо навбат такрор кунанд. Рақамҳои 1 банди аввал, рақамҳои 2 банди дуюм ва рақамҳои 3 банди сеюмро мустақилона мехонанд. Байти охир *(Мепарастам нони гандум, Хӯшаҳои дони гандум)*-ро ҳама якҷоя мехонанд. Хонишро чанд маротиба такрор мекунем. Барои аз ёд кардани пораҳои шеър шунидани онро дар хона бо калонсолон супориш медиҳем. Калимаҳои муҳимро шарҳ дода, дар хотир гирифтани онро хоҳиш мекунем.

Дар зимн мазмуни ҳар банди шеърро чунин шарҳ додан мумкин аст:

Банди якум: Нон хӯроки асосии мост, он ба мо қувват медиҳад. Агар меҳмон ояд, мо ба дастурхон аввал нон мегузорем, чунки он зеби дастурхон ва нишони иззати меҳмон аст. Ана барои ҳамин мо нонро дӯст медорем.

Банди дуюм: Деҳқон бо ранҷ (меҳнат) гандумро мекорад, гандум ба деҳқон ризқу рӯзӣ, пулу боигарӣ меорад. Баракати зиндагии мо ва номи баланди мардони мо (деҳқонони мо) ҳам аз гандум аст. Ана барои ҳамин мо нонро дӯст медорем.

Банди сеюм: Гандум дар баҳорон мерӯяд. Сабзаҳои гандум борику тез монанди нӯги шамшер аст. Хӯшаҳои гандум мисли мӯйи духтаракон ва ранги донааш монанди ситораҳо аст. Ана барои ҳамин мо нонро дӯст медорем.

3. Намояндагони ҳар гурӯҳ машқи навиштанро дар дафтари машқ иҷро мекунад. Супориш чунин аст, ки бачагон аз банди аввал калимаҳоеро, ки бо ҳарфи "н" тамом шудаанд, ёфта, менависанд. Ин кор каме мушкил аст, чунки аксари чунин калимаҳо бо бандаки изофӣ омадаанд. Ин масъаларо ба бачагон фаҳмонед, то ки калимаҳои *ҷон, дастурхон* ва ғайраро низ нависанд. Гурӯҳи дуюм низ калимаҳоеро менависанд, ки бо ҳарфи "н" тамом шудаанд. Ниҳоят, барои гурӯҳи сеюм ёфтан ва навиштани калимаҳоеро пешниҳод кунед, ки бо ҳарфи "р" тамом шудаанд (нигаред ба дафтари машқ).

4. Инкишофи тафаккур. Бо расмҳои саҳ. 47 кор мекунем. Ба ҷойи калимаи "чӣ" бо навбат номи ашёро гузошта мехонем: Аввал чароғ буд, баъд фурӯзонак шуд; аввал радио буд, баъд телевизор шуд, аввал ҷорӯб буд, баъд чангкашак шуд. Фарқи ҳар якеро аз бачагон мепурсем ё худамон шарҳ медиҳем. Афзалияти якеро аз дигаре мефаҳмонем. Таъкид мекунем, ки ин онҳоро одамони доно сохтаанд, агар шумо ҳам нағз хонда доно шавед, бисёр чизҳои нав сохта метавонед.

5. Машқи навиштан ва дар хотир нигоҳ доштани калимаҳоеро, ки дар охирашон ҳарфи "ӣ" доранд (аз саҳ. 48) анҷом медиҳем. Аз бачагон метавонед пурсед, ки боз кадом калимаҳо дар охираш ҳарфи "ӣ" дорад. Дар вақти зарурӣ худамон ёрӣ медиҳем: дӯстӣ, бародарӣ, канӣ...

6. Тарбияи ахлоқи нек. Шеъри "Гулбаҳор" (саҳ. 47) бо забони кӯдакона иншо шуда, хонданаш осон аст ва моҳияти тарбиявӣ дорад. Пас аз хондани он бигзор худи бачагон хулоса кунанд, ки оё ин амали Гулбаҳор хуб аст ё не. Духтарон ин шеърро дар нақшҳо низ метавонанд иҷро кунанд (яке – модар, дигаре – Гулбаҳор). Агар дар синфи шумо духтараке бо номи Гулбаҳор бошад, таъкид кунед, ки ин шеър дар васфи духтараки дигар аст, Гулбаҳори мо боодобу гапдаро аст. Нагузоред, ки бачагон ин духтаракро мазоҳу масхара кунанд. Мақоли "Аз бекор – ҳама безор"-ро барои ҷамъбасти шарҳи ин шеър истифода кунед, навиштан, ба хотир гирифтан ва тарки одати бекориву танбалиро таъкид кунед.

7. Машқи хат. Хушнависии ҳарфи “г”-ро супориш медиҳем (ёдовар мешавем, ки хушнависии ҳарфҳоро тибқи супоришҳо дар дафтари машқ анҷом медиҳем, на аз рӯйи китоби дарсӣ). Иҷрои онро назорат карда, тарзи дуруст нишастанро таъкид мекунем. Дар ҳолатҳои зарурӣ ба бачагони алоҳида ёрӣ медиҳем.

8. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Шеъри “Нони гандум”-ро бори дигар шунавонида, хондани якҷояи онро баробари шунидан супориш медиҳем ва салоҳияти хондани бачагонро месанҷем. Омӯзиши калимаҳои навро бо роҳи саволу ҷавоб месанҷем. Махсусан ба истифодаи калимаҳои тоҷикӣ ба ҷойи калимаҳои русӣ (лампочка, пылесос, хлеб ва ғайра) эътибор медиҳем. Иҷрои супоришҳои дафтари кориро низ санҷед. Барои ҳама офарин гуфта, таъкид мекунем, ки шеърро дар хона ҳам такрор ба такрор шунаванд ё аз калонсолон хондани онро хоҳиш кунанд.

## Дарсҳои 13-14

**Мавзӯъ: Ҷамъбасти маводди боби Хона. Арзёбии салоҳиятҳои боби Хона**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**

- ашёи хонаро номбар карда тавонанд;
- таъйиноти муҳимтарин ашёи хонаро донанд;
- қадри гандуму нонро дарк кунанд;
- шифоҳӣ хонаи худро бо ду-се ҷумлаи сода тавсиф карда тавонанд;
- роҷеъ ба инкишофи илм ва ҳаёт тасаввурот пайдо кунанд;
- калимаҳоеро, ки ҳарфи “ӯ” доранд, дуруст навишта тавонанд;
- ҷумлаҳои содаро тибқи мавзӯъ дуруст навишта тавонанд;
- мазмуни матни шунидаашонро бо ҷумлаҳои сода нақл нақл карда тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, расмҳои хонаҳои зебо ва якошёнаву бисёрошёна, расмҳои ашёи хона, воситаҳои техникии шунавонидани сабти овозӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Таъкид мекунем, ки имрӯз мо сайругаштро дар боғи Хона ба охир мерасонем. Барои ин ки бобои Хирад ба Азизҷону Азиза ва ба ҳамаи мо калиди боғи навбатиро диҳад, бояд он чӣ омӯхтем, ба ёд орем ва машқҳоро дуруст иҷро кунем.

2. Бачагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, навиштани як сатрро ба ҳар гурӯҳ супориш медиҳем. Сатри чорум мушкилтар аст, онро ба бачагони лаёқатманд супориш медиҳем. Сипас, аз намояндаи ҳар гурӯҳ хоҳиш мекунем, ки навиштаҳои худро хонад ва расми мувофиқи онро нишон диҳад.

3. Супориши дигар барои санҷиши навишт ва ба хотир гирифтани калимаҳое, ки ҳарфи “ӯ” доранд, равона шудааст. Чунин тарзи санҷишро ба кор бурдан мумкин аст: Калимаҳоро дар тахтаи синф нависед ва як лаҳза аз бачаҳо хоҳиш кунед, ки бодиққат нигоҳ кунанд ва хонанд. Сипас, навиштаҳоро пӯшонида, аз бачагон хоҳиш кунед, ки чанд калимаеро, ки ба хотир гирифтаанд, дар дафтар нависанд. Ба ҳар як калимаи дуруст

навишташуда якхолӣ баҳо гузошта, сатҳи салоҳиятҳои хонандагонро ба таври муқоиса санҷед.

4. Инкишофи нутқи шифоҳӣ. Хониши намунаи тавсифи хонаро супориш медиҳем. Ба бачагоне, ки дар хонаҳои бисёрошёна (квартираҳо) зиндагӣ мекунанд, тарзи дигари тавсифи хонаро ёд медиҳем ё худамон пешакӣ матни хурде тартиб дода, онро ба бачагон пешкаш мекунем: *Мо дар хонаи бисёрошёна зиндагӣ мекунем. Хонаи мо калон аст (нест). Хонаи мо се утоқ, ошхона, ҳаммом ва ҳоҷатхона дорад. Мо дар хона диван, миз, курсӣ, телевизор, қолин ...дорем.* Сипас, аз чанд нафар хоҳиш мекунем, ки хонаи худро тавсиф кунанд. Дигарон гӯш мекунанд. Барои пурратар шудани нақл метавонед саволҳои иловагӣ диҳед (*Шумо телевизор ҳам доред?)* Бачагони дигар низ, агар хоҳанд, ба гӯянда савол медиҳанд.

5. Машқи аввали навиштанро аз саҳ. 49 бачагон вобаста ба муҳити зисташон интихоб намуда, анҷом медиҳанд. Ин ҷо ҳам салоҳияти навиштан ва ҳам салоҳияти инкишофи тафаккур (бачагон на тахминӣ, балки фикр карда, ҷумлаҳоро интихоб мекунанд) ба назар гирифта мешавад.

6. Бачаҳо хаста шудаанд. Як бозии кӯтоҳмуддат (масалан, калимаёбӣ) ташкил намуда, хоҳиш кунед, ки боз як кӯшиши дигар кунанд, то ки калиди боғи дигарро ба даст оранд.

7. Ҷумлаҳои машқи навиштанро дар шаклҳои гуногун пешниҳод кардан мумкин аст:

А) Ба ҷойи нуқтаҳо гузоштани калимаҳои “дорем” ё “надорем” (ҳамон тавре ки дар китоб омадааст);

Б) Ба ҷойи нуқтаҳо гузоштани калимаҳои мувофиқ: Мо .. .. дорем.

В) Ба ҷойи нуқтаҳо гузоштани калимаҳои мувофиқ: Мо ...надорем.

Ин супоришро бачаҳо метавонанд дар гурӯҳҳо иҷро кунанд. Дар охир чанд нафар навиштаҳои худро мехонанд.

8. Арзёбии ҷамъбастии боб. Иҷрои супоришҳоро аз ҷониби хонандагон ҷамъбаст мекунем ва салоҳиятҳои ҳар яки онҳоро муайян мекунем. Шунидани матни охири дарсро барои санҷиши шунидану фаҳмидан истифода кунед. Пас аз шунидан маънои онро аз бачагон пурсед. Баъзе калимаҳо дар худи матн шарҳ ёфтаанд: *ҳамеша – яъне ҳама вақт; ихтироъ карданд – яъне сохтанд; олимон шахсоне ҳастанд, ки дар мактаб аъло мехонаданд ва ҳама чизро медонистанд.*

Барои ҷамъбасти салоҳиятҳо аз ҷадвали зерин истифода бурдан мумкин аст:

| | Х. 1 | Х. 2 | Х. 3 |
|---|---|---|---|
| ашёи хонаро номбар карда метавонанд | + | +/- | -/+ |
| таъйиноти муҳимтарин ашёи хонаро медонанд | + | + | -/+ |
| қадри гандуму нонро медонанд | + | + | + |
| роҷеъ ба инкишофи илм ва ҳаёт тасаввурот доранд | + | + | - |
| калимаҳоеро, ки ҳарфҳои “ӯ” доранд, дуруст навишта метавонанд | +/- | +/- | +/- |
| ҷумлаҳои содаро тибқи мавзӯъ дуруст навишта метавонанд | + | + | + |
| мазмуни матни шунидаашонро бо ҷумлаҳои сода нақл карда метавонанд | + | + | + |
| .. .. .. .. .. ... | | | |

Аломатҳо шартӣ буда, чунин маъно доранд: + пурра медонад; +/- бештар медонад; -/+ камтар медонад; - намедонад.

Хеле хуб аст, агар аз натиҷаи он падару модарон ва калонсолони хонаводаро огоҳ намоем, то он ки онҳо бо кӯдакон кор кунанд.

**Таъкид:** Натиҷагирии салоҳиятҳои хонанда фақат барои омӯзгор ва падару модарон аст!

Дар охир бачагонро табрик кунед, ки онҳо ҳамаи супоришҳоро хуб иҷро карданд ва дарси оянда барои гирифтани калиди боғи Мактаб омода шаванд, агар имконият бошад, бо калонсолон шеъри “Муаллими мо”-ро хонанд ё сабти овозии онро чанд маротиба гӯш кунанд.

## БОБИ МАКТАБ (16 СОАТ)

Ин боб аз он сар мешавад, ки Азизҷону Азиза бо орзуи донотар шудан ба сӯйи боғи МАКТАБ раҳсипор мешаванд. Ҳадафи асосии боб шиносоӣ бо мактаб ва ашёи хониш, эҳтироми устод, тоза нигоҳ доштани муҳит, инкишофи салоҳиятҳои гуногуни хонандагон аст. Бобои Хирад аз орзуи бачаҳо шод шуда, чун ҳарвақта супориш медиҳад, ки барои ба даст овардани калиди боғи навбатӣ дар васфи устод шеър хонанд. Бачаҳо ин супоришро иҷро мекунанд ва соҳиби калид мешаванд.

"Биёед, бо ҳамдигар аз наздик шинос мешавем!" – ин суҳбатҳо барои ташаккули одоби ҳамида, малакаҳои муносибатҳои дӯстона ва дар зимн инкишофи нутқи шифоҳӣ таҳия шудаанд. Бачагони мо имрӯз одоби саломро ба устод ба таври расмӣ иҷро меунанд, аммо аҳволпурсии ҳамдигарро намедонанд. Ба бачагон талқин кунед, ки ҳар рӯз ҳангоми дидорбинии аввалин бо ҳамдигар салому алейк кунанд.

Таълими ин боб ба иди 8 Март – Рӯзи модарон, фарорасии фасли баҳор ва ҷашни бошукӯҳи Наврӯз рост меояд. Ин мавзӯъҳоро дар ҳар вақти муносиб омӯхтан мумкин аст. Аз ин рӯ, вобаста ба тақвими ҳақиқӣ тартиби мавзӯъҳои таълимиро тағйир додан мумкин аст. Ба гузаронидани ин дарсҳо бояд як-ду рӯз пештар тайёрӣ бинем. Барои ин аз бачагон хоҳиш кардан лозим аст, ки бо худ коғазҳои ранга биёранд.

Нақшаҳо ва суратҳои саҳифаҳои 56-57 барои инкишофи нутқ, луғатомӯзӣ ва махсусан, истифодаи дурусти номи ашёи мактабӣ (ҷадвал, ҷузвдон, тахта, бӯр...) хеле муҳим аст.

Ҳикояти "Раҳмат ба ту, додарҷон!" ҳам барои ташаккули салоҳиятҳои шунавоӣ ва бозгӯ кардан ва ҳам барои дарки моҳияти меҳнат кардан, кӯшиш кардан ва бо ин роҳ ба мақсад расидан кӯмак мекунад.

Дар ин боб машқҳои хушнависӣ барои навиштани ҳарфҳои алоҳида идома меёбад.

### Дарсҳои 1-2

### Мавзӯъ: Мактаб. Шиносоӣ бо ҳам. Биёед, бо ҳам наздиктар мешавем!

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи муайяни вазъиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои ду-сеамалаи таълимӣ) риоя мекунад.**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 1. Дар вазъиятҳои муайян (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**

**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**

**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**

- мафҳумҳои «мактаб» ва «муаллим»-ро дарк кунанд;
- шеърро бурро ва бо риояи оҳанг хонанд;
- калимаҳои навро маънидод карда тавонанд;
- муҳимтарин қоидаҳо ва одоби муошиpатро риоя кунанд;
- нақшҳои содаро дуруст бозӣ карда тавонанд;
- тибқи мазмуни суҳбат ҷумлаҳоро дуруст насиванд;
- қадри мактабу омӯзгорро дарк кунанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, васоили техникии шунавонидани сабти овозӣ, дарвозаи рамзии боғ, нақшаҳо, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Такрори дарси гузаштаро аз он шурӯъ мекунем, ки сайругашти худро дар боғи Хона бомуваффақият анҷом додем, бачагон бисёр чизҳоро ёд гирфтанд, қадри меҳнати деҳқону модарон ва нонро шинохтанд, фаҳмиданд, ки ҳама ашёи хонаро олимон сохта будаанд. Олимон ҳамон шахсоне будаанд, ки дар мактаб аъло мехондаанд. Пас, мактаб махзани илму дониш будааст.

2. Хониши бадеии шеър. Ба бачагон муроҷиат мекунем, ки барои гирифтани калиди боғи Мактаб бобои Хирад супориш додааст, ки дар васфи муаллим шеър хонанд. Ҳар кас агар аллакай дар бораи мактабу устод шеър донад, бигзор хонад. Сипас, ба бачагон сабти овозии шеъри саҳ. 50 (Муаллими мо)-ро мешунавонем ва ё худамон қироат мекунем. Ин корро чанд маротиба такрор кардан мумкин аст. Бачагон баъди шунидани он худашон ин шеърро мустақилона мехонанд. Бачагонро ба се гурӯҳ ҷудо карда, ба ҳар гурӯҳ хондани як порчаи шеърро низ супориш додан мумкин аст.

| |
|---|
| **Таъкид:** Дар баробари шеъри “Муаллими мо” (Латофат) шеъри дигарро дар васфи мактаб низ худи омӯзгорон метавонанд пешниҳод кунанд. |

3. Омӯзиши луғат. Пас аз хондани шеър аз ҷониби хонандагон ба дасти онҳо калиди рамзиро медиҳем, ки бо он дарвозаи боғи Мактабро кушоянд. Эътибор диҳед, ки калидро онҳое гиранд, ки аз ин пеш нагирифта буданд. Ба бачагони сустхон низ ин имкониятро диҳед. Акнун баъзе калимаҳои муҳимро аз ин шеър шарҳ медиҳем. Дар китоб луғати махсус оварда нашудааст. Ин имкон медиҳад, ки омӯзгор роҳҳои дилхоҳи шарҳи луғатро истифода барад. Калимаҳое, ки шарҳи онҳо пештар буд, аммо имкони фаромӯш шуданашон ҳаст, бори дигар такрор мекунем.

4. Одоби муошират. Истифодаи ҳарфи калон дар аввали номҳо. Устод ба хонандагон муроҷиат мекунад:

*– Бачаҳо, шумо аллакай номи якдигарро медонед, бо ҳам дӯст шудед. Фирӯзҷон, ту медонӣ, номи падари Манучеҳр чӣ? Не? Меҳоҳӣ, онро донӣ? Офарин. Фарзонаҷон, ту номи модари Сулҳияро медонӣ? Ҳоло не? Донистан меҳоҳӣ? Бисёр нағз. Бачаҳо, барои дӯстони нағз шудан дар бораи аҳли хонаводаи ҳамдигар ҳам донистан даркор. Ҳоло гӯш кунед, чӣ хел номи падару модари якдигарро пурсидан мумкин аст.*

Сипас, суҳбатҳоро бо навбат ва риояи оҳанг (пурсиш, ҷавоб) мехонем. Агар бачагон хоҳанд, онро бори дигар мехонем ва аз онҳо хоҳиш мекунем, ки зимни хондани устод ба китоб нигоҳ кунанд. Бачагонро ба гурӯҳҳои дунафара тақсим мекунем (аз рӯйи ҷинс – писарон ва духтарон). Ба ҳар гурӯҳ хондани як суҳбатро супориш медиҳем. Барои санҷиши сатҳи фаҳмиши хонандагон хоҳиш мекунем, ки ба саволҳои гузошташуда ҷавоб диҳанд. Ёдовар мешавем, ки дар матни суҳбат ҷавоби мустақим нест, ҷавобро бачагон фикр карда мeёбанд (*Номи падари Диловар – Муҳаммад, номи падари Умедҷон – Фаридун, номи дугонаи Замира – Мӯниса).* Саволҳои дигар низ тартиб додан мумкин аст: - *Кӣ мегӯяд, номи модари Мӯниса Меҳринисо аст?...*Сипас, онҳо ба ҷойи номҳои дар китоб овардашуда номҳои худ ва номҳои падарону модарони худро гузошта, ин суҳбатҳоро дар нақшҳо иҷро мекунанд. Баъд аз он ки саволҳо ва ҷавобҳоро ёд гирифтанд, ба ҳама иҷозат медиҳем, ки ба назди дигарон рафта, номи падару модари якдигарро пурсанд. Ин дар айни замон нақши лаҳзаи дамгириро мебозад. Таъкид мекунем, ки ҳар рӯз ҳангоми ҳамдигарро дидан салом гӯянд, аҳволпурсӣ кунанд. Салоҳиятҳои бадастовардаи хонандагонро барои худ қайд кунед.

5. Навиштани ҷумлаҳои сода аз рӯйи намуна. Истифодаи ҳарфи калон дар аввали номҳо. Ин ду ҷумла вобаста ба мазмуни матни суҳбати дуюм мураттаб шудааст. Мисли ин ҷумлаҳоро аз матни якум низ интихоб кардан мумкин аст. Ҳамчунин, ба бачагон супориш диҳед, ки чунин ҷумлаҳоро ба тариқи пурсиши номи падару модари якдигар низ тартиб диҳанд ва нависанд. Масалан, онҳо аз рӯйи суҳбатҳои дунафара номи падару модари

ҳамсинфонашонро донистанд. Ин ҷумлаҳоро дар шакли хаттӣ дар дафтар менависанд. Чанд нафар ин корро дар тахтаи синф ҳам иҷро мекунанд. Ҳангоми иҷрои ин супориш ба риояи дуруст нишастан ва ҳусни хат низ эътибор диҳед.

6. Хушнависии ҳарфи "х"-ро дар охири дарс ва ё дар фурсати муносиби дигар анҷом додан мумкин аст

7. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Ба хониши шеър бармегардем. Агар касе онро аз ёд карда бошад, аҳсан мегӯем. Роҷеъ ба қадри муаллим ва макони илму дониш будани мактаб суҳбат мекунем. Салоҳияти истифодаи ҳарфи калонро дар аввали номи одамон ва дурустии имлоро аз рӯйи иҷрои супоришҳои китоб дар дафтари машқ санҷед. Дар мавриди донистани номҳои наздикони якдигар ва ёд гирифтани тарзи дурусти муроҷиат ба калонсолон чунин дастур додан мумкин аст: *Бачаҳо, имрӯз мо номи падару модари якдигарро донистем. Шумо метавонед аз ҳамдигар дар вақти холӣ номи бародару хоҳарон, бибию боборо пурсед. Ба хотир гирифтани номҳоро машқ кунед. Муроҷиат ба калонсолонро ҳам ёд гиред. Масалан, ба модару падари ҳамдигар «очаи Фариза» ё «отаи Салимҷон» гуфта муроҷиат кардан хуб нест. Беҳтараш, холаи Манижа ё Манижахола, бобои Карим ё Каримбобо гӯед.*

Бачагонро бори дигар барои соҳиб шудан ба калиди боғи Мактаб табрик мегӯем ва то дарси оянда хайрухуш мекунем. Аз бачагон хоҳиш мекунем, ки боодобона бо ҳамдигар хайрухуш кунанд.

## Дарсҳои 3-4
## Мавзӯъ: 8 Март – Рӯзи модарон. Меҳри модар.

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**
**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**
**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**
**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- тасаввуроти худро оид ба ҷашнҳо такмил диҳанд;
- шеърро бурро хонанд;
- маънои шеърро дарк кунанд;
- матни шунидаро бо роҳи саволу ҷавоб бозгӯ кунанд;
- персонажҳои асосии матнро шиносанд;

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, васоили техникии шунавонидани сабти овозӣ, коғазҳои ранга, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Аз имкон берун нест, ки ин мавзӯъ на баъд аз мавзӯи гузашта, балки пас аз мавзӯъҳои дигар ояд, зеро ташкили ин дарс ба ҷашни модарон тааллуқ дорад ва бояд дар арафаи он гузаронида шавад. Аз ин рӯ, оғози дарсро вобаста ба мавзӯи гузашта худатон ба роҳ монед.
2. 8 Март – Рӯзи модарон. Пеш аз хондани шеър бо сурат саволу ҷавоб ташкил мекунем. Бачагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, супориш медиҳем, ки дар бораи ин расм матни кӯтоҳи шифоҳӣ тайёр кунанд. Иҷозат медиҳем, ки бо ҳамдигар бо овози паст суҳбат кунанд, маслиҳат пурсанд. Барои ёрӣ додан мефаҳмонем, ки суҳбати онҳо ҷавоби чунин саволҳоро дар бар гирифта бошад:

*– Ин расми чист? (–Гулдаста).*

*– Гулдастаро ба кӣ туҳфа мекунем? (–Ба модар (хоҳар, бибӣ, дугона).*

– *Кай туҳфа мекунем? (–Дар рӯзи ид).*

Шеърро бурро мехонем (ё сабти овозии онро мешунавонем). Луғатҳои шеърро шарҳ дода, якпорчагӣ хондани онро супориш медиҳем.

3. Таҳияи туҳфа ба модарон. Аз коғазҳои ранга (дар хотир дошта бошед, ки коғази ранга овярданро як-ду рӯз пештар супориш диҳед). ҳамроҳ бо бачагон гул месозем. Гулҳоро дар рӯйи коғазҳои сафед бо ширеш часпондан ҳам мумкин аст. Таҳияи матни дарози табрикӣ дар ин синну сол шарт нест, кофист, ки яке аз ин ҷумлаҳоро нависанд: *Ба модарҷонам. Туҳфа ба ҷашни модарон. Ид муборак, модарҷони азиз!*

4. Барои машқи навиштан як ҷумла оварда шудааст. Иҷрои онро дар дафтари машқ супориш диҳед ва назорат кунед.

5. Матни "Туҳфа" (с. 53) барои шунавонидан ва суҳбат аз рӯйи мазмуни он аст. Матнро хонед ё сабти овозии онро шунавонед. Калимаҳои душворфаҳмро аз рӯйи луғати овардашуда шарҳ диҳед ва сипас, нақли мазмуни онро бо роҳи саволу ҷавоб ташкил кунед. Саъй кунед, ки бачагон ба ҷойи калимаи русии "подарка", ки дар забони гуфторӣ хеле маъмул шудааст, аз калимаҳои "туҳфа", "ҳадя", "идона" истифода кунанд. Туҳфаҳои тайёркардаи бачагон (гулҳои коғазӣ)-ро ба ёдашон оред ва таъкид кунед, ки нағз хондан, одобу рафтори хуб доштан беҳтарин туҳфаи фарзанд ба модар будааст, даъват кунед, ки бачагон нағз хонанд.

6. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Салоҳиятҳои ин дарсро бо салоҳиятҳои дарси санъат ва меҳнат якҷоя арзёбӣ кардан мумкин аст (сохтан ё кашидани гулдаста барои модарон). Хониши бурро ва тақвияти хотираро бо роҳи хондану аз ёд кардани шеър санҷед. Бачагонро барои табрики модарону хоҳарон тайёр кунед. Дар баробари туҳфаи тайёркардаи онҳо фаҳмонед, ки модаронро бо хондани шеър ҳам табрик кардан мумкин аст. Як-ду нафар тарзи табрики модаронро дар назди тахтаи синф барои дигарон метавонанд намоиш диҳанд.

## Дарсҳои 5-6

**Мавзӯъ: Калима ва ҳиҷо. Ҳарфи калон дар аввали номҳо. Имло ва талаффуз.**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи муайяни вазъиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои ду-сеамалаи таълимӣ) риоя мекунад.**

**1. 2. 1. Дар вазъиятҳои муайян (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- тарзи сохта шудани ҳиҷоҳоро донанд;
- калимаҳоро ба ҳиҷоҳо дуруст ҷудо карда тавонанд;
- бо ҳарфи додашуда калимаро аз хотираи худ гуфта ва навишта тавонанд;
- ҳампаҳлуяшонро ба ҳамсинфон муаррифӣ карда тавонанд;
- аввалин малакаҳои фарқияти меъёри талаффуз ва меъёри навиштро дар мисоли калимаи "шанбе" ба даст оранд.
- хушнависии ҳарфи "м"-ро дуруст иҷро кунанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, васоили техникии шунавонидани сабти овозӣ, ҷадвали алифбо, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Аз бачагон бипурсед, ки дирӯз туҳфаҳои худро ба модарашон супориданд ё не? Ба модаршон чӣ гуфтанд? Ба хоҳаронашон чӣ? Модарашон аз гирифтани туҳфа хурсанд шуд? Ин хурсандиро чӣ хел баён кард? Барои модар шеър хонданд? Бигузор

ҳар чи бештар суҳбат кунанд. Дар хотир дошта бошед, ки суханҳои лаҳҷавиро номаълум, бе эрод гирифтан, бо роҳи дар шакли дуруст такрор кардани он ҷумлаҳо ислоҳ кардан ба мақсад мувофиқ аст. Дар охир суҳбатро ҷамъбаст намуда, фаҳмонед, ки ин нишоне аз меҳри модарӣ ва дӯст доштани модари худ аст.

2. Ҳиҷо ва калима. Нақши садонокҳо дар ташкили ҳиҷо. Табиист, ки аксари бачаҳо то имрӯз чӣ будани ҳиҷоро медонанд. Ин дарси таҳкими дониши онҳо аст. Аввал ҷадвали алифборо нишон дода, супориш диҳед, ки садонокҳо ва ҳарфҳои йотбарсарро нишон диҳанд. Сипас, хоҳиш кунед ёбанд, ки дар ҳар калимаи додашуда чанд садонок ҳаст (ҷавобҳо: дар калимаҳои *туҳфа* ва *пахта* ду садонок, дар калимаҳои *модарҷон* ва *гулдаста* се садонок мавҷуд аст. Он гоҳ хулоса мекунем: пас, калимаҳои *туҳфа* ва *пахта* аз ду ҳиҷо, калимаҳои *модарҷон* ва *гулдаста* аз се ҳиҷо сохта шудаанд. Калимаҳои додашударо ба ҳиҷоҳо ҷудо намуда менависем:

*туҳ-фа, пах-та, мо-дар-ҷон, гул-дас-та.*

Таъкид кунед, ки ҳарфҳои йотбарсар аз ду овоз –ҳамсадои “й” ва садонокҳои “а” (я), “о” (ё) ва “у” (ю) таркиб ёфтаанд, бинобар ин ин ҳарфҳо низ дар ҳиҷосозӣ иштирок мекунанд. Барои мустаҳкам кардани дониши хонандагон бо навбат чанд нафарро ба назди и синф даъват мекунем. Бигузор худи бачаҳо калимаҳои дилхоҳашонро гӯянд. Нафаре, ки дар назди тахтаи синф аст, аввал калимаро ба пуррагӣ менависад, Сипас, нишон медиҳад, ки дар он калима кадом садонокҳо ва ё ҳарфҳои йотбарсар ҳастанд. Меёбад, ки ин калима чанд ҳиҷо дорад, Сипас, онро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда, менависад. Масалан, як нафар калимаи *меҳрубон*ро барои навиштан пешниҳод мекунад. Хонандаи дар назди тахта буда онро навишта, мегӯяд: дар калимаи “меҳрубон” се садонок ҳаст: **е, у, о.** Пас он аз се ҳиҷо иборат аст. Ин калимаро ба ҳиҷоҳо чунин ҷудо мекунем: *меҳ-ру-бон.* Пас аз он ҳамаи бачагон шакли дурусти калимаро бо ҳиҷоҳо ба дафтар менависанд. Ин корро бо шогирдони дигар низ такрор мекунем. Барои йотбарсарҳо калимаи “яхдон”-ро истифода бурдан мумкин аст. Ин калима аз панҷ ҳарф (яхдон), аммо шаш овоз иборат аст (йахдон), ки ду садонок (**а, о)** дорад. Пас он аз ду ҳиҷо иборат аст. Ин кор муҳим бошад ҳам, хастакунанда аст, бинобар ин, ҳар гоҳ ҳис кардед, ки бачагон хаста шудаанд, лаҳзаи дамгирӣ ташкил кунед.

3. Супориши дигарро иҷро мекунем. Он ба инкишофи малакаҳои калимаёбӣ бо ҳарфи додашуда равона шудааст. Аввал намунаҳоро навишта шарҳ медиҳем: Номи модари Аниса Сарвиноз аст, ин калима бо ҳарфи “с” сар мешавад. Калимаи дигаре, ки бо ин ҳарф сар мешавад, “себ” аст. Боз кадом калима бо “с” сар мешавад? – сар, сабз, собун, саҳар, соат...

Ин машқро бо роҳи ба гурӯҳҳо ҷудо кардани синф низ ташкил кардан мумкин аст. Бигзор хонандагон аз ҳамнишинҳои худ номи модар, падар ё шахси дигари оиларо пурсанд, нависанд ва бо ҳарфи аввали он ном калимаи дигар ёбанд. Чанд нафарро ба тахта даъват карда, иҷрои ин супоришро месанҷем. Ҳангоми иҷрои супориш аз ҷониби як хонанда аз бачагони дигар гуфтани калимаҳои навро бо ҳамон ҳарф мепурсем. Ин машқ дар кадом сатҳ будани захираи луғавии хонандагонро нишон медиҳад.

4. Инкишофи нутқи шифоҳӣ ва маҳорати навиштан. Аломати “Бихонед”-ро, ки дар тарафи чапи китоб аз қисмати боло ҷойгир аст, нишон дода пурсед, ки он чӣ маъно дорад. Пас аз он ки бачагон маънои аломатро фаҳмиданд, хониши мустақилонаи онро супориш диҳед. Сипас, хондани онро бо овози баланд аз чанд шогирд хоҳиш кунед. Баъд аз он ки бачагон мазмуни матнро пурра фаҳмиданд, супориш диҳед, ки аз ҳампаҳлуи худ номи модар ё падарашон (ё дигар шахси наздики оила)-ро пурсанд. Ҳар кас аз рӯйи намуна матн менависад. Кори бачагонро назорат кунед, иҷозат диҳед, ки номро такроран пурсанд, бо овози паст суҳбат кунанд. Пас аз анҷоми кор чанд нафар навиштаҳои худро мехонанд ё шифоҳӣ ҳампаҳлуи худро ба дигарон шинос мекунанд. Аз як нафар навиштани онро дар тахтаи синф хоҳиш кардан мумкин аст.

5. Хондани шеър дар васфи модарро ҳамчун лаҳзаи дамгирӣ истифода бурдан мумкин аст. Агар вақт имкон надиҳад, аз иҷрои он сарфи назар кунед.

*6.* Имло ва талаффуз. Мо аллакай баъзе машқҳои **“Менависем – мехонем”**-ро иҷро кардаем. Бачагон чӣ будани бандаки изофиро надонанд ҳам, медонанд, ки агар дар охири калима “и” пас аз садонокояд, он “йи” хонда мешавад: *бобои ман = бобойи ман, хонаи зебо = хонайи зебо.* Суҳбати Алишер ва Нигинаро барои бачагон мехонем ва хоҳиш мекунем, ки бачагон зимни хондани мо ҳам гӯш кунанд, ҳам ба китоб нигоҳ кунанд. Ба бачагон таъкид мекунем, ки ҳар ҷо, агар баъд аз ҳарфи “н” ҳарфи “б” омада бошад, онро “м” мехонем, аммо ҳамеша “н” менависем. Барои таҳкими ин қоида чанд калимаи дигарро низ дар тахта менависем: *душанбе = душамбе (ҳамаи рӯзҳои ҳафта, ғайр аз ҷумъа), анбор = амбор, санбӯса = самбӯса, танбал = тамбал, анбӯр = амбӯр.* Бачагон ҳамаи ин калимаҳоро дар дафтар менависанд.

*7.* Инкишофи нутқ. Сипас, суҳбатро бори дигар дар нақшҳо иҷро мекунем. Шарт нест, ки ҳамеша як писару як духтар онро иҷро кунанд, ҳангоми иҷро бачагон аз номҳои худ истифода мекунанд. Ҳангоми иҷрои нақш барои риояи оҳанг (ҷумлаҳои саволӣ ва хабарӣ) ба бачагон ёрӣ мерасонем. Махсус таъкид мекунем, ки барои ёрии дӯстон ҳамеша “раҳмат” ё “ташаккур” гуфтан нишони боодобии бачагон аст.

*8.* Машқи хат. Зимни супориши иҷрои машқи хушнависии ҳарфи “м” ёдовар шавед, ки дар китоб барои зебоӣ ҳарфу байт на аз аввали варақ, балки дар мобайни он навишта шудааст, бачагон навиштанро бояд баъд аз ҳошияи дафтар сар кунанд. Навиштани ин ҳарф мушкилтар аст, бинобар ин, ҳангоми иҷрои супориш ба назди бачагон рафта, ба ниёзмандон ёрӣ диҳед, дар дафтарҳояшон нависед.

*9.* Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Арзёбии салоҳияти хонданро аз хондани шеъре, ки дар машқи хушнависӣ оварда шудааст, санҷидан мумкин аст. Пурсед, ки барои чӣ ин байт дар бораи муаллим аст? Кӯшиш кунед, ки худи бачагон ҷавоби дурусти мантиқиро ёбанд: “Мо дар боғи Мактаб сайругашт дорем”. Агар дар ҷавоб чизи дигар гӯянд, қабул кунед ва гӯед: Мумкин. Аммо бо додани саволҳои ёрирасон барои расидан ба ин ҷавоб кумак кунед: *Муаллим дар куҷо кор мекунад? Мо дар кадом боғ сайругашт мекунем?*

Навиштану хондани калимаҳои барои машқи “Имло ва талаффуз” овардашударо низ месанҷем (аз дафтари машқ) ва ба ҳама аҳсан мегӯем.

## Дарсҳои 7-8

**Мавзӯъ: Синфи мо. Ашёи синф. Омӯзиши номҳои асили тоҷикии ашёи мактаб.**

**Салоҳиятҳо:**

**1.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи муайяни вазъиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои ду-сеамалаи таълимӣ) риоя мекунад.**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**

**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**

**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- ашёи синфро шиносанд ва дуруст истифода кунанд;
- синфи худро бо ҷумлаҳои сода тавсиф карда тавонанд;
- бо ашёи синф эҳтиёткорона муносибат кунанд;
- калимаҳои тоҷикиро истифода баранд;
- қадри китобу устодро дарк кунанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, ҷадвали алифбо, таҷҳизоти аёнӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Барои омода сохтани бачагон ба дарс боғи хонаро ба ёд оред. Пурсед, ки дар хона чиҳо буд. Номҳои ашёи асосии хонаро бори дигар бо бачагон такрор кунед. Фаҳмонед, ки мактабу синф ҳам ашёи махсуси худашро дорад.

2. Тавсифи синф. Ба бачагон супориш медиҳем, ки мустақилона расми синфро дар саҳ. 56 мушоҳида кунанд. Сипас, саволҳои гузошташударо мехонем, то ки бачаҳо ҷавоб диҳанд. Бо саволҳои дар китоб овардашуда қонеъ нашуда, аз худамон саволҳои дигар низ илова мекунем:

– *Дар синф ҷевони китоб ҳаст?*
– *Он дар куҷо истодааст?*
– *Синф чанд дар дорад?*
– *Тирезаҳои синф парда доранд?*
– *Ранги тиреза чӣ хел аст?*
– ...

Дар асоси ҷавобҳо метавонед аз бачагони лаёқатманд хоҳиш кунед, ки синфро пурра тавсиф кунанд. Намунаи тавсифи он чунин буда метавонад:

*Ин синфи тозаю зебо аст. Ин синф як дару ду тиреза дорад. Дар синф 9 миз ҳаст. Дар ҳар миз барои ду хонанда ҷой ҳаст. Мизи муаллим дар мобайни ҷевони китобу дар аст. Мизи муаллим калонтар аст. Дар ҷевони китоб бисёр китоб ҳаст. Ранги деворҳои синф сабз ва тирезаҳо кабуд аст. Дар болои тирезаҳо пардаҳои зебо овехта шудааст. Мизҳо дар се қатор ҷойгир шудаанд.*

Ба бачаҳо муроҷиат кунед: *Бачаҳо, биёед, акнун дар бораи синфи худамон суҳбат кунем.* Ҳар кас бо ҳамнишини худаш дар бораи синф суҳбат мекунад. Барои саволу ҷавоб кардан саволҳоро мехонем.

3. Ашёи мактабӣ. Ҳадафи асосии ин мавзӯъ омӯзиши калимаҳои ифодакунандаи ашёи мактабӣ, истифодаи калимаҳои тоҷикӣ бар ивази шаклҳои маъмулии русии он аст. Расмҳои ашёи мактабиро аз саҳ. 57 як-як нишон дода, номи онҳоро мепурсем. Ҳар гоҳ онҳо калимаҳои нодуруст ё русиро (масалан, “стол”, “стул” (ё шаклҳои лаҳҷавии онҳо), “ваза”, “пенал”, “шкаф” ва ғ.) истифода кунанд, оромона ислоҳ мекунем. Сипас, мепурсем, ки ҳар кадом барои чӣ лозим аст. Бачагонро даъват мекунем, ки ҳам дар мактаб, ҳам дар хона истифодаи калимаҳои тоҷикиро риоя кунанд.

4. Барои дар хотир нигоҳ доштани номи ашёи мактабӣ навиштани онҳоро аз рӯйи тартиби алифбо иҷро мекунем. Онро як кас дар тахта метавонад иҷро кунад, дигарон ба ӯ калимаҳоро мегӯянд. Барои анҷоми ин кор чунин саволу ҷавоб ташкил кардан мумкин аст:

– *Бачаҳо, кӣ мегӯяд, ҳарфи аввали алифбо кадом аст?*
– *“А”.*
– *Офарин! Дар ин расмҳо ягон чиз бо ҳарфи “а” сар мешавад?*
– *Не!*
– *Дуруст. Ҳарфи дуюми алифбо кадом аст?*
– *“Б”.*
– *Офарин. Канӣ, кӣ аз ҳама пеш меёбад: кадом калима бо “б” сар мешавад?*
– *Бӯр.*
– *Офарин. Менависем: Бӯр. Ҳарфи сеюм кадом аст?*
– *“В”.*
– *Дуруст. Бо ин ҳарф ягон калима ҳаст?*
– *Не.*
– *Ҳарфи чорум?*
– *“Г”.*
– *Калима бо ин ҳарф ҳаст?*

– *Ҳа. Гулу гулдон.*
– *Офарин! Менависем: гулу гулдон. Фаромӯш накунед, ки баъди калимаи "бӯр" аломати вергул гузошта, калимаи дигарро бо ҳарфи хурд менависем.*

Ин корро то охир анҷом медиҳем. Дар охир барои пурратар аз худ кардани мавзӯъ ба саволҳои саҳ. 58 ҷавоб медиҳем. Таъкид кунед, ки ҷумлаҳои ҷавобиро ба ин шакл гӯянд: "Дар синфи мо .. .. нест. Дар синфи мо боз ...ҳаст. Дар синфи мо ... мизу ... курсӣ ҳаст".

5. Пеш аз он ки машқи охирини ин дарсро анҷом диҳем, ҳатман лаҳзаи дамгирӣ ташкил кунед, зеро пайиҳам ташкил кардани машқҳои навиштан бачагонро хеле хаста мекунад. Машқи навиштани калимаҳоро бо ҷудо кардан ба ҳиҷоҳо метавонед ба гурӯҳҳо аз рӯйи лаёқати бачагон тақсим кунед (калимаҳои дуҳиҷоӣ – барои сустхонон, сеҳиҷоӣ – барои миёнахонҳо, чору панҷҳиҷоӣ – барои пешқадамон).

6. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Санҷиши салоҳиятҳои луғатдонӣ ва нутқи шифоҳиро чунин ташкил кардан мумкин аст:: Синф, ашёи синф ва рӯйи мизҳоро ба бачагон нишон дода номи онҳоро мепурсем ва хоҳиш мекунем, ки бо ҳар яки онҳо ҷумлаҳои сода созанд: *Ин бӯр аст. Мо бо бӯр дар тахта менависем.* Санҷиши навиштани ҷумлаҳо

## Дарсҳои 9-10

**Мавзӯъ: Баҳор ва тавсифи он. Аввалин тасаввурот роҷеъ ба калимаҳои зидмаъно.**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- аз рӯйи расм роҷеъ ба фасли сол суҳбат кунанд;
- моҳҳои фасли баҳорро донанд;
- ибораҳои содаи изофӣ сохта тавонанд;
- роҷеъ ба калимаҳои зидмаъно тасаввуроти аввалин пайдо кунанд;
- шеърро бурро хонда тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, воситаҳои техникии шунавонидани сабти овозӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Машғулияти ҷамъбасти дарси гузаштаро такрор мекунем, номҳои ашёи синф ва таълимро бори дигар такрор мекунем. Шеър ва панди азёдкардаро аз бачагон мепурсем.

2. Фаслҳои солро ба ёд меорем. Мепурсем, ки барф дар кадом фасл меборид? Борон чӣ? Ҳоло кадом моҳ аст? Моҳи март фасли зимистон аст ё баҳор? Бачаҳоро даъват мекунем, ки расми саҳ. 58-ро кушоянд. Нишонаҳои фасли баҳорро бо роҳи саволу ҷавоб муайян мекунем. Дар охири ин қисмат матнро аввал худамон мехонем ва шарҳ медиҳем, Сипас, хондани онро ба хонандагон супориш медиҳем. Моҳҳои фасли баҳорро ёдовар шуда, мепурсем, ки кӣ дар фасли баҳор таваллуд шудааст.

3. Дар ин дарс ду шеър дар васфи борон оварда шудааст, яке дар с. 59, дигаре – дар с. 60. Хониши бурройи ҳар ду шеърро ташкил кунед. Аз бачагон пурсед, ки кадоме аз онҳо маъқул шуд. Хониши мустақилона ва аз ёд кардани яке аз онҳоро бачагон худашон интихоб мекунанд. Луғати калимаҳои душворфаҳми шеърҳо дар китоб мавҷуд нест. Шарҳи калимаҳоро худатон вобаста ба сатҳи дониши шогирдон ба роҳ монед: маънои калимаҳоро пурсед, ҳар гоҳ ки ҷавоб надоданд, худатон бо забони сода фаҳмонед.

4. Барои машқи навиштан ду мисраи шеъри аввал пешниҳод шудааст, онро ба ҳама супориш дода, иҷрои супоришро дар дафтари машқ назорат кунед.

5. Суҳбат дар мавзӯи баҳор ва ёфтани чистонҳо барои лаҳзаи дамгирӣ истифода мешаванд.

6. Аз рӯйи рангҳо калимаҳои сутунҳои аввалу дуюмро ба ҳам пайваст карда, ибора сохтан супориши навбатӣ аст (с. 60). Ин корро ҳама метавонад мустақилона иҷро кунад. Барои шавқовартар шудани кор метавонед санҷиши онро ба худи бачагон вогузор кунед – ҳар кас кори ҳампаҳлуи худашро месанҷад.

7. Ҷуфти калимаҳое, ки дар супориши саҳ. 60 омадаанд, дар бораи калимаҳои зидмаъно аввалин тасаввуротро фароҳам меоранд. Бачагон бо хандани ин калимаҳо ва фаҳмидани маънои онҳо ба осонӣ пай мебаранд, ки яке муқобили дигаре аст. Чунин ҷуфти калимаҳоро давом додан низ мумкин аст: паст – баланд, нағз – ганда (нек – бад), сафед – сиёҳ...

8. Барои фаҳмондани маънои зарбулмасали “Ба хӯрдан – тайёру ба кор – бемор” бачагонро даъват кунед, ки шеъри “Гулбаҳор”-ро аз саҳ. 47 ба ёд оранд. Агар фаромӯш карда бошанд, ин саҳифаро боз кунанд. Дар бораи бад будани хислати танбалӣ, тарбияи хислатҳои меҳнатдӯстӣ суҳбат кунед.

9. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Дар баробари такрори баҳору тавсифи он метавонем аз бачагон хондани шеърҳои дӯстдоштаашонро дар васфи баҳор, махсусан, гули сияҳгӯшу бойчечак хоҳиш кунем ва салоҳиятҳои хонданро санҷем. Дар маҳалҳое, ки ибораи “гули бойчечак” маъмул аст, дар баробари он истифодаи ибораи “гули баҳман”-ро талқин кунед. Салоҳиятҳои иборасозӣ ва дарки калимаҳои зидмаъноро аз рӯйи иҷрои супоришҳои дафтари машқ санҷед. Малакаҳои суҳбат аз рӯйи расмро бо роҳи саволгузорӣ ба расмҳои с. 58, 59 ва 60 санҷед.

## Дарсҳои 11-12
## Мавзӯъ: Саъю кӯшиш – асоси комёбӣ

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.**

**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**

- мазмуни матни шунидаашонро фаҳманд;
- шеъррро бурро ва бо риояи оҳанг хонанд;
- персонажҳои асосии матнро муайян кунанд;
- матни шунидаро бо роҳи саволу ҷавоб ё мустақилона бо ҷумлаҳои сода нақл кунанд;
- аз рӯйи намуна ҷумлаҳои сода тартиб диҳанд;
- порчаҳои матнро бурро хонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, воситаҳои техникии шунавонидани сабти овозӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Шеърҳои азёдкардаи бачагонро мепурсем. Ба ҳар касе, ки шеърро равону бехато мехонад, аҳсан мегӯем, кафкӯбӣ мекунем. Калимаҳои навро мепурсем.

2. Дар с. 61 ду шеър дар васфи баҳор оварда шудааст. Шеърҳо аз рӯйи дарозии мисраъҳо ва истифодаи калимаҳои душворфаҳм яксон нестанд. Бинобар ин, аввал сабти

овозии ҳар ду шеърро шунавонед ё худатон бурро хонед. Калимаҳои душворфаҳмро шарҳ диҳед ва хониши яке аз онҳоро вобаста ба сатҳи лаёқати хонандагон тақсим кунед. Шеъри дуюмро ба ду порча тақсим карда, хондани ҳар порчаи алоҳидаро ба гурӯҳи хонандагон пешниҳод кардан мумкин аст. Дар хотир дошта бошед, ки иштироки ҳама муҳим аст, бинобар ин барои шогирдони сустхон ақаллан хондан ва аз ёд кардани нақароти шеъри дуюм – “Омад баҳори нозанин, Бар ин диёри нозанин”-ро супориш диҳед.

3. Зарбулмасали “Соле, ки накуст, аз баҳораш пайдост”-ро фаҳмонед, ки чӣ маъно дорад. Ин зарбулмасал фақат роҷеъ ба баҳор нест, он нисбат ба одамон низ гуфта мешавад. Ин маъниро бо талқини он ки агар аз ҳоло кӯшиш кунем, ояндаи ҳар яки мо нек мешавад, ба зеҳни бачагон ҷо кунед. Ҳангоми навиштани ин зарбулмасал назорат кунед, ки онро зебо ва бехато нависанд.

4. Чистонро барои лаҳзаи дамгирӣ истифода кардан мумкин аст. Аз паси он иҷрои машқи хушнависиро анҷом медиҳем. Ёдовар мешавем, ки дар баробари назорати дуруст нишастану зебо навиштан ба мазмуни навиштаҳои машқҳои хушнависӣ низ таваҷҷуҳи бачагонро ҷалб кунед.

5. Матни “Раҳмат ба ту, додарҷон!” матни асосии ин дарс аст. Он ба ду қисмат ҷудо шудааст. Сабти овозии он низ дар ду қисми алоҳида анҷом дода шудааст. Матн аз рӯйи тарзи ифода хеле сода ва осон аст, аммо мазмуни он барои бедор кардани ҳисси масъулият, боварӣ ба қувваи худ ва нақши саъю кӯшиш дар комёбиҳо хеле муҳим аст. Сабти овозии қисмати аввалро мешунавонем ё худамон мехонем. Мазмуни ин қисматро аз бачагон мепурсем. Баъд савол мегузорем: *Кӣ мегӯяд, Фаридун ба назди додарчааш рафта чӣ кор мекунад? Ё: Кӣ мегӯяд, баъд чӣ мешавад?* Ҳама вариантҳои ҷавобро бе тасдиқ ё рад кардан қабул мекунем. Сипас, ба бачагон муроҷиат мекунем: *Бачаҳои азиз, давоми ин ҳикояро фаҳмидан мехоҳед?* Вақте ки ҷавоби тасдиқро мешунавем, онҳоро даъват мекунем, ки худашон хонанд. Мусобиқа ташкил мекунем: Касе аз ҳама пеш матнро хонда, мазмуни онро дуруст нақл кунад, соҳиби калиди боғи оянда мешавад! Бо ин роҳ бачагонро барои хондан шавқманд мекунем. Аз бачагон мазмуни матнро пурсида, хулоса мекунем. Дар охир тамоми матнро бори дигар мешунавонем ё мехонем. Пас аз анҷоми ин кор дар бораи аҳаммияти саъю кӯшиш дар роҳи расидан ба мақсад суҳбат мекунем. Мавқеи истифодаи калимаҳои “раҳмат” ва “ташаккур”-ро шарҳ медиҳем.

6. Маҳорати тартиб додани ҷумлаҳо. Бачагонро ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо карда, супоришро шарҳ медиҳем. Баъд ин гурӯҳҳоро боз ба ду тақсим мекунем ва барои ҳар як гурӯҳ иҷрои як супоришро вогузор мекунем. Барои ҳар кас сохтан ва навиштани як ҷумла кофист. Тарзи навиштани ҷумларо ёд медиҳем: Аввал ном (Фаридун, Эраҷ)-ро менависанд, Сипас, аз сутунҳои дуюму сеюм ба он таркибу ибораҳоро илова мекунанд.

7. Машқи хушнависии ҳарфи “ф”-ро тибқи қоидаҳои маъмулӣ анҷом медиҳем.

8. Тарзи иҷрои супориши дигар (тарҳу ҷамъи ҳиссаҳои калима ва сохтани калимаи нав) ба бачагон маълум аст (онро дар мавзӯи гузашта анҷом дода буданд). Агар тарзи иҷрои онро фаромӯш карда бошанд, ба ёд меорем. Ёдовар мешавем, ки калимаҳои нави сохташуда бо мавзӯи боб – мактаб алоқаманд аст.

9. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Бори дигар мазмуни матни “Раҳмат ба ту, додарҷон”-ро хотирнишон карда, барои санҷиши салоҳиятҳои шунавоӣ ва фаҳмиши матн (мазмун, персонажҳо, тартиби нақл) саволу ҷавоб мекунем. Ба салоҳиятҳои тартиб додани ҷумлаҳо ва хушнависӣ аз рӯйи иҷрои супоришҳо, аз ҷумла, дар дафтари машқ баҳо медиҳем. Ба ҳама барои иштироки фаъолонаашон дар дарс ва махсусан, барои саъю кӯшишашон офарин мегӯем, шунидани сабти овозии матнҳо ва ё хондани онҳоро бо калонсолон дар хона хоҳиш мекунем.

## Дарсҳои 13-14

**Мавзӯъ: Наврӯз. Суннатҳои наврӯзӣ. Ҷумласозӣ.**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**

- шеърро бурро хонанд;
- дониши худро оид ба ҷашнҳои миллӣ тақвият диҳанд, чӣ будани Наврӯзро дарк кунанд;
- шифоҳӣ аз калимаҳои додашуда ҷумла созанд;
- ҷумлаҳоро дуруст рӯйбардор кунанд;
- бо ҳарфҳои додашуда калимаҳои нав созанд;
- байтҳои наврӯзиро бурро хонанд ва аз ёд кунанд.
- номи муҳимтарин таомҳои миллиро донанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, расмҳои наврӯзӣ, дастурхони наврӯзӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Ин дарси ҷашнӣ аст, онро дар вақти дилхоҳ, дар арафаи ҷашни Наврӯз гузаронидан мумкин аст. Бинобар ин, пас аз кадом мавзӯъ омадани он аниқ нест. Худи омӯзгор вобаста ба нақшаи тақвимӣ дарси гузаштаро ба назар гирифта, такрори онро дар аввали ин дарс ташкил мекунад. Пеш аз шурӯи мавзӯъ роҷеъ ба ҷашну идҳои миллӣ, аз ҷумла, Наврӯз чанд савол таҳия кунед. Ташвиқ кунед ба хотир оранд, ки соли гузашта дар ин ҷашн чӣ кор карда буданд, ҳамроҳи калонсолон ба куҷоҳо барои тамошо ва сайругашт рафта буданд.
2. Хониши бадеӣ. Сабти овозии шеъри "Эй Тоҷикистон" мавҷуд аст. Онро дар сурати мавҷуд будани имкониятҳои техникӣ такроран чанд маротиба мешунавонем. Ба бачагон якпорагӣ тақсим намуда, хондан ва аз ёд кардани ин пораҳоро супориш медиҳем. Дар сурати лозима маънои калимаҳои дар луғат додашуда ва дигар калимаҳои душворро шарҳ медиҳем. Талқин мекунем, ки мисли Фаридун барои дуруст хондан шеър саъю кӯшиш кунанд. Муҳим нест, ки бачагон ба тамоми калимаву мафҳумҳои шеър сарфаҳм раванд, муҳимтар аз ҳама он аст, ки дурусту бехато ва бурро хонанд.
3. Хуб аст, агар дар сурати мавҷуд будани имкониятҳо дар синф дастурхони рамзии наврӯзӣ аз ҳафт сину ҳафт шин омода кунед. Агар чунин имконият набошад, аз рӯйи расм ин корро анҷом диҳед. Ҳамчунин, худи бачагон низ дар васфи Наврӯзу баҳор ва меҳнат шеъру таронаҳои худро метавонанд қироат кунанд. Сипас, матни саҳ. 60-ро мехонем ва калимаву ибораҳои душворфаҳмро шарҳ медиҳем. Муҳимтарин калимаву иборот барои омӯхтан инҳоянд: *оғоз – саршавӣ, донаи умед пошидан – тухми гандум коштан, гандум кишт кардан, суннат – расму одат.* Ҳадафи асосӣ аз пешниҳоди ин матн дарки чанд чизи марбут ба Наврӯз аст: оғози соли нави аҷдодӣ будани он, баробар шудани рӯзу шаб, ба меҳнат – киштукор ва ниҳолшинонӣ машғул шудани мардум, тозаю озода кардани манзилҳо. Хониши матнро бо роҳи тақсим кардани он ба бачагон ташкил кардан мумкин аст, пурра хонондани барои як кас мушкилӣ ба бор меорад.

4. Навиштани ҷумлаҳо аз калимаву ибораҳои додашуда низ ба матни додашуда алоқаманд аст. Аз ин рӯ, дар сурати ба мушкилӣ рӯ ба рӯ омадани баъзе бачагон метавонед ишора кунед, ки дар матн ин калимаву ибораҳо дар шакли ҷумлаҳо мавҷуданд, онро ёфта нависанд ва тартиби калимаҳоро дар ҷумла санҷанд. Ёдовар мешавем, ки дар гурӯҳи калимаву ибораҳои додашуда ҳарфи калон истифода нашудааст (ғайр аз Наврӯз, ки исми хос аст). Бачагон бояд аввали ҷумларо бо ҳарфи калон шурӯъ кунанд.

5. Саволҳои гузошташуда барои ҷамъбасти мазмуни матн оварда шудаанд. Омӯзгор метавонад худаш низ чанд саволи дигар тартиб диҳад. Масалан, *Дар ҷашни Нарӯз деҳқонон чӣ кор мекунанд? Мо чӣ кор мекунем? Маънои калимаи "Наврӯз" чист?* Ва ғайра.

6. Бозии наврӯзиро барои лаҳзаи дамгирӣ истифода кунед. Ба ҷойи номи таомҳои миллӣ дигар гурӯҳи калимаҳоро низ интихоб кардан мумкин аст.

7. Навиштани ду ҷумларо дар айни замон ҳамчун машқи ҳусни хат истифода кунед. Навиштани ин ҷумлаҳоро супориш дода, ба тарзи нишасту навиштани бачаҳо таваҷҷуҳ кунед, баъзе ҳарфҳо ё калимаҳоро дар дафтарҳои бачагон нависед.

8. Супориши дигар барои ташаккул ва инкишофи маҳорати калимаёбӣ ва тафаккури бачагон равона шудааст. Синфро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, супоришро яктоӣ тақсим кунед. Супориши аввал (Наврӯз) нисбат ба дуюм (Баҳор) мушкилтар аст, онро барои бачагони болаёқат пешниҳод кунед. Мушкилии машқи аввал он аст, ки ёфтани калима барои ҳарфи "ӯ" дар аввал осон нест. Агар бачагон дар ҳалли ин супориш мушкилӣ кашанд, метавонед илова кунед, ки номи одамонро низ метавонанд истифода кунанд. Намунаи иҷрои ин супоришҳо чунин буда метавонад: *нав, анор, вақт, роҳ, ӯрдак, зебо; бахт, ангур, ҳаво, об, ранг.* Санҷиши ин супоришро ҳамчун як навъи донистани захираи луғавии бачагон истифода кардан мумкин аст. Масалан, вақте як кас барои ҳарфи "н" калимаи "нав"-ро интихоб мекунад, аз дигарон пурсед, ки боз кадом калимаҳоро навиштаанд. Ҳамин тариқ, бачагон низ калимаҳои дигарро ба ёд меоранд.

9. Дар бораи Наврӯз ва баҳор шеърҳои равони халқӣ ва бачагона хеле зиёданд. Байте, ки барои навиштан ва аз ёд кардан дода шудааст, танҳо қатрае аз баҳр аст. Барои зудтар аз ёд кардан ин байтро бо ҳамон оҳанги маъруфи халқӣ низ хондан мумкин аст. Ҳамчунин, бачагон метавонанд аз рӯйи хоҳиш байти дар аввали матн додашударо низ аз ёд кунанд.

10. Ҷамъбасти дарсро бо роҳи саволу ҷавоб ташкил кардан мумкин аст. Метавонед тартиб додани саволҳо ва ёфтани ҷавобҳои дурустро ба худи бачагон ҳавола кунед. Саволҳо метавонанд хеле гуногун бошанд: *Наврӯз чӣ маъно дорад? Маънои "мавсим" чист? Одамон дар ҷашни Наврӯз чӣ кор мекунанд? Дар аввали калимаи Наврӯз ҳарфи хурд меояд ё калон?...*

Табиист, ки дар охир ба бачагон барои иштироки фаъолонаашон дар дарс таҳсину офарин мехонем.

## Дарсҳои 15-16

**Мавзӯъ: Ҷамъбаст ва арзёбии салоҳиятҳо аз боби Мактаб. Марҳабо, ба боғи Бӯстон.**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**1. 4.3. Фикри худро дар қолаби матни хурд (на камтар аз се ҷумлаи сода) менависад.**

**Мақсади дарс:**

- ашёи мактабиро донанд;
- фасли баҳорро аз дигар фаслҳои сол фарқ кунанд;
- хусусиятҳои ҷашни Наврӯзро бо ҷумлаҳои сода тавсиф кунанд;
- ҷумлаҳоро ба калимаҳо, калимаҳоро ба ҳиҷоҳо, ҳиҷоҳоро ба садонокҳо ва ҳамсадоҳо ҷудо карда тавонанд;
- аз ҷуфти калимаҳои додашуда ибори изофӣ сохта тавонанд;
- шеърҳоро бурро хонанд (ё аз ёд гӯянд).

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, ашёи мактабӣ ва ё расмҳои онҳо, дарвозаи рамзии Боғи Бӯстон, воситаи техникии шунавонидани сабти овозӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Маводди дар ин дарс пешниҳодшуда хеле кам буда, он имкон медиҳад, ки боби гузаштаро бо роҳҳои гуногун такрор кунем ва дониши бачагонро дар ин мавзӯъ мустаҳкам созем. Вобаста ба имкониятҳои воқеии синф, маҳал ва бачагон бо истифода аз маводди таълимии боби Мактаб саволномаҳо тартиб медиҳем ва салоҳиятҳои аз худ кардани ашёи мактабӣ, фаслҳои сол ва ҷашнҳоро месанҷем. Саволҳоро ба шакли тестӣ низ тартиб додан мумкин аст. Чанд намуна:

*Бачагон дар синф рӯйи он мешинанд:*

*1. Миз; 2. Курсӣ; 3. Замин.*

*Ба мо вақтро нишон медиҳад:*

*1. Офтоб; 2. Моҳтоб; 3. Соат.*

*Махзани дониш аст:*

*1. Китоб; 2. Дафтар; 3. Мактаб.*

*Ҷашни баҳорӣ аст:*

*1. Иди Рамазон; 2. Соли нав; 3. Наврӯз.*

Барои ба хотир овардани ашёи мактабӣ аз бозии калимаёбӣ низ истифода кардан мумкин аст:

*Панҷ ҳарф дорад? (китоб?); Бо он менависем? (ручка?); Ҳам менависем, ҳам расм мекашем? (Қалам!). Дуруст, офарин!*

Шеърҳои азёдкардаро низ ба ёд меорем. Таъкид мекунем, ки бачагон фаъол бошанд, танҳо дар ҳамин сурат бобои Хирад имрӯз ба мо калиди боғи навбатиро медиҳад.

Матни "Раҳмат ба ту, додарҷон"-ро низ хотирнишон месозем, бори дигар мефаҳмонем, ки саъю кӯшиш асоси муваффақиятҳои мост. Бо ин роҳ салоҳиятҳои тақвияти хотира, инкишофи тафаккур ва хулосабарориро месанҷем.

*2.* Шунавоӣ. Сабти овозии матни "Марҳабо, ба боғи Бӯстон"-ро мешунавонем (ин матн дар саҳ. 68 таҳти унвони "Такрори боби Мактаб омадааст). Агар бачаҳо хоҳиш дошта бошанд, онро такроран гӯш мекунем. Ёдовар мешавем, ки дар сурати мавҷуд набудани имкониятҳои техникӣ онро худамон бо риояи оҳанг (сухани гӯянда, сухани бобои Хирад, суханонои Азизҷон ва Азиза) мехонем.

Маводди ин матн (қисми ҷавобҳои Азизҷону Азиза)-ро барои санҷиши салоҳиятҳои гуногуни хонандагон истифода мебарем. Ин корро хонандагон дар дафтари машқ анҷом медиҳанд. Ба ҳар хонанда як ҷумла пешниҳод мешавад. Хонанда аввал ҷумларо менависад. Сипас, бо тартиби пешниҳодшуда миқдори калимаҳо, ҳиҷоҳо, садонокҳо, ҳамсадоҳо ва ҳарфҳои йотбарсарро дар ҷумла муайян мекунад. Дар охир маънои ҷумларо бо тибқи фаҳмиши худ менависад.

*3.* Салоҳиятҳои иборасозии хонандагонро тибқи машқи дар дафтари машқ пешниҳодшуда месанҷем. Калимаҳо паҳлуи ҳам оварда шудаанд, хонандагон тибқи намуна ба калимаи якум ҳарфи "и"-ро илова намуда, ба шакли ибора менависанд: макон, дониш – макони дониш.

*4.* Нутқи шифоҳӣ. Ба бачагон муроҷиат мекунем: *Фаҳмидед, бачаҳо, Азизҷону Азиза ба саволи бобои Хирад ҷавобҳои дуруст дода, соҳиби калиди боғи Бӯстон шуданд. Шумо ҳам мехоҳед ин калидро ба даст оред?* Пас аз шунидани ҷавоби тасдиқ саволи бобои Хирадро такрор мекунем: *Канӣ, бачаҳо, кӣ мегӯяд, мо аз боғи Мактаб чиҳоро ёд гирифтем?* Ба бачагон ёрӣ медиҳем, ки ҳам аз рӯйи матни шунидаашон ва ҳам аз худашон ҳамаи чизҳои ёдгирифтаашонро номбар кунанд. Метавонем саволҳои иловагӣ низ диҳем: *Мо дар бораи кадом фасл суҳбат кардем? (баҳор). Шумо дар васфи баҳор шеър медонед? Дар фасли баҳор кадом ҷашну идҳо дорем? (Рӯзи модарон, Наврӯз).*

*5.* Санҷиши маҷмӯи салоҳиятҳоро тибқи санҷишу ҷамъбасти боби якум ба роҳ мондан мумкин аст. Барои ин ба ҳар хонанда аз ҷавобҳои Азизҷону Азиза ба саволҳои бобои Хирад якҷумлаӣ тақсим мекунем. Ба бачагон супориш медиҳем, ки ҳар кас ҷумларо нависад, миқдори калимаҳо, ҳиҷоҳо, садонокҳо, ҳамсадоҳо, ҳарфҳои йотбарсарро муайян кунад ва дар охир махнои ҷумларо бо тарзи дигар худаш баён кунад.

*Намуна:*

*А) ҷумла: Мактаб макони дониш аст.*

*Б) чор калима дорад.*

*В) ҳашт ҳиҷо дорад.*

*Г) ҳашт садонок дорад (чорто “а”, дутоӣ “о” ва “и”).*

*Ғ) дувоздаҳ ҳамсадо дорад (дутоӣ “м”, “н”, “т”, “к”, яктоӣ “б”, “д”, “с”, “ш”).*

*Д) ҳарфи йотбарсар надорад.*

*Е) маънои ҷумла: Мактаб ҷоест, ки дониш меомӯзанд.*

Барои иҷрои ин кор дар дафтари машқ нақшаи махсус оварда шудааст. Ба ҳар фаъолияти хонанда хол гузошта, сатҳи салоҳиятҳои ӯро муайян мекунем.

*6.* Тақвияти хотира. Ба бачагон супориши бобои Хурадро махсус таъкид мекунем: *Бачаҳо, дар хотир доред, ки вақте мо ба боғи Бӯстон меравем, бояд Дарахти зиндагиро ҷустуҷӯ ва пайдо кунем. Ин шарти асосии бобои Хирад барои гирифтани калиди боғи дигар аст.*

*7.* Ҷамъбасти арзёбии салоҳиятҳо. Вобаста ба иҷрои супоришҳо сатҳи салоҳиятнокии хонандагонро муайян мекунем, натиҷаҳоро бадастомадаро бо натиҷаҳои бобҳои дигар муқоиса карда, пешрафт ва мушкилиҳои ҳар хонандаро сабт мекунем. Роҷеъ ба ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи хонандагон бо падару модарон ҳамкорӣ мекунем.

## БОБИ БӮСТОН (14 СОАТ)

Қабл аз шурӯи омӯзиши боб ба он таваҷҷуҳ кунед, ки бобои Хирад ба бачагон супориш медиҳад, ки дар боғи «БӮСТОН» Дарахти зиндагиро пайдо кунанд. Боғи «БӮСТОН» мисли бобҳои дигар аз сурат шурӯъ мешавад. Ин боб дар бораи боғу бӯстон баҳс мекунад. Дар ин боб бачагон доир ба ҳифзи табиат, боғу боғдорӣ, меҳнати одамон, гулпарварӣ, замин ва баракати он ошноӣ пайдо мекунанд, аз рӯйи расмҳо баён намудани фикрҳои хешро ёд мегиранд.

Ин боб ҳам аз мавзӯъҳои алоҳида иборат буда, ҳар як мавзӯъ хусусиятҳои ба худ хос дорад. Мавзӯъҳои «Боғ», «Панди зиндагӣ», «Меваҳои Ватани мо», «Садбарг – маликаи гулҳо», «Иди гулҳо», «Гуфтугӯ бо дарахт», «Баракати замин», «Ҳифзи табиат», «Такрори боби Бӯстон» аз ҳамин қабиланд. Хонандагон бо боғу боғпарварӣ, намудҳои гуногуни меваҳои маҳал, баракати замин, муҳофизати табиат шиносоӣ пайдо намуда, метавонанд фикрашонро роҷеъ ба мавзӯъҳои мухталиф баён кунанд.

Мавзӯи «Панди зиндагӣ» дар асоси ҳикоятҳои адабиёти классикӣ таҳия шудааст. Тавре мебинед, ин матн ба ҳаёти имрӯзаи бачагон мутобиқ гардонда шудааст.

Қисми муайяни ин бахшро мавзӯи гулҳо ташкил медиҳад. Дар баробари шеърҳое, ки ба ин ё он гул бахшида шудаанд, устодон худашон низ меавонанд аз шеърҳои халқӣ ва шоирони дигар истифода кунанд. Ба он диққат диҳед, ки бачагон истифодаи номи адабӣ ва

тоҷикии гулҳоро ёд гиранд. Аз ҷумла, гули бойчечак, ки дар байни мардуми шимол хеле маъмул аст, беҳтар аст бо номи гули баҳман ёд шавад.

**Дарсҳои 1-2**

**Мавзӯъ: Офтоб ва офтобпараст. Муколама: Боғи мо.**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**

**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**

**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- роҷеъ ба боғу бӯстон маълумоти умумӣ гиранд;
- мафҳумҳои “боғ”, “бӯстон”, “гул”, “бутта”, “гиёҳ” ва ғайраро донанд;
- аз рӯйи намуна ҷумлаҳои сода навишта тавонанд;
- мазмуни матни шунидаашонро мефаҳманд ва нақл кунанд;
- малакаҳои хушнависиро такмил диҳанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, дарвозаи рамзии Боғи Бӯстон, расмҳои гулу меваҳо, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Бачагонро бори дигар барои ворид шудан ба боғи Бӯстон табрик мегӯем. Роҷеъ ба гулҳо, дарахтон ва меваҳо суҳбати одӣ ташкил мекунем. Ин ба мо имкон медиҳад, ки дониши умумии бачагонро оид ба мавзӯъ донем ва дарсҳои ояндаро вобаста ба сатҳи ҳақиқии дониши онҳо ба роҳ монем. Дониши бачагони шаҳрӣ ва деҳотӣ, табиист, ки аз ҳам фарқ мекунад. Аз ҷумла, бачагони деҳот аз хурдсолӣ бо боғу дарахтон бештар ошноӣ доранд. Кӯшиш мекунем, ки оҳиста-оҳиста ин фарқиятро дар дониши бачагон то ҳадди имкон камтар созем.
2. Суҳбат аз рӯйи расм. Аз бачагон мепурсем, ки дар расм киҳоро мебинанд. Онҳо қаҳрамонони худ – бобои Хирад ва Азизҷону Азизаро ба ёд меоранд. Дар баробари номбар кардани номи он чизҳое, ки дар расм мебинанд, саволҳои дигареро барои инкишофи тафаккур пешниҳод мекунем. Масалан, мепурсем:
   – *Бобои Хирад бо Азизҷону Азиза дар бораи чӣ суҳбат мекунанд?*
   – *Китобе, ки дар дасти бачагон аст, чӣ ном дорад?*
   – *Ин кадом боғ аст? Аз куҷо донистед?*
3. Хониши бадеӣ. Матни “Офтоб ва офтобпараст”-ро аввал худамон мехонем, маънои баъзе калимаҳоро шарҳ медиҳем (*субҳи содиқ – пагоҳӣ, оламоро – ородиҳандаи дунё, равшанкунандаи замин, намоён шудан – дида шудан, нигаристан – нигоҳ кардан*). Хусусиятҳои офтобпарастро (гули офтобпараст ҳамеша ҷониби офтоб майл мекунад) мефаҳмонем. Аксари бачагон донаи офтобпарастро дӯст медоранд. Ёд медиҳем, ки пӯст (пӯчоқ)-и донаи офтобпарастро ҳар куҷо партофтан хуб нест, тозагиро дар кӯчаву хиёбонҳо риоя кунанд, ба қадри меҳнати рӯбандаҳо расанд. Сипас, хондани мустақилонаи матнро супориш медиҳем. Бачагонро ба гурӯҳҳои сенафара ҷудо карда, хониши матнро аз рӯйи нақшҳо ташкил мекунем. Сухани гӯянда мушкилтар (бисёртар) аст, онро ба бачагони лаёқатманд супориш медиҳем. Ба таври намуна як-ду гурӯҳ хониши матнро аз рӯйи нақшҳо барои дигарон иҷро мекунад.
4. Барои иваз кардани навъи фаъолият супориши навиштани калимаҳоро (саҳ. 70) иҷро мекунем.

5. Боғи мо – боғи калон. Аввал худамон пурсишу посухро барои бачагон қироат мекунем. Хониши саволу ҷавобро барои шавқовартар шуданаш ба тарзи зерин ташкил кардан мумкин аст: тасаввур мекунем, ки саволҳо аз номи бобои Хирад аст, пас як нафар нақши бобои Хирадро интихоб мекунад. Ҷавобҳои якуму сеюмро ба писарон (Азизҷон), дуюму чорумро ба духтарон (Азиза) тақсим мекунем. Ёдовар мешавем, ки саволҳо бештаранд, бинобар ин, иҷрои нақши онро ба бачагон (чӣ духтар, чӣ писар)-и болаёқат месупорем. Чанд маротиба (вобаста ба вақт) иҷрои онро дар назди тахта анҷом медиҳем. Барои ҳар гурӯҳ, новобаста ба сифати иҷрои супориш, офарин мехонем ва кафкӯбӣ мекунем. Дар зимн калимаҳои нав (гиёҳ, бутта, рӯйидан)-ро шарҳ медиҳем.

6. Хушнависӣ. Хушнависии ҳарфи "и"-ро анҷом медиҳем. Иҷрои онро дар дафтари машқ назорат мекунем. Агар зарур бошад, ба бачагон ёрӣ мерасонем.

7. Машқи дигарро (сохтани ҷумла) ҳам шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ иҷро кардан мумкин аст. Вобаста ба кофӣ будани вақт худи омӯзгор онро ба роҳ мемонад.

8. Шеърро ба сифати лаҳзаи дамгирӣ истифода кардан мумкин аст. Ҳамчунин, метавонед аз бачагон гуфтану ёфтани чистонҳоро дар бораи гулу меваҳо хоҳиш кунед.

9. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Онро бо гузоштани чунин савол оғоз кардан мумкин аст: *Бачаҳо, рӯзи аввали мо дар боғи Бӯстон чӣ гуна гузашт? Мо чиҳоро ёд гирифтем?* Ҳамаи ҷавобҳоро қабул мекунем. Ба бачагон супориши бобои Хирадро хотирнишон карда мепурсем:

*–Бобои Хирад ба мо чӣ супориш дода буд?*

*– Ёфтани Дарахти зиндагиро.*

*– Мо имрӯз онро ёфтем?*

*– Не!*

*– Ҳеҷ гап не, биёед, пагоҳ дар ҷустуҷӯйи он мешавем. Ёд доред, бобои Хирад дар яке аз пандҳои аввалини худаш гуфта буд: "Ҷӯянда ёбанда аст".*

Салоҳиятҳои сохтани ҷумла ва аз худ кардани калимаҳои навро аз рӯйи иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ месанҷем.

Ба ҳама офарин гуфта, то дарси оянда хайрухуш мекунем. Аз бачагон низ хоҳиш мекунем, ки бо якдигар хайрухуш кунанд.

## Дарсҳои 3-4
## Мавзӯъ: Калимаёбӣ. Панди зиндагӣ. Меваҳо.
## Мафҳумҳои "меваи тар", "меваи хушк".

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**

**1. 2. 1. Дар вазъиятҳои муайян (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- мазмуни матни шунидаро фаҳманд;
- персонажҳои матнро муайян кунанд:
- суханҳои персонажҳоро ҷудо карда тавонанд;
- малакаҳои аввалини нақшофариро пайдо кунанд;
- меваҳои асосиро шиносанд ва номи онҳоро донанд;
- меваҳоро ба тару хушк ҷудо карда тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, расмҳои гулу меваҳо, воситаи техникии шунавонидани сабти овозӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Дарси гузаштаро бо роҳи саволу ҷавоб такрор намуда, бо бачагон дар бораи дарахт, чӣ хел рӯйидани он, парвариш ва нигоҳубини дарахтон, аҳаммияти дарахт дар зиндагӣ суҳбат кардан ба мақсад мувофиқ аст.

2. Панди зиндагӣ. Тавре ки қайд кардем, мавзӯи «Панди зиндагӣ» дар асоси ҳикоятҳои адабиёти классикӣ таҳия шудааст. Дар китобҳои пешин онро бештар дар шакли асл, суҳбати ҷавон бо марди мӯйсафед меоварданд. Мо онро тавре пешкаши хонандагон намудем, ки онҳо худро иштирокчии ин саҳна тасаввур кунанд. Ба ибораи дигар, ба ин ҳикояти дар ҳақиқат мазмуни баланди тарбиявӣ дошта характери воқеӣ дода шудааст. Дар охир ҳамчун ҷамъбасти мақсади ҳикоя бачагон худашон ба чунин хулоса меоянд, ки агар калон шаванд, албатта ниҳол мешинонанд. Хеле хуб аст, агар сабти овозии он шунавонида шавад, зеро сабт ба таври театрикунонидашуда сурат гирифтааст, ки шунидани он ба бачагон ҳаловат мебахшад. Сабтро бори аввал фақат барои шунидан ва бори дуюм ҳам шунидану ҳам матнро аз китоб нигоҳ кардан истифода кунед. Агар имконияти техникӣ набошад, омӯзгор матнро бо риояи оҳанг (сухани гӯянда, бобои Хирад, Азизҷон ва Азиза) мехонад. Сипас, бачагон худашон мустақилона як маротиба мехонанд. Бачагонро ба гурӯҳҳои чоргона ҷудо намуда, нақшҳоро тақсим мекунем. Ҳангоми дар нақшҳо кор кардан ба назди бачагон рафта, ёрӣ медиҳем. Як ё ду гурӯҳ нақшҳоро дар назди тахтаи синф иҷро мекунанд. Ин фаъолиятро бо саволи "*Бачаҳо, шумо ҳам калон шавед, ниҳол мешинонед?*" ва гирифтани ҷавоби тасдиқ ҷамъбаст мекунем.

3. Калимаёбӣ. Ин бозии дидактикиро ҳам ба сифати инкишофи тафаккур, ҳам барои лаҳзаи дамгирӣ истифода кардан мумкин аст. Ба бачаҳо фаҳмонед, ки дар байни ҳар ду катакча (хонача) хатти рости сиёҳ мавҷуд аст. Он калимаҳоро, ки номи меваҷот аст, аз ҳам ҷудо мекунад. Ғайр аз ин ҳар ҷуфти хоначаҳо рангҳои гуногун дорад. Ба ҷойи аломати савол ҳарфи даркориро гузошта, номи меваро ёфтан лозим аст. Дохили катакҳои бо ранг пуршуда холӣ мемонад. Ин бозиро ба қисмҳо (2 қисм – ҳар қисм номи чор мева, 4 қисм – ҳар қисм номи ду мева) ҷудо карда, дар байни гурӯҳҳо бо ташкили мусобиқа низ анҷом додан мумкин аст. Номи меваҳо ба тариқи зайл аст: *нок, себ, анор, ангур, анҷир, олу, бодом, писта.*

4. "Меваҳои ватани мо" бачагонро бо муҳимтарин меваҳо ва номи онҳо шинос мекунад. Аввал бачагонро ба гурӯҳҳои дунафара (ҳамнишинҳо) ҷудо карда, иҷрои мустақилонаи супоришро хоҳиш кардан мумкин аст. Шарт нест, ки ҳамаи бачаҳо тамоми номи меваҳоро ёбанд. Ҳар гурӯҳ чӣ қадаре ки тавонад, супоришро анҷом медиҳад. Расми баъзе меваҳо (аз ҷумла, мавиз, тут, бодом) он қадар равшан нест, барои ёфтани онҳо (агар ҳеҷ кас онро наёбад) ба бачагон ёрӣ медиҳем. Ҳангоми омӯзондани ин мавзӯъ ба он диққат диҳед, ки бачагон аз ҳамон синни хурдсолӣ номи меваҳоро ба забони модарӣ ёд гиранд. Меваҳо дар расмҳо бо чунин тартиб омадаанд:

*гелос, лиму, қулфинай, ангур, мавиз, тут, шафтолу, себ, нок, анор, чормағз, бодом, зардолу, писта, анҷир.*

5. Акнун ба бачагон бо ёрии саволҳо ва навиштани он чӣ дар супориши "Ба хотир гиред!" омадааст, мафҳумҳои "меваи тар" ва "меваи хушк"-ро шарҳ медиҳем. Ду саволи гузошташуда ду навъи меваи хушкро шарҳ медиҳад: 1. Меваи хушк метавонад аз меваи тар бо роҳи хушккунӣ ҳосил шавад (ангур – мавиз). 2. Меваи хушк навъи махсуси меваҳои мағздор аст (бодом, чормағз). Матни дохили хоначаи сабзро бачагон бояд ба хотир гиранд.

6. Барои хушнависии ҳарфи "п" мисли ҳамеша 15-20 дақиқа вақт ҷудо кунед. Бори дигар ба бачагон тарзи дуруст нишастану навиштанро таъкид кунед. Ҳар киро, ки ҳусни хаташ беҳтар шудааст, оҳиста таъриф кунед, дигаронро ташвиқ кунед, ки барои беҳтар шудани ҳусни хат бештар кӯшиш кунанд.

7. Ҷамъбаст ва арзёбии дарсро бо роҳи ташкили бозии калимасозӣ бо номҳои меваҳо ташкил кардан мумкин аст:

– *Се ҳарф дорад?*

– *Нок?*

– *Сурху сиёҳ мешавад?*
– *Себ?*
– *Ҳарфи аввал “о” аст?*
– *Олу!*
– *Офарин!*
– ...

Ҳамчунин, ба мазмуни матни “Панди зиндагӣ” баргардед. Агар бачагон хоҳиш кунанд, сабти овозии онро бори дигар шунавонед. Мазмуни матнро бо роҳи саволгузорӣ пурсед. Салоҳиятҳои донистан ва дуруст навиштани номи меваҳоро аз рӯйи иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ санҷед.

Ба ҳама офарин гуфтанро фаромӯш намекунем!

**Дарсҳои 5-6**
**Мавзӯъ: Дарахтони мевадор ва бемева. Гулҳо.**

**Салоҳиятҳо:**
**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**
**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**
**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**
**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**
- маҳорати муколамаро ба даст оранд;
- ҷумлаҳоро бо риояи оҳанг дуруст талаффуз кунанд;
- дарахтони мевадорро аз бемава фарқ карда тавонанд;
- гули дӯстдоштаи худро шифоҳӣ ва бо ҷумлаҳои сода тавсиф карда тавонанд;
- имлои ҳарфҳои “и”, “ӣ”, “у” ва “ӯ”-ро вобаста ба мавзӯъ ёд гиранд;
- дар бораи меваҳо ва гулҳо порчаҳои шеърӣ аз ёд донанд ва бурро хонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, расмҳои дарахтону гулҳо, дафтари машқ

**Равиши дарс:**
1. Оғози дарс. Ба омӯзиши номи меваҳо бармегардем. Агар расмҳои меваҳо бошад, онҳоро як-як нишон дода, номашонро аз бачагон мепурсем. Мепурсем, ки кӣ кадом меваро бештар дӯст медорад ва чаро. Ҳар кас бо ин роҳ сифатҳои меваҳоро номбар мекунад.
2. Пеш аз шурӯи кор бо суҳбатҳои саҳ. 73 аз бачагон мепурсем, ки дар боғи онҳо, дар ҳавлии онҳо, дар кӯчаҳо ва ҳавлии мактаб кадом дарахтон ҳастанд. Илова мекунем, ки оё ҳамаи ин дарахтон мева доранд? Сипас, бачаҳоро ба ду гурӯҳ тақсим намуда, хондани муколамаҳоро дар нақшҳо супориш медиҳем. Хоҳиш мекунем, ки ба ҷойи номҳои дар китоб овардашуда (Замира, Фарангис) бачагон номҳои худро истифода баранд. Ҳамчунин, бачагон ба ҷойи калимаи “дугонаҷон” (дар суҳбати дуюм) калимаи “ҷӯраҷон”-ро истифода кунанд. То иҷрои мустақилонаи ин суҳбатҳо беҳтар аст, ки тахтаи синфро бо расмҳои дарахтони себ, нок, токи ангур, сафедор, чинор ва маҷнунбед оро диҳем. Агар чунин имконият набошад, расми онҳоро худамон кашида, дар паҳлуяш ин номҳоро менависем. Аз гурӯҳҳое, ки дар назди тахтаи синф ин муколамаҳоро иҷро мекунанд, хоҳиш мекунем, ки ҳангоми суҳбат ба расми дарахтони лозима ишора кунанд. Яъне кӯшиш мекунем, ки саҳнаи ба ҳақиқат наздики ин суҳбатҳоро ба вуҷуд орем. Барои иҷрои нақшҳо ба бачагон офарин мегӯем.

3. Чистонро ҳам ба сифати лаҳзаи дамгирӣ, ҳам ҳамчун машғулияти дидактикӣ истифода мекунем. Аввалан, бачаҳо худашон ба ҷойи нуқтаҳо калимаи даркориро бо истифода аз расм мегузоранд (ангур). Сониян мепурсем: *Ин ҷо калимаи "оча" чӣ маъно дорад? (дарахт, ток). Калимаи "бача" чӣ? (ангур, мева). Чаро каҷу килеб? (мисли дарахтони дигар танааш рост нест). "Ширу шакар" яъне чӣ? (ширин, бомаза).* Чунин саволу ҷавобҳо ба инкишофи тафаккури бачагони хурдсол кумаки амалӣ мерасонанд.

4. Ба аломати хитоб, ки дар зери аломати чистон омадааст, ишора карда мепурсем, ки он чӣ маъно дорад? Пас аз пайдо кардани маънои он (Ба хотир гиред!, агар фаромӯш карда бошанд, супориш диҳед, ки ба саҳифаи аввали китоб баргарданд ва худашон маънои онро ёбанд) навиштани ин қоидаро ба дафтарҳо супориш медиҳем. Номгӯйи дарахтони мевадор ва бемеваро ҳамроҳи бачагон пурратар мегардонем.

5. Гулҳои ватан. Таҳти ин мавзӯъ роҷеъ ба анвои гулҳо матну шеърҳо ҷой дода шудааст, ки дутои он дар ҳамин дарс ва шеъри "Гулдаста" дар дарси оянда омӯхта мешавад. Аввал матни "Садбарг"-ро мехонем ва калимаҳои душворро мефаҳмонем (*нозук, ба хотири, олам),* Сипас, хониши мустақилонаи онро супориш медиҳем. Бо сурат (саҳ. 74) низ кор мекунем. Аз онҳое, ки дар ҳавлӣ ё боғашон гули садбарг доранд, хоҳиш мекунем, ки нақл кунанд. Бо саволи "Боз кадом гулҳоро медонед?" муроҷиат мекунем ва суҳбати озод ташкил мекунем.

6. Ба хотири тағйир додани навъи фаъолият ба иҷрои машқи навиштан (саҳ. 74) мегузарем. Ба бачагон кумак мекунем, ки меваҳову гулҳо ва сифатҳои онҳоро ба ёд оранд. Ҳар ҷо, агар дар номи мева, гул ё сифати он ҳарфҳои "у", "ӯ", "и" ва "й" бошад, ба дафтар менависем. Иҷрои ин корро аз як хонанда дар тахтаи синф хоҳиш мекунем, навиштаҳои ӯро месанҷем ва дар ҳолати дуруст буданаш рӯйбардор кардани онро ба дафтарҳо супориш медиҳем.

7. Шеъри "Сунбул" бо забони равони кӯдакона иншо шудааст. Онро чанд маротиба барои бачагон хонед. Сипас, худи бачагон мехонанд. Аз ёд кардани онро метавонед хоҳиш кунед, аммо маҷбур накунед. Дар дарси оянда шеъри "Гулдаста" низ омадааст. Ин ду шеърро баъдтар ба бачагон вобаста ба сатҳи маҳораташон яктоӣ барои аз ёд кардан супориш медиҳед.

8. Машқи хушнависии ҳарфи "ш"-ро дар ҳамин дарс иҷро мекунем.

9. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Салоҳиятҳои хонандагонро роҷеъ ба ин мавзӯъ аз рӯйи иҷрои муколамаҳо (с. 73), хониши матн (Садбарг – маликаи гулҳо) ва шеъри "Сунбул" месанҷем. Шарт нест, ки ҳар як хонанда ҳамаи ин супоришҳоро дар назди тахта ё аз ҷойи нишаст иҷро кунад. Салоҳиятҳои луғатомӯзӣ ва донистану навиштани номи меваҳоро аз рӯйи иҷрои супоришҳои дафтари машқ месанҷем. Дар ин дарс ду чизи муҳим буд: фаҳмиши мафҳумҳои дарахтони мевадор ва бемева, анвои гулҳо. Саволу ҷавобро оид ба ҷамъбасти дарс бо назардошти ҳамин чиз ташкил мекунем.

## Дарсҳои 7-8

### Мавзӯъ: Калимаёбӣ ва калимасозӣ. Муносибат бо дарахтон.

**Салоҳиятҳо:**

**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- гулҳоро шиносанд, номи онҳоро беғалат навишта тавонанд;
- бо ҳарфҳои йотбарсар калима гуфта ва навишта тавонанд;
- аз ҳиҷоҳои пароканда калимаҳои дуҳиҷоӣ (вобаста ба мавзӯъ) тартиб дода тавонанд;

- муколамаро дар нақшҳо бо риояи оҳанг иҷро карда тавонанд;

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, расмҳои дарахтону гулҳо, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Дарсро аз хотиррасон кардан ва пурсиши шеъри "Сунбул" оғоз мекунем. Дар зимн доир ба дигар анвои гулҳо суҳбат мекунем. Ба хонандагоне, ки шеъри "Сунбул"-ро аз ёд кардаанд, офарин мехонем.
2. Хониши бурро ва тақвияти хотира. Шеъри "Гулдаста"-ро бурро чанд маротиба мехонем. Вобаста ба қобилияти бачагон ду шеърро (Сунбул ва Гулдаста) барои хондан ва аз ёд кардан супориш медиҳем. Бачагон метавонанд яке аз ин шеърҳоро худашон интихоб кунанд. Муҳим он аст, ки як гурӯҳ шеъри якум ва гурӯҳи дигар шеъри дуюмро интихоб кунад, яъне дар маҷмӯъ ҳар ду шеър аз ёд хонда шавад. Барои ин кор вақти муайян ҷудо мекунем. Агар дар ин вақт бачагон аз ёд карда натавонанд, хоҳиш мекунем, ки дар хона бо калонсолон кор кунанд.
3. Шеъри "Гулдаста"-ро истифода карда, навиштани номи гулҳоро аз матн супориш медиҳем. Бисёр хуб аст, агар омӯзгор расми ин гулҳоро омода карда, ба бачагон нишон диҳад. Агар расми гулҳо набошад, чӣ хел будани ҳар гулро фаҳмонед (ё расмашро худатон дар тахтаи синф кашед).
4. Чистонро барои лаҳзаи дамгирӣ истифода кунед. Ёфтани ҷавоби чистон бо роҳи ба калимаи "сиёҳ" илова кардани "гӯш", ки расмаш паҳлуи он кашида шудааст, мушкил нест. Дар зимн шарҳ медиҳем, ки калимаи "сиёҳ" ба шакли "сияҳ" низ меояд ва чанд калимаи дигарро аз рӯйи ин қоида дар тахта менависем: *моҳ – маҳ, моҳтоб – маҳтоб, роҳ – раҳ, подшоҳ – подшаҳ.*
5. Калимаёбӣ барои такрори ҳарфҳои йотбарсар (ё, ю, я) пешниҳод шудааст. Ин супоришро бо роҳи ташкили мусобиқа байни гурӯҳҳо ташкил кардан мумкин аст. Синфро ба гурӯҳҳо тақсим намуда, барои иҷрои супориш вақт (масалан, 5 – 7 дақиқа) ҷудо мекунем. Дар гурӯҳ бачагон метавонанд бо ҳам бо забони паст суҳбат кунанд, калимаҳои ёфтаашонро нависанд. Барои риояи бо овози паст суҳбат кардан мефаҳмонем, ки агар баланд гап зананд, гурӯҳи дигар мешунавад ва мумкин ғолиб шавад. Гурӯҳе, ки аз ҳама бештар калима меёбад ва менависад, ғолиб дониста мешавад.
6. "Гуфтугӯ бо дарахт" моҳияти тарбиявӣ дорад – муҳимтар аз ҳама он аст, ки бачагон тарзи муносибатро бо растаниҳо ёд гиранд, барои тоза нигоҳ доштани табиат кӯшиш кунанд. Дар айни замон кӯдакон дарк мекунанд, ки дарахтони бемева низ фоиданоканд. Муколамаро аввал худатон хонед. Вобаста ба маҳорати хониши бачагон онро мумкин аст ба шакли пурра ба гурӯҳҳои дунафара супориш диҳем ё матнро ба ду қисм ҷудо карда, барои иҷрои пурраи муколама гурӯҳҳои чорнафара ташкил кунем. Ин ҳама ба салоҳияти худи омӯзгор аст.
7. Калимасозӣ аз рӯйи ҳиҷоҳоро ба тариқи мусобиқа ташкил кардан мумкин аст. Ба бачагон фаҳмонед, ки аз сутуни дуюм фақат ҳиҷоҳои муносибро пайдо карда, калима созанд. Иҷрои як қисмро ба як гурӯҳи бачагон, қисми дуюмро ба гурӯҳи дигар супориш медиҳем. Тарзи иҷрои кор чунин аст: *қисми 1. Дарахт, боғбон, садбарг, ангур, гулзор; қисми 2. Тарбуз, анҷир, мева, биҳӣ, гелос.*
8. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Хонандагонро бори дигар ба хондани шеърҳои "Сунбул", "Гулдаста" даъват мекунем ва салоҳиятҳои хониш ва бахотиргирии онҳоро месанҷем. Дар бораи гулҳо ва дарахтон саволу ҷавоб мураттаб мекунем. Салоҳиятҳои ёд гирифтани ҳарфҳои йотбарсар ва калимасозиро аз рӯйи иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ месанҷем. Ба бачагон офарин гуфтанро фаромӯш намекунем. Хуб аст, агар бори дигар супориши бобои Хирадро ёдовар шавем: ӯ супориш дода буд, ки дар боғи Бӯстон Дарахти зиндагиро ёбанд. Бачагонро даъват мекунем, ки ҷустуҷӯйи ин дарахтро идома диҳанд.

**Дарсҳои 9-10**

**Мавзӯъ: Баракати замин. Ҳифзи табиат.**

**Салоҳиятҳо:**

**1.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи муайяни вазъиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои ду-сеамалаи таълимӣ) риоя мекунад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- номҳои меваҷоту сабзавотро донанд ва дуруст нависанд;
- ба ҷойи номҳои маъмулии русӣ (клубника, чеснок, укроп...) истифода кардани номҳои тоҷикии меваҷоту сабзавотро ёд гиранд;
- ҳисси табиатдӯстӣ ташаккул диҳанд ва ҳифзи табиатро донанд;
- бо иҷрои бозиҳои дидактикӣ маҳорати фикркуниро инкишоф диҳанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, расмҳои сабзавоту меваҳо, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Барои тайёр кардани бачагон ба мавзӯи нав, дар баробари пурсиши шеъри азёдкарда ва ёдовар шудани номи меваҳову гулҳо, сатҳи маълумоти онҳоро аз донистани номҳои сабзавот ва маҳсулоти полезӣ месанҷем. Масалан, пурсидан мумкин аст, ки барои пухтани шӯрбо ё оши палов чиҳо лозиманд, дар ҳавливу боғҳо чиҳо парвариш меёбанд, падару модарон аз бозор бештар чиҳо харид мекунанд ва ғайра.
2. Машғулияти ин дарс аз машқи навиштани матни “Боғи мактаби мо” оғоз меёбад. Матнро аввал мехонем ва баъд навиштани онро ба бачагон супориш медиҳем. Матн аз шаш ҷумла иборат аст. Бачагонро бо роҳи шумурдан аз 1 то 6 ба шаш гурӯҳ ҷудо мекунем. Ҳар кас як ҷумлаи худашро дар дафтари машқ менависад. Агар имконият бошад, гурӯҳҳои шашнафараро бо ҳам мешинонем. Пас аз навиштан матнро аз дафтари машқ бо риояи тартиби ҷумлаҳо мехонанд. Дар мактабҳое, ки саҳни ҳавлӣ ва боғ доранд, вобаста ба мазмуни матн саволҳои иловагӣ роҷеъ ба ҳавлӣ ва боғи мактаби худ тартиб медиҳем ва тозаву озода нигоҳ доштани онро талқин мекунем. Танаффуси байни соатҳоро дар боғи мактаб якҷоя бо саволу ҷавоб гузаронидан низ мумкин аст.
3. Баракати замин. Кор бо расмҳои меваҳо ва сабзавот бо ҳадафҳои гуногун анҷом мегирад. Аввалан, бачагон бо номҳои муҳимтарин меваҳову сабзавот ва маҳсулоти полезӣ ошно мешаванд, сониян, истифодаи калимаҳои тоҷикиро ба ҷойи вариантҳои русӣ (ин чиз бештар ба бачагони шаҳрӣ тааллуқ дорад) ёд мегиранд ва ниҳоят, гурӯҳбандии калимаҳоро ба меваҳо, сабзавот ва маҳсулоти полезӣ бо кумаки муаллим анҷом медиҳанд. Тартиби номҳо (аз чап ба рост) чунин аст:

*тарбуз, қаланфури булғорӣ, банан, ананас, афлесун, қулфинай, нок, бодиринг, каду, боимҷон, пиёз, пиёзи кабуд, сабзӣ, карам, картошка, лаблабу, шалғамча, харбуза, олу, нахӯд, сирпиёз, ҷуворимакка, қаланфур, помидор, занбурӯғ (хуч).*

> **Таъкид:** Калимаи “кашниз” (русиаш “кинза”, як навъи кабудӣ)-ро дар маҳалҳо ба шаклҳои гуногун – гашниз, кашнич, гашнич ва ғайра талаффуз мекунанд. Талаффуз ва навишти дурусти онро ба бачагон таъкид кунед.

4. Бачаҳоро, ки аз анҷом додани ин кор каме хаста шудаанд, бо ёфтани чистонҳо каме аз навиштан фориғ мекунем. Синфро ба се гурӯҳ ҷудо карда, хондан ва ёфтани як чистонро ба ҳар як гурӯҳ супориш медиҳем. Ба бачагон иҷозат медиҳем, ки бо овози паст суҳбат

кунанд, маслиҳат кунанд. Ҳар гурӯҳ чистони худро бо овози баланд хонда, ҷавоби онро барои дигарон мегӯяд.

5. Ҳифзи табиат. Мақсади ин мавзӯъ, аз як тараф, фаҳмидани мафҳуми табиат, аз тарафи дигар, дар дили кӯдакон бедор кардани ҳисси табиатдӯстист. Калимаи "табиат" мафҳуми абстрактӣ бошад ҳам, бо он шарҳи содае, ки оварда шудааст, қобили фаҳм аст. Чӣ будани табиатро барои ҳама фаҳмонед, онро бачагон метавонанд дар дафтарҳояшон нависанд. Ҷавобҳои саволи "Ҳифзи табиат чист?"-ро метавонед ба бачагон яктоӣ тақсим кунед. Бигзор ҳар кас ҷавоби худашро ба хотир гирад. Ёдовар шавед, ки ин бисёр муҳим аст, агар онро фаромӯш кунем, бобои Хирад ба мо калиди боғи дигарро намедиҳад. Барои таҳкими мавзӯъ саволро мехонед, бачагон бо навбат ҷавобҳои худро як-як мегӯянд. Дар охир навиштан ва аз ёд кардани панди "Табиат мекунад моро табобат"-ро супориш диҳед.

6. Навъи машғулиятро тағйир дода, ба иҷрои хондани матн (саҳ. 78) мегузарем. Ин матн низ барои бедор намудани ҳисси гулпарварӣ ва дӯст доштани гулҳои хонагӣ равона шудааст. Зимни кор бо ин матн Ҳамчунин, таъкид кунед, ки гулҳо низ ба нигоҳубин ниёз доранд, гулҳоро кандан, буттаҳои онро шикастан хуб нест.

7. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Арзёбии салоҳиятҳо бояд ба ду чиз равона шавад: 1. Шинохтан ва аз ҳамдигар фарқ кардани меваҷот, савзавот ва маҳсулоти полезӣ, 2. Дарки табиат ва ҳифзи он. Ҳамин ду чизро ба эътибор гирифта, саволҳои худро тартиб медиҳем ва аз рӯйи ҷавобҳо салоҳиятҳои бадастовардаи шогирдонро месанҷем. Салоҳияти якум аз рӯйи иҷрои супориш дар дафтари машқ санҷида мешавад.

Дар охир ба бачаҳо бори дигар савол медиҳем: Супориши бобои Хирад чӣ буд? Офарин, ёфтани Дарахти зиндагӣ! Мо имрӯз онро ёфтем? Не. Пас биёед, дарси оянда кӯшиш мекунем, ки ҳамроҳ ҷустуҷӯ карда ёбем. Барои ин ҳамаи он чиро, ки имрӯз гуфтему хондему навиштем, ба ёд бигиред. Ба ҳама барори кор мехоҳем.

## Дарсҳои 11-12
## Мавзӯъ: Гурӯҳбандии калимаҳо.

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**
**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**
**1. 2. 1. Дар вазъиятҳои муайян (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**
**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**
**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- калимаҳоро аз рӯйи таъйиноташон ба гурӯҳҳо ҷудо карда тавонанд;
- мавзӯъ ва мазмуни матни пешинаро ба хотир оварда тавонанд;
- мазмуни матни шунидаро фаҳманд;
- матни шунидаро бо ҷумлаҳои сода ё бо роҳи саволу ҷавоб нақл карда тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, расмҳои сабзавоту меваҳо, таҷҳизоти техникии шунавонидани сабти овозӣ, дафтари машқ.

***Равиши дарс***

1. Оғози дарс. Аз дарси гузашта номи меваҳо ва сабзавотро бори дигар ба хотир оварда, мавзӯи "Ҳифзи табиат"-ро махсус такрор мекунем. Бори дигар таъкид мекунем, ки бе донистани он соҳиб шудан ба калиди боғи навбатӣ мумкин нест.

2. Ду ребус дода шудааст, ки ҳалли ягона дорад: барои ёфтани калима ба ҷойи расми барг калимаи “барг”-ро илова карда, бачагон калимаҳои “садбарг” ва “себарга” месозанд ва ба дафтари машқ менависанд.

3. Ёфтани номи меваҳоро аз рӯйи якрангии ҳарфҳо барои лаҳзаи дамгирӣ истифода баред. Ин корро ба тарзи мусобиқа ташкил кардан мумкин аст. Аз бачагон пурсед, ки маънои аломате, ки расми соатро дорад, чист. Агар наёбанд, хоҳиш кунед, ки саҳифаи аввали китобро боз кунанд ва худашон ёбанд: “Кӣ зудтар?” Яъне, ҳар касе ки номи чор меваро зудтар ёфта ба дафтар нависад, ҳамон кас ғолиб мешавад. Бо баробари иҷро кардани ин супориш аз ҷониби ягон хонанда бозиро қатъ накунед, имкон диҳед, ки дигарон низ кор кунанд. Ба назди хонандагони даст бардошта рафта, иҷрои супоришро санҷед, агар дуруст бошад, офарин гӯед.

4. Машқи дигар низ ба шакли бозӣ оварда шудааст. Он ба инкишофи тафаккури бачагон равона гардидааст. Албатта, бачагон то имрӯз чунин бозиҳоро анҷом додаанд ва моҳияти онро мефаҳманд. Аммо беҳтар аст, ки бори дигар онро шарҳ диҳед. Барои намуна, сатри аввалро якҷоя бо бачагон иҷро кунед ва фаҳмонед, ки дар байни калимаҳои *себ, анор, ток, арча* калимаи охирин (арча) бегона аст, зеро се калимаи аввал номи дарахтони мевадор аст, аммо арча дарахти бемева аст. Бачагонро ба шаш гурӯҳ тақсим намуда, барои ҳар гурӯҳ як сатрро супориш диҳед. Сипас, аз ҳар гурӯҳ як нафар кори анҷомдодаи худро барои дигарон шарҳ медиҳад. Таъкид кунед, ки бачагон ҷумлаҳои дуруст тартиб диҳанд. Барои ин ҷумлаи болоӣ (дар байни калимаҳои *себ, анор, ток, арча* калимаи охирин (арча) бегона аст, зеро се калимаи аввал номи дарахтони мевадор аст, аммо арча дарахти бемева аст)-ро дар тахтаи синф нависед.

5. Ин қисмати дарс омода кардани бачагон ба суҳбати ҳикматноки онҳо бо бобои Хирад аст. Саволҳоро як-як ба миён гузоред. Агар бачагон супориши бобои Хирадро пурра такрор карда натавонанд, худатон ёдовар шавед: “Дар байни дарахтон дарахте ҳаст, ки онро Дарахти зиндагӣ мегӯянд. Ҳар касе, ки меваи онро хӯрад, ҳеҷ гоҳ пир намешавад, ҳамеша зинда мемонад. Албатта, онро пайдо кунед ва меваашро биёред”. Сипас, аз бачагон пурсед, ки мо ин дарахтро пайдо кардем ё не? Бачагон албатта хоҳанд гуфт, ки “не”. Шумо фаҳмонед, ки ба онҳо барои ёфтан кумак мекунед, рӯҳафтода нашаванд. Аммо аввал саволи дуюмро ба миён гузоред. Бачагон муҳимтарин хусусияти ин дарахтро мегӯянд: “Агар меваи ин дарахтро хӯрем, ҳамеша ҷавон мемонем, касалу бемор намешавем”. Сипас, саволҳои сеюму чорумро ҳам бо бачагон баррасӣ мекунем. Дар охир бачагонро даъват мекунем: *Бачаҳо, мо ҳанӯз он дарахтро наёфтем. Дуруст? Мехоҳед фаҳмед, ки Азизҷону Азиза онро пайдо карда бошанд ё не?* Вақте ки бачагон бо шӯру шавқ “ҳа, мехоҳем” мегӯянд, сабти овозии матни “Дарахти зиндагӣ”-ро барои шунидан пешкаш мекунем. Агар имконияти техникӣ набошад, онро худамон мехонем.

6. Аз бачагон нақл кардани матни шунидаашонро хоҳиш кунед. Дар зимн бо истифода аз саволи гузошташуда андешаҳои шогирдонро санҷед. Кӯшиш кунед, ки ҷавоби интихобкардаро (сарзаниш кардан ё ёрӣ расондан) худи бачагон асоснок кунанд. Барои ин ҷавоби онҳоро рад накарда, пусед, ки барои чӣ чунин фикр мекунанд.

7. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Салоҳиятҳои вобаста ба инкишофи тафаккурро аз рӯйи иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ месанҷем. Салоҳиятҳои навиштани хонандагон аз рӯйи иҷрои супоришҳои гурӯҳбандии калимаҳо санҷида мешавад.. Салоҳиятҳои шунидан ва нақл кардан ҳам дар ҷараёни дарс ва ҳам дар ҷамъбасти он бо роҳи саволу ҷавоб санҷида мешавад.

Таъкид мекунем, ки бачагонро боз як суҳбати аҷоибу шавқовар бо бобои Хирад дар пеш аст. Зимнан, агар бачагон аз устод хоҳиш кунанд, ки чӣ будани Дарахти зиндагиро фаҳмонад, бо табассум гӯед, ки як бор аз падару модар ё шахси дигар пурсед, канӣ бинем, онҳо медонанд ё не. Ва ваъда диҳед, ки дарси оянда ҳатман он дарахтро барои бачагон пайдо мекунед.

**Дарсҳои 13-14**

**Мавзӯъ: Ҷамъбаст ва арзёбии боби Бӯстон.**
**Салоҳиятҳо:**
**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**
**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**
**1. 3. 3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.**
**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**
- калимаҳои ифодакунандаи номҳои набототро дар доираи мавзӯъ ба гурӯҳҳо ҷудо карда тавонанд;
- маънои матни шунидаро мефаҳманд ва бо ҷумлаҳои сода гуфта тавонанд;
- матнро аз рӯйи нақшҳо бурро ва бо оҳанг хонда тавонанд;
- ҳарфҳоро зебо ва аз рӯйи қоидаҳои хушнависӣ навишта тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, расмҳои сабзавоту меваҳо, таҷҳизоти техникии шунавонидани сабти овозӣ, дафтари машқ, дарвозаи рамзии боғ ва калиди рамзӣ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Аз бачагон мепурсем, ки ягон кас Дарахти зиндагиро ёфт, ё не. Новобаста ба ҷавобҳо (масалан, баъзеҳо метавонанд номи ягон дарахтро тахминан гӯянд ё шояд калонсолони хонавода ба онҳо фаҳмонда бошанд ва ҳатто мумкин аст, ки худашон саҳифаи дигари китобро хонда бошанд) таваҷҷуҳи бачагонро бори дигар ба мазмуни матни дарси гузашта (Дарахти зиндагӣ) ҷалб мекунем. Ҳамин тариқ, ҳамаро даъват мекунем, ки якҷоя бо Азизҷону Азиза ба назди бобои Хирад равем...

2. Аммо ба ҷойи он ки суҳбати навбатиро шунавонем, гӯё ки ба хотирамон омада бошад, мегӯем: *Эҳ, бачаҳо! Охир мо як чизро фаромӯш кардем! Ба назди бобои Хирад ҳамон вақт рафтан мумкин аст, ки агар ҳамаи супоришҳоро иҷро карда бошем, дуруст? Биёед, як санҷем, оё мо ҳамаи супоришҳоро иҷро кардем?* Хеле хуб аст, агар худи бачаҳо андешаҳояшонро баён кунанд.

3. Матн (муколама)-и саҳ. 82 дар диски сабти овозӣ бо номи "Марҳабо, ба боғи Ҳайвонот" омадааст. Бачагонро барои шунидан омода карда, сабти овозиро мешунавонем (ё худамон бо риояи лаҳну оҳанг мехонем). Матн нисбатан калон аст, бинобар ин, онро такроран шунавонед (ё хонед). Зимни бори дуюм шунидан иҷозат диҳед, ки матнро аз китоб нигоҳ кунанд. Сипас, мазмуни матнро аз бачагон мепурсем. Кӯшиш мекунем, ки дар нақли матн ҳарчи бештар хонандагон иштирок кунанд. Як кас метавонад сухани каси дигарро ислоҳ ё пурра кунад. Фаҳмидани мазмуни матн душвор нест, зеро асосан ҳамон донишҳои гирифтаи бачагон такрор шудааст. Танҳо қисмати охири он ҳам муҳим асту ҳам дарки маънои он мушкилтар аст. Бинобар ин, маънои қисмати охирро пурсед, дар ҳолати зарурӣ онро ба бачагон шарҳ диҳед.

4. Ба бачагон саволи охиринро медиҳем: *Бачаҳо, бобои Хирад ба Азизҷону Азиза калиди боғи Ҳайвонотро дод?* Табиист, ки онҳо тасдиқ мекунанд: *Ҳа, дод!* Мепурсем: мехоҳед шумо ҳам ин калидро ба даст оред ва ба боғи нав дароед? Ҳама бо шӯру шавқ изҳор мекунанд, ки албатта, мехоҳанд. Дар ин маврид шумо пешниҳод мекунед, ки барои ин бояд ҳамин матнро ҳама якҷоя хонанд. Хониши матнро аз рӯйи нақшҳо бо роҳҳои гуногун иҷро кардан мумкин аст. Агар ба аввали сатрҳо нигоҳ кунем, хоҳем дид, ки ин муколама аз рӯйи тақсимот ба суханҳои иштироккунандагон (гӯянда, бобо, Азизҷон, Азиза) ба 16 қисми

хурду калон ҷудо шудааст. Варианти аввали кор: синфро ба гурӯҳҳои 16-нафара ҷудо мекунем, қисматҳои калонро номаълум ба бачагони аълохон ва қисматҳои хурдро ба бачагони сустхон тақсим мекунем. Ба ҳар кас аз рӯйи тартиб рақам мегузорем. Бачагон аввал мустақилона, баъд барои ҳама ин муколамаро иҷро мекунанд. Варианти дуюм: Синфро ба гурӯҳҳои 8-нафара ҷудо мекунем. Дар ин маврид ба ҳар кас ду порчагӣ тақсим мекунем. Варианти сеюм: синфро ба гурӯҳҳои 4-нафара ҷудо мекунем. Ҳар кас аз рӯйи қобилияташ як нақшро (гӯянда, бобои Хирад, Азизҷон, Азиза) интихоб мекунад. Ба бачагоне, ки баъди тақсимот бекор мемонанд, супориш медиҳем, ки ба хондани ягон шеър тайёр шаванд. Нақши бобои Хирадро худи омӯзгор ҳам метавонад иҷро кунад. Ҳамин тариқ, ҳама кор мекунанд ва ҳама аз иҷрои кори худ қаноатманд мешаванд.

5. Пас аз анҷоми ин супориш ҳамаро табрик мегӯем, ки хуб кор карданд ва соҳиби калид мешаванд. Ҳар кас (то ҷое, ки вақт имкон медиҳад) як-як ба назди Дарвоза омада, бо калид кушодани дарвозаро иммитатсия мекунанд. Метавонед пеш аз кушодани дарвоза хоҳиш кунед, ки як порча шеър хонда, баъд онро кушоянд.

6. Дарсро бо роҳҳои гуногун ҷамъбаст ва салоҳиятҳоро арзёбӣ мекунем. Барои ин дар дафтари машқ як супориши ҷамъбастӣ оварда шудааст. Барои ин бачагонро ба шаш гурӯҳ ҷудо карда, ба ҳар кас иҷрои як супориш (навиштани номи 1) дарахтони мевадор, 2) дарахтони бемева, 3) меваҳои тар, 4) меваҳои хушк, 5) гулҳо ва 6) сабзавот)-ро пешниҳод мекунем. Ин корро бачагон бо маслиҳати ҳамдигар низ иҷро карда метавонанд. Намояндаи ҳар гурӯҳ навиштаҳои худашро мехонад ва сазовори кафкӯбии дигарон мешавад. Ташкили саволу ҷавоб аз рӯйи матни охир (муколамаи бобои Хирад бо Азизҷону Азиза низ барои арзёбии салоҳиятҳои бадастовардаи бачагон аз боби Бӯстон хидмат мекунад.

Бачаҳо, албатта, хушҳоланд, ки боз ба як боғи дигар ворид мешаванд. Мо низ онҳоро рӯҳбаланд карда, офарин мехонем ва мегӯем, ки дар боғи Ҳайвонот мо бо ҳайвоноту парандагон шинос мешавем, хуб аст, агар бачагон худашон ҳам аз калонсолон дар хона дар бораи ҷонварон ҳар чизро пурсида ёд гиранд. То дарси дигар хайрухуш мекунем.

## БОБИ ҲАЙВОНОТ (14 СОАТ)

Боби «ҲАЙВОНОТ» аз расмҳои ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ оғоз меёбад. Дар ин қисмат хонандагон бо ҳайвонот, махсусан, ҳайвоноти хонагӣ ва номҳои онҳо аз наздик шинос мешаванд, ҳисси дӯстдории парандагонро дар худ парвариш медиҳанд, малакаҳои калимасозиро бо иҷрои бозиҳои дидактикӣ тақвият медиҳанд, навиштани ҳарфи калонро дар аввали лақаби ҳайвонот ёд мегиранд, қобилияти шунавоӣ ва бозгӯйи матнро инкишоф медиҳанд, барои беҳтар намудани ҳусни хат саъю кӯшиш мекунанд.

Вобаста ба афсонаи "Хирс ва деҳқон" истифода аз диаграммаи Венн ҳамчун бозии дидактикӣ оварда мешавад. Омӯзгорон моҳияти онро баъдтар барои афсонаҳои дигар низ метавонанд истифода кунанд.

Барои инкишофи тафаккур ва нутқи шифоҳии хонандагон дар ин боб низ машқҳои гуногун, аз ҷумла, сохтани ҷумла аз рӯйи нақшаи додашуда ва таҳияи матни шифоҳӣ дар бораи ҳайвони дӯстдоштаашон пешниҳод шудаанд.

Ҳамчунин, машқҳои хушнависӣ дар ин боб низ идома меёбанд.

**Дарсҳои 1-2**

**Мавзӯъ: Марҳабо, ба боғи Ҳайвонот. Ошноӣ бо номҳои ҳайвонот. Мафҳуми ҳайвоноти хонагӣ.**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 1. Дар вазъиятҳои муайян (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**

**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- аз рӯйи расмҳо ҳайвоноти маъмулиро шинохта тавонанд;
- ба саволҳо аз рӯйи расм ҷавоб дода тавонанд;
- номи ҳайвонотро беғалат навишта тавонанд;
- ҳайвоноти хонагиро ҷудо карда тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, расмҳои ҳайвонот, дафтари машқ, дарвозаи рамзии боғ ва калиди рамзӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Суҳбати бобои Хирадро бо Азизҷону Азиза аз охири дарси гузашта ба ёд меорем (агар бачаҳо хоҳанд, бори дигар мешунавонем ё мехонем) ва муҳимтарин донишҳои андӯхтаи хонадагонро оид ба дарахтону меваҳо ва гулҳо такрор мекунем. Махсусан, истифодаи номҳои тоҷикии меваю сабзовот ва кабудиро таъкид мекунем. Дарвозаи рамзии боғро бори дигар боз мекунем ва вуруди хонандагонро ба боғи Ҳайвонот табрик мегӯем.
2. Суҳбат аз рӯйи расми саҳ. 83. Саволу ҷавоби маъмулиро аз рӯйи расм ташкил мекунем. Саволҳо мавзӯъҳои зеринро метавонанд дар бар гиранд:
   - Дар бораи ҳайвоноте, ки дар дохили боғ тасвир шудаанд ва шинохти онҳо;
   - Нақл дар бораи саёҳат ба Боғи ҳайвоноти Душанбе (барои онҳое, ки дар Душанбе ва гирду атрофи он зиндагӣ мекунанд);
   - Фарқи ин боғ аз боғи Бӯстон.
3. Ҳайвонот. Расмҳои ҳайвоноте, ки дар саҳ. 84 оварда шудаанд, барои шинохти ҳайвонот ва номҳои онҳо пешниҳод шудаанд. Табиист, ки бачагон аллакай бо баъзе аз ҳайвонот, аз ҷумла, бо ҳайвоноти хонагӣ ва баъзе ҳайвоноти ваҳшӣ аз рӯйи афсонаҳои шунидаашон ошно ҳастанд. Ҳайвонотро як-як нишон дода, номи онҳо ва дар куҷо зиндагӣ карданашонро мепурсем. Барои ҳайвоноти ваҳшӣ кофист, ки бигӯянд: *Ин ҳайвон дар хона зиндагӣ намекунад.* Номҳои ҳайвонотро аз рӯйи тартибашон дар расмҳо ёдовар мешавем:

*Номи ҳайвонот аз чап ба рост, аз боло ба поён: гов, буз, сангпушт, шер, рӯбоҳ, гӯсфанд, шутур, асп, харгӯш, маймун, саг, гург, мурғобӣ, гурба, кабӯтар, тӯтӣ, фил, уқоб, хирс, хорпуштак.*

Барои зудтар ба хотир гирифтани номи ҳайвонот чунин саволҳо гузоштан мумкин аст:

– *Номи кадом ҳайвон бо ҳарфи “х” сар мешавад? (хирс);*
– *Кадом ҳайвонҳо аз се ҳарф иборатанд? (гов, буз, шер, асп, саг, фил);*
– *Кадоме аз ин ҳайвонот дар хона (ҳавлӣ, оғил) зиндагӣ мекунанд? (саг, гурба, асп, гов, гӯсфанд, буз);*
– *Кадоме аз инҳо мепаранд/парандаанд? (кабӯтар, тӯтӣ, уқоб);*
– *Чаро “мурғобӣ” мегӯем? (мурғ аст, аммо дар об шино мекунад /зиндагӣ мекунад).*

Бо ин роҳ бачагон роҷеъ ба ҳайвонот, парандагон, макони зист ва номи онҳо маълумот мегиранд. Барои ба ёд овардани номи ҳайвоноти дигаре, ки дар расмҳо тасвир наёфтаанд,

аммо ба бачагон вобаста ба маҳалли зист шиносанд (суғур, кутос, шағол, муш, мурғ, бедона, кабк ва ғайра) саволҳои алоҳида тартиб додан мумкин аст.

Ба суратҳо рақамгузорӣ мекунем (аз чап ба рост, аз боло ба поён) ва навиштани номи ҳайвонотро аз рӯйи рақамҳои гузошташуда супориш медиҳем. Барои хонандагонро ба панҷ гурӯҳ ҷудо карда, ҳар сатрро ба як гурӯҳ тақсим мекунем. Масалан, гурӯҳи якум чунин корро анҷом медиҳад: 1. Гов, 2. Буз, 3. Сангпушт, 4. Шер.

4. Аломати “!”-ро, ки дар аввали супориши саҳ. 85 омадааст, ба бачаҳо нишон дода мепурсем, ки он чӣ маъно дорад. Матни дохили хоначаи сабзро менависанд ва аз ёд мекунанд. Сипас номҳои ҳайвоноти хонагиро аз расмҳо ҷудо карда, ба дафтари машқ менависанд.

5. Пеш аз иҷрои супориши тартиб додан ва навиштани ҷумла машқи дигар (суҳбат)-ро иҷро мекунем. Бачагон бояд дар бораи ҳайвони дӯстдоштаашон шифоҳӣ суҳбат кунанд. Агар дар хонаи баъзеҳо умуман ҳайвони хонагӣ набошад, ҳайвон ё парандаи дилхоҳро тасвир карда метавонанд.

6. Машқи навиштани ҷумла аз рӯйи нақшаро аввал ба бачагон мефаҳмонем. Яъне ҷумла аз чор калима иборат аст. Бачагон ҷумлаи дилхоҳ тартиб дода метавонанд. Беҳтар аст, ки пеш аз ба дафтар навиштан бачагон ҷумлаҳои худро гӯянд, дар ҳолати дуруст будан навиштани онҳоро супориш медиҳем, агар нодуруст бошад, шакли дурусти онро мегӯем.

7. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Салоҳиятҳои бадасовардаи хонандагонро бо роҳи ба гурӯҳҳо тақсим кардани синф ташкил кардан мумкин аст. Бачагон ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд. Гурӯҳи якум ҳайвоноти хонагӣ, гурӯҳи дуюм ҳайвоноти ваҳшӣ ва гурӯҳи сеюм парандагонро ҷудо мекунанд. Намояндаи ҳар гурӯҳ натиҷаи кори худро ба дигарон пешниҳод мекунад. Салоҳиятҳои шинохтан ва дуруст навиштани номи ҳайвонотро тибқи иҷрои супориш дар дафтари машқ месанҷем. Салоҳияти ҷумла тартиб додан низ аз рӯйи кори хонандагон дар дафтари машқ санҷида мешавад.

Ба хонандагон барои иштироки фаъолонаашон офарин мегӯем ва таъкид мекунем, ки дар дарсҳои дигар боз чизҳои нави шавқоварро дар бораи ҳайвонот мефаҳмем, бинобар ин, ҳатман ба дарс оянд.

**Дарсҳои 3-4**

**Мавзӯъ: Имлои ҳарфҳои “у” ва “ӯ”. Ҳарфи калон дар аввали лақаби ҳайвонот. Гург ва буз. Подабон.**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 3. 3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.**

**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**

- матнро бурро ва бо риояи оҳанг хонда тавонанд;
- мазмуни матни хондаро гуфта тавонанд;
- ифодаҳои дохили матнро маънидод карда тавонанд;
- ба ҷойи нуқтаҳо ҳарфи заруриро гузошта, калима тартиб дода ва навишта тавонанд;
- калимаҳои ҳарфҳои “у” ва “ӯ” доштаро (аз номҳои ҳайвонот) ҷудо карда ва навишта тавонанд;
- бо ҳарфи калон навиштани аввали лақаби ҳайвонотро ёд гиранд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, расмҳои ҳайвонот, дафтари машқ.

***Равиши дарс***

1. Оғози дарс. Таҳкими дониши дарси гузаштаро бо роҳи иловаи баъзе хусусиятҳои ҳар ҳайвон ё паранда давом медиҳем: дар баробари гуфтани номи ҳайвон ва ҷойи зисташ дар бораи хӯроки он ҳайвон низ суҳбат мекунем. Масалан, говро чунин муаррифӣ кардан мумкин аст: *“Ин гов аст. Гов ҳайвони хонагӣ аст, он дар ҳавлӣ зиндагӣ мекунад. Хӯроки гов алаф, пӯст (пӯчоқ)-и меваю сабзавот, ҷав ва ғайра аст”.*
2. Матни “Гург ва буз”-ро аввал бурро мехонем. Мазмунашро аз бачагон мепурсем. Махсусан, ба маънои ҷумлаи “Ту ғами шикаматро мехӯрӣ” диққати бачагонро ҷалб карда, онро шарҳ медиҳем. Барои санҷиши дарки маънои матн саволҳои ба фикр водоркунанда медиҳем:

– *Барои чӣ гург ба буз чунин гуфт?*
– *Гург гурусна буд ё сер?*
– *Гург бо буз дӯст шуда метавонад? Барои чӣ?*
– *Гург донотар будааст ё буз?*
– *Агар буз ба гапи гург бовар карда, поён мефаромад, чӣ мешуд?*

Хониши матнро аз ҷониби хонандагон бо иҷрои машқҳо ташкил кардан мумкин аст. Бачаҳоро ба гурӯҳҳои сенафара ҷудо мекунем ва нақшҳоро тақсим мекунем (гӯянда, гург, буз). Бачагон мустақилона мехонанд ва баъд нақшҳоро дар назди бачагони дигар иҷро мекунанд.

| |
|---|
| **Таъкид:** Ҳангоми ба нақшҳо тақсим кардани бачаҳо ҳаргиз нагӯед, ту гург мешавӣ, фалонӣ буз ва ғайра. Чунин тарзи рафтор метавонад ба лақабмонии байни бачагон оварда расонад. Бинобар ин чунин фаҳмондан лозим: Бачаҳо, ин матн калон аст, хондани он барои як кас мушкил. Бинобар ин, Замираҷон, ту сухани гӯяндаро мехонӣ (панҷ сатри аввал), Парвизҷон сухани гургро мехонад, Санам – сухани бузро. |

3. Супориши навиштани калимаҳоро бо гузоштани ҳарфи зарурӣ низ дар гурӯҳҳо иҷро кардан мумкин аст. Ҳангоми иҷрои машқ назди бачагон рафта, кори онҳоро назорат мекунем.

4. Аввал лаҳзаи дамгирӣ ташкил мекунем. Сипас, ба иҷрои супориши дигар – ёфтани номи ҳайвоноту парандагоне, ки ҳарфҳои “у” ва “ӯ” доранд, мепардозем. Калимаҳое, ки ҳарфи “ӯ” доранд, хеле каманд, таъкид мекунем, ки имлои он калимаҳоро ба хотир гиранд (харгӯш, заргӯш, кабӯтар, гӯсола, гӯсфанд, ӯрдак).

5. Истифодаи ҳарфи калон дар аввали лақаби ҳайвонот. Бо пешниҳоди саволҳои супориши дигар мефаҳмонем, ки одамон ба ҳайвоноти хонагӣ ном мегузоранд ва ҳар гоҳ, агар онҳоро даъват карданӣ шаванд, бо номашон чеғ мезананд. Ба хотир меорем, ки мо дар аввали номи одамон кадом ҳарфро истифода мекунем. Сипас, илова мекунем, ки лақаби ҳайвонот ҳам бо ҳарфи калон сар мешавад. Пас аз фаҳмондани ин қоида навиштан ва аз ёд кардани онро супориш медиҳем.

6. Барои он ки ду машқи навиштан пайиҳам наоянд, хониш ва бозгӯйи матни “Подабон”-ро иҷро мекунем. Ба бачаҳои шаҳр махсус шарҳ медиҳем, ки “пода” чист ва “подабон” (чӯпон) кист. Маънои ҷумлаи “Гову гӯсолаҳоро аз чанголи гургу шағол нигоҳ медорад”-ро шарҳ медиҳем: Яъне, сагҳои чӯпонӣ зӯранд ва намегузоранд, ки гургону шағолҳо ба пода ҳамла карда, гову гӯсола, бузу гӯсфандонро хӯранд. Сипас, бачагон мазмуни матнро бозгӯ мекунанд ва мехонанд. Маънои калимаи “чаранда”-ро низ шарҳ медиҳем.

7. Машқи хат. Машқи хушнависии ҳарфи “у”-ро иҷро мекунем. Мисли ҳамеша дуруст нишастану зебо навиштани бачагонро назорат мекунем, ба ниёзмандон ёрӣ мерасонем. Маънои зарбулмасалро шарҳ медиҳем ва ба бачагон таъкид мекунем, ки дурӯғгӯ нашаванд.

8. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Муҳимтарин дониши забонии ин дарс навиштани ҳарфи калон дар аввали лақаби ҳайвонот аст. Ин салоҳият дар дарси оянда низ тақвият дода мешавад. Дар баробари ин салоҳиятҳои бурро хондан ҳангоми иҷрои супоришҳои мувофиқ санҷида мешаванд. Салоҳиятҳои дуруст навиштани калимаҳо, имлои ҳарфҳои “у” ва “ӯ” аз рӯйи иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ санҷида мешаванд. Бачагонро барои боз як қадам пештар рафтанашон табрик мегӯем ва риояи одоби хайрухушро бо ҳамсинфон таъкид мекунем.

## Дарсҳои 5-6

### Мавзӯъ: Лақаби ҳайвонот. Ҳайвони дӯстдоштаи ман.

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи муайяни вазъиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои ду-сеамалаи таълимӣ) риоя мекунад.**
**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**
**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**
**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**
**1. 4.3. Фикри худро дар қолаби матни хурд (на камтар аз се ҷумлаи сода) менависад.**

**Мақсади дарс:**
- дар аввали лақаби ҳайвонот ҳарфи калонро истифода кунанд;
- аввалин малакаҳои таҳияи нақли шифоҳиро ба даст оранд;
- ба ҳарфи додашуда калима гӯянд ва нависанд;
- матнро бурро ва бо риояи оҳанг хонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, расмҳои ҳайвоноти хонагӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Ба хониши матни “Подабон” аз дарси гузашта бармегардем. Калимаҳоеро, ки бо ҳарфи калон сар шудаанд, ҷудо мекунем. Ин калимаҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунем: Калимаҳои аввали ҷумла: *Падар, Дар, Лақаб, Сагаш, Гов* (хулоса: ҷумлаҳо бо ҳарфи калон сар мешаванд) ва номи одаму лақаби ҳайвонот: *Карим, Салимбобо, Рахш, Малла* (хулоса: номи одамон ва лақаби ҳайвонот бо ҳарфи калон сар мешавад). Ҳамин тариқ, дониши хонандагонро роҷеъ ба ин қоида мустаҳкам мекунем.
2. Бачагонро бо муҳимтарин лақабҳое, ки нисбат ба ҳайвонот гуфта мешавад, ошно месозем. Аз бачагон лақаби ҳайвоноти хонагиашонро мепурсем. Шояд бачаҳо лақабҳоеро низ гӯянд, ки русӣ бошад: *Дружок, Пушок, Лайка* ва ғайра. Агар чунин бошад, қайд мекунем, ки ин номҳои русӣ ҳастанд ва беҳтар аст мо дар оянда номҳои тоҷикиро истифода кунем. Сипас, супориш медиҳем, ки лақабҳои ҳайвонотро яктоӣ интихоб карда, аз рӯйи намуна ҷумла созанд. Шояд ҷумлаҳое пешниҳод шаванд, ки мантиқан дуруст нестанд. Масалан, *Номи саги ман Даванд аст ё Номи аспи ман Мошон аст.* Ба бачагон мефаҳмонем, ки ҳамон тавре ки номи духтарону писарон аз ҳамдигар фарқ мекунанд, номи ҳайвонот ҳам гуногун мешавад: *Лақабҳои Хайбар, Зирак, Полвон, Ҳушёр, Алопар, Хайбар* барои сагон, *Даванд, Саманд, Рахш* барои аспҳо ва *Малла, Мошон, Алояк* барои гурбаҳо истифода мешаванд.
3. Ҳайвони дӯстдоштаи ман. Ин қисмати машғулият барои инкишофи тафаккур ва нутқи шифоҳӣ равона шудааст. Бачагонро ба гурӯҳҳо (дунафара, чорнафара) ҷудо кунед. Ҳар гурӯҳ аз рӯйи расмҳо як ҳайвонро интихоб мекунад (асп, гӯсфанд, саг, гурба). Сипас, дар бораи он ҳайвон чанд ҷумла менависанд. Намунаи матн чунин буда метавонад: *Мо як саг дорем. Номи он Ҳушёр аст. Ҳушёр саги хушрӯяку нотарс аст. Мо Ҳушёрро дӯст медорем.*
4. Бозии “Хоначаҳои сеҳрнок”-ро барои лаҳзаи дамгирӣ истифода кардан мумкин аст. Дар баробари ин ба бачагон “калимаҳои сеҳрнок”-ро ҳам пешниҳод кунед – калимаҳое, ки аз чап ба рост ва аз рост ба чап як хел хонда мешаванд: *нон, нодон, амма...*
5. Барои шавқовартар шудани кор бо тезгӯяк онро ба таври мусобиқа ташкил мекунем. Касе аз ҳама зудтар ва бехтато гуфта тавонад, бозиро мебарад ва тухфаи ӯ кафкӯбии бачагон мешавад.

6. Калимаёбиро бо ҳарфҳои калимаҳои САНҶОБ ва ГӮСОЛА дар гурӯҳҳо анҷом додан мумкин аст. Бачагон бояд ба ҳар ҳарф номи ҳайвонот ё парандаеро ёбанд, ки бо ҳамон ҳарф сар мешавад. Намунаи иҷрои он чунин аст: *гурӯҳи якум: саг, акка, наҳанг, ҷайра, оҳу, буз; гурӯҳи дуюм: гов, ӯрдак, суғур, оҳу, лаклак, асп.* Агар бачаҳо дар ёфтани номи ҳайвонҳо мушкилӣ кашанд, ба онҳо ёрӣ мерасонем. Дар хотир дошта бошед, ки миқдори катакҳо шартӣ буда, миқдори ҳарфҳои номи ҳайвонот метавонад камтар ё бештар бошад.

7. Азбаски бачагон як машқи навиштанро иҷро карданд, аввал машқи хондан ва аз ёд кардани шеърро иҷро мекунем. Ин шеър дар бачагон ҳисси дӯстдорӣ ва ёрӣ ба парандагонро бедор мекунад.

8. Акнун машқи навиштани матнро дар бораи гурба иҷро мекунем. Ҳангоми иҷрои ин машқ низ, мисли иҷрои машқҳои хушнависӣ, тарзи нишасту зебо навиштанро назорат мекунем.

9. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Дар ин дарс яке аз салоҳиятҳои муҳимтарин ба даст овардани малакаҳои нақли кӯтоҳ роҷеъ ба ҳайвони дӯстдошта аст. Онро аз рӯйи иҷрои супориш санҷидан лозим аст. Ҳамчунин, салоҳиятҳои дигар – навиштани ҳарфи калон дар аввали лақаби ҳайвонот, салоҳиятҳое, ки ба инкишофи тафаккур равона шудаанд, аз рӯйии иҷрои супориш дар дафтари машқ санҷида мешаванд. Санҷиши салоҳияти бурро хондан ва нақл кардани мазмуни матнро низ бо роҳи саволу ҷавоб ташкил кардан мумкин аст. Ҷараёни дарси имрӯзаро ба ёд оварда, ба бачагон савол диҳед, ки мо имрӯз чӣ корҳоро анҷом додем. Зимни ҷавобҳои бачагон ба аломатҳои шартии китоб ишора кунед. Ба ҳама ташаккур мегӯем.

**Дарсҳои 7-8**

**Мавзӯъ: Парандагон ва ғамхорӣ ба онҳо. Тозагӣ – гарави саломатӣ.**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- мафҳуми "паранда"-ро дарк кунанд;
- номи парандагони маъмулиро донанд;
- матнро бурро хонда тавонанд;
- мазмуни матнро фаҳманд ва нақл карда тавонанд;
- ҳисси ғамхорӣ нисбат ба паранлагонро дарк карда тавонанд;
- калимаҳоро аз рӯйи тартиби ҳарфҳои алифбо навишта тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, расмҳои парандагон ва ҳашарот, ҳиҷоҳои бурида, дафтари машқ.

***Равиши дарс***

1. Оғози дарс. Суҳбатро роҷеъ ба ҳайвонот ва парандагон идома медиҳем. Таваҷҷуҳи бачагонро ба гурӯҳбандии ҷонварон ҷалб мекунем. Номҳои ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ, ҳайвонот ва парандагон, ҳамчунин, чарандагонро ба ёд меорем. Шеъри "Парандагон дӯстони моянд"-ро аз ёд мепурсем. Ба бачагон таъкид мекунем, ки имрӯз суҳбати мо

бештар дар бораи парандагон мешавад. Мепурсем, ки онҳо кадом парандагонро дӯст медоранд ва барои чӣ.

2. Кор бо матн. Матни саҳ. 89 барои бедор кардани ҳисси ғамхории бачагон нисбат ба парандагон равона шудааст. Он характери тарбиявӣ дорад. Таъкид мекунем, ки барои ғамхорӣ кардан ба парандагон шарт нест, ки ҳама дар хонааш лона созад, кофист, ки ҳар замон, махсусан, дар зимистон ва рӯзҳои боронӣ, ки ёфтани хӯрок барои парандагон душвор мешавад, ба онҳо ёрӣ расонем. Матнро аввал худи омӯзгор мехонад, Сипас, бачагон мехонанд. Зимни иҷрои ин кор маънои калимаҳои душворфаҳмро шарҳ медиҳем *(хониши форам, лона, арзан, парвоз кардан).*

3. Ташкили суҳбат дар мавзӯъҳои пешниҳодшуда барои таҳкими дониши хонандагон аз матни хондашуда равона шудааст. Бачагон якҷоя ҳамаи парандагонеро, ки медонанд, ба ёд меоранд. Шояд баъзе бачаҳои шаҳр ба ҷойи номҳои тоҷикӣ номҳои русӣ (канарейка, попугай ва ғ.) ва ё номҳои лаҳҷавию кӯдаконаи парандагон (тутуча, чумчуқ ва ғ.)-ро истифода кунанд. Дар ин мавридҳо оҳиста онҳоро ислоҳ мекунем: *Дуруст, бачаҳо, одамон онро “чумчуқ” мегӯянд, аммо номи аслии он “гунҷишк” аст.*

*4.* Супориши дигар аломати соатро дорад. Пас, онро ба тариқи мусобиқа ташкил мекунем. Ин корро ҳар кас мустақилона иҷро мекунад. Тартиби номҳои парандагонро дар расми саҳ. 89 ёдовар мешавем: *аз чап ба рост: гунҷишк, зоғ, парасту, кабӯтар, уқоб, майна, товус, мурғобӣ.* Агар бачагон дар ёфтани баъзе номҳо душворӣ кашанд, ба воситаи бачагони дигар ё худамон ёрӣ медиҳем. Хуб аст, агар расмҳои нисбатан калонҳаҷми онро дошта бошем ва ба бачагон нишон диҳем. Сипас бачагон супориши гузошташударо (бо тартиби ҳарфҳои алифбо навиштани номи парандагони дар расм тасвирёфта) дар дафтари машқ иҷро мекунанд.

*5.* Машқи хатро иҷро мекунем. Ёдовар мешавем, ки ба ҳарфҳои гуногун ҷудо кардани машқҳои хат шартӣ буда, фақат ба зебо навиштани ҳамон ҳарфи додашуда таваҷҷуҳ кардан нашояд. Ҳарфҳо дар алоҳидагӣ вуҷуд надоранд, бинобар ин, аз ҳама бештар ба зебонависии матнҳое, ки дар машқҳои хат оварда шудаанд, эътибор диҳед.

*6.* Матни “Ду магас” (саҳ. 90) аҳаммияти тарбиявӣ дорад. Аввал бо расми кӯдак ва магасҳо суҳбат ташкил кунед. Саволҳоро тавре гузоред, ки бачагон бо ин роҳ ба мазмуни матн ворид шаванд. Матнро мехонем, мазмунашро аз бачагон мепурсем. Барои хулоса саволҳои дар зери матн омадаро ба бачагон пешкаш мекунем. Хеле муҳим аст, ки худи бачагон хато будани рафтори писаракро дарк кунанд ва барои риояи тозагӣ ҳангоми хӯрок хӯрдан кӯшиш кунанд. Дар зимн одоби хӯрок хӯрданро ҳам шарҳ диҳед. Мақоли “Тозагӣ – гарави саломатӣ”-ро барои бачагон нависед ва шарҳ диҳед, фаҳмонед, ки чиркинӣ, ифлосӣ сабабгори асосии ҳама гуна бемориҳо аст.

*7.* Дар идомаи суҳбат роҷеъ ба матни “Ду магас” каме дар бораи ҳашарот маълумот медиҳем. Мегӯем, ки на ҳама ҳашарот зарарноканд. Масалан, шаҳпаракҳо, занбӯри асал ва ғайра фоиданоканд.

*8.* Машқи калимасозиро аз рӯйи ҳиҷоҳои додашуда дар гурӯҳҳо ба шакли мусобиқа иҷро кардан беҳтар аст. Ёдовар шавед, ки бачагон аз сутуни дуюм бояд ҳиҷоҳои муносибро ёбанд ва калима созанд. Ҳамаи калимаҳое, ки сохта мешаванд, номи ҳайвоноту парандагонанд. *Тарзи иҷрои кор: гурӯҳи якум: маймун, сангпушт, булбул, тӯтӣ; гурӯҳи дуюм: рӯбоҳ, гурба, харгӯш, гӯсфанд.*

*9.* Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Ташаккули ду салоҳияти муҳимми тарбиявиро дар бачагон санҷидан лозим аст: 1. Ғамхорӣ нисбат ба парандагон, махсусан, дар зимистон; 2. Риояи тозагӣ ҳангоми хӯрок хӯрдан. Дар зимн салоҳиятҳои дигари хонандагонро аз гӯш кардану гуфтан, хондану навиштан месанҷем. Иҷрои супориш дар дафтари машқ барои арзёбии салоҳияти навиштан (калимасозӣ) кумак мекунад. Ба бачагон пешниҳод кунед, ки дар бораи ҳайвоноту парандагон дар байни мардум шеъру чистонҳои зиёде ҳастанд. Аз калонсолони оила хоҳиш кунанд, ки як-ду чистон ё шеър барои бачагон навишта диҳанд. Таъкид кунед, ки ин супориши бобои Хирад аст.

**Дарсҳои 9-10**
**Мавзӯъ: Ҳиҷо ва калима. Калимасозӣ.**

**Салоҳиятҳо:**
**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**
**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**
**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**
**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**
**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**
- аз рӯйи хислату сифатҳои тасвиршуда ва расмҳо ҷавоби чистонҳоро ёфта тавонанд;
- тибқи намуна ба ҳиҷои додашуда аз худашон ҳиҷоҳои дигар илова карда, калимаи нав сохта тавонанд;
- матнро бурро хонда, калимаҳои мушкилфаҳмро маънидод карда тавонанд;
- тасвирро бо ҷумлаҳои сода ва бо роҳи саволу ҷавоб тавсиф карда тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, расмҳои парандагон ва ҳашарот, ҳиҷоҳои бурида, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**
1. Оғози дарс. Хеле хуб аст, агар бачагон роҷеъ ба ҳайвоноту парандагон чистону шеърҳои дигар оварда бошанд. Дар ин сурат чистонёбиро ташкил мекунем. Ҳар кас чистони худашро мегӯяд, дигарон онро меёбанд. Агар бачагон чистон нагӯянд, худи омӯзгор чанд чистон мегӯяд.
2. Овардани чистонҳо дар ин дарс фақат барои дамгириву хушҳолӣ нест. Ҳар як чистонро таҳлил мекунем. Чистони якум: *Сӯзандони раҳгардон, пури сӯзан сӯзандон.* Аввал калимаи “сӯзандон”-ро таҳлил мекунем: *сӯзандон – зарфе, ки дарунаш пури сӯзан аст.* Калимаҳои дигарро бо ин пасванд барои мисол меорем ва маъноящро аз бачагон мепурсем: *намакдон, гулдон, нондон, оташдон.* Чаро “сӯзан” гуфта шудааст? – *Чунки хорҳои ҷайра ба сӯзан монанд аст.* “Раҳгардон” чӣ маъно дорад? – *Яъне роҳ меравад. Намакдону гулдон роҳ намераванд, аммо ин чунин сӯзандонест, ки роҳ меравад.* Ҳамин тариқ, ба шарҳи чистони дуюм мегузарем. Аввал мепурсем, ки ин чистон ба кадом расм (шаҳпарак ё зоғ) тааллуқ дорад. Пас аз он ки бачагон ёфтанд, чистонро таҳлил мекунем: Чаро “дузди бало” гуфтем? – *Чунки зоғ ҳар чиро, махсусан, чормағзро дуздида ба ҷойи дигар мебарад ва баъд мехӯрад.* Зоғ ҳам курта дорад? – *Либоси парандагону ҳайвонот ҳамон пӯсту пашми онҳост.* “Ало” чӣ маъно дорад? – *Агар ранги чизе сиёҳу сафед бошад, онро ало мегӯем: гурбаи ало, саги ало...*Хулоса мекунем: дар чистонҳо муҳимтарин хусусиятҳои чизҳо бо роҳи дигар тасвир меёбанд, ба чизи дигар монанд карда мешаванд, то ки ёфтани маънои он мушкилтар шавад. Ин ҷо чанд чистони дигарро гуфта, таҳлили онро бо бачагон якҷоя анҷом медиҳем. Ҳамин тариқ, чистон аз як чизи одӣ ба объекти омӯзиш ва инкишофи тафаккур табдил меёбад.
3. Хониши бурро. Шеъри Латофат “Шаҳпарак” хеле зебову равон аст, аз ёд кардани он мушкил нест. Онро ҳамроҳ бо бачагон такрор ба такрор чанд маротиба хонед. Барои аз ёд кардан якҷоя хондани он ё такрори ҳар мисраъро пас аз гуфтани устод ташкил кунед. Калимаҳои душворфаҳмро шарҳ диҳед *(бахмал, маҳин, хушҷило, абрешим (+ин), болак).*
4. Калимасозӣ. Ин навъи калимасозӣ барои бори аввал пешниҳод мешавад. То ин муддат бачагон аз ҳиҷоҳои додашуда калима месохтанд. Акнун онҳо ҳиҷои дигарро бояд худашон ёбанд. Бинобар ин, беҳтар аст ин супоришро дар гурӯҳҳо иҷро кунанд. Ба ҳар

гурӯҳ яке аз ду супоришро тақсим мекунем. Ҳангоми иҷрои супориш ба назди бачагон рафта, дар ҳолатҳои зарурӣ ба онҳо кумак мекунем. *Ҳиҷоҳои намунавӣ барои сохтани калимаҳои нав: супориши якум: -дил, -риф, -қил, -ғил, -дам, -ча, -ру; супориши дуюм: хо-, шо-, ло-, ё-, тур-, до-, гуш-, таш-.* Вобаста ба имкониятҳои ҳақиқӣ барои иҷрои ин супориш вақти муайян ҷудо мекунем. Сипас, ҳар гурӯҳ калимаҳои сохтаи худашро мегӯяд, дигарон дар дафтарҳо менависанд. Як ё ду нафар ин корро дар тахтаи синф менависанд.

5. Матни "Булбул" идомаи шиносоӣ бо парандагон аст. Матнро аввал устод мехонад, Сипас, хонандагон онро мустақилона мехонанд. Барои намуна чанд нафар ин матнро бо овози баланд қироат мекунад. Чистони дар зери матн ва паҳлуи рости расми булбул буда идомаи ин машғулият аст. Аз рӯйи расм саволҳо тартиб дода, бачагонро ба ёфтани ҷавоби чистон омода мекунем: *– Номи ин паранда чист? – Булбул. – Булбул дар куҷо нишастааст? – Дар болои шохаи дарахт. – Ҳоло шаб аст ё рӯз? – Шаб. Шумо хониши булбулро шунидаед? – Ҳа (не).* Пас аз чунин саволу ҷавоб чистонро мехонем.

Бачагон ба осонӣ ба маънои чистон пай мебаранд. Бори дигар таъкид мекунем, ки дар чистонҳо муҳимтарин хислатҳои парандагону ҳайвонот тасвир мешаванд Дар ин чистон хониши форам доштан ва дар шохаи дарахтон зиндагӣ кардани булбулон тасвир шудааст.

6. Бозиро бо ташкили мусобиқа гузаронед. Ҳар кас мустақилона фикр мекунад ва ҳарфҳои заруриро меёбад. Омӯзгор мақсади бозиро мефаҳмонад. Имкон медиҳем, ки якчанд кас онро иҷро кунанд. Барои ин аз ҳар кас, ки даст бардошт, хоҳиш мекунем, ки камтар сабр кунад. Барои ҳамаи онҳое, ки супоришро дуруст иҷро карданд, офарин мехонем. Як кас ин пандро дар тахта менависад, дигарон ба дафтар мекӯчонанд.

7. Навиштани ду гурӯҳи калимаҳои додашуда аввалин малакаҳои фаҳмиши калимаҳои ҳаммаъно ва мавқеи истифодаи онҳоро дар бачагон пайдо мекунад. Албатта, бачагон дар бораи ҳаммаъно шудани калимаҳо дониши ибтидоӣ доранд. Масалан, ҳамеша ҳангоми шарҳи маънои ин ё он калима мо ҳаммаъноИ дигари онро мегуфтем *(хуб – нағз, бад – ганда, инсон – одам, кас..).* Дар айни замон мавқеи истифодаи калимаҳои додашударо низ таъкид мекунем. Барои фаҳмидани ин чиз дар аввал ду калима – "духтар" ва "писар" навишта шудааст, аз ин рӯ калимаҳои сатри аввал барои духтарон ва сатри дуюм барои писарон аст.

8. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Салоҳиятҳои дарк, муқоиса ва монандкуниро, ки дар таҳлили чистонҳо нишон додем, бо роҳи аз худи бачагон хоҳиш кардани гуфтани чистонҳое, ки медонанд ва таҳлили онҳо санҷидан мумкин аст. Салоҳиятҳои калимасозии хонандагон тибқи ин меъёр санҷида мешавад: ҳар ки ба ҳиҷои додашуда бештар ҳиҷои нав илова карда, калимаи нав созад, ӯ ҳамон қадар бештар дорои чунин салоҳият аст. Дарсро бо такрори шеъри "Шаҳпарак" ва чистонҳо ҷамъбаст кардан мумкин аст. Маънои пандҳоро бори дигар шарҳ дода, таъкид мекунем, ки панд фақат барои хондану навиштан нест, балки дар зиндагӣ аз рӯйи он рафтор кардан аст. Ба ҳама барои иштирокашон дар дарс офарин мегӯем, риояи одоби хайрухушро бо ҳамсинфон таъкид мекнем.

## Дарсҳои 11-12
## Мавзӯъ: Деҳқон ва хирс. Калимасозии зинагӣ.

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**
**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**
**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**
**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**
**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- матни шунидаашонро мустақилона ё бо роҳи саволу ҷавоб нақл карда тавонанд;
- аз рӯйи мушоҳида муайян карда тавонанд, ки меваи кадом рустаниҳо дар рӯйи хок ва кадомашон дар зери хок аст;
- матнро дар нақшҳо бо риояи оҳанг хонда тавонанд;
- ҷумлаҳоро дуруст ва зебо рӯйбардор кунанд.

**Таҷҳизот:** Таҷҳизоти техникӣ барои шунавонидани сабти овозӣ, китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, ҳарфҳои коғазӣ: А, И, Х, Р, З, Н, С, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Пеш аз шурӯи дарс ҳарфҳои коғазии А, И, Х, Р, З, Н, С-ро тайёр мекунем. Шеъри “Шаҳпарак”-ро аз бачагоне, ки дарси гузашта аз ёд накарда буданд, мепурсем. Пандҳоро ба хотир меорем ва мазмуни онҳоро аз бачагон мепурсем. Бо бачагон дар бораи афсона ва хусусиятҳои он суҳбат мекунем.
2. Жанри афсона яке аз дӯстдоштатарин жанрҳои адабӣ барои хонандагони ин синну сол аст. Аз ин рӯ, дар ин боб афсонаи «Деҳқон ва Хирс» оварда шудааст. Бинобар ин, суҳбати кӯтоҳмуддати фаҳмондадиҳӣ оид ба афсонаро ташкил мекунем. Устод аз рӯйи ягон афсона бо хонандагон суҳбат гузаронида, ба воситаи саволу ҷавобҳо ва бо истифода аз нақшаи кластер, фикри хонандагонро дар нақша қайд мекунад. Масалан:




Сипас, номи афсонаро дар тахтаи синф менависад. ва хондани навиштаро аз бачагон хоҳиш мекунад. Матни афсонаро мешунавонем ва ё агар имконияти техникӣ набошад, онро бо риояи оҳанг мехонем. Агар бачагон хоҳиш дошта бошанд, онро бори дуюм мешунавонем ва ё мехонем. Мазмунашро аз бачагон мепурсем. Шарт нест, ки тамоми

афсонаро як кас нақл кунад, як кас сар мекунад, каси дигар онро идома медиҳад. Чунин тарзи кор бачагонро водор мекунад, ки ба сухани ҳамдигар бодиққат гӯш диҳанд. Пас аз анҷоми ин кор хониши матнро бо иҷрои нақшҳо ташкил мекунем. Аз ҳама нақши осон нақши хирс аст, аз ҳама мушкил – нақши гӯянда. Бинобар ин, нақши гӯяндаро ба се ҳисса тақсим карда, иҷрои онро ба се нафар супориш додан мумкин аст. Ё худ нақши гӯяндаро хеле кӯтоҳ кардан мумкин аст:

*Гӯянда:* - *Деҳқон бо хирс ошно шуд ("Деҳқон"-у "Хирс" ба назди ҳамдигар омада, дастфишонӣ мекунанд).*

*Деҳқон:* - *Биё, якҷоя шалғам мекорем. Ман решаашро мегирам, ту баргашро.*

*Хирс:* - *Майлаш, ҷӯра.*

*Гӯянда:* - *Тирамоҳ омад. Ҳосили фаровон рӯид. Деҳқон шалғамро гирифт, хирс баргашро.*

*Соли дигар омад ("Деҳқон" ба назди "Хирс" омада, мегӯяд):*

*Деҳқон:* - *Биё, ҷӯра, боз ягон чиз мекорем!*

*Хирс:* - *Майлаш, аммо ин дафъа ту баргашро мегирӣ, ман – решаашро!*

*Деҳқон:* - *Хуб ҷӯраҷон!*

*Гӯянда:* - *Ин дафъа онҳо якҷоя гандум кориданд. Тирамоҳ шуд. Ҳосил фаровон шуд. Деҳқон хӯшаҳоро гирифт, хирс – решаҳои гандумро.*

*Аз ҳамон вақт дӯстии онҳо тамом шуд.*

Бо чунин роҳ иҷрои нақшҳо хеле осон гардида, бачагон низ шавқманд мешаванд.

3. Иҷрои супориш-саволи саҳ. 94 (Меваи кадом рустаниҳо дар рӯйи хок ва кадомашон дар зери хок аст?) ба хулосаи мантиқии қатъ гардидани дӯстии деҳқону хирс меорад ва бачагонро ба ҷавоби ин савол тайёр мекунад. Ҳамин тариқ, бачагон дарк мекунанд, ки меваи баъзе растаниҳо дар рӯйи хок (замин) мешавад (помидор, бодиринг, боимҷон, гандум, қулфинай, тарбуз, харбуза...), аммо баъзеи дигар дар зери хок (сабзӣ, турб, шалғам, картошка...).

4. Се саволе, ки роҷеъ ба матн оварда шудааст, характери гуногун дорад. Агар ҷавоби ду саволи аввалро аз худи матн ёфтан мумкин бошад, барои ёфтани ҷавоби сеюм онҳо бояд фикр кунанд. Яъне, ёбанд, ки ҳар ду дафъа ҳам деҳқон аз нодонии хирс истифода карда, ӯро фиреб дод ва ҳосилро худаш гирфту ба хирс ҳеч чизи хӯрданӣ намонд. Бинобар ин, дӯстии онҳо барҳам хӯрд, яъне аз байн рафт.

5. Бозии табдили калимаи "хирс"-ро ба калимаи "зина" (қадам ба қадам) бо истифода аз ҳарфҳои коғазӣ иҷро кардан беҳтар аст. Ёдовар мешавем, ки ин бозӣ аз китоби "Мавқеи бозиҳои таълимӣ дар дарсҳои забони модарӣ (М. Лутфуллоев, И. Абдуллоев) гирифта шудааст. Номи онро (Ҷарроҳии калима) дигар кардем, зеро ин калима (ҷарроҳӣ) барои инсон таассуроти манфӣ ба бор меорад. Ҳарфҳоро дар тахтаи синф часпонда, ҳарфи зарурӣро бо навбат гирифта, ба ҷойи он ҳарфи дигарро мегузорем. Ин корро худи бачагон метавонанд иҷро кунанд. Иҷрои ин кор нишон медиҳад, ки барои сохтани калимаҳо ҳарфу овозҳо нақши муҳим доранд, яъне бо иваз кардани як ҳарф (овоз) мо калимаи дигар сохта метавонем.

6. Чистони "хирс"-ро хонда, таҳлили дарсҳои гузаштаро идома медиҳем. Мепурсем, ки барои чӣ "паҳлавони бешабон" мегӯем (чунки дар бешаю ҷангал зиндагӣ мекунад), чаро "хоболуди зимистон" мегӯем (чунки дар зимистон хоб мекунад; дар ин ҷо бори дигар матни "Хирс ва рӯбоҳ"-ро аз саҳ. 14 ёдовар шудан мумкин аст), "марди кори тобистон" чӣ маъно дорад (дар тобистон хирс кор мекунад). Ёдовар мешавем, ки ин гуна машғулиятҳо чистони одиро ба маводди таълимӣ табдил медиҳад ва барои инкишофи тафаккур кумак мекунад.

7. Тезгӯякро дар ҳар лаҳзаи мувофиқи дарс барои лаҳзаи дамгирӣ истифода кардан мумкин аст.

8. Машқи навиштанро дар айни замон барои хушнависӣ истифода кардан мумкин аст. Тарзи навишти калимаҳои мушкилро, аз қабили *шалғам, якҷоя, тирамоҳ* ва ғайра дар тахтаи синф навишта нишон диҳед.

9. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Салоҳияти фаҳмиши матнро бо роҳи саволгузорӣ месанҷем. Намунаи саволҳо:

- *Хирс бо кӣ ошно шуд?*
- *Деҳқону хирс чӣ маслиҳат карданд?*
- *Тирамоҳ деҳқон кадом қисми ҳосилро гирифт?*
- *Хирс чӣ?.. ..*

Саволҳоро давом дода, дар охир барои санҷиши инкишофи тафаккур чунин савол медиҳем: “Чаро дӯстии деҳқон ва хирс барҳам хӯрд?” Ин ҷо саъй мекунем, ки бачагон худашон ҷавоби дурустро пайдо кунанд, танҳо дар ҳолати зарурӣ кумак мекунем.

Бозгӯйи матни афсонаро як бори дигар такрор карда, муҳим будани доноӣ ва бад будани нодониро талқин мекунем. Ба бачагон супориш медиҳем, ки дар бораи умумият ва фарқи одаму ҳайвон бо калонсолон суҳбат кунанд.

Салоҳиятҳои навиштанро аз рӯйи иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ месанҷем. Ба ҳама барои иштироки фаъолона офарин мехонем.

## Дарсҳои 13-14

**Мавзӯъ: Ҷамъбаст ва арзёбии салоҳиятҳо аз боби Ҳайвонот**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**
**1. 2. 1. Дар вазъиятҳои муайян (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**
**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**
**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**
**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**
**1. 4.3. Фикри худро дар қолаби матни хурд (на камтар аз се ҷумлаи сода) менависад.**

**Мақсади дарс:**

- хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаро дар мисоли муқоисаи одаму хирс ҷудо карда тавонанд;
- аз рӯйи саволҳо калимаҳоро пайдо карда, ҷумлаи сода тартиб дода тавонанд;
- номи ҳайвоноти маъмулиро донанд ва дуруст нависанд;
- ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳширо ҷудо карда тавонанд;
- дар аввали лақабҳои ҳайвонот ҳарфи калонро истифода кунанд;
- калимаҳоро ба ҳиҷоҳо дуруст ҷудо карда тавонанд;
- ба ҳиҷои додашуда аз худашон ҳиҷои нав илова карда, калимаи нав сохта тавонанд;
- ҷумлаҳоро беғалат ва зебо навишта тавонанд;
- матнҳои пештар шунида ва хондаашонро ба ёд оварда тавонанд.

**Таҷҳизот:** Таҷҳизоти техникӣ барои шунавонидани сабти овозӣ, китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, расмҳои одам ва хирс, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Ин дарси ҷамъбастии мавзӯи ҳайвонот ва арзёбии салоҳиятҳои хонандагон оид ба ин мавзӯъ аст. Арзёбиро бо роҳҳои гуногуни шавқовар ташкил мекунем. Дар оғози дарс афсонаи “Деҳқон ва хирс”-ро бори дигар ба ёд меорем. Барои фаҳмиши фарқи одам ва ҳайвон (дар мисоли хирс) расмҳои одаму хирсро нишон дода, бачагонро даъват мекунем, ки якҷоя хислатҳои умумӣ ва фарқкунандаи онҳоро нишон диҳем. Барои ин чанд савол мегузорем:

– *Одам чашм дорад? Хирс чӣ?*
– *Одам роҳ мегардад? Хирс чӣ?*

- *Одам китоб мехонад? Хирс чӣ?*
- *Одам хӯрок мехӯрад? Хирс чӣ?*
- *Одам кор мекунад? Хирс чӣ?*
- *Одам пул дорад? Хирс чӣ?*
- *Одам фикр мекунад? Хирс чӣ?*
- *Одам ақлу дониш дорад? Хирс чӣ?*
- *Одам по дорад? Хирс чӣ?*
- *Одам либос мепӯшад? Хирс чӣ?* Ва ғайра. Ин машғулият аз як тараф як навъ ҷамъбасти афсона бошад, аз тарафи дигар, онҳоро барои иҷрои кор бо диаграммаи Венн тайёр мекунад.

2. Диаграммаи Венн. Ин навъи машғулият барои ташаккул ва рушди маҳорати таҳлил ва муқоиса равона шудааст. Беҳтар аст, ки расми онро дар тахтаи синф кашем. Бачагон хислатҳои умумӣ ва фарққунандаи одаму хирсро номбар карда, дар ҷойи зарурӣ менависанд. Бачагон ин корро дар дафтари машқ анҷом медиҳанд. Иҷрои намунавии диаграммаи Венн (саҳ. 95) чунин буда метавонад:




3. Инкишофи тафаккур ва қобилияти таҳлилу ҷумласозӣ (синквейн). Устод муайян менамояд, ки хонандагон то кадом андоза қобилияти таҳлил карданро доранд. Дар аввал барои сохтани нақшаи синквейн намунаи дар китоб (с. 95, Варзиши ақл) овардашударо шарҳ медиҳем: *Гурӯҳи якум:*

1. *–Кӣ? –Деҳқон*
2. *–Чӣ хел? –Меҳнатдӯст, кордон.*
3. *–Чӣ кор кард? –Кошт, даравид, бурд.*
4. *Ҷумла: Деҳқони меҳнатдӯст гандум кошт.*
5. *Калимаи ҳаммаъноии деҳқон: Кишоварз.*

Сипас, бачагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, супориш медиҳем, ки чунин корро бо “хирс” иҷро кунанд. Ин кори гурӯҳӣ аст, ба бачагон имконият медиҳем, ки бо овози паст бо ҳам маслиҳат кунанд. Ба назди гурӯҳҳо рафта, кори шогирдонро мушоҳида мекунем, ҳангоми

зарурат ёрӣ мерасонем. Натиҷаи корро онҳо дар дафтари машқ менависанд. Намунаи кори бачагон шояд чунин мешавад:

1. *–Чӣ? –Хирс*
2. *–Чӣ хел? –Калон, хоболуд.*
3. *–Чӣ кор кард? –Дӯстӣ кард, ғинг-ғинг кард, шарт гузошт.*
4. *Ҷумла: Хирси хоболуд шарт гузошт.*
5. *Калимаи ҳаммаъно: Ҳайвон.*

Ёдовар мешавем, ки ин аввалин қадам дар ин роҳ аст. Шарт нест, ки бачагон моҳияти ин навъи фикррониро зуд аз худ кунанд, муҳимтар аз ҳама пайдо кардани аввалин малакаҳо дар ин самт аст. Дар оянда, махсусан, дар синфҳои болоӣ чунин машғулиятҳо бештар мешаванд ва барои инкишофи тафаккури бачагон заминаи мусоид мегузоранд.

4. Машқи математикии сохтани калимаҳои навро тибқи малакаҳои пешинаи бадастоварда иҷро мекунем. Тарзи иҷрои онро аз худи хонандагон пурсед. Шояд шахсоне пайдо шаванд, ки чӣ хел иҷро кардани онро дар хотир дошта бошанд. Пас аз он ки ҳамаи бачагон тарзи иҷрои онро фаҳмиданд, супориш медиҳем, ки ин корро дар дафтари машқ иҷро кунанд.

5. Такрори боби Ҳайвонот. Матни саҳ. 96-ро мешунавонем ё худамон мехонем. Бо истифода аз иҷрои супориши зери матн маънои таркибу ибораҳои бо ранги сурх ишорашударо шарҳ медиҳем. Мазмуни матнро мепурсем. Агар вақт имкон диҳад, онро як бор бачагон низ мехонанд. Сипас, аз бачагон мепурсем, ки оё онҳо ҳам курта-курта гӯшт гирифтанд?, Қавл медиҳанд, ки хондану омӯхтанро давом медиҳанд? Дар хонаву кӯча камтар бозӣ мекунанд? Ё ба ҷойи бозиҳои маъмулӣ бозиҳои омӯзишӣ (калимаёбӣ, ҳисоб кардан, мактабхонӣ, шеърхонӣ ва ғ.) ташкил мекунанд? Агар онҳо ҳам мисли Азизҷону Азиза ҳамаи инҳоро ваъда диҳанд, бобои Хирад ба онҳо низ калиди дарвозаи дигарро медиҳад. Вақте ки бачагон изҳори розигӣ мекунанд, дар ҳамин ҳолат ёдовар мешавем, ки барои ворид шудан ба боғи дигар боз як супоришро иҷро кардан даркор аст. Мепурсем: он кадом аст? Бачагон ба машқи хат ишора мекунанд...

6. Барои арзёбии салоҳияти гуфтан савол мегузорем: Дар боғи Ҳайвонот бачагон чӣ чизҳои навро ёд гирифтанд? Салоҳиятҳои навиштанро аз рӯйи иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ месанҷем. Баъди хулосаи ҳамаи ҷавобҳо бачагонро барои иҷрои ҳамаи супоришҳо дар боғи Ҳайвонот ва гирифтани дониши нав табрик мегӯем. Ба бачагон барои иштироки фаъол дар дарс изҳори ташаккур мекунем.

## БОБИ ДЕҲА (14 СОАТ)

Баъди такрори боби ҲАЙВОНОТ Азизҷону Азиза ва ҳамроҳи онҳо ҳазорон нафар хонандагони синфи якум ба боғи ДЕҲА раҳсипор мешаванд. Дар боби ДЕҲА онҳо бо ҳаёт ва фаъолияти одамони деҳа аз наздик шинос мешаванд. Бештари мардуми кишвари мо дар деҳаҳо сукунат доранд. Бинобар ин, хонандагон бо табиати зебои деҳаҳои кишварамон шинос шуда, ба деҳқону чорводор, ба меҳнати ҳалоли онҳо дил мебанданд. Инчунин хонандагон деҳаи зисти худро бо дигар деҳаҳо муқоиса намуда, меҳри онҳо нисбат ба деҳа ва одамони он зиёд мешавад. Тоҷикистон дорои сарватҳои бебаҳо ва обҳои шифобахши бисёр аст. Ҳамаи ин нуктаҳо дар боби мазкур тавсиф шудаанд.

Хонандагон ҳангоми шиносоӣ бо ин боб дониши шифоҳию хаттӣ, маҳорати фикррон̣ӣ ва эҷодкориашонро сайқал ва инкишоф медиҳанд. Онҳо инчунин дар бораи сарватҳои диёри худ, ба монанди обҳои шифобахш, пахта, фоидаи об барои ҳаёт маълумоти кофӣ пайдо менамоянд. Дар ин боб чистонҳо, бозиҳои дидактикӣ оид ба калимасозӣ ва инкишофи тафаккур, панду амсол низ ҷой дода шудаанд.

Салоҳиятҳои калимасозиву ҷумласозии бачагон бо пешниҳоди тарзу усулҳои дигари шавқовар тақвият дода мешавад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми тарбиявӣ дар ин боб мураттаб сохтани реҷаи рӯз ва риояи он аст (саҳифаи 107-108). Онро ба шогирдон талқин кунед ва тарзи солими ҳаётро барояшон шарҳ диҳед. Назорати иҷрои реҷаи рӯзро аз падару модарон низ хоҳиш намоед.

Машқи хат дар ин боб ба зебонависии ҳарфҳои алоҳида бахшида шудааст. Онҳоро тибқи супоришҳои дафтари машқ анҷом медиҳем.

**Дарсҳои 1-2**

**Мавзӯъ: Деҳа ва тавсифи он. Шиносоӣ бо ҳаёти мардуми деҳа. Ҳарфи калон дар аввали номи деҳаҳо.**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи муайяни вазъиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои ду-сеамалаи таълимӣ) риоя мекунад.**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**

**1. 2. 1. Дар вазъиятҳои муайян (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**

**1. 3. 3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- мафҳумҳои навро вобаста ба мавзӯи "деҳа" фаҳманд ва дуруст нависанд;
- аз рӯйи расм суҳбат карда тавонанд;
- дар аввали номи деҳаҳо ҳарфи калонро истифода кунанд;
- шеърро бурро хонда тавоонанд;
- матнро хонда, мазмуни онро бо ҷумлаҳои сода нақл карда тавонанд;
- аз ҳарфҳои пароканда калима сохта тавонанд;
- ба ҷойи нуқтаҳо ҳарфи зарурӣро гузошта тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникӣ барои шунавонидани сабти овозӣ, дарвозаи рамзӣ бо калид, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Пас аз салому алейк ва ҳозиру ғоиб кардани бачагон маросими ботантана кушодани боғи Деҳаро анҷом медиҳем. Чанд нафар аз бачагони фаъолро даъват мекунем (онҳоеро даъват мекунем, ки то ҳол калидро нагирифтаанд), ки дарвозаи "Деҳа"-ро боз кунанд. Беҳтар аст, расми деҳаро дар тахтаи синф дар шакли калону ранга часпонем. Бачагон аз рӯйи расм деҳаро тасвир мекунанд. Ин кор барои бачагони деҳа осонтар аст, аммо барои бачагони шаҳр омӯзгор бояд роҳҳои гуногуни фаҳмондани деҳаро ба кор барад. Тибқи маъмул роҷеъ ба расм саволҳо тартиб медиҳем. Азбаски тартиб додани саволҳо вобаста ба маҳалли иқомати бачаҳо (шаҳр, маркази ноҳия, деҳа) гуногун буда метавонад, иҷрои ин корро ба салоҳияти худи омӯзгор вогузор мекунем.
2. Деҳи мо ҷойи кор аст. Сабти овозии ин шеър дар диск мавҷуд аст. Ин шеър як нав идомаи суҳбат аз рӯйи расм буда, барои ошноии бештар бо ҳаёти деҳа мусоидат мекунад. Аввал сабти овозии онро мешунавонем ва ё мехонем. Сипас, ҳар як байти онро алоҳида-алоҳида таҳлил мекунем. Калимаи "яке"-ро шарҳ медиҳем: як кас, як нафар. Дар баробари ошно шудан бо деҳа ва хусусиятҳои он шавқи меҳнатдӯстиро низ дар дили бачагон бедор мекунем. Байти "Яке ҷома медӯзад, яке сабақ омӯзад"-ро таҳлил карда, нишон медиҳем, ки сабақ омӯхтан, яъне ба мактаб рафта хондан низ як навъи меҳнат будааст. Калимаҳои

нофаҳморо, махсусан, барои бачагони шаҳр шарҳ медиҳем (рама, дарав, хирман кӯфтан...). Хониши ин шеърро бо тақсим кардани байтҳо ташкил кардан мумкин аст. Ба ҳар кас супориш медиҳем, ки як байти онро хонда аз ёд кунад, он гоҳ ба бачагон рақамҳои аз 1 то 10-ро тақсим мекунем. Бачагон аз рӯйи рақамҳо шеърро пурра мехонанд.

3. Деҳа. Ин матн бо ду мақсад пешниҳод шудааст: дар бораи деҳа маълумоти бештар гирифтан ва фаҳмидани он ки номи деҳа низ, мисли номи одамон ва лақаби ҳайвонот бо ҳарфи калон сар мешавад. Дар зимни маънои калимаҳои нав – *соҳили дарё, киштзор, шолӣ, ҷуворимакка*ро шарҳ медиҳем. Хуб аст, агар расмҳои ин мафҳумҳоро пешакӣ тайёр кунем (махсусан, барои бачаҳои шаҳр).

4. Ҳамоно пас аз фаҳмондани қоидаи истифодаи ҳарфи калон дар аввали номи деҳа навиштани ин қоидаро ба дафтар аз рӯйи супориши китоб (саҳ. 98) хоҳиш мекунем.

5. Иҷрои супориши калимасозиро дар гурӯҳҳо ҳамчун бозӣ ва мусобиқа ташкил кардан мумкин аст. Ёдовар мешавем, ки садонокҳо бо ранги сабз ва ҳамсадоҳо бо ранги сурх ишора шудаанд. Ҳангоми иҷрои супориш чунин савол додан низ мумкин аст, ки дар калимаи сохтаи шумо чанд садонок ва чанд ҳамсадо ҳаст ва онҳо кадомҳоянд. Тарзи иҷрои ин супориш чунин аст: *деҳа, шаҳр, дарё, лола, гала.*

6. Матни “Уқоб” ҳам барои ёфтану гузоштани ҳарфи зарурӣ (ч) ва ҳам барои омӯзиши луғат (қавӣ, сайд кардан, калонҷусса) равона шудааст.

7. Акнун зарбулмасалҳоро шарҳ медиҳем ва аз ёд кардани онҳоро супориш медиҳем. Ҳар ду зарбулмасал ба маънои он омадааст, ки пеш аз кореро анҷом додан ё сухане гуфтан бояд аввал фикр кунем.

8. Машқи хатро оид ба навиштани ҳарфи “л” низ анҷом медиҳем (дар хотир дошта бошед, ки машқҳои хушнависӣ аз рӯйи супоришҳои дафтари машқ гузаронида мешаванд).

9. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Муҳимтарин донише, ки бачагон ба даст овარданд, донистани деҳа ва хусусиятҳои он ва ҳамчунин, бо ҳарфи калон навиштани аввали номи деҳаҳо аст. Санҷиши онро бо роҳи саволу ҷавоб ташкил кардан мумкин аст. Салоҳиятҳои навиштан ва донистани луғати навро тибқи иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ месанҷем. Табиист, ки ба ҳама барои фаъолияти хубашон таҳсину офарин мехонем.

## Дарсҳои 3-4
## Мавзӯъ: Васфи деҳқон. Иборасозӣ.

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**
**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**
**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**
**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- роҷеъ ба фарқияти шаҳру деҳа маълумоти аввалин ба даст оранд;
- тибқи намуна аз ҷуфти калимаҳо ибораҳои изофӣ созанд ва дуруст рӯйбардор карда тавонанд;
- кӣ будани деҳқонро донанд, меҳнати ӯро қадр кунанд;
- шеърро бурро хонад тавонанд;
- ҳайвоноти асосии хонагиро бо номҳояшон шиносанд;
- дар доираи мавзӯъ луғатҳои навро аз худ кунанд;
- аз рӯйи таҳлили чистонҳо малакаҳои монандкунӣ ба даст оранд;

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, расмҳои гову гӯсола, гӯсфанду барра, мурғу чӯҷа, аспу тойча, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Деҳа ва тасвири онро аз дарси гузашта бо роҳи саволу ҷавоб такрор мекунем. Шеъри "Деҳи мо ҷойи кор аст"-ро бори дигар таҳлил мекунем. Истифодаи ҳарфи калонро дар аввали номи деҳа ёдовар мешавем. Онҳое, ки дар деҳа зиндагӣ мекунанд, метавонанд чунин ҷумла нависанд: "Мо дар деҳаи .. .. зиндагӣ мекунем".
2. Дар мавзӯи шаҳру деҳа суҳбат ташкил мекунем. Барои онҳое, ки дар деҳа зиндагӣ мекунанд, бештар дар бораи шаҳр гап мезанем, барои онҳое, ки дар шаҳр зиндагӣ мекунанд, бештар дар бораи деҳа ҳарф мезанем. Дар баробари нишон додани фарқи онҳо умумиятҳои зиндагии шаҳру деҳаро низ махсус қайд мекунем. Ба бачагон махсусан таъкид мекунем, ки истифодаи калимаи "деҳа"-ро ба ҷойи калимаи "қишлоқ" машқ кунанд ва ёд гиранд.
3. Иборасозӣ. Дар ду сутун калимаҳо дода шудаанд – дар сутуни аввал исмҳо ва дар сутуни дуюм – сифатҳо. Дар байни калимаҳо бандаки изофии "и" омадааст. Бачагон бояд аз сутуни дуюм калимаи мувофиқро ёфта, ибораи изофӣ созанд. Барои ёфтани калимаи мувофиқ намуна дода шудааст: *Ҳавои соф.* Ба бачагон фаҳмонед, ки ба ҳар як калимаи сутуни аввал калимаи сутуни дуюмро интихоб карда ибора созанд ва бинанд, ки оё он дуруст аст ё не. Агар дуруст набошад, калимаи дигарро гиранд. Масалан, вақте ки *оби пурмева* мегӯем, хандаовар аст, пас бояд *оби тоза* гӯем.
4. Хониши бурро. Шеъри "Дар васфи деҳқон"-ро чанд маротиба мехонем ва калимаҳои душворро аз рӯйи луғати додашуда шарҳ медиҳем. Муҳим нест, ки бачагон ба маънои мафҳумҳои абстрактӣ, мисли "хоксорӣ", "номдорӣ" ва ғ. пурра сарфаҳм раванд, дар ин синну сол ёд гирифтани хониши бурро, талаффузи дурусти чунин калимаҳо кофист. Муҳим он аст, ки мазмуни асосии шеърро дарк кунанд, яъне қадри меҳнати деҳқонро донанд, ба кори деҳқон эҳтиром гузоранд.

> **Таъкид:** Шеъри "Дар васфи деҳқон" (с. 99) мушкилфаҳм аст. Агар омӯзгор ягон шеъри хуби дигарро дар ҳамин мавзӯъ (деҳқон, кишту кор, зиндагии деҳа ва ғайра) дошта бошад, метавонад ба ҷойи ин шеър истифода барад.

5. Дар забони тоҷикӣ номҳои баъзе ҳайвоноти хонагии хурду калон аз ҳамдигар фарқ мекунад. Ба хотири шавқовартар шудани омӯзиши чунин номҳо онро ба тариқи масъалаи мантиқӣ пешниҳод намудем. Бачагон бояд ба гову гӯсфанду аспу мурғ ёрӣ расонанд, то ки онҳо бачаҳои "гумкарда"-и худро ёбанд. Ҳамин тариқ, онҳо мефаҳманд, ки бачаи говро гӯсола, бачаи аспро тойча, бачаи мурғро чӯҷа ва бачаи гӯсфандро барра мегӯянд.
6. Чистонҳое, ки пешниҳод шудаанд, ба ҳаёти деҳа алоқаманданд. Тавре дар супориш зикр гардидааст, бачаҳо интихобан яке аз онҳоро аз ёд мекунанд. Бинобар ин, бачагонро аз рӯйи лаёқаташон ба се гурӯҳ ҷудо кардан ба мақсад мувофиқ аст. Чистони аввалро барои бачагони пешқадам, дуюмро барои миёнахонон ва сеюмро барои сустхонон тақсим мекунем. Дар баробари хондан, навиштан ва аз ёд кардан таҳлили ҳар чистонро ба ҳамон тарзе ки пештар анҷом медодем, супориш медиҳем. Ба бачагон кумак мекунем, ки усулҳои тасвири хусусиятҳои ҳар яке аз ашёи чистонро пайдо кунанд: *1. Пахтаи шукуфта маъмулан аз чор ҳисса иборат аст, бинобар ин, онро ба чор хона монанд кардаанд, пахта сафед аст, барф ҳам сафед аст, бинобар ин, ҳардуро ба ҳам монанд кардаанд, аммо фарқи пахта аз барф дар он аст, ки барф дона надорад, аммо пахта дона (чигит) дорад.* Дар баробари ин роҷеъ ба фоидаи пахта, аз он тайёр кардани ришта ва либос, хӯроки чорво ва ҳезум суҳбат мекунем. *2. Дарё мисли банд дароз аст, бисёр зебо (дилрабо) аст. Азбаски дарозии он бепоён ба назар мерасад, гумон мекунем, то он сари дунё мерафта бошад.* Дар ин ҷо дар бораи фоидаи дарё (об), тоза нигоҳ доштани он, эҳтиёт кардан ҳангоми шино суҳбат ташкил кардан мумкин аст. *3. Донаҳои анорро ба мехчаҳо монанд кардаанд, худашро ба дегча. Аммо*

*дегча боз аст, ба он ҳар чӣ андохта пухта мешавад, анор бошад, ҳар тарафаш баста аст, яъне дару тиреза надорад.* Метавонем илова карда пурсем, ки чаро донаҳои анор бисёр аст? Ҳамаи вариантҳоро қабул мекунем, аммо таъкид мекунем, ки донаҳои анор барои он бисёр аст, ки онро бо дигарон хӯрем. Дар баробари анор номҳои дигар меваҳоро ёдовар мешавем, шуста ва тоза карда хӯрдани онро талқин мекунем. Ҳамин тариқ, чистонҳои сода ба маводди омӯзишиву тарбиявӣ ва як роҳи инкишофи тафаккур табдил меёбанд.

7. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Донишҳои андӯхтаи хонандагонро як-як ба хотир оварда, такрор мекунем. Малакаҳои сохтани ибораҳои изофӣ, таҳлили ибтидоии шаҳру деҳа ба таври муқоиса, хониши бурройи шеър, омӯзиши муҳимтарин луғатҳои серистеъмол, аз ҷумла, барра, гӯсола, чӯҷа ва тойчаро бо роҳҳои гуногун месанҷем. Ба ҳама барои иштироки фаъолона офарин мехонем.

## Дарсҳои 5-6

**Мавзӯъ: Обҳои шифобахш. Рӯди Вахш. Заррофа чӣ мегӯяд?**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- фарқи байни оби нӯшокии одӣ ва оби шифобахшро донанд;
- матнро бурро хонда, мазмуни онро нақл карда тавонанд;
- шеърро бурро хонда тавонанд;
- мазмуни матни шунидаро донанд, персонажҳои асосии онро муайян кунанд ва ба саволҳо ҷавоби дуруст диҳанд;
- ба қоидаҳои рафтор риоя кунанд (салоҳияти тарбиявӣ).

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникӣ барои шунидани сабти овозии матн, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Бо такрори муҳимтарин маводди дарси гузашта бачагонро барои боз як қадами дигар гузоштанашон дар боғи Деҳа ва наздиктар шудан бо боғи нав табрик мегӯем. Дар васфи ҳайвоноти хонагиву парандагон ва деҳа шеърхонӣ ташкил мекунем.
2. Матни “Оби Шоҳамбарӣ” бо се мақсад пешниҳод шудааст: инкишофи малакаҳои хониш, шиносоӣ бо обҳои шифобахши кишвар ва омӯзиши луғат. Онҳое, ки дар наздикии чашмаҳои шифобахши дигар ва мавзеъҳои курортӣ истиқомат мекунанд, роҷеъ ба он ҷойҳо низ метавонанд суҳбат кунанд. Барои санҷиши дониши хонандагон аз фаҳмиши матн саволҳоро мехонем ва ҷавоби онҳоро аз бачагон хоҳиш мекунем. Омӯзгор метавонад саволҳои дигар низ тартиб дода, пешниҳод кунад. Ҳамчунин, маънои калимаҳои дар луғат овардашударо низ такроран мепурсем.
3. Рӯди Вахш. Ин шеъри хурди бачагона ҳам барои хониш ва ҳам барои аз ёд кардан аст. Маънои калимаҳои *рӯд, нур, мағрур, бунёд кардан, дарғот* ва *машҳур*ро шарҳ медиҳем.

Зимни хониши шеър бояд ба он диққат диҳем, ки дар мисраи “*Кардем бунёд”* ҳиҷои “-дем” кашидатар хонда мешавад (деем). Дар баробари анҷом додани ин кор таваҷҷуҳи бачагонро ба он ҷалб мекунем, ки дар матни аввал калимаи “Шоҳамбарӣ” ва дар шеър калимаи “Вахш” бо ҳарфи калон сар шудааст. **Аз ин ҷо қоидаи дигарро мефаҳмонем: аввали номи чашмаю дарёҳо низ бо ҳарфи калон навишта мешавад.**

4. Машқи хушнависии ҳарфи “к”-ро иҷро мекунем. Дар хотир дошта бошед, ки ҳангоми иҷрои чунин машқҳо ба назди бачагон рафта, ҷараёни иҷрои корро назорат кунед, агар лозим шавад, ёрӣ расонед.
5. Матни “Заррофа чӣ мегӯяд?” дар охири ин дарс ва аввали дарси оянда омӯхта мешавад. Дар ин дарс фақат шунавонидан ва шарҳи мазмуни он кофист. Калимаи “заррофа”-ро фаҳмонед, бо истифода аз расм шарҳ диҳед. Ба бачагон таъкид кунед, ки дар хона онро ҳамроҳи калонсолон хонанд, зеро дарси оянда оид ба мазмуни он суҳбат мешавад.
6. Ҷамъбаст ва арзёбии салоҳиятҳоро бо чунин тарз анҷом додан мумкин аст. Ба бачагон муроҷиат мекунем: - *Имрӯз низ мо сайругашти аҷибу ғариби худро дар боғи Деҳа идома додем ва боз чизҳои навро ёд гирифтем. Дуруст? Офарин. Канӣ кӣ мегӯяд, мо кадом чизҳои навро ёд гирифтем?* Бачагон ҷавобҳои худро пешниҳод мекунанд. Дар сурати нопурра будани ҷавобҳо худамон маводди дарси имрӯзаро такрор мекунем. Салоҳиятҳои навиштан ва аз худ кардани луғатро тибқи иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ месанҷем. Аз бачагон хоҳиш мекунем, ки дарси оянда барои бозгӯйи матни “Заррофа чӣ мегӯяд?” тайёр бошанд.

## Дарсҳои 7-8

**Мавзӯъ: Заррофа чӣ мегӯяд? (идома аз дарси гузашта). Фаслҳои сол.**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**
**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**
**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**
**1. 3. 3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.**
**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**
- мазмуни асосии матни шунидаро фаҳманд;
- аз рӯйи мазмуни матн ба саволҳо ҷавоби дуруст диҳанд;
- одоби рафторро тибқи муқаррарот риоя кунанд;
- калимаҳои навро шарҳ дода тавонанд;
- шеърро бурро хонда тавонанд;
- аз рӯйи ифодаҳо фаслҳои солро тавсиф карда тавонанд;
- ҷумлаҳоро дуруст рӯйбардор карда тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникӣ барои шунидани сабти овозии матн, тасвирҳои рангаи фаслҳои сол, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Дар баробари аз ёд пурсидани шеъри “Рӯди Вахш”, матни “Заррофа чӣ мегӯяд?”-ро ба ёд меорем. Мазмуни асосии онро такрор мекунем. Барои санҷиши сатҳи фаҳмиши хонандагон саволҳои зери матнро пешниҳод кардан мумкин аст.

2. Матнро бори дигар мехонем. Шарҳи калимаҳои нофаҳморо ба тарзи дигар ташкил мекунем. Ин матн барои ёфтани маънои калимаҳо бо роҳи таҳлил имкон медиҳад. Намунаи шарҳи луғатҳо чунин аст:

- *Ҷонвар чист?* - *Чизе, ки алаф мехӯрад, гарданаш дароз аст. Пас, ҷонвар ҳайвон аст.*
- *Кӯҳон чӣ будааст? – Теппачаҳои пушти шутур.*
- *Лавҳа (ча) чӣ будааст? – Чизе (тахтачае), ки рӯяш ягон чиз навишта шудааст.*
- *Алвонҷ додан чист? – Ин тарафу он тараф ҷунбондан.*
- *Савод доштан чист? – Навиштаю хонда тавонистан.*

Матн мазмуни хуби тарбиявӣ дорад. Онро барои ташаккули салоҳиятҳои рафтор кардан аз рӯйи қоидаҳо истифода баред. Роҷеъ ба қоидаҳои либоси мактабӣ, рафтору одоб дар мактаб ва кӯча, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва ғайра суҳбат кунед. Бачагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, супориш диҳед, ки якҷоя қоидаҳои рафторро дар мактаб, дар кӯча, дар мағоза, дар боғи ҳайвонот, дар бозор ва ғайра тартиб диҳанд.

3. Супориши саҳ. 104-ро аввал шифоҳӣ иҷро карда, навиштани ҷумларо дар шакли яклухт (бидуни ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани калимаҳо) дар дафтари машқ супориш медиҳем ва иҷрои онро назорат мекунем.

4. Неъмати чор фасл. Ин шеър яке аз беҳтарин шеърҳои бачагона барои тасвири фаслҳои сол аст. Сабти овозии ин шеър дар диск мавҷуд аст. Аз он ки ҳаҷми шеър калон аст, набояд ҳаросид. Дар сабти овозӣ порчаҳои шеър бо овозҳои гуногун иҷро шудааст. Ин имкон медиҳад, ки ҳар хонанда вобаста ба сатҳи истеъдодаш як порчаи онро интихоб намуда, аз ёд кунад. Як маротиба шеърро оҳиста хонда, маънои калимаҳои заруриро шарҳ диҳед. Баъзе калимаҳо (чукрӣ, торон) барои бачагони минтақаҳои алоҳида шинос нестанд, онҳоро бо нишон додани расмашон ё шарҳи шифоҳӣ фаҳмонидан лозим аст. Баъзе калимаҳои дигар дар луғат оварда шудаанд (саҳ. 106). Аммо шояд боз мафҳумҳои дигари ношинос пайдо шаванд (*хони алвон, баҳри* ва ғ.). Ҳамаи ин мафҳумҳоро шарҳ дода, бачагонро ба гӯш кардани шеър водор месозем. Сабти овозиро чанд маротиба такрор ба такрор шунавонидан мумкин аст. Агар имконияти техникӣ мавҷуд набошад, худи омӯзгор онро бурро ва бо риояи оҳанг мехонад. Ҳар фасли солро ба ду хонанда тақсим кардан мумкин аст. Ҳангоми хониши шеър ё аз ёд гуфтани он бачагон беҳтар аст, ки бо коғазҳое, ки дар онҳо номи фаслҳои сол навишта шудааст, ба назди тахтаи саинф оянд. Аз ёд кардани порчаҳои шеърро ба таври мусобиқа дар гурӯҳҳои дунафара низ ташкил кардан мумкин аст.

5. Тасвири ҳар фасли сол барои инкишофи нутқи шифоҳӣ кумак мекунад. Ҳар хонанда як фаслро интихоб мекунад ва онро тасвир мекунад. Ҳангоми тасвири фасл муҳим аст, ки бачагон бо калимаву ҷумлаҳои дар матн истифодашуда маҳдуд нашуда, аз худашон низ чизҳои дигар илова кунанд. Масалан, ба саволи он ки чаро ин фаслро дӯст медоранд ё дӯст намедоранд, фикри худашонро гӯянд.

6. Азбаски шеър ба тавсифи фаслҳои сол бахшида шудааст, иҷрои машқи дигар ва ҳамчунин кор бо чистон низ барои инкишофи тафаккур ва мустаҳкам кардани дониши шогирдон оид ба дуруст навиштани номи фаслҳо кумак мерасонад. Махсусан, чистонро муфассалтар шарҳ диҳед: Дарахт – сол, дувоздаҳ шох – дувоздаҳ моҳ, сӣ барг – миқдори рӯзҳо дар як моҳ (ин ҷо таъкид кунед, миқдори баъзе моҳҳо 31 ва феврал 28 аст), сафедии як рӯйи барг – рӯз (чунки равшан аст), сиёҳии рӯйи дигари барг – торикии шаб.

7. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Онро аз такрори мазмуни ҳикояти "Заррофа чӣ мегӯяд?" оғоз кардан мумкин аст. Салоҳиятҳои тарбиявии хонандагонро аз рӯйи иҷрои супориши гурӯҳӣ муайян мекунем. Пас аз такрори хулосаи муҳим аз ин ҳикоят таваҷҷуҳи бачагонро бори дигар ба фаслҳои сол, ҳамдигарро иваз кардани онҳо ҷалб мекунем. Вобаста ба хусусиятҳои ҳар фасли сол саволгузорӣ мекунем. Бо ин роҳ сатҳи фаҳмиши мазмуни матнро месанҷем. Муҳимтар аз ҳама дарки он аст, ки новобаста ба касе маъқул будан ё маъқул набудани ин ё он фасл, ҳар яке аз онҳо барои табиат, барои зиндагии одамон аҳаммияти хоса дорад, ҳар фасл ҷойи муносиби худашро дорад. Салоҳиятҳои навиштан ва

аз худ кардани луғатро аз рӯйи иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ месанҷем. Ба ҳама, мисли ҳамеша, таҳсину офарин мехонем.

**Дарсҳои 9-10**

**Мавзӯъ: Реҷаи рӯз. Талқини Тарзи солими ҳаёт. Тухфаи беҳтарин.**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**
**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**
**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**
**1. 4.3. Фикри худро дар қолаби матни хурд (на камтар аз се ҷумлаи сода) менависад.**

**Мақсади дарс:**

- чӣ будани реҷаи рӯзро донанд ва риоя кунанд;
- ифодаи вақтро донанд ва ба саволи "кай?" дуруст посух диҳанд;
- ҷумлаҳоро дуруст нависанд;
- мазмуни матнро фаҳманд ва бо ҷумлаҳои сода нақл кунанд;
- калимаҳои навро дар мавридаш истифода карда тавонанд.
- тарзи ҳаёти солимро фаҳманд (салоҳияти тарбиявӣ).

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, ҷадвали тақсимоти вақт бо соатҳо, таҷҳизоти техникӣ барои шунавонидани сабти овозӣ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Шеъри "Неъмати чор фасл"-ро бори дигар такрор мекунем: бачагон аз рӯйи супоришҳои гирифтаашон онро дар назди тахта пора-пора аз ёд мехонанд. Сипас, бо бачагон солро ба фаслҳо, фаслҳоро ба моҳҳо, моҳҳоро ба ҳафтаҳо, ҳафтаҳоро ба рӯзҳо ва рӯзҳоро ба соатҳо тақсим мекунем. Мефаҳмонем, ки одамон кору фаъолияти худро бо соат чен мекунанд.
2. Пеш аз оғози суҳбат аз бачагон хоҳиш мекунем, ки саҳ. 26-28-и китобро кушоянд ва сарлавҳаро хонанд: "Як рӯз бо модарҷонам". Бо истифода аз расмҳо дар бораи як рӯзи Азизҷон суҳбат мекунем:

*Саҳ. 26: Саҳарӣ аз хоб мехезад, дасту рӯяшро мешӯяд, варзиш мекунад, наҳор мехӯрад, ба мактаб меравад.*
*Саҳ. 27: Аз мактаб меояд, хӯроки нисфирӯзӣ мехӯрад, дарс тайёр мекунад, бозӣ мекунад, телевизор тамошо мекунад.*
*Саҳ. 28: Хоб мекунад.*

Баъд аз чунин таҳлил бачагонро ба шунидани суҳбати Азиза ва Азизҷон роҷеъ ба реҷаи рӯз даъват мекунем. Сабти овозии ин гуфтугӯро мешунавонем ё худамон мехонем. Ба бачагон супориш медиҳем, ки ҳар чи бештар мазмуни онро ба хотир гиранд. Сипас, хониши ин матнро дар нақшҳо иҷро мекунем. Онро байни як писару як духтар ташкил кардан беҳтар аст. Аммо агар тақсимоти баробари синф ба писарону духтарон имконнопазир бошад, хониши муколамаро фақат байни писарон ё фақат байни духтарон ташкил мекунем. Ҳангоми хониши матн бачагон ба ҷойи номҳои Азиза ва Азизҷон номҳои худашонро истифода мебаранд. Ҳамчунин, агар бачагони шумо дар басти дуюм хонанд ё дарсҳо дар вақти дигар оғоз ёбанду тамом шаванд, чумлаҳоро ба ҳаёти ҳақиқии мактаби худ мутобиқ сохта, ба бачагон пешниҳод кунед. Ҳадафи асосии ин муколама одат кунонидани бачагон ба риояи реҷаи рӯз, талқини тарзи солими ҳаёт аст.

3. Бо истифода аз соат ва акрабакҳои он роҷеъ ба вақт суҳбат мекунем, ҳисоби соатро ёд медиҳем. Тарзи ифодаи вақтро ба забони тоҷикӣ мефаҳмонем. Ҷумлаҳои ҷавобиро ба саволҳои "Соат чанд?" ва "(Дар) соати чанд? (Кай?)" мушаххас мекунем: *Ҳангоми ҷавоб*

*додан ба саволи якум байни калимаи соат ва адад бандаки изофӣ намегузорем: соат як; соат даҳу понздаҳ дақиқа ва г. , аммо ҳангоми ҷавоб додан ба саволи дуюм (Кай? Дар соати чанд?) иловаи бандаки изофӣ ҳатмист: (дар) соати ду; соати панҷи бегоҳӣ.*

4. Реҷаи рӯзи худро тартиб медиҳем. Бачагонро даъват мекунем, ки асоси муваффақиятҳо риоя кардани реҷа ва истифода аз вақт аст. Ҳар кор бояд вақти муайян дошта бошад: бозӣ кардан, хӯрок хӯрдан, хоб кардан, дарс хондан, телевизор тамошо кардан...Бинобар ин, мо ҳама бояд реҷаи кории худро дошта бошем ва онро риоя кунем. Дар тахтаи синф ё коғази сафеди калонҳаҷм ҷадвали саҳ. 108-ро тасвир карда, бо бачагон якҷоя реҷаи рӯзро тартиб медиҳем. Шарт нест, ки реҷаи рӯзи ҳамаи бачагон яксон бошад. Баъзеҳо метавонанд барои бозӣ ё тамошои телевизор вақти зиёдтар/камтар ҷудо кунанд. Бори дигар таъкид мекунем, ки муҳимтар аз ҳама риояи ин реҷа аст. Ҳар кас дар дафтари худаш реҷаи рӯзашро тартиб медиҳад.

5. Навиштани рақамҳо бо ҳарфҳо. Табиист, ки бачагон дар дарсҳои математика бо рақамҳо (ададҳо) пурра шинос шудаанд. Дар ин супориш маҳорати бо ҳарф навиштани ин рақамҳоро месанҷем. Ба он таваҷҷуҳ кунед, ки тарзи талаффуз ва навишти баъзе рақамҳо фарқ мекунад. Ин гуна рақамҳоро бо ҳамон тарзи **Менависем/мехонем** нишон додан мумкин аст: *ҳафт/ҳаф/афт; даҳ/да; дувоздаҳ/дузда; сездаҳ/сензда* ва ғ.

6. Матни “Туҳфаи беҳтарин”, ки сабти овозии он дар диск мавҷуд аст, ҳам барои шунидан, ҳам барои хондан ва ҳам барои луғатомӯзӣ пешниҳод шудааст. Дар айни замон бо роҳи саволгузорӣ мазмуни матнро таҳлил намуда, нутқи шифоҳӣ ва тафаккури бачагонро тақвият медиҳем. Матнро аввал шунавонед (ё хонед), Сипас, барои фаҳмидани мазмуни он саволҳоро (саҳ. 109) пешниҳод кунед. Зимнан, бо саволҳои додашуда қонеъ нагардида, аз худамон боз саволҳои дигар низ метавонем илова кунем. Вақте ки матнро пурра баррасӣ кардем, хондани онро ба бачагон супориш медиҳем. Матн моҳияти тарбиявӣ дорад. Он нишон медиҳад, ки акнун бачагон калонтар шудаанд, ба ҷойи бозичаю лӯхтакбозӣ корҳои дигари муфидро метавонанд анҷом диҳанд.

7. Барои машқи навиштан, ёфтани миқдори калимаҳо дар ҷумла ба тариқи намуна ҷумлаи чоруми матн пешниҳод шудааст. Шумо метавонед ҳар як ҷумлаи матнро ба хонандагони алоҳида барои навиштан ва ҳисоб кардани миқдори калимаҳо супориш диҳед. Дар ин маврид дар якҷоягӣ тамоми матнро бо ин роҳ таҳлил кардан мумкин аст: ҳангоми хондани ҷумлаи навишта ва гуфтани миқдори калима дар он аз ҷониби ҳар хонанда бачагони дигар низ китобро нигоҳ мекунанд ва дурустии кори ҳамсинфи худро месанҷанд.

8. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Муҳимтарин мавзӯи имрӯза тартиби реҷаи рӯз ва риояи он буд. Ба ин кор бори дигар бармегардем. Дарки фаҳмиши мафҳумҳои “вақт”, “соат”, “фаъолият” ва истифодаи онро дар ҳаёти ҳаррӯза бо роҳи саволгузорӣ месанҷем. Салоҳиятҳои хондан ва гуфтанро аз рӯйи иҷрои нақшҳо баҳогузорӣ мекунем. Салоҳиятҳои навиштан мисли ҳамеша тибқи иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ санҷида мешаванд. Ба бачагон таъкид мекунем, ки реҷаи сохтаи худро ба калонсолони хонавода нишон диҳанд, то ки онҳо риояи ин реҷаро назорат ва ёдрас кунанд. Ба бачагон таҳсину офарин мехонем ва то дарси оянда хайрухуш мекунем.

**Дарсҳои 11-12**

**Мавзӯъ: Гурӯҳбандии калимаҳо. Нигоҳубини асбоби хониш.**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи муайяни вазъиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои ду-сеамалаи таълимӣ) риоя мекунад.**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**

- малакаҳои аввалини истифодаи дурустро аз вақт ба даст оранд;
- калимаҳоро аз рӯйи маъно ва таъйиноташон гурӯҳбандӣ карда тавонанд;
- матнро бурро хонда тавонанд;
- калимаҳои навро тибқи мазмуни матн маънидод карда тавонанд;
- тибқи намуна бо ҳиҷои додашуда калимаҳои нав созанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникии шунавонидани сабти овозӣ, коғазпораҳо бо калимаҳои *гул, моҳ, алӣ, шоҳ,* дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Дарсро бо гузориши саволҳо чунин оғоз кардан мумкин аст: *Шумо кай аз хоб хестед? Кӣ шуморо аз хоб бедор кард? Дасту рӯятонро худатон шустед ё ягон кас ёрӣ дод? Дандонҳоятонро ҳам шустед? Варзиш кардед? Кай наҳор хӯрдед? Чӣ хӯрдед? Бомаза буд? Либосҳоятонро худатон пӯшидед ё касе ёрӣ дод? Кай ба мактаб омадед?* Бо ин роҳ месанҷем, ки оё бачагон ба реҷаи рӯзи худ аҳаммият додаанд ё не. Ҳамаи ҷавобҳоро қабул мекунем, аммо таъкид мекунем, ки агар доно шудан хоҳанд, калиди боғҳои дигарро ба даст овардан хоҳанд, бояд тарзи солими ҳаёт, яъне реҷаи рӯзи худро риоя кунанд.
2. Зарбулмасали "Меҳнат кунӣ, роҳат мебинӣ" ҳам барои навиштану аз ёд кардан ва ҳам барои талқини меҳнатдӯстӣ оварда шудааст. Барои фаҳмонидани он метавонем савол гузорем, ки агар шумо шеърро аз ёд кунеду бехато хонед, худатонро хушҳол ҳис мекунед? Ин ҳам яке аз нишонаҳои он аст, ки меҳнат (китоб хондан, навиштан, шеър аз ёд кардан ҳам меҳнат аст!) касро хушҳол мекунад. Бо ин роҳ бачагонро бори дигар ба меҳнатдӯстӣ талқин мекунем.
3. Гурӯҳбандии калимаҳо. Ин машқро дар гурӯҳҳо ташкил мекунем. Ба ҳар гурӯҳ як калимаро (мева, дарахт, гул) пешниҳод карда, супориш медиҳем, ки якҷоя ва бо маслиҳати ҳамдигар ҳар чӣ бештар калимаи мувофиқ ёбанд ва нависанд. Гурӯҳҳо корҳои анҷомдодаи худро нишон медиҳанд, ҳар кас дар дафтар ин калимаҳоро менависад.
4. Супориши навбатиро тибқи аломат ба тарзи мусобиқа ташкил мекунем. Моҳияти бозиро мефаҳмонем: бачагон бояд ҳамон номҳоеро интихоб кунанд, ки дар таркибашон калимаҳои додашуда дар аввал ё дар охир омада бошанд. Намунаи иҷрои ин кор чунин буда метавонад:

*1. Гулбаҳор, Гулчеҳра, Гулсанам, Гулбибӣ, Гуландом, Гулрухсор, Гулнор(а), Гулшода, Гулҷаҳон...*
*2. Меҳригул, Зебогул, Мавҷигул, Файзигул, Рӯзигул, Идигул...*
*3. Моҳбибӣ, Моҳрухсор, Моҳчеҳра, Моҳҷабин, Моҳрӯ, Моҳсанам...*
*4. Идимоҳ, Сафармоҳ, Раҷабмоҳ...*
*5. Алиҷон, Алидод, Алиризо, Алимардон, Алиакбар...*

6. *Миралӣ, Шералӣ, Файзалӣ, Раҷабалӣ, Умаралӣ, Сафаралӣ...*
7. *Шоҳҷаҳон, Шоҳмансур, Шоҳрух, Шоҳмуҳаммад, Шоҳмирзо...*
8. *Алишоҳ, Мунавваршоҳ, Диловаршоҳ, Муҳаббатшоҳ...*

Зимни иҷрои супориш ба назди бачагон рафта, ёрӣ мерасонем. Дар охир ду чизро таъкид кардан бамаврид аст: Ҷузъҳои "гул" ва "моҳ" бештар дар номҳои духтарона, ҷузъҳои "алӣ" ва "шоҳ" дар номҳои писарона истифода мешаванд; Калимаҳои "шоҳ" ва "моҳ" ду тарзи навишт ва талаффуз доранд: *шоҳ/шаҳ, моҳ/маҳ*. Ҳамчунин, таъкид мекунем, ки ин калимаҳо дар шакли ихтисорӣ низ истифода мешаванд, ки дуруст нест: Гулмо, Шодимо; Ҳайдаршо, Шомуҳаммад ва ғ.

5. Матни "Дафтарро эҳтиёт кунед" барои ташаккули муносибати ғамхорона ба асбобҳои хониш оварда шудааст. Дар баробари иҷрои ин супориш эҳтиёткорона муносибат карданро бо дигар ашёи хониш, махсусан, китобҳо низ ёдрас мекунем.

6. Дар ин дарс иҷрои машқи хушнависии ҳарфи "ё" оварда шудааст. Онро бо дарназардошти қоидаҳои маъмулии машқи хат иҷро мекунем.

7. "Шарбати хуч" идомаи он мавзӯест, ки бачагонро бо меваҷоти шифобахши деҳоти кишвар ошно месозад. Аввалан, бояд дар назар дошт, ки дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон ин мева бо номҳои ғайритоҷикӣ маъмул аст, барои бачагон чунин минтақаҳо ёд додани ин калима аз манфиат холӣ нест. Сониян, сабти овозии ин матн мавҷуд аст ва бо як ё ду бор шунидани он бачагон ба мазмуни матн ба осонӣ пай мебаранд. Мавзӯъҳое, ки дар поёни ин матн барои суҳбат оварда шудаанд, дониши онҳоро роҷеъ ба анвои гуногуни шарбатҳо, тақвият бахшида, афзалтар донистани шарбати табии меваҳоро аз навъҳои техникии он (Арси-кола, Спрайт ва ғайра) дар мағзашон ҷо кунем.

8. Шеъри дар охири саҳифаи 110 овардашуда (бо луғаташ дар аввали саҳифаи 111) барои хониш ва фаҳмондани файзи барвақт аз хоб хестан аст. Аксари хонандагони синфи якум дар Тоҷикистон дар басти якум (саҳарӣ) таҳсил мекунанд. Медонем, ки хоби саҳар хеле ширин аст ва бачагон бо душворӣ аз хоб мехезанд. Бо ин шеър ва фаҳмондани моҳияти он мо метавонем кӯдаконро ба саҳархезӣ талқин кунем ва кори падарону модаронро осонтар созем.

9. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Бачагонро табрик мегӯем, ки боз як қадами дигар ба боғи навбатӣ наздик шуданд, бо иҷрои супоришҳо бобои Хирадро хурсанд карданд. Аммо дониш ҳамон вақт ба кор меояд, ки дар хотир дошта бошем ва онро дар зиндагӣ истифода кунем. Пас биёед бори дигар такрор мекунем, ки имрӯз чӣ чизҳои нав ёд гирифтем. Пас аз такрори маводди дарс ба ҳама аҳсан мегӯем.

## Дарсҳои 13-14

**Мавзӯъ: Ҷамъбаст ва арзёбии боби Деҳа.**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.**

**1. 4.3. Фикри худро дар қолаби матни хурд (на камтар аз се ҷумлаи сода) менависад.**

**Мақсади дарс:**

- роҷеъ ба деҳа ва хусусиятҳои он тасаввуроти умумӣ доранд;
- аввали номи деҳаҳоро бо ҳарфи калон навишта тавонанд;
- аз калимаҳои додашуда ибораҳои изофӣ сохта тавонанд;
- мазмуни матни шунидаро бо ҷумлаҳои сода баён карда тавонанд;
- дар бораи реҷаи рӯз маълумот дошта бошанд ва донанд, ки онро риоя бояд кард;
- персонажҳои матнро шиносанд, онҳоро дар нақшҳо бозӣ карда тавонанд;

- ҷумлаҳоро дуруст ва хоно навишта тавоанд;
- фаслҳои солро донанд ва дар доираи фаҳмиши худ тавсиф кунанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникии шунавонидани сабти овозӣ, дарвозаи рамзии боғи Шаҳр ва калиди рамзӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Азбаски ин дарси охирини боби Деҳа ва ҷамъбасту арзёбии он аст, дар аввали дарс роҷеъ ба мавзӯъҳои омӯхташуда ҳар чӣ бештар савол мегузорем. Муҳимтарини онҳо тасвири деҳа, меҳнати деҳқон, навиштани аввали номи деҳаҳо ва дарёҳо бо ҳарфи калон, тасвири фаслҳои сол, сохтани реҷаи рӯз ва риояи он ва ғайра аст. Роҷеъ ба ҳамаи ин мавзӯъҳо суҳбати кӯтоҳе анҷом медиҳем ва тибқи ҷавобҳо салоҳиятҳои бадастовардаи хонандагонро муайян мекунем. Таъкид мекунем, ки имрӯз бо бобои Хирад мулоқот хоҳем кард ва бачагон барои ҷавоб додан ба саволҳои ӯ тайёр бошанд.
2. Шеъри “Очадарё” тасвири зебои дарё бо забони равони бачагона аст. Аз ин рӯ, умедворем, ки он ба бачагон низ маъқул мешавад. Шеърро бурро хонда, маънои баъзе калимаҳоро ба бачагон шарҳ медиҳем (*шитоб кардан, водӣ, маънои маҷозии “тифли дарё” – лола, сабза, беди маҷнун...).* Шеър аз чор пораи чормисраӣ иборат аст, бинобар ин, аввал онро ба чор ҳисса тақсим карда, якпораӣ барои аз ёд кардан супориш медиҳем. Вақте ки бачаҳо пораҳои худро аз ёд мехонанд, дигарон гӯш мекунанд. Шарт нест, ки тамоми шеър дар ҳамин соати дарсӣ аз ёд шавад, онро барои дар хона бо калонсолон кор кардан супориш додан мумкин аст. Аз рӯйи фаъолияти хонандагон салоҳиятҳои хондан ва тақвияти хотираи онҳоро арзёбӣ мекунем.
3. Чистонҳоро ба таври маъмулӣ барои инкишофи тафаккур истифода мекунем. *1. Сабзҷома, яъне ҷомаи сабз. Чаро сабзҷома мегӯем? Чунки ранги тарбуз сабз аст. Доғ – донаи ранги сиёҳро мегӯянд, донаҳои тарбуз мисли чашмони зоғ сиёҳранг аст. 2. Шабу рӯз гаштан (ҳаракат кардан) яъне бетанаффус кор кардан аст, мо шабона истироҳат мекунем, аммо соат ҳамеша кор мекунад, ҳар як рақам (аз 1 то 12) монанди дугонаҳои наздик (қарин) ҳастанд, ки ҳеҷ гоҳ аз ҳам ҷудо намешаванд.*
4. Бачагонро барои тамом шудани сайругашт дар боғи Деҳа табрик мегӯем, аммо таъкид мекунем, ки акнун лаҳзаи аз ҳама муҳим фаро расид. Ҳоло ҳама якҷоя ба назди бобои Хирад меравем, то ки аз ӯ калиди боғи навбатӣ – боғи Шаҳрро гирем. Медонем, ки бобои Хирад калидро ба осонӣ намедиҳад, мо бояд ба саволҳои бобо ҷавобҳои дуруст диҳем. Пеш аз шунавонидани сабти овозии суҳбати Азизҷону Азиза бо бобои Хирад (ё хондани он дар сурати мавҷуд набудани имконоти техникӣ) саволҳои бобои Хирадро ба бачагон пешниҳод мекунем. Ҳама вариантҳои ҷавоби бачагонро қабул мекунем. Баъд даъват мекунем, ки суҳбатро бодиққат шунаванд ва ҷавобҳои худро бо ҷавобҳои Азизҷону Азиза муқоиса кунанд. Баъди шунидани суҳбат чӣ ва чӣ хел будани деҳаро бори дигар таҳлил мекунем ва тахти кафкӯбиҳо ба дасти ду нафар – як писару як духтар калиди рамзии боғи Шаҳрро месупорем.
5. Ба бачагон таъкид мекунем, ки ҷавоб додан ба саволҳои бобои Хирад ба шарофати кори дастҷамъона ва дӯстиву бародарӣ, ки дар байни бачагон ҳаст, муяссар шуд. Пас қувваи мо дар дӯстӣ будааст. Биёед дар бораи ин дӯстии худамон як шеър мехонем. Шеър дорои мазмуни баланд бошад ҳам, мисраъҳои он дароз аст, бинобар ин, онро ба ҳар чор нафар якмисраӣ супориш медиҳем. Ҳар кас як мисраи худашро бурро мехонад, мисраи панҷумро ҳама якҷоя мехонанд:

*Хонандаи 1: Мо шуълаи як оташ, шогирди як дабистон,*
*Хонандаи 2: Гулҳои ранг-ранги як гулшани шукуфон.*
*Хонандаи 3: Сарчашмаҳои як рӯд, аз авҷи кӯҳсорон*
*Хонандаи 4: Ангуштҳои як даст, як дасти пуртавонем.*
*Ҳама (чор нафар): Ҳамбахту ҳамнасиба, ёру бародаронем!*

Зимнан, ёдовар мешавем, ки сабти овозии ин шеър низ дар диск мавҷуд аст ва онро такрор ба такрор барои бачагон шунавонед, ин кор аз ёд кардани мисраъҳоро хеле осон мегардонад. Дар зимн баъзе калимаҳо ва мазмуни умумии шеърро барои бачагон шарҳ медиҳем. Муҳимтар аз ҳама дарки он аст, ки ҳама ёру бародар бошанд ва қувваи мо низ дар ҳамин дӯстист.

6. Сохтани калимаҳои навро аз калимаҳои додашуда бо иҷрои амалҳои математикӣ (тарҳу ҷамъ) иҷро мекунем. Ҳамчунин дар дафтари машқ як ҷумла дода шудааст, ки онро хонандагон бояд дар шакли дуруст нависанд: "мо дар деҳаи бӯстон зиндагӣ мекунем." Ин машқ барои санҷиши салоҳиятҳои истифодаи ҳарфи калон лар аввали ҷумла ва номи деҳа (исми хос) аст. Супоришро ба бачагон фаҳмонда, натиҷаи иҷрои онро санҷед.

7. Арзёбии умумии мавзӯъ. Салоҳиятҳои бадастовардаи хоандагонро аз рӯйи фаъолиятҳои гуногун ва иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ ҷамъбаст мекунем. Мисли ҳамеша, ҷанбаҳои мусбат ва манфии ҳар хонандаро қайд карда, роҷеъ ба онҳо бо падару модарон (ё шахси дигари хонавода) суҳбат ташкил мекунем. Салоҳиятҳои навиштанро аз рӯйи иҷрои машқҳо дар дафтар месанҷем. Дарсро дар рӯҳияи баланд, бо шодиву сурур, бо ҳисси қаноатмандӣ аз барору комёбиҳо ва сайругашти аҷибу шавқовар дар боғи Деҳа ҷамъбаст мекунем. Аз рӯйи расми саҳ. 113 тибқи супориши он суҳбат ташкил мекунем. Хоҳиш мекунем, ки дар бораи шаҳр дар хона низ бо калонсолон суҳбат кунанд. Ба ҳама офарин мехонем.

## БОБИ ШАҲР (14 СОАТ)

Азизҷону Азиза пас аз тамошои боғи «ДЕҲА», баъди ба саволҳои бобои Хирад ҷавобҳои дуруст додан соҳиби калиди боғи «ШАҲР» мешаванд. Дар ин боғ онҳо бо муҳимтарин хусусиятҳои зиндагӣ дар шаҳр ошно гардида, дар бораи калонтарин шаҳрҳои Ватанамон маълумот мегиранд. Дар ҷараёни омӯзиши ин боб хонандагон аввал бо пойтахти Тоҷикистон (Пойтахти мо) шинос мешаванд, ки ин меҳри онҳоро нисбат ба шаҳри азизи Ватанашон зиёд мегардонад. Хонандагон имконият пайдо мекунанд, ки дар бораи бозори шаҳри Душанбе, чароғаки роҳнамо маълумот гиранд. Махсусан, ба омӯзиши матни «Чароғаки роҳнамо» бештар таваҷҷуҳ кунед, қоидаҳои роҳгардиро омӯзонед ва риояи онҳоро бечунучаро талаб намоед. Матни «Ман ҳам калон шудам» (саҳифаи 124-125) идомаи мантиқии эҳтиёткорӣ дар роҳ буда, дар айни замон дар бачагони хурдсол арзишҳои беҳтарини инсонӣ, аз қабили ёрии байниҳамиро меомӯзонад.

Дар ин боб низ бозиҳои гуногуни дидактикӣ, иҷрои ребусҳо ва машқҳои гуногун ба инкишофи малакаву маҳоратҳои гуногуни бачагон мусоидат менамоянд.

Такрори боби «Шаҳр» муносибати махсусро тақозо менамояд. Он як навъ ҷамъбасти мавзӯъҳои шаҳр ва деҳа аст. Матни «Шаҳр ва деҳа» хонандагонро дар рӯҳияи дӯстӣ бо ҳамдигар, меҳри беандоза нисбат ба маҳалли зист тарбия менамояд. Дар айни замон хондан ва иҷрои муколама бо нақшҳо нутқи шифоҳии хонандагонро инкишоф медиҳад.

Дар ин боб низ фаъолияти хушнависии хонандагон идома меёбад. Онро тибқи супоришҳои дафтари машқ анҷом додан лозим аст.

## Дарсҳои 1-2

**Мавзӯъ: Пойтахти мо. Ҳарфи калон дар аввали номи шаҳрҳо, дарёҳо, кӯчаҳо, мактабҳо, пайкараҳо ва боғҳои шаҳр.**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.**

**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**

- мафҳумҳои "шаҳр" ва "пойтахт"-ро дарк кунанд;
- аввали номи шаҳрҳо, кӯчаҳо, дарёҳо ва дигар мавзеъҳоро бо ҳарфи калон нависанд;
- аввалин малакаҳои муайян кардани нишониро ба даст оранд;
- мазмуни матни шунидаро бо ҷумлаҳои сода баён карда тавонанд;
- бо ҷумлаҳои кӯтоҳу сода озодона дар мавзӯи маълум муошират кунанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, расмҳои шаҳри Душанбе, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Ба ёд меорем, ки мо дирӯз калиди кадом боғро соҳиб шудем. Дар бораи мафҳуми шаҳр ва фарқи он аз деҳа бо бачагон суҳбат мекунем. Ба расми саҳ. 113 бармегардем ва онро бо роҳи саволу ҷавоб таҳлил мекунем.
2. Пойтахти мо. Сарлавҳаи матнро барои бачагон хонда мепурсем: - *Пойтахт чист?* Вобаста ба маҳалли иқомат бачагонро бо шаҳри Душанбе ошно месозем. Барои бачагоне, ки дар шаҳри Душанбе зиндагӣ мекунанд, саволҳои гуногун роҷеъ ба боғу хиёбонҳо, бозору мағозаҳо, майдонҳо ва ғ. тартиб дода, суҳбат мекунем. Аз бачагони гирду атрофи Душанбе пурсидан мумкин аст, ки оё ягон бор бо калонсолон ба Душанбе рафтаанд ва чиҳоро дидаанд. Барои бачагоне, ки дар ноҳияҳои дурдаст зиндагӣ мекунанд, суҳбатро ба шакли дигар *(Душанбе шаҳру калону зебо аст, агар калон шуда ба Душанбе рафтан хоҳед, нағз хонед...)* анҷом додан мумкин аст. Сипас, матнро мехонем, бачагон гӯш мекунанд. Калимаҳои дар луғат овардашударо шарҳ медиҳем, агар боз калимаҳои дигари нофаҳмо бошад, онҳоро низ мефаҳмонем.

Сипас, бачагон худашон матнро мехонанд. Ҳангоми хониши мустақилона ба бачагон супориш медиҳем, ки калимаҳои бо ҳарфи калон саршударо дар дафтарашон нависанд (*Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯдакӣ, Ватан).*

3. Ҳарфи калон. Агар бачагон дар бораи шаҳри Душанбе шеър донанд, хоҳиш мекунем, ки хонанд. Сипас, ба бачагон савол медиҳем, ки кадом номҳо бо ҳарфи калон сар мешаванд *(номи одамон, лақаби ҳайвонот, номи деҳаҳо, дарёҳо)*. Баъд илова мекунем, ки номи шаҳрҳо, кӯчаҳо, хиёбонҳо, мактабҳо ва боғҳои шаҳр низ бо ҳарфи калон сар мешаванд. Аз бачагон хоҳиш мекунем, ки қоидаи бо ранги сабз ишорашударо дар дафтарҳояшон нависанд ва ба хотир гиранд.

4. Муколама. Суҳбати якум байни ду писар ва суҳбати дуюм байни ду духтар аст. Бинобар ин, иҷрои онҳоро дар нақшҳо мутаносибан байни бачаҳо ва духтарҳо супориш додан мумкин аст. Барои гурӯҳе, ки аз як писару як духтар иборат аст, суҳбати дуюмро супориш додан мумкин аст *(дар он номи фақат як духтар омадааст, ҳамсуҳбати дуюм метавонад ҳам писар бошад, ҳам духтар)*. Пас аз иҷрои ин нақшҳо аз бачагон мепурсем, ки

хонаи онҳо дар кадом кӯча аст. Табиист, ки дар ин синну сол аксарият номи кӯчаҳои худро намедонанд. Супориш медиҳем, ки номи кӯчаҳо (гузарҳо, маҳаллаҳо...)-и худро аз калонсолони хона пурсида биёянд.

5. Байтро дар бораи Душанбе менависем. Баъд бурро ва бехато хондан ва аз ёд кардани онро супориш медиҳем. Ба он таваҷҷуҳ кунед, ки калимаи “душанбе” ба шакли “душамбе” ва “дунёӣ” ба шакли “дунйойӣ” талаффуз мешавад.

6. Агар бачагон хаста шуда бошанд, лаҳзаи дамгирӣ ташкил мекунем.

7. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Салоҳиятҳои баёни маҳалли зистро аз рӯйи иҷрои муколамаҳо бо истифодаи номи худ ва маҳалли зисти худ месанҷем. Барои истифодаи ҳарфи калон дар аввали номи шаҳрҳо (деҳаҳо) ва кӯчаҳо тибқи намунаи дафтари машқ (навиштани ҷумла аз рӯйи намуна) баҳо медиҳем. Машқи навиштани байтро дар бораи Душанбе барои санҷиши салоҳияти рӯйбардоркунӣ ва ҳусни хат истифода мекунем. Дарсро бо тасвири шаҳр ва пойтахти Тоҷикистон, аз ёд хондани шеър дар васфи шаҳр (деҳа) ҷамъбаст мекунем.

## Дарсҳои 3-4

### Мавзӯъ: Калимасозӣ. Дар бозори шаҳр.

**Слоҳиятҳо:**

**1. 1. 1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи муайяни вазъиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои ду-сеамалаи таълимӣ) риоя мекунад.**
**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**
**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**
**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- меваҳои хушку тарро аз ҳамдигар фарқ карда тавонанд;
- меваҳои асосиро медонанд ва номи онҳоро бехато нависанд;
- бо иловаи ҳарф аз таркиби ҳарфҳои додашуда калимаҳои нав сохта тавонанд;
- аз рӯйи расм бо ҷумлаҳои сода суҳбат карда тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, расми бозор ва растаҳои он, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Ҳангоми иҷрои супориши 4 (муколама, суҳбат) дар дарси гузашта аз бачаҳо хоҳиш карда будем, ки номи кӯчаҳо (гузарҳо, маҳаллаҳо...)- и худро фаҳмида оянд. Ба бачагон савол мегузорем: *Хонаи шумо дар куҷост?/Шумо дар кадом кӯча зиндагӣ мекунед?* Ба бачагоне, ки дуруст ҷавоб медиҳанд, офарин мехонем. Таъкид мекунем, ки номи кӯчаи худро дар хотир доштан хуб аст. Албатта, ҳар омӯзгор нишонии хонандаи худашро медонад (ин дар ҳуҷҷатҳои мактабӣ сабт мешавад), бинобар ин, барои онҳое, ки нишонии худро намедонанд, ёдовар шавед. Дар тахтаи синф як ҷумла менависем: “Мо дар кӯчаи ... зиндагӣ мекунем”. Бачагон номи кӯчаро худашон менависанд. Барои деҳоте, ки кӯча надоранд, номи деҳаро менависем.
2. Калимасозӣ. Асрори калимаҳо. Мақсади асосии ичрои ин супориш нишон додани нақши ҳарф дар калимасозӣ аст. Бачагон бо иҷрои ин супоришҳо дарк мекунанд, ки танҳо иваз кардани як ҳарф (овоз) калима ва маънои нав месозад, бинобар ин, дар талаффузи калимаҳо бояд диққат кунем. Синфро ба чор гурӯҳ тақсим карда, ба ҳар гурӯҳ иҷрои як супоришро вогузор кардан мумкин аст. Беҳтар аст, ки бачагон аз 1 то 4 шуморанд ва тибқи рақамҳои интихобкарда супоришро иҷро кунанд. Дар ин маврид ҳар кас худаш кор мекунад ва имконияти аз якдигар рӯйнавис кардан аз байн меравад. Иҷрои ин супориш ба тариқи зайл аст: *1. дар, дер, дор, дур; 2. бар, бӯр, бор, бур; 3. зар, зер, зор, зӯр; 4. мард, сард, гард, дард.* Аз ҳар гурӯҳ як нафарӣ кори анҷомдодаи худро дар тахтаи синф менависанд.

Дигарон онро ба дафтарҳо мекӯчонанд. Дар зимн маънои баъзе калимаҳоро шарҳ медиҳем (аз ҷумла, зар, зор, сард, дор).

3. Дар бозори шаҳр. Пеш аз кор кардан бо расми саҳ. 116 аз бачагон номи меваҳоро мепурсем. Дар айни замон навъи меваҳоро (тар, хушк) ба ёд меорем. Сипас, номи меваҳои хушку тарро аз расмҳо муайян мекунем. Кӯшиш мекунем, ки аз ҷумлаҳои сода бачагон доир ба ҳар расм (меваҳои хушк, меваҳои тар) матни кӯтоҳи шифоҳӣ тайёр кунанд. Масалан: *Ин расми бозор аст. Ин растаи меваҳои хушк аст. Дар ин раста мо чунин меваҳои хушкро мебинем: ..... Ман аз меваҳои хушк бештар ...ро дӯст медорам. Модарам (падарам) аз бозор ... овარданд.* Кӯшиш мекунем, ки бачагон худро дар сайругашти бозор ҳис кунанд, бинобар ин, бо меваҳо маҳдуд нашуда, дар бораи дигар маҳсулоте, ки дар бозор фурӯхта мешавад (нон, орд, сабзавот...), суҳбат мекунем.

4. Ёфтани калимаҳо бо ҳар ҳарфи ДУШАНБЕ. Барои бештар кардани шавқи бачагон ин супоришро бо роҳи ташкил кардани мусобиқа иҷро кардан мумкин аст. Бачагонро метавонед ба гурӯҳҳои дунафара (ҳамнишинҳо) ё чорнафара ё гурӯҳҳои писаронаву духтарона ҷудо намоед.

Тарзи иҷрои ин супориш чунин аст: *дукон, усто, шаҳр, ангур, нон, бозор, елим.* Агар вақт имкон диҳад, омӯзгор метавонад бо номи шаҳру деҳа ва ноҳияҳое, ки худи мактаб дар он ҷо воқеъ аст, чунин машқҳоро тартиб дода, дар дарс иҷрои онро ба шогирдон супориш диҳад.

5. Лаҳзаи дамгирӣ ташкил мекунем. Онро бо шеърхонӣ, калимаёбӣ, сурудхонӣ, чистону тезгӯякҳо ва ғайра ташкил кардан мумкин аст (аз матнҳои қисмати иловаҳо истифода кунед). Агар барои лаҳзаи дамгирӣ калимаёбиро интихоб кунем, калимаҳоро барои ёфтан аз мафҳумҳои ифодакунандаи зиндагии шаҳр ё номи шаҳрҳо пешниҳод кардан беҳтар аст.

6. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Салоҳиятҳои хонандагонро аз рӯйи фаъолнокӣ ва иҷрои машқҳо дар дафтари машқ месанҷем. Барои санҷиши салоҳиятҳои нутқи шифоҳӣ аз рӯйи расми с. 116 бори дигар саволу ҷавоб ташкил кардан мумкин аст. Муҳимтарин қисматҳои дарсро такрор карда, ба бачагон барои иштирокашон офарин мегӯем.

## Дарсҳои 5-6

**Мавзӯъ: Душанбе. Қоидаҳои роҳгардӣ дар шаҳр. Чароғаки роҳнамо.**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**

- хусусиятҳои шаҳрро дар мисоли Душанбе муайян карда тавонанд;
- шеърро бурро хонда тавонанд;
- маънои калимаҳои навро шарҳ дода тавонанд;
- чӣ будани чароғаки роҳро донанд ва қоидаҳои бехатариро фаҳманд;
- ҷумлаҳоро дуруст ва бе хато рӯйбардор карда тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникии шунидани сабти овозӣ, коғазҳои даврашакл бо рангҳои сурху сабзу зард, расмҳои минтақаҳои гуногуни Душанбе, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Бозор ва нақши онро дар зиндагӣ бо роҳу саволгузорӣ такрор мекунем:

*– Дирӯз (дарси гузашта) мо дар бозори шаҳр будем?*

– *Бозор барои чӣ лозим аст?*

– *Дар бозор чиҳоро мефурӯшанд?*

– *Агар бозор набошад, чӣ мешавад?...*

2. Сипас, бачагонро ба шунидани шеъри "Душанбе" даъват мекунем. Сабти овозии ин шеър дар диск мавҷуд аст. Онро ду ё се маротиба мешунавонем ё бо бурро мехонем. Ҳангоми бори дуюму сеюм шунавонидан (ё хондан) ба бачаҳо имкон медиҳем, ки аз китоб нигоҳ кунанд. Шаҳри Душанберо тавсиф намуда, ба бачаҳо расмҳои кӯчаву хиёбонҳо ва биноҳои зебои Душанберо нишон медиҳем. Дар давоми як соати дарсӣ аз ёд кардани шеър аз имкон берун аст. Бинобар ин, порчаҳои онро байни бачагон тақсим кардан ба мақсад мувофиқ аст. Бачагон аз як то панҷ мешуморанд ва вобаста ба рақамҳои худ порчаҳои шеърро аз ёд мекунанд. Ҳангоми аз ёд кардан бачаҳои рақами якхела доштаро паҳлуи ҳам шинондан мумкин аст, дар чунин гурӯҳҳо як нафар мехонад, дигарон такрор карда, аз ёд мекунанд. Дар охир бачагонро аз рӯйи рақамҳояшон ба назди тахта даъват карда, аз ёд хондани шеърро хоҳиш мекунем. Дар зимн маънои калимаҳои навро шарҳ медиҳем (*нуму – рушд, инкишоф; субҳ – пагоҳӣ; сафо – соф, тоза, хушнудӣ, шодӣ; дунё – ҷаҳон; умр – зиндагӣ).*

3. Машқи хат. Дар ин дарс хушнависии ҳарфи "э"-ро анҷом медиҳем (нигаред ба дафтари машқ). Дар баробари иҷрои машқ ду чизи муҳимро барои бачагон таъкид кардан хуб аст: 1. Ин ҳарф маъмулан дар аввали калима меояд (Эраҷ, элак, эълон, эрка). 2. Маънои пандро шарҳ диҳед, бачагонро ба эҳтиёткорӣ даъват кунед, мисолҳо оред, ки агар эҳтиёт накунанд, мумкин меафтанд ё чизи дар дасташон бударо меафтонанд. Махсусан, бояд ҳангоми дар кӯча роҳ рафтан аз мошинҳо бояд эҳтиёт кунанд.

4. Ба шунидан, хондан ва аз ёд кардани "Чароғаки роҳнамо" диққати махсус диҳед. Аввал ба бачагон дар бораи кӯчаҳои калони сермошин маълумот медиҳем. Аҳаммияти чароғакҳои роҳро дар таъмини бехатарӣ мефаҳмонем. Ба бачагон коғазҳои даврашакли сурху сабзу зардро нишон дода, маънои онҳоро шарҳ медиҳем. Аз бачагон хоҳиш мекунем, ки агар ранги сурхро нишон диҳем, ҳама бо овози баланд "Меистем!" гӯянд, ранги зардро нишон диҳем "Тайёр мешавем!" ва ранги сабзро нишон диҳем "Мегузарем!" гӯянд. Сипас, хонандагон дар назди тахта роҳгардиро ба таври бозӣ меомӯзанд: Коғазпораҳоро як нафар бо навбат боло мебардорад, нафари дигар вобаста ба ранги он амал мекунад. Пас аз фаҳмидани моҳияти ин супориш шеъри "Чароғаки роҳнамо"-ро мешунавонем (сабти овозии он дар диск ҳаст) ё мехонем. Мазмуни ҳар байти онро шарҳ медиҳем. Сипас, бачагон шеърро якпорагӣ аз ёд карда, чанд маротиба мехонанд.

> **Таъкид!!!** Таълими чароғаки роҳнамо дар ҳамаи китобҳои дарсӣ ва маводди таълимӣ нодуруст ба роҳ монда шудааст. Чароғаки серанга (сурх, зард, сабз) барои ронандагон ва мошинҳо аст, на барои пиёдагардон! Барои пиёдагардон дар ҳама ҷо аз чароғаки дуранга (сурх, сабз) истифода мебаранд, ки он дар гузаргоҳи пиёдагардон гузошта мешавад. Ин масъаларо махсус таъкид кунед!

5. Машқи навиштани калимаву ибораҳо фақат барои навиштан нест. Аввал бачаҳо онҳоро менависанд. Сипас, омӯзгор маънои ҳар яки онҳоро шарҳ медиҳад.

> **Таъкид:** Агар мактаб дар назди роҳи калон бо чароғаки роҳ бошад, қисми дуюми дарсро дар беруни мактаб ташкил кардан мумкин аст. Бачагон аз дур ҳаракати мошинҳо ва пиёдагардонро дар чорраҳаҳо мушоҳида мекунанд, хатои ронандаҳо ё пиёдагардонро нишон медиҳанд ва ваъда медиҳанд, ки онҳо қоидаҳои роҳро ҳамеша риоя мекунанд.

6. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Салоҳияти бурро хондани шеър ва тақвияти хотира бо такрор кардани шеърҳои “Душанбе” ва “Чароғаки роҳнамо” месанҷем. Донистани калимаҳои нав ва салоҳиятҳои навиштанро аз рӯйи иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ месанҷем. Қайд мекунем, ки дар шаҳрҳои калон роҳҳои васеъву мошинҳо бисёранд, бинобар ин, ҳамеша бояд эҳтиёт кунем. Дар кӯчаҳои деҳа бояд аз канори роҳ ва самти чапи роҳ равем, то ки мошини аз пеш омадаистодаро дида, як тараф истем. Ҳангоми аз роҳ гузаштан, агар чароғак бошад, аз рӯйи қоидаҳои он рафтор кунем, агар чароғак набошад, аввал ба ду тараф нигоҳ кунем, ки мошин набошад, танҳо ҳангоми холӣ будани роҳ аз як тараф ба тарафи дигар гузарем. Дар роҳҳои калону сермошин беҳтар аст, ки аз калонсолон хоҳиш кунем, ки моро гузаронанд. Ба калонсолон дар ин маврид “раҳмат” гуфтанро фаромӯш намекунем.

## Дарсҳои 7-8

### Мавзӯъ: Аз таърихи пайдоиши чароғаки роҳ. Инкишофи тафаккур.

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**
**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**
**1. 3. 3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.**
**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- роҷеъ ба инкишофи илму техника тасаввуроти аввалин пайдо кунанд;
- қоидаҳои роҳгардиро донанд ва риоя кунанд;
- мазмуни матни шунидаро бо ҷумлаҳои худ нақл карда тавонанд;
- аз ҳиҷоҳои пароканда калимаҳои сеҳиҷоӣ сохта тавонанд;
- ребусҳоро фаҳманд ва маънои онҳоро дуруст пайдо кунанд;
- ҷумлаҳоро бе хато ва хоно навишта тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникии шунидани сабти овозӣ, коғазҳои даврашакл бо рангҳои сурху сабзу зард, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Имрӯз ҳам мавзӯи чароғак ва бехатарӣ дар кӯчаҳо идома меёбад. Бинобар ин, дар ибтидои дарс боз ба мавзӯи гузашта бармегардем ва, махсусан, шеъри “Чароғаки роҳ”-ро аз ёд хонда, маънои ҳар байти онро бори дигар шарҳ медиҳем. Коғазҳои даврашакли рангаро бори дигар ба “бозӣ” медарорем.
2. Матни “Оё шумо медонед?” бачагонро бо таърихи дуру дарози чароғакҳои роҳ ошно месозад. Бачагон мефаҳманд, ки аз ҳамон рӯзҳои аввали пайдоиши мошинҳо одамон дар бораи бехатарии ҳаракати роҳ фикр мекарданд. Онҳое, ки чароғаки роҳро ихтироъ карданд, ҳамон шахсоне буданд, ки дар мактаб бо баҳои аъло мехонданд. Сабти овозии ин матн дар диск мавҷуд аст. Онро як ё ду бор мешунавонем (ё мехонем), бачагон гӯш карда, мазмуни онро бозгӯ мекунанд. Баъзе калимаҳо шарҳталабанд, онҳоро шарҳ медиҳем *(ҳодисаи нохуш – воқеаи бад, аввалин – якумин, худкор – худ аз худ коркунанда, бе одам коркунанда)*. Барои санҷиши фаҳмиши мазмуни матн саволҳоро пешниҳод мекунем.
3. Аломати хитоб “Дар хотир гиред!” маъно дорад. Бинобар ин, ба бачагон супориш медиҳем, ки матни дар дохили чорчӯба бо ранги сабз ишорашудашударо ба дафтар кӯчонанд ва дар хотир нигоҳ доранд.
4. Калимасозӣ аз ҳиҷоҳо. То ин вақт бачагон чунин машқҳоро иҷро карда буданд, аммо он калимаҳо аз ду ҳиҷо иборат буданд. Ҳоло бошад, ба онҳо калимаҳое пешниҳод

мешаванд, ки аз се ҳиҷо иборатанд. Бачагон ба ҳиҷои сутуни аввал ҳиҷоҳои мувофикро аз сутунҳои дуюму сеюм ёфта, пайваст мекунанд ва калима месозанд. Барои осонтар шудани кор ҳиҷоҳои ҳар калима бо як ранг ишора шудаанд. Инро фақат вақте таъкид кунед, ки агар худи бачагон онро нафаҳманд. Бачагон ин супоришро дар гурӯҳҳо низ метавонанд иҷро кунанд. Иҷрои супориш чунин аст: *чароғак, роҳнамо, гузаргоҳ, чорраҳа, фурӯзон, қоида.*

5. Хондани ребусҳоро ба сифати лаҳзаи дамгирӣ истифода кардан мумкин аст. Ҳамон тавре ки дар аломати китоб дар самти чап ишора шудааст, ин супоришро бо роҳи ташкили мусобиқа иҷро мекунем. Ҳар касе, ки аз ҳама пештар мехонад, соҳиби ситорача ё кафкӯбиҳои ҳамсинфон мегардад. Хонандагони зуд иҷрокардаро дарҳол напурсида, ба дигарон ҳам имкон медиҳем, ки ребусҳоро худашон хонанд.

6. Ҷумлаи додашударо на танҳо барои навиштан, балки барои машқи хат (хушнависӣ) низ истифода кардан мумкин аст. Навиштани ҷумларо супориш дода, ба назди бачагон меравем ва тарзи нишасту навиштани онҳоро назорат мекунем. Мафҳумҳои "тоҷикон" ва "тоҷикистониён"-ро шарҳ медиҳем. Агар дар синф намояндагони дигар миллатҳо бошанд, бо ишора ба онҳо фаҳмондани мафҳуми дуюм осонтар мешавад.

7. Ҷамъбаст/арзёбӣ. Барои арзёбии азхудкунии луғати нав саволгузорӣ мекунем: *Ҳодисаи нохуш чист? Кӣ мисол меорад? "Аввалин" чӣ маъно дорад? Чароғаки худкор чӣ маъно дорад?* Ба салоҳиятҳои инкишофи тафаккур (калимасозӣ аз ҳиҷоҳои пароканда, хондани ребусҳо) аз рӯйи иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ баҳо мегузорем. Дар санҷиши рӯйбардор кардани ҷумла ҳам салоҳияти бе хато ва хоно навиштан, ҳам фаҳмиши маънои ҷумларо ба назар мегирем. Боз ҳам таъкид мекунем, ки риояи қоидаҳои роҳгардӣ хеле муҳим аст. Шеърҳои азёдкардаро такроран мехонем. Ба ҳама барои донотару қобилтар шуданашон офарин мехонем.

## Дарсҳои 9 - 10
## Мавзӯъ: Норак. Об ва рӯшноӣ. Гардиши об.
## Мавқеи истифодаи ҳарфи "й" дар охири калима.

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.**

**1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**

- роҷеъ ба аҳаммияти об дар зиндагӣ маълумоти аввалин пайдо кунанд;
- шеърро бурро хонда тавонанд;
- мазмуни матни шунидаро фаҳманд;
- ҷумлаҳоро бо рияои оҳанг хонда тавонанд;
- муҳимтарин калимаҳоеро, ки ду тарзи навишт доранд, донанд;
- ба ҷойи нуқтаҳо ҳарфҳои заруриро гузошта, калимаро хонанд ва нависанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникии шунидани сабти овозӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Барои мустаҳкам кардани донишҳое, ки бачагон то имрӯз омӯхтаанд, бо роҳи саволдиҳӣ боғҳои гузаштаро ба ёд меорем. Саволҳоро чунин тартиб додан мумкин аст:

– *Бачаҳо, ҳоло мо дар кадом боғ сайругашт мекунем? (Шаҳр);*

– *Шумо кадом шаҳрҳоро медонед? (Душанбе...);*

– *Пештар дар кадом боғ будем? (Деҳа);*

– *Мо дар боғи Ҳайвонот ҳам будем? (Ҳа);*

– *Дар боғи Ҳайвонот кадом ҳайвонҳоро дидем? (номбар мекунанд);*

– *Ёд доред, дар боғи Бӯстон ҳам будем, дарахтони мевадору бемева ва гулҳоро шинохтем? (Ҳа);*

– *Дарахати зиндагиро пайбо кардем? (Не, ниҳолашро ёфтем – он дониш аст);*

– *Дар боғи мактаб кӣ ва чиҳоро дидем? (Устод, синф, миз, курсӣ...);*

– *Боғи дигар чӣ ном дошт? (Хона);*

– *Боғи аввалин кадом буд? (Оила).*

Ҳангоми мушкилӣ ва ё ҷавоб надодан ба бачагон ёрӣ расонда, худамон ба хотирашон меорем. Ёдрас мекунем, ки донистани ин чизҳо барои дарсҳои оянда ва гирифтани калиди боғи дигар бисёр муҳим аст.

2. Фаҳмидани калимаву ибораҳои шеъри "Норак" шояд барои бачагон мушкил бошад. Муҳимтар аз ҳама бурро хондани шеър ва дарки маънои умумии он аст: Норак як шаҳри ҷавон (нав) аст, дар наздикии он обанбари Норак сохта шудааст, аз об барқ (нур) истеҳсол мекунанд ва мо онро барои равшан кардан, гарм кардан, пухтан, либос шустан, телевизор тамошо кардан ва ғайра истифода мекунем. Шеърро бурро хонед ва маънидод кунед ва сипас онро барои хониши мустақилона ба бачагон супориш диҳед.

3. Истифодаи ҳарфи "й"-ро дар охири калимаҳо (саҳ. 122) шарҳ медиҳем. Ба бачагон мефаҳмонем, ки баъзе калимаҳо ду тарзи навишт ва талаффуз доранд. Пас аз он ки бачагон қоидаро дар дафтарҳо менависанд, илова мекунем, ки ҳангоми ба ин гуна калимаҳо пайваст шудани калимаи дигар ҳарфи "й" ҳамеша навишта мешавад (ин ибораҳоро ҳангоме ки бачагон машқро мустақилона иҷро мекунанд, дар тахтаи синф нависед): *сӯйи мактаб, ҷӯйи калон, бӯйи хуш, рӯйи зебо, мӯйи дароз, пойи рост, ҷойи якум.* Ҳамчунин, аз бачагон мепурсем, ки дар шеър аз ин гуна калимаҳо ҳаст ё не (сӯ)?

4. "Об аз куҷо меояд?". Дар ин синну сол дар бачагон ҳисси кунҷковӣ пайдо мешавад. Онҳо дӯст медоранд, ки аз калонсолон ҳамеша пурсанд: *Мошин чӣ хел роҳ меравад? Хонаи офтоб дар куҷост? Абр чӣ хел ба замин наафтида, дар осмон меистад? Осмон дар куҷо тамом мешавад? Чӣ хел баррача бе либос хунук намехӯрад? Ва ғайра.* Аз имкон берун нест, ки чанде аз онҳо дар бораи об низ бисёр чизҳо пурсида бошанд. Ин матн бачагонро бо ҳодисаҳои табиат, аз ҷумла, гардиши об бо забони содаи кӯдакона ошно месозад. Сабти овозии ин матн дар диск мавҷуд аст. Онро шунавонед ва ё худатон хонед. Такроран шунавонидан ва хондани он низ мумкин аст. Дар зимн баъзе калимаҳои душворро шарҳ медиҳем (*буғ, табиат, шакл, водӣ, гардиш).* Сипас, бозгӯйи маънои матнро супориш медиҳем.

5. Иҷрои машқи хат оид ба хушнависии ҳарфи "ӣ" низ, мисли ҳарфи "ъ" диққати махсусро талаб мекунад. Мавҷуд набудани шакли калони ин ҳарф нишон медиҳад, ки он дар аввали калима намеояд. Фарқи ҳарфи "ӣ" аз "ъ" он аст, ки ин ҳарф дар мобайни калима низ навишта намешавад. Хеле муҳим аст, ки бачагон дар навишт ҳарфҳои "й" ва "ӣ"-ро аз ҳамдигар фарқ карда тавонанд. Дар зимн зарбулмасалҳои барои навиштан пешниҳодшударо шарҳ медиҳем.

6. Лаҳзаи дамгирӣ ташкил мекунем. Ҳама гуна навъҳои бозиро барои лаҳзаи дамгирӣ интихоб кардан мумкин аст, ба ғайр аз навиштан, зеро пас аз ин лаҳза бачагонро боз як машқи навиштан дар пеш аст.

7. Номи шаҳру ноҳияҳо. Дар ин қисмат номҳои баъзе шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон оварда шудаанд. Ба ҷойи нуқтаҳо бачагон бояд садоноки лозимаро ёфта нависанд: *Норак, Ҳисор, Хуҷанд, Кӯлоб, Хоруғ, Рашт, Дарвоз.* Ба ин гурӯҳи калимаҳо омӯзгор метавонад номи шаҳр ё ноҳияеро, ки мактаб дар он ҷойгир аст, илова кунад. Агар бачагон дар ёфтани номи шаҳру ноҳияҳо мушкилӣ кашанд, ба онҳо ёрӣ мерасонем.

8. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Салоҳиятҳои шунидан, хондан, гуфтанро тибқи қоидаҳои маъмул месанҷем. Ба салоҳиятҳои инкишофи тафаккур ва навиштории хонандагон аз рӯйи иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ баҳо медиҳем. Дарсро бо суҳбати озод дар бораи об ва аҳаммияти он дар зиндагӣ, сарфакорӣ кардан, тоза нигоҳ доштани он, оби ҷӯй ё ноҷӯшондаро нахӯрдан ва ғайра, Ҳамчунин, ёдрас кардани калимаҳое, ки ду тарзи навишт доранд, ҷамъбаст мекунем. Таъкид мекунем, ки имрӯз низ хуб кор кардем ва боз як қадами дигар ба сӯйи боғи навбатӣ гузоштем.

**Дарсҳои 11-12**
**Мавзӯъ: Калима ва ҳиҷо. Ҷойи зисти мо.**
**Кумаку ёрӣ ба ҳамдигар – нишони ҷавонмардӣ.**

**Салоҳиятҳо:**
**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**
**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**
**1. 2. 1. Дар вазъиятҳои муайян (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**
**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**
**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**
- калимаҳои се ва чорҳиҷоиро ба ҳиҷоҳо дуруст ҷудо карда тавонанд;
- ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои заруриро гузошта, ҷумла тартиб дода тавонанд;
- мазмуни матни шунидаро медонанд ва бо ҷумлаҳои сода нақл кунанд;
- моҳияти ба ҳамдигар дасти ёрӣ дароз карданро фаҳманд;
- калима ва ифодаҳои навро шиносанд ва бо калимаҳои маъмулӣ маънидод кунанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникии шунидани сабти овозӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**
1. Оғози дарс. Суҳбатро роҷеъ ба об такрор мекунем. Дар бораи Норак ва аз об ҳосил шудани барқ нақл мекунем. Тарзҳои навишти калимаҳои *сӯй/сӯ, ҷӯй/ҷӯ, бӯй/бӯ, рӯй/рӯ, мӯй/мӯ, пой/по ва ҷой/ҷо*ро бори дигар ба ёд меорем. Таъкид мекунем, ки саёҳати мо дар шаҳр идома дорад.
2. Дар машқи калима ва ҳиҷо номи шаҳрҳое омадаанд, ки аз се ё чор ҳиҷо иборатанд. Иҷрои ин супоришро дар гурӯҳҳо ташкил кардан мумкин аст. Бачагонро ба се гурӯҳ ҷудо карда, ба ҳар гурӯҳ иҷрои як сатрро супориш медиҳем. Бачагон аввал калимаҳоро бо ҳиҷоҳо мехонанд, Сипас, онҳоро ҳамчун як калимаи том талаффуз мекунанд.
3. Ҳар кас дар дил меҳри зодгоҳро мепарварад, барои ҳар кас, пеш аз ҳама, маҳалли худаш, мактаби худаш азиз аст. Бо навиштани ҷумлаҳое, ки дар ду шакл пешниҳод шудаанд, бачагон ин меҳри худро нисбат ба зодгоҳ бо ҷумлаҳо ифода мекунанд. Вобаста ба маҳалли зист ва макони ҷойгиршавии мактаб ба бачагони худ иҷрои яке аз ин ду қисматро супориш диҳед. Ба ҷойи нуқтаҳо номи маҳалро нависед. Ин супоришро ҳамчун иҷрои машқи хат пешниҳод кунед. Ҳангоми навиштани ҷумлаҳо тарзи нишаст ва зебонависии бачагонро назорат кунед. Пас аз анҷоми супориш чанде аз бачагон ҷумлаҳои навиштаи худро аз дафтар мехонанд.

4. Матни “Ман ҳам калон шудам” аҳаммияти тарбиявӣ ва ахлоқӣ дорад. Ба ду чиз махсус таъкид кунед: ҳангоми аз роҳ гузаштан эҳтиёт шудан, аз калонсолон хоҳиш кардан, ки ба бачагон дар ин кор ёрӣ диҳанд ва дасти ёрӣ дароз кардан ба ҳамаи муҳтоҷон. Ин матн ҳисси ифтихор аз калонтару донотару мустақил шуданро дар бачагон тақвият медиҳад. Сабти овозии матн дар диск мавҷуд аст. Онро чанд маротиба шунавонед ё хонед. Пас аз шунидани матн ба бачагон маънои калимаву ибораҳои душворфаҳмро, ки дар луғат оварда шудаанд, шарҳ медиҳем. Сипас, бачагон матнро худашон мехонанд. Хониши умумиро бо роҳи ба қисмҳо ҷудо кардани матн ташкил кунед: як хонанда хонданро сар мекунад, хонандаи дигар давом медиҳад.

5. Барои пурратар аз худ кардани мазмуни матн ва инкишофи тафаккури бачагон саволҳои баъди матн омадаро ба бачагон пешниҳод мекунем. Аввал аз бачагон хоҳиш мекунем, ки қисми охири матнро бори дигар хонанд. Баъд мепурсем, ки кадом калимаҳо бо ранги сурх навишта шудаанд ва онҳо чӣ маъно доранд. Кӯшиш мекунем, ки бачагон худашон фикрашонро баён кунанд. Дар охир андешаҳои онҳоро ҷамъбаст мекунем.

6. Барои иҷрои машқи хушнависии ҳарфи “я” тибқи қоида 15 – 20 дақиқа вақт ҷудо карда, иҷрои онро дар дафтари машқ назорат кунед.

7. Ҷамъбаст ва арзёбии дарсро аз такрори номи шаҳрҳои гуногуни Тоҷикистон оғоз карда, бо тартиб додани саволҳо роҷеъ ба матни “Ман ҳам калон шудам” идома додан мумкин аст:

– *Мансурҷон аз куҷо меомад? (аз мактаб);*
– *Ҳар рӯз ӯ чӣ хел аз роҳ мегузашт? (аз калонсолон хоҳиш мекард, ки ёрӣ диҳанд);*
– *Ӯ дар сари роҳ киро дид? (мӯйсафедро);*
– *Муйсафед чӣ хел буд? (нобино);*
– *Мансурҷон чӣ кор кард? (ба мӯйсафед ёрӣ дод, аз дасти мӯйсафед гирифта, ӯро аз роҳ гузаронд);*
– *Мӯйсафед чӣ гуфт? (дуои нек кард, “барака ёбӣ” гуфт, “раҳмат ба устоду падарат” гуфт);*
– *Мансурҷон чӣ фикр кард? (фикр кард, ӯ ҳам калон шудааст).*

Салоҳиятҳои дигари хонадагонро аз рӯйи иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ месанҷем.

Ба ҳама офарин мехонем.

## Дарсҳои 13-14

### Мавзӯъ: Ҷамъбаст ва арзёбии боби Шаҳр.

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**
**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**
**1. 3. 3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.**
**1. 4.3. Фикри худро дар қолаби матни хурд (на камтар аз се ҷумлаи сода) менависад.**

**Мақсади дарс:**

- хусусиятҳои шаҳру деҳаро фаҳманд, умумият ва фарқи онҳоро гуфта тавонанд;
- мафҳумҳои марбут ба шаҳру деҳаро гурӯҳбандӣ карда тавонанд;
- истифодаи ҳарфи калонро дар аввали номи шаҳрҳо, кӯчаву хиёбонҳо ва дигар ҷойҳои маъмурӣ донанд ва риоя кунанд;
- мафҳумҳои асосии дарсҳои гузаштаро ба хотир оварда тавонанд;

- мазмуни матни шунидаро нақл карда тавонанд;
- персонажҳои ҳикояро дар нақшҳо бозӣ карда тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникии шунидани сабти овозӣ, дарвозаи рамзии боғ ва калиди рамзӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Ба бачагон бо ҳисси хушҳолӣ эълон мекунем, ки имрӯз сайругашти мо дар боғи Шаҳр ба охир мерасад ва мо метавонем калиди як боғи дигарро ба даст орем. Аммо барои ин донистану такрор кардани ҳамаи чизҳои омӯхтаамонро дар боғи шаҳр такрор кардан лозим аст. Мегӯем, ки имрӯз бо бобои Хирад суҳбат хоҳем кард. Агар бобои Хирад пурсад, ки дар боғи Шаҳр чиҳоро ёд гирифтед, киҳоро дидед, чӣ мегӯем? Бо ин роҳ муҳимтарин маводди таълимӣ ва тарбиявиро аз боби гузашта такрор мекунем.
2. Матнҳое, ки бо унвонҳои "Такрори боби Шаҳр" ва "Шаҳр ва Деҳа" омадааст, аслан фақат такрор нест (мисли ҳамаи матнҳои гузашта). Ин як навъ ҷамъбасти мавзӯи гузашта ва тайёр кардани бачагон ба мавзӯи оянда аст. Сабти овозии ин матнҳо дар диск ҳаст. Хеле хуб аст, ки матни онро бо истифода аз таҷҳизоти техникӣ шунавонем. Агар имконияти техникӣ набошад, омӯзгор онро бо риояи оҳанг мехонад. Барои таҳлили матни аввал худи омӯзгор ҳам метавонад аз бачагон пурсад, ки ба онҳо боғи Деҳа бисёртар маъқул шуд ё боғи Шаҳр. Ҳама андешаҳои хонандагонро қабул мекунем.
3. Ба суҳбати худ роҷеъ ба сайругашт дар боғи Шаҳр идома дода, таваҷҷуҳи шогирдонро ба мавзӯъҳои пешниҳодшуда дар охири саҳ. 126 ҷалб мекунем. Барои ташвиқи бештари онҳо ёдовар мешавем, ки ин суҳбатҳо барои ба даст овардани калиди боғи дигар хеле муҳиманд.
4. Матни "Шаҳр ва Деҳа" чанд аҳаммияти таълимӣ ва тарбиявӣ дорад. Аввалан, он хусусиятҳои шаҳру деҳаро ба бачагон равшан мекунад. Сониян, аввалин малакаҳои муқоиса карданро дар бачагон ташаккул медиҳад. Ниҳоят, мефаҳмонад, ки дӯстӣ беҳтарин асоси пешрафтҳо дар зиндагӣ аст, ҳамзамон бо ин роҳ бачагонро барои ворид шудан ба боғи навбатӣ – Дӯстӣ омода месозад. Сабти овозии матнро на камтар аз ду маротиба шунавонед (ё худатон хонед). Сипас, фаҳмиши мазмуни онро бо роҳи саволу ҷавоб мустаҳкам намоед.
5. Қисмати дигари кор бо ин матн ташкили хондани он бо иҷрои машқҳо аст. Барои иҷрои ҳар яке аз нақшҳо (гӯянда, шаҳр, деҳа) ду нафарро сафарбар кардан беҳтар аст, чунки матн нисбатан калонҳаҷм ва хастакунанда аст. Ҳамин тариқ, синфро ба гурӯҳҳои шашнафара ҷудо карда, байни онҳо нақшҳоро тақсим мекунем. Бачагон дар гурӯҳҳо мустақилона хондани онро бо овози паст иҷро мекунанд. Дар охир як ё ду гурӯҳ иҷрои машқро барои ҳама дар назди тахта намоиш медиҳад.
6. Ба бачагон барои саъю кӯшишашон офарин мехонем ва лаҳзаи дамгирӣ ташкил мекунем.
7. Инкишофи малакаҳои таҳлил ва муқоиса. Боз бачагонро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунем. Як гурӯҳ калимаву мафҳумҳоеро ҷамъ мекунанд, ки хусусиятҳои шаҳрро ифода кунанд, гурӯҳи дигар айнан чунин корро оид ба мавзӯи деҳа иҷро мекунад. Ҳангоми иҷрои ин супориш иҷозат медиҳем, ки саҳифаҳои даркории китобро боз кунанд, хонанд, ба ёд оранд ва якҷоя кор кунанд. Зимни иҷрои супориш ба назди бачагон рафта, ба кори онҳо ёрӣ мерасонем.
8. Машқи калимасозиро бо роҳи иҷрои амалҳои математикӣ супориш медиҳем. Калимаҳои сохташуда номи шаҳрҳои Тоҷикистонанд. Хеле хуб мешавад, ки барои сохтани калимаи ифодакунандаи номи шаҳру деҳаи худатон низ чунин мисол оред ва иҷрои онро супориш диҳед.
9. Арзёбии салоҳиятҳои бобро тибқи иҷрои ҳамаи супоришҳо дар ин дарс ва ба назар гирифтани фаъолияти бачагон дар дарсҳои пешина ба тариқи пур кардани ҷадвали зерин анҷом додан мумкин аст:

| Салоҳиятҳо | 3 | 2 | 1 |
|---|---|---|---|
| хусусиятҳои шаҳру деҳаро мефаҳманд, умумият ва фарқиятҳои онҳоро гуфта метавонад | | | |
| мафҳумҳои марбут ба шаҳру деҳаро гурӯҳбандӣ карда метавонад | | | |
| истифодаи ҳарфи калонро дар аввали номи шаҳрҳо, кӯчаву хиёбонҳо ва дигар ҷойҳои маъмурӣ медонад ва риоя мекунад | | | |
| мафҳумҳои асосии дарсҳои гузаштаро ба хотир оварда метавонад | | | |
| мазмуни матни шунидаро нақл карда метавонад | | | |
| персонажҳои ҳикояро дар нақшҳо бозӣ карда метавонад | | | |
| калима ва ҷумлаҳоро дуруст ва бе хато менависад | | | |

Барои арзёбии салоҳиятҳо шартан аз холгузорӣ истифода мекунем: 3 – хеле хуб, 2 – хуб, 1 – миёна. Ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи хонандаро қайд карда, роҷеъ ба он бо падару модарон суҳбат ташкил мекунем. Бачагонро табрик мегӯем, ки онҳо ҳамаи супоришҳоро хуб иҷро карданд ва шоистаи гирифтани калиди дигар шуданд. Дар дарси оянда сайругашт дар боғи дигар оғоз мешавад.

## БОБИ ДӮСТӢ (14 СОАТ)

Ба супориши Бобои Хирад таваҷҷуҳ кунед. Ин супориш барои фаҳмондани моҳияти дӯст ва дӯстӣ кӯмаки амалӣ мерасонад.

Бобои Хирад ба дасти Азизҷону Азиза калиди боғи «ДӮСТӢ»-ро дода, аз онҳо хоҳиш мекунад, ки барои худашон дар ин боғ як қасре созанд. Бачаҳо калидро гирифта, ваъда медиҳанд, ки ҳатман қасри зебо месозанд. Ин боғро мисраъҳои пандомӯзи устоди сухан – Мирзо Турсунзода ҳусни оғоз мебахшад. Мазмуни шеърро фаҳмонед, луғатҳоро шарҳ диҳед.

Матни «Рӯбоҳ ва лаклак» дар мисоли муносибати ҳайвоноти гуногун беасос будани муносибати дӯстиро нишон медиҳад. Хулосаи ин афсона барои дарки моҳияти дӯстӣ ёрӣ мерасонад. Тарзи кор бо ин матн дар қисмати «Инкишофи тафаккур» (саҳифаҳои 26-27) оварда шудааст. Сарфаҳм рафтан ба масоили дӯстӣ бо ҳикояти ду бузича идома мeёбад. Агар дар ҳикояти аввал рӯбоҳу лаклак ба сабаби ду ҳайвони гуногун буданашон (=ду одаме, ки характери гуногун доранд) бо ҳам дӯст нашуда бошанд, ин ҷо ду буз мунoқишаҳои байниҳамиро паси сар мекунанд ва риштаи дӯстӣ мебанданд.

«Дӯсти ҷонӣ» – чунин ном дорад афсонае, ки барои шинохти дӯстони ҷонӣ ёрӣ мерасонад. Бояд қайд кард, ки мазмуни он аз афсонаҳои халқи тоҷик гирифта шудааст. Аммо бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва ҷанбаҳои тарбия ва ташаккули шахсияти хурдсолон матни афсонаро каме тағйир ва такмил додем. Аз ҷумла, дар матни аслӣ ҷавон як гӯсфандро кушта, ба хонаи дӯстонаш меравад. Масъалаи куштор (чӣ одам, чӣ ҳайвон) ба бачагони хурдсол таъсири манфии равонӣ дорад. Бинобар ин, барои санҷидани дӯстон худро ба беморӣ задани ҷавон интихоб гардид. Ҳамчунин, афсона ба ду қисмат ҷудо шудааст. Аз як тараф, ҳаҷми афсона нисбатан калон аст. Аз тарафи дигар, бо ин роҳ ба ташаккули тафаккури хонандагон бо роҳи масъалагузорӣ (Дӯстони ҷониро чӣ хел санҷидан мумкин? Писари савдогар чӣ кор мекунад?) мусоидат мекунем. Яке аз ҳадафҳои муҳими ин афсона аз он иборат аст, ки хонандагон ба мафҳумҳои дӯстию рафоқат сарфаҳм меравaнд, дар дили онҳо ёфтани дӯстони ҷонӣ пайдо мешавад.

Матни «Шиносоӣ» як навъ истифодаи донишҳои бадастомада дар ҳаёти ҳамарӯза аст. Азизҷону Азиза баъд аз фаҳмидани мафҳуми дӯстӣ мехоҳанд, ки дӯсти нав пайдо кунанд.

Суҳбат (муколама)-и онҳо бо дӯсти навашон барои таҳкими одоби муошират ёрӣ мерасонад. Бачагон ба воситаи иҷрои нақшҳо бо ҳам шинос шуданро ёд мегиранд.

Такрори боб бачагонро ба оғози он, ба ёдовар шудани супориши бобои Хирад меорад. Аз суҳбати ширину пандомӯзи бобои Хирад бачагон мефаҳманд, ки дӯст дар зиндагӣ неъмати бебаҳост.

Машқҳои забонии ин боб аз гурӯҳбандии калимаҳо, аз ҳиҷоҳо сохтани калимаҳо, пурра кардани ҷумлаҳо, бозиҳои грамматикӣ ва ғайра иборатанд.

## Дарсҳои 1-2

### Мавзӯъ: Марҳабо, ба боғи Дӯстӣ. Гурӯҳбандии калимаҳо.

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи муайяни вазъиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои ду-сеамалаи таълимӣ) риоя мекунад.**
**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**
**1. 2. 1. Дар вазъиятҳои муайян (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**
**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**
**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- калимаву мафҳумҳои дар дарсҳои пешина азхудкардаашонро ба хотир оварда тавонанд;
- мафҳумҳои “дӯст” , “дӯст доштан” ва “дӯстӣ”-ро шарҳ дода тавонанд;
- шеърро бурро хонанд ва маънои онро бо ёрии устод шарҳ дода тавонанд;
- мазмуни матни шунидаро фаҳманд, ба саволҳо ҷавобҳои дуруст диҳанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникии шунидани сабти овозӣ, Дарвозаи рамзии боғ ва калиди рамзӣ, коғазпораҳо бо номи боғҳо: ОИЛА, ХОНА, МАКТАБ, БӮСТОН, ҲАЙВОНОТ, ДЕҲА, ШАҲР.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Ба такрори матни Шаҳр ва Деҳа бармегардем. Онро бори дигар шунавонидан мумкин аст. Ғояи асосӣ – ба ҳамдигар дӯст шудани шаҳру деҳаро таъкид мекунем. Ҷадвали пуркардаи шаҳру деҳаро боз аз назар мегузаронем. Ғояи асосии онро шарҳ медиҳем – бо вуҷуди гуногун будан шаҳру деҳа дӯст шуданд. Одамон ҳам ҳама гуногунанд, аммо бояд дӯст бошанд.
2. Матни суҳбати бобои Хирадро бо Азизҷону Азиза (саҳ. 129) мехонем (сабти овозӣ надорад). Моҳияти он низ бо ҳам дӯст мондани Азизҷону Азиза аст. Ба бачаҳо ёдовар мешавем, ки байни Азизҷону Азиза муноқиша (ҷанҷол) шуда буд – Азизҷон шаҳрро дӯст дошт ва онро таъриф мекард, аммо ба Азиза деҳа маъқул буд. Дар байни бачагони синф ҳам тарафдорони деҳа ва шаҳр буданд. Пас аз хондани ин матн ҳам аз ҷониби устод ва ҳам аз тарафи бачагон ба хулосае меоем, ки мо ҳама низ бо ҳам дӯст мешавем. Як писару як духтарро ба назди тахтаи синф даъват мекунем ва ба дасти онҳо калиди рамзиро медиҳем, то ки онҳо дарвозаи боғи Дӯстиро кушоянд.
3. Тезгӯякҳоро барои лаҳзаи дамгирӣ истифода мекунем. Онҳоро ҳам барои ҳама, ҳам яктоӣ ба гурӯҳҳо тақсим кардан мумкин аст. Шаклҳои гуногуни ташкили кор бо тезгӯякҳо ба салоҳдиди худи омӯзгор аст.
4. Гурӯҳбандии калимаҳо. Ин машқ бо чанд мақсад пешниҳод шудааст: Аввалан, бачагон бо ин роҳ боғҳои пешина ва маводди гузаштаро такрор мекунанд, сониян, хотираи

онҳо санҷида мешавад ва ниҳоят малакаҳои гурӯҳбандии калимаҳо тақвият меёбад. Бобҳои Шаҳр ва Деҳаро дарси гузашта таҳлил карда будем. Бинобар ин, иҷрои ин қисмати корро ба бачагони сустхон супориш медиҳем. Бобҳои дигарро байни бачагони боқимонда тақсим мекунем ва барои иҷрои ин супориш вақти муайян ҷудо мекунем. Ба ҳар гурӯҳ коғазпораҳои мувофиқро бо номи боғҳо тақсим мекунем. Бачагон метавонанд саҳифаҳои мувофиқи китоби дарсиро кушода, калимаву мафҳумҳои омӯхтаашонро ба ёд оранд ва барои тавсифи боғи худ нависанд. Ҳангоми иҷрои супориш ба назди бачагон рафта, кори онҳоро назорат мекунем, ёрӣ мерасонем. Дар охир ҳар як гурӯҳ (ё хонанда, агар супориш инфиродӣ тақсим шуда бошад) кори анҷомдодаи худро дар назди тахта намоиш медиҳад (менависад). Бачагони дигар ҳамаи калимаҳои дар тавсифи ҳар боб навишташударо ба дафтар мекӯчонанд. Дар натиҷа дар дафтари ҳар кас ҷадвали пурраи тавсифи боғҳо пайдо мешавад. Таъкид мекунем, ки ин саҳифаи дафтарро ба хотир гиранд, зеро он дар оянда даркор мешавад.

5. Кор бо сурат. Саволҳоро тавре мегузорем, ки бачагон мафҳуми "дӯстӣ"-ро бештар дарк кунанд. Бинобар ин, ғайр аз саволҳои маъмулӣ (дар расм киҳо ва чиҳоро мебинед) чунин саволҳоро низ пешкаш мекунем:

*– Ин расм аз расмҳои дигари боғҳо чӣ фарқ дорад? (расми дарвоза нест, дар расмҳои дигар фақат Азизҷону Азиза буданд, ин ҷо чор бача ҳаст ва ғ.);*

– *Кӣ мегӯяд, чаро дар паҳлуи Азизҷону Азиза боз як писараку духтарак пайдо шуд? (писарак – ҷӯраи Азиз, духтарак – дугонаи Азиза);*

– *Аз куҷо фаҳмидед? (онҳо аз дасти ҳамдигар дошта, роҳ мегарданд, мо фақат бо дӯстонамон чунин кор мекунем).*

Аз расм ба ҳаёти воқеии бачагон бармегардем. Аз ҳар кас мепурсем, ки кӣ бо кӣ бисёртар ҷӯраю дугона аст? Барои чӣ? Кӣ бо кӣ бисёртар бозӣ мекунад? Ғайр аз бачагони ҳамсинф боз кадом дӯстони шумо ҳастанд?

6. Матни супориши бобои Хирадро мешунавонем (сабти он дар диск мавҷуд аст) ё мехонем. Таваҷҷуҳи бачагонро ба супориши бобои Хирад ҷалб мекунем: ҳар кас бояд барои худаш дар боғи Дӯстӣ як қаср созад. Чӣ будани қасрро мефаҳмонем: хонаи калони бисёр хушрӯ. Ба бачагон таъкид мекунем, ки ин супориш ба онҳо низ дахл дорад. Агар касе гӯяд, ки мо хона сохта наметавонем, мефаҳмонем, ки ба онҳо кумак мекунем ё бобои Хирад инро ёд медиҳад. Сипас, матнро худи бачагон низ мехонанд.

7. Супориш медиҳем, ки ҷумлаи "Дар боғи Дӯстӣ барои худамон як қаср месозем"-ро дар дафтар нависанд ва дар хотир нигоҳ доранд.

8. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Ба салоҳиятҳои бачагон аз рӯйи ҷавобҳояшон ба саволҳо, иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ баҳо медиҳем. Бачагонро барои ба даст овардани калиди боғи Дӯстӣ бори дигар табрик мегӯем. Ба ҳама барои иштироки фаъолонаашон дар дарс офарин мехонем.

**Дарсҳои 3-4**
**Мавзӯъ: Васфи дӯстӣ.**

**Салоҳиятҳо:**
**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**
**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**
**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**
**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**
**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**
- мафҳумҳои маъмули абстрактиро дар доираи мавзӯъ дарк кунанд;
- шеърро бурро ва бо риояи оҳанг хонанд;
- калимаҳои навро маънидод карда тавонанд;
- мазмуни матни шунидаро фаҳманд ва бо ҷумлаҳои сода бозгӯ карда тавонанд;
- ба қоидаҳои рафтор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ риоя кунанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникии шунидани сабти овозӣ, расмҳои кӯза ва табақ, дафтари машқ,

**Равиши дарс**
1. Оғози дарс. Аз бачагон мепурсем:
*– Ҳоло мо дар кадом боғ ҳастем? (дӯстӣ);*
*– Аз ин пеш дар кадом боғ будем? (шаҳр);*
*– Супориши бобои Хирад чӣ буд? (сохтани қаср);*
*– Чӣ фикр мекунед, мо қаср сохта метавонем? (Хомӯшӣ).*

Таъкид мекунем, ки барои қаср сохта тавонистан нағз хондан ва ҳамаи супоришҳоро иҷро кардан лозим аст.
2. Саволҳое, ки дар саҳ. 131 гузошта шудаанд, барои фаҳмиши мафҳумҳои “дӯст”, “дӯстӣ” ва “муносибатҳои дӯстона” бо роҳи инкишофи тафаккур кумак мекунанд. Кӯшиш кунед, ки бачагон озодона фикри худро баён кунанд. Ба дарки мафҳумҳои додашуда бо чунин роҳ ноил мешавем:
*“ДӮСТ”: Мо танҳо бозӣ карда наметавонем, чунки зиқ мемонем, ақаллан ягон каси дигар буданаш даркор, барои бозӣ кардан одатан мо ҷӯраҳо ё дугонаҳои худро даъват мекунем, аз калонсолон хоҳиш мекунем, ки бо мо бозӣ кунанд ва ғайра.*
*“ДӮСТӢ”: Агар фаҳмем, ки дӯстамон бемор аст, мо зиқ мешавем, чунки диламон месӯзад, мехоҳем, ки тезтар сиҳаат шавад, боз бо мо бозӣ кунад, барои хабаргирӣ меравем.*
*“МУНОСИБАТИ ДӮСТОНА”: Вақте ҳис мекунем, ки мо ба ҳамдигар наздик шудаем, агар ягон кас хафа кунад, тарафдорӣ мекунем. Ҳар гоҳ модарамон ба мо ягон чизи нағз пазад, падарамон ягон чизи нағз харад, бародар ё хоҳарамон моро ҷое барад, дӯстамон бозичаашро ба мо диҳад...“нағз мебинам” мегӯем.*
3. Байтҳои устод Мирзо Турсунзодаро бурро хонда, маънидод мекунем. Бачагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, яктоӣ барои аз ёд кардан ва дар дафтари машқ навиштан супориш медиҳем. Калимаҳои мушкил дар луғат шарҳ дода шудаанд, бачагон метавонанд онҳоро ба дафтар кӯчонда, маънояшонро ба хотир гиранд.
4. Афсонаи “Рӯбоҳ ва лаклак”, ки хеле маъмул аст, нишон медиҳад, ки на ҳама бо ҳам дӯст шуда метавонанд. Ин афсона як навъ бозгӯйи ин байти машҳур аст:

*Кунад ҳамҷинс бо ҳамҷинс парвоз,*
*Кабӯтар бо кабӯтар, боз бо боз.*

Сабти овозии афсона дар диск мавҷуд аст. Шунавонидани он ҳам барои шавқовар кардани иҷрои супориш ва ҳам барои нақшҳоро бозӣ кардани бачагон ёрӣ мерасонад. Агар воситаҳои техникӣ мавҷуд набошад, онро омӯзгор бо риояи оҳанг (дигар кардани интонатсия ҳангоми иваз шудани персонажҳо) мехонад. Ин афсонаро бо роҳи ташкили саҳнача низ нишон додан мумкин аст. Барои ин аз табақу кӯза (ё ақаллан расмҳои он, ё шаклҳои коғазии он) истифода кунед. Як кас рӯбоҳ мешавад, як кас лаклак. Бачагон суханҳои персонажҳоро бо забони содаи худ иваз карда метавонанд.

5. Саволҳои дар охири афсона пешниҳодшуда аз рӯйи мақсад ва тарзи ҷавоб ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: ҷавобҳои саволҳои якуму сеюм дар худи матн ҳастанд, аммо барои ҷавоб додан ба саволҳои дуюму чоруму панҷум бачагон бояд фикр кунанд. Кӯшиш кунед, ки ҷавобҳоро худи бачагон ёбанд: *Лаклак нӯли дароз дорад, бинобар ин, аз табақ хӯрок хӯрда наметавонад. Рӯбоҳ бо даҳонаш хӯрок мехӯрад, даҳону сари ӯ ба кӯза намедарояд. Дӯстии онҳо аз байн рафт, чунки онҳо ҳайвонҳои гуногун бо хислатҳои гуногун ҳастанд, ҳамдигарро нафаҳмиданд.* Чунин тарзи кор барои инкишофи тафаккури бачагон, ташаккули малакаҳои муқоисакунӣ ва хулосабарорӣ кумак мекунад.

6. Диққати бачагонро ба зарбулмасали “Ками маро ба ҷойи зиёд қабул намо”, ки аз забони рӯбоҳ гуфта шудааст, ҷалб мекунем. Маъно ва мавқеи истифодаи онро шарҳ медиҳем. Бачагон ин зарбулмасалро ба дафтар менависанд.

7. Ҷамъбаст ва арзёбӣ. Дарсро бо санҷиши дарки маънои мафҳумҳои “дӯст”, “дӯстӣ” ва “муносибатҳои дӯстона” бо роҳи саволгузорӣ ва шарҳдиҳӣ шурӯъ мекунем. Аз ёд кардани байтҳои устод Турсунзода дар бораи дӯстӣ барои санҷидани салоҳиятҳои хотира ва хониши бурро истифода мешавад. Моҳияти афсонаи “Рӯбоҳ ва лаклак”-ро бо роҳи саволу ҷавоб ҷамъбаст ва арзёбӣ мекунем. Салоҳиятҳои фаҳмиши луғат ва навиштан аз рӯйи иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ санҷида мешаванд.

## Дарсҳои 5-6
## Мавзӯъ: Дар ситойиши дӯст ва дӯстӣ

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**
**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**
**1. 3. 3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.**
**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**
- хислатҳои хуби инсониро дарк кунанд;
- бо кӣ дӯстӣ кардан ва дӯстонро чӣ тавр ситойиш карданро ёд гиранд;
- мазмуни матни шунидаро бозгӯ карда тавонанд;
- матнро дар нақшҳо бо риояи оҳанг хонда тавонанд;
- ҷумлаҳоро дуруст ва хоно навишта тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникии шунидани сабти овозӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Ба матни “Рӯбоҳ ва лаклак” бармегардем. Онро бори дигар мешунавонем ва ё мехонем.

2. Дар ин дарс ду шеър оварда шудааст: яке – “Ҷӯраи мо”, дигаре – “Дугонаҳо”. Аввал сабти овозии ҳар ду шеърро барои хонандагон шунавонед ва ё худатон хонед. Сипас писаронро сенафарӣ ва духтаронро чорнафарӣ ба гурӯҳҳо тақсим карда, шеъри якумро якпорчагӣ байни писарон ва шеъри дуюмро якпорчагӣ байни духтарон тақсим кунед. Байни писарону духтарони синф мусобиқаи хониши бурро ташкил кунед. Барои ин вақти муайяе ҷудо кунед (10 дақиқа). Дар ин муддат ҳар кас порчаи худашро мустақилона мехонад. Ба тариқи намуна аз ҳар гурӯҳ хоҳишмандонро ба назди тахтаи синф даъват карда, хондани бурроии шеърро супориш диҳед. Кадом гурӯҳ ғолиб омаданашро худи бачагон муайян мекунанд.

3. Бачагон баъди кор бо шеър хаста мешаванд, бинобар ин, лаҳзаи дамгирӣ ташкил мекунем.

4. “Ду бузича”. Пеш аз шунавонидан (сабти овозии матни ин афсона дар диск мавҷуд аст)-и матни ин афсона афсонаи “Рӯбоҳ ва лаклак”-ро бори дигар ба ёди бачаҳо оварда, мепурсем, ки сабаби то охир дӯст намондани онҳо чӣ буд (онҳо ҳайвонҳои гуногун буданд). Сипас, мепурсем, ки оё бачагон бо дӯстони худашон ягон бор қаҳрӣ шудаанд? Барои чӣ қаҳрӣ шудаанд? То охир ҳамин хел қаҳрӣ монданд, ё боз дубора дӯст шуданд? Баъд аз ташкили чунин суҳбат матнро мешунавонем ва ё мехонем. Ин матн бо маҳорати баланди иҷрои нақшҳо аз ҷониби ҳунармандон сабт шудааст, ки шунидани он ҳам бачагонро шавқманд мекунад, ҳам фаҳмидани мазмуни афсонаро хеле осон мегардонад.

Ҳадафи асосии афсона нишон додани он аст, ки якравию гапнодарой хислатҳои бад аст ва он ҳеҷ гоҳ инсонро хушбахт намекунад. Ҳар кас бояд аз оқибати кори худ андеша кунад. Муҳимтар аз ҳама, аз хатоҳои худ рӯҳафтода нашуда, кӯшиш кардан лозим аст, ки дар оянда онҳо такрор нашаванд. Ҳамдигарро бахшидан, риштаҳои дӯстиро накандан – ин ғоя аз суханҳои охирини персонажҳо ва хулосаи гӯянда бармеояд. Тавре мулоҳиза мекунед, ин афсонаи қадимаи халқӣ буда, барои шавқовартар шуданаш матни он барои кӯдакон ва иҷрои нақшҳо мутобиқ сохта шудааст. Дар саҳ. 135 чанде аз калимаҳои матн шарҳ ёфтаанд, онҳоро ҳангоми хондан ё шунидани матн фаҳмонед.

5. Пас аз шунидани афсона ва бозгӯйи мазмуни он бачагон онро дар нақшҳо иҷро мекунанд. Нақши гӯянда мушкилтар аст, бинобар ин, онро ба ду нафар тақсим кардан беҳтар аст. Дар мавридҳои зарурӣ сухани гӯяндаро кӯтоҳтар кардан ҳам мумкин аст: *1. Баҳорон буд. Ду бузича дар ду тарафи ҷӯй мечариданд. Номашон Доնояк ва Балояк буд. 2. Доնояк ба назди Балояк омадан хост. Аммо Балояк ҳам ба тарафи Доնояк рафт. 3. Онҳо ҳамин хел ба ҳамдигар роҳ надоданд ва ба даруни ҷӯй афтоданд. 4. Онҳо тавба карданду боз дӯст шуданд.*

Иҷрои нақшҳоро якчанд гурӯҳ дар назди тахта намоиш дода метавонад. Барои ҳар гурӯҳ кафкӯбӣ мекунем.

6. Ду ҷумлаи охирини афсона пандомӯз аст. Онро барои бачагон бори дигар фаҳмонда, мақоли саҳ. 135-ро (Ҷони нодон – дар азоб) барои навиштан ва аз ёд кардан супориш медиҳем ва маънои онро шарҳ медиҳем.

7. Пеш аз он ки навиштани ҷумлаи охири дарсро супориш диҳем, дар бораи китоб ва аҳаммияти он дар зиндагӣ суҳбат ташкил кунед. Фаҳмонед, ки мо ҳамаи он чизҳо ва донишҳоеро, ки аз худ кардем, ба шарофати китоб ва китобхонӣ аст. Бинобар ин китоб ҳам дӯсти инсон аст, ҳарчанд ки забон надорад.

8. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Ду ҷиҳати муҳими дарсро дар ҷамъбасти он таъкид кардан бамаврид аст: интихоби дӯст ва дурӣ ҷустан аз нодонӣ, гапнодарой ва якравӣ. Ин корро бо роҳи саволу ҷавоб, баргаштан ба хониши шеъри Мирзо Турсунзода аз дарси гузашта ва такрори муҳимтарин ҷиҳатҳои афсонаи “Ду бузича” ташкил кунед. Салоҳиятҳои навиштани хонандагонро аз рӯйи иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ санҷед.

**Дарсҳои 7-8**

**Мавзӯъ: Гурӯҳбандии калимаҳо. Дӯсти ҷонӣ.**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**
**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**
**1. 3. 3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.**
**1. 4.3. Фикри худро дар қолаби матни хурд (на камтар аз се ҷумлаи сода) менависад.**

**Мақсади дарс:**
- мафҳумҳои маъмулии абстрактиро доир ба мавзӯи дӯстӣ дарк кунанд;
- ҳисси дӯстиро бо ҳамсабақони худ тақвият диҳанд;
- мазмуни матни шунидаро фаҳманд;
- салоҳиятҳои аввалини пешгӯйӣ карданро ба даст оранд;
- калимаҳоро аз рӯйи таъйиноташон гурӯҳбандӣ карда тавонанд;
- ҷумлаҳоро дуруст ва хоно навишта тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникии шунидани сабти овозӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Муҳтавои дарси гузаштаро ба ёд меорем. Мазмуни асосии афсонаи “Ду бузича”-ро ба ёд оварда, аҳаммияти дӯст ва дӯстиро дар зиндагӣ бо ҷумлаҳои сода шарҳ диҳед. Аз бачагон бори дигар хондан (агар касе азёд карда бошад, аз ёд гуфтан)-и шеърҳои “Ҷӯраи мо” ва “Дугонаҳо”-ро хоҳиш кунед. Барои онҳое, ки шеър (ё порае аз он)-ро аз ёд кардаанд, кафкӯбӣ кунед.
2. Бозие, ки барои гурӯҳбандии калимаҳо оварда шудааст, барои инкишофи тафаккури бачагон мусоидат мекунад. Моҳияти бозиро фаҳмонед: бачагон калимаҳоеро, ки аз ҷиҳати маъно ба ҳам хеле наздиканд, якҷоя нависанд. Масалан, мепурсем: - *Калимаи якум кадом аст? – Модар. Дар паҳлуи модар кӣ буда метавонад? – Падар. Офарин, калимаҳои модар ва падарро паҳлуи ҳам менависем: модару падар. –Калимаи дуюм кадом аст? – Тарбуз. – Ба тарбуз чӣ аз ҳама бештар наздик аст? – Харбуза. – Офарин. Менависем: Тарбузу харбуза.* Ҷуфти калимаҳоеро, ки шарҳ додем, аз қатори калимаҳои додашуда ҷудо карда, иҷрои гурӯҳбандии калимаҳои дигарро ба бачагон супориш медиҳем. Бачагон метавонанд ин корро дар гурӯҳҳои дунафара (бо ҳамнишинони худ) иҷро кунанд. Гурӯҳе ғолиб аст, ки аз ҳама пеш ва бехато иҷро кунад. Шакли пурраи иҷрои кор чунин аст: *модару падар, тарбузу харбуза, гову гӯсфанду буз, шафтолую себу анор, беду сафедору арча, бародару хоҳар, китобу дафтар, гургу рӯбоҳу шағол, қаламу коғаз, мусичаю кабӯтар, гунҷишку булбул.* Дар охир шакли ниҳоии ин корро дар тахтаи синф менависем, бачагон метавонанд мустақилона навиштаҳои худро санҷида, хатоҳояшонро ислоҳ кунанд. Дар ҷараёни санҷишу ислоҳи навиштаҳо ба назди бачагон рафта, кори онҳоро назорат мекунем.
3. Афсонаи “Дӯсти ҷонӣ” аз афсонаҳои халқи тоҷик буда, барои шинохти дӯстон маводди хуби таълимӣ ва тарбиявӣ медиҳад. Афсона каме такмил ёфтааст. Дар матни асл ҷавон барои санҷиши дӯстони худ гӯсфандеро кушта, ҷасади онро ба ҷувол андохта, ба назди дӯстонаш меравад ва мегӯяд, ки ман як душмани қаттол доштам, ки ҳамеша аз ӯ ҷонам дар азоб буд. Ҳоло ӯро куштам ва ҷасадаш дар ҳамин ҷувол аст, ба ман ёрӣ деҳ, ки онро дар ягон ҷой гӯр кунем, ки ҳеҷ кас нафаҳмад. Тибқи қоидаҳои таълифи китоби дарсӣ, барои бачагони хурдсол пешниҳод кардани куштор дар ҳама шакл ва ҳатто тасвири ҳайвонҳои бадҳайбату даҳшатнок қатъиян мумкин нест. Мутаассифона, дар китобҳои

пешин ва шояд дар китобҳои дарсии синфҳои 2, 3, 4 чунин норасоиҳо бошанд. Аз ҳамаи шумо, омӯзгорони азиз, эҳтиромона хоҳиш мешавад, ки дар сурати истифода аз китобҳои пешин ё дучор омадани чунин ҳолат дар китобҳои дигар онҳоро ба тарзи дигар пешниҳод кунед ва ё аз таълими чунин мавзӯъҳо сарфи назар кунед. Афсона ба ду қисм ҷудо шудааст ва ҳар ду қисми он сабти алоҳидаи овозии худро дорад ва дар номгӯйи матнҳои диск бо унвони "Дӯсти ҷонӣ", қисми 1 ва "Дӯсти ҷонӣ", қисми 2 зикр шудааст.

Сабти овозии қисми аввали афсонаро мешунавонем ва ё худамон мехонем (метавонед такроран шунавонед ва ё хонед). Мазмуни онро бачагон бозгӯ мекунанд.

4. Бо роҳи саволу ҷавоб ва расонидани ёрӣ ба бачагон мафҳумҳои "дӯсти ҷонӣ", "дӯсти нонӣ", "дӯсти забонӣ"-ро мефаҳмонем. Пас аз фаҳмондани ин мафҳумҳо ба бачагон супориш медиҳем, ки давоми афсонаро худашон фикр кунанд: Писари он мард барои санҷидани дӯстони худ чӣ кор мекунад? Охири афсона чӣ мешавад?

5. Хушнависии ҳарфи "ӯ"-ро, ки ба мавзӯи дӯстӣ мувофиқ аст, анҷом медиҳем.

6. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Барои санҷидани хониши бурро хондани матнро ба тарзи бозӣ, ки дар саҳ. 137 оварда шудааст, ташкил кунед. Мазмуни қисми аввали афсонаро бо роҳи саволу ҷавоб ёдовар шуда, дар зимн салоҳиятҳои фаҳмиши матн ва калимаҳои навро месанҷем. Ба салоҳиятҳои навиштан ва инкишофи тафаккур (гурӯҳбандии калимаҳо) аз рӯйи иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ баҳо мегузорем. Бори дигар таъкид мекунем, ки ҳар кас охири афсонаро худаш фикр карда биёяд. Ба ҳама офарин мехонем.

**Дарсҳои 9-10**

**Мавзӯъ: Калима, ҳиҷо, ҷумла. Дӯсти ҷонӣ (қисми дуюм)**

**Салоҳиятҳо:**

**1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 1. Дар вазъиятҳои муайян (муоширaт бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**

**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**

**1. 3. 3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.**

**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**

- афсонаро аз дарси гузашта ба хотир оварда, нақл карда тавонанд;
- роҷеъ ба санҷиши дӯстон фикру андешаи худро баён карда тавонанд;
- қисми дуюми афсонаро гӯш карда, андешаҳои худро бо он муқоиса карда тавонанд;
- дар бораи дӯстони худ нақл карда тавонанд

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникии шунидани сабти овозӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Қисми аввали афсонаро бори дигар гӯш ва бозгӯ мекунем. Мафҳумҳои "дӯсти ҷонӣ", "дӯсти нонӣ", "дӯсти забонӣ"-ро бори дигар шарҳ медиҳем. Андешаи хонандагонро дар бораи охири афсона гӯш мекунем. Агар касе аз хонандагон давоми афсонаро аллакай дар хона хонда ё гӯш карда бошад, хоҳиш мекунем, ки ба суҳбат муваққатан дохил нашавад, аввал аз онҳое мепурсем, ки давоми матнро нахонда, фикри худашонро мегӯянд. Ҳамаи фикру андешаҳоро қабул мекунем.

2. Ба бачагон мефаҳмонем, ки албатта имрӯз бо охири афсона шинос мешаванд, аммо аввал бояд баъзе супоришҳоро иҷро кунанд. Машқи аз ҳиҷоҳои пароканда сохтани

калимаҳо барои хонандагон аллакай шинос аст. Онро бо роҳи ташкили мусобиқа иҷро мекунем. Хонандагон ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, машқро иҷро мекунанд. Таъкид мекунем, ки дар интихоби ҳиҷоҳо аз сутунҳои дуюму сеюм бодиққат бошанд. Барои ёрӣ расонидан ёдовар мешавем, ки ин калимаҳо дар матни қисми аввали афсона ҳастанд. Ҳамчунин ҳиҷоҳои як калима бо ранги ба ҳам монанд ишора шудаанд. Тарзи иҷрои кор: *маслиҳат, санҷидан, зиндадил, забонӣ.*

3. Ба бачагон офарин мехонем, ки супоришҳоро хуб иҷро карданд. Акнун вақти он расидааст, ки давоми афсонаро гӯш кунем. Сабти овозии афсонаро мешунавонем ё мехонем. Агар бачагон хоҳиш дошта бошанд, онро бори дуюм ҳам шунавонидан ва ё хондан мумкин аст. Ҳангоми бори дуюм хондан хоҳиш мекунем, ки ба матни китоб нигоҳ карда, гӯш кунанд. Маънои калимаҳои “пизишк” (духтур), “худро бемор вонамуд кардан” (худро ба беморӣ задан), “дилтанг шудан” (ғамгин шудан, зиқ шудан), “ҳақ ба ҷониби шумо” (гапи шумо рост будаст, шумо дуруст гуфтед) ва ғайраро, ки барои бачагон нофаҳмо аст, шарҳ медиҳем. Сипас, бозгӯйи матнро аз бачагон мепурсем. Шарт нест, ки як нафар аз аввал то охир онро нақл кунад, беҳтар аст сухани як нафарро дигар кас идома диҳад, зеро дар ин ҳолат ҳама бачагон ба нақли шарикдарси худ бодиққат гӯш медиҳанд.

4. Барои санҷиши он ки оё хонандагон ба моҳияти афсона сарфаҳм рафтаанд ё не, ба саволҳои гузошташуда (саҳ. 139) ҷавоб доданро супориш медиҳем. Зимнан, омӯзгор боз саволҳои дигарро низ метавонад илова кунад.

5. Дар дафтари машқ барои санҷиши салоҳиятҳои фаҳмиши матн супориши махсус ҷой дода шудааст. Дар як сутун калимаву ибораҳо ва ё ҷумлаҳо дода шуда, дар сутуни дигар маънои онҳо ё муродифҳои онҳо оварда шудааст. Бачагонро сатрҳои мувофиқро бояд бо тирчаҳо ба ҳам пайваст кунанд. Тартиби иҷрои ин фаъолиятро фаҳмонда, натиҷагирӣ кунед.

6. Машқи сохтани калимаҳоро аз ҳиҷоҳои додашуда (с. 137) дар дафтари корӣ иҷро мекунем ва месанҷем.

7. Инкишофи нутқи шифоҳӣ. Барои нақли мазмуни афсона (ба пуррагӣ) мусобиқа ташкил кунед. Шарт нест, ки як кас афсонаро аз аввал то охир нақл кунад: нақли як касро хонандаи дигар идома дода метавонанд. Бачагонро ба чунин тарзи кор омода кунед. Таъкид кунед, ки барои нақли як касро идома додан бо диққат гӯш кардан лозим аст. Ҳангоми нақл ба пайдарпайии ҷумлаҳо диққат диҳед. Агар касе дар нақл ба иштибоҳ роҳ диҳад, сарзаниш накунед, аммо аз дигарон хоҳиш кунед, ки иштибоҳро фаҳмонанд.

8. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Барои санҷиши азхудкунии калимаву ифодаҳои нав дар дафтари машқ супориши махсус дода шудааст. Онро хонандагон бо маслиҳат, дар гурӯҳ иҷро мекунанд. Салоҳияти ҳар як гурӯҳ ба ҳамаи аъзои гурӯҳ мансуб дониста мешавад. Барои санҷиши фаҳмиши матн ва салоҳияти бозгӯ кардан нақли афсонаро аз аввал (аз дарси гузашта) то охир бо роҳу саволу ҷавоб ташкил кардан беҳтар аст. Ҳамчунин, салоҳиятҳои навиштан ва калимасозиро тибқи иҷрои супоришҳои дигар дар дафтари машқ санҷед. Ҳамаро даъват мекунем, ки бо ҳамдигар дӯстони ҷонӣ шаванд. Ба ҳама офарин мехонем.

## Дарсҳои 11-12

**Мавзӯъ: Мавқеи истеъмоли ҳарфҳои “у”, “ӯ”, “и”, “ӣ”. Одоби шиносоӣ.**

**Салоҳиятҳо:**

1. 1. 2**. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**
**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**
**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**
**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- имлои ҳарфҳои “у”, “ӯ”, “и”, “ӣ”-ро дар калимаҳои дохили матн донанд ва риоя кунанд;
- одоби шиносоиро ёд гиранд ва риоя кунанд;
- суҳбатро дар нақшҳо бо риояи оҳанги сухан иҷро карда тавонанд;
- шеърро бурро хонда тавонанд;
- калимаҳои навро шиносанд ва маънидод кунанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникии шунидани сабти овозӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Такрори матни афсонаро барои шавқовар шуданаш бо дигар тарз ташкил мекунем: устод аввали ҷумларо мегӯяд, бачагон ҳама баробар давоми онро мегӯянд:

*Устод: - Буд, набуд...*
*Бачаҳо: - як мард буд.*
*У: - Ӯ як писар...*
*Б: - дошт.*
*У: - Як рӯз писараш...*
*Б: - гуфт/пурсид.*

Ҳамин тариқ, ҷумлаҳои асосии матнро якҷоя такрор мекунем.

2. Муҳимтарин ибораву ифодаҳои матнро бори дигар шарҳу тавзеҳ медиҳем: *Барои дӯст ҷонро фидо кардан – Ба хотири дӯст ба ҳама кор тайёр будан, ҳамон тавре ки падару модар барои фарзанд ҳама корро анҷом медиҳанд; Ҳақ ба ҷониби шумо (аст) – Гапи шумо рост аст, шумо дуруст гуфтед; Аз файзу баракати дӯстӣ баҳравар шудан – Дар фазои дӯстӣ хушбахтона зиндагӣ кардан.*
3. Тавре медонем, аз худ кардани имлои дурусти ҳарфҳои “у”, “ӯ”, “и”, “ӣ” барои бачагони хурдсол мушкил аст. Бинобар ин, машқҳои имлои ин ҳарфҳоро давра ба давра ва дар ҳамаи синфҳои ибтидоӣ ташкил кардан лозим меояд. Ба бачагон супориш медиҳем, ки ба матни саҳ. 138 (қисми дуюми афсона) баргарданд. Беҳтар аст дунафарӣ (бо ҳамнишинони худ) кор кунанд. Ба ҳар гурӯҳ навиштани калимаҳоро бо як ҳарф супориш медиҳем. Калимаҳое, ки ҳарфи “и” доранд, хеле зиёданд, аз ин рӯ таъкид кунед, ки барои ин ҳарф танҳо чор калима нависанд, кофист. Ҳамчунин, калимаҳоеро нависанд, ки ин ҳарф дар аввал ё дар мобайн омада бошад, яъне дар решаи калима бошад (бандаки изофӣ набошад). Барои ҳарфҳои дигар (“у”, “ӯ”, “ӣ”) низ навиштани чор калимаро супориш медиҳем. Омӯзгор зимни иҷрои супориш ба назди бачагон рафта, кори онҳоро дар дафтари машқ назорат мекунад.
4. Одоби шиносоӣ. Хеле муҳим аст, ки дар бачагони хурдсол аз ҳамон синни кӯдакӣ одоби муошират, аз ҷумла, одоби салом, муроҷиат ба калонсолон, тарзи ифодаи хоҳишу илтимос, риояи эҳтироми якдигар ва калонсолон, Ҳамчунин, одоби шиносоиро ташаккул диҳем. Мо борҳо шоҳидем, ки бачагон вақте ба мактаб меоянд, на бо шарикдарсон салому

алейк мекунанд, на бо устод, аммо вақте ки устод ба синф медарояд, ҳама аз ҷо хеста, салом мегӯянд. Шахсан мо зидди чунин низоми маъмулӣ нестем, аммо дар баробари ин бояд ёд диҳем, ки хурд ба калон салом мегӯяд, ҳар рӯз бо ҳамдигар одоби салому алейк ва хайрухушро риоя кунанд. Барои ин суҳбатҳои одӣ аз ҳаёти худи бачагонро дар саҳифаҳои китоб ҷой додаем, ки бо чанде аз онҳо аллакай кор кардем. Дар ин дарс вобаста ба мавзӯи дӯстӣ одоби шиносоӣ пешкаш мешавад. Қисмати аввали матнро (саҳ. 139) мехонем. Қисми дуюмро дар нақшҳо мехонем: онро ду писару як духтар иҷро мекунанд. Муколама хеле осон аст, бинобар ин, пас аз ду маротиба такрор кардани матни асл, аз бачагон хоҳиш мекунем, ки ба гурӯҳҳои сенафарӣ ҷудо шуда, бо номҳои худашон ин муколамаро бе истифода аз китоб иҷро кунанд.

5. Машқи хушнависиро тибқи қоидаҳои маъмул иҷро мекунем.
6. Матни "Дар хонаи Умедҷон" идомаи мавзӯи шиносоии Азизҷону Азиза бо Умедҷон аст.

Матнро мехонем, мазмунашро бозгӯ мекунем. Аз бачагон пурсед, ки оё онҳо ҳам, агар дӯсти наздикашонро бинанд ё ба хонаи наздиконашон раванд, хурсанд мешаванд? Чаро хурсанд мешаванд? Пас аз он ки суҳбатро дар ин мавзӯъ ҷамъбаст мекунем, ба иҷрои машқи навиштан меузарем. Аз рӯйи ин фаъолият салоҳияти бозгӯ кардани матнро месанҷем.

7. Байти машҳури Рӯдакӣ хулосаи суҳбатҳои мо роҷеъ ба дӯст, қадри ӯ, мавқеи дӯст дар зиндагии мо аст. Онро ҳам барои навиштан ва ҳам барои аз ёд кардан супориш медиҳем. Дар зимн калимаҳои дар луғат овардашударо шарҳ дода, мазмуни байтро мефаҳмонем. Дар айни замон салоҳиятҳои навиштан ва бурро хонданро месанҷем.

8. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Дар ҷамъбасти дарс ҳатман аз бачагон мепурсем, ки имрӯз Азизҷону Азиза бо кӣ шинос шуданд. Муколамаи шиносоиро ба тариқа намуна байни хонандагон ташкил карда, ба салоҳиятҳои одоби муошират, риояи суҳбат баҳо медиҳем. Салоҳиятҳои навиштан ва луғатдониро аз рӯйи иҷрои супоришҳои дафтари машқ месанҷем. Сипас, супориш медиҳем: то дарси дигар ҳар кас мустақилона рафта, аз синфи дигар бо як ё ду нафар шинос мешавад, ном, синф, номи падару модараш ва ҷойи зиндагии онҳо (кӯча, гузар)-ро мепурсад ва дар бораи он дӯсти наваш дарси дигар ба ҳама маълумот медиҳад. Аз бачагон мепурсем, ки бобои Хирад ба мо чӣ супориш дода буд? (Дар боғи Дӯстӣ қаср сохтан). Боз мепурсем: Мо қаср сохтем? (Аломати инкор). Мефаҳмонем, ки зиқ нашаванд, дарси оянда ҳатман қаср сохтанро ёд мегиранд.

## Дарсҳои 13-14
## Мавзӯъ: Ҷамъбаст ва арзёбии боби Дӯстӣ.

**Салоҳиятҳо:**

1. 1. 1. **Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи муайяни вазъиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои ду-сеамалаи таълимӣ) риоя мекунад.**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**

- мафҳумҳои абстрактии вобаста ба мавзӯъро дарк карда тавонанд;
- бо истифода аз ин мафҳумҳо ҷумлаҳои сода тартиб дода тавонвнд;
- мазмуни матни шунидаро бо ҷумлаҳои сода баён карда метавонанд;

- ҳарфҳои “и”, “ӣ”, “у” ва “ӯ”-ро дар калимаҳои шинос дуруст истифода бурда тавонанд;
- одоби муоширатро дар вазъияти шиносоӣ риоя карда тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникии шунидани сабти овозӣ, ҳарфҳои коғазии “Д”, “Ӯ”, “С”, “Т”, “Ӣ”.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Ин дарси ҷамъбастӣ ва арзёбии салоҳиятҳо аз боби Дӯстӣ аст, бинобар ин, дар ҳар фаъолият салоҳиятҳои алоҳидаи хонандагонро санҷида, барои худ қайд мекунем. Дарсро бевосита аз ёдрас шудани супориш – шинос шудан бо як ё ду нафар бачагони синфҳои дигар оғоз мекунем. Хоҳишмандонро даъват мекунем, ки дар бораи дӯсти навашон ба мо маълумот диҳанд. Агар дар ин кор мушкилӣ кашанд, як намунаи нақлро дар бораи дӯсти нав пешниҳод мекунем: *Дина (дирӯз) ман бо Алишер шинос шудам. Алишер дар синфи 1 “В” мехонад. Алишер падару модар дорад. Номи падараш Абдуллоҳ ва номи модараш Гулчеҳра аст. Хонаи онҳо дар кӯчаи Мирзо Турсунзода аст.* Чанд нафар ба ҳамин тарз дар бораи дӯстони нави худ ба дигарон маълумот медиҳанд. Аз рӯйи ин фаъолият ба салоҳиятҳои нақли шифоҳӣ баҳо медиҳем. Шинос намудани шарикдарси худро аз рӯйи иҷрои супориши дафтари машқ низ анҷом додан мумкин аст.
2. Пеш аз гузаштан ба қисмати дигари кор (Такрори боби Дӯстӣ) аз бачагон мепурсем, ки бобои Хирад ба мо чӣ супориш дода буд? Ба ёд меорем, ки ӯ гуфта буд: *“Дар боғи Дӯстӣ барои худатон як қаср созед. Танҳо ҳамон вақт ман ба шумо калиди боғи дигарро медиҳам” (саҳ. 130).* Мепурсем: Кӣ қаср сохт? Хомӯшӣ дар синф. Чӣ кор кунем, аввал қаср созем ё ба назди бобои Хирад рафта, росташро гӯем, ки мо ҳоло хурд ҳастем, қаср сохта наметавонем? Бо маслиҳат чунин қарор мекунем, ки бобои Хирад инсони хуб аст, моро сарзаниш намекунад, биёед, ба назди ӯ меравем. Табиист, ки бачагон розӣ мешаванд. Он гоҳ сабти овозии матнро мешунавонем (ё мехонем). Ҳадафи асосии ин матн фаҳмондани ғояи асосии суханҳои бобои Хирад аст, ки як дӯсти ҷонӣ пайдо кардан баробари як қаср сохтан аст, зеро хонаи дӯст ҳам мисли хонаи худ аст. Пас аз хондану таҳлил кардани матн аз бачагон мепурсем, ки онҳо ҳам дӯст пайдо карданд? Ба хотир оред, ки дарси гузашта чунин супориш гирифта буданд ва бо як ё ду нафар аз синфҳои дигар ошно шуда буданд. Таъкид мекунем, ки бо онҳо риштаҳои дӯстиро мустаҳкам кунанд, ба хонаҳои ҳамдигар раванд, аммо фақат бо розигии падару модар ё калонсолони хона. Ин қисмати кор имкон медиҳад, ки салоҳиятҳои инкишофи тафаккур ва таҳлилии хонадагон санҷида шавад.
3. Бачагонро табрик мекунем, ки барои гирифтани калиди боз як боғ мушарраф шуданд. Аммо пеш аз ба боғи дигар даромадан бояд баъзе супоришҳои дигарро иҷро кунанд. Ва яке аз чунин супоришҳо навиштан ва аз ёд кардани пандҳоест, ки дар китоб омадааст. Пандҳоро бо риояи қоидаҳои хушнависӣ нависанд. Маънои мафҳумҳои “нек”, “некӣ”, “бад”, “бадӣ”-ро мефаҳмонем. Барои фаҳмондани мазмуни панди дуюм – “Дӯсти некро дар рӯзи нек шиносанд” ба мазмуни афсонаи “Дӯсти ҷонӣ” бармегардем – ҷавон вақте худро ба беморӣ зад, танҳо ду нафар барои ёрӣ додан ба ӯ розӣ шуданд. Калимаҳое, ки дар таркибашон ҳарфҳои “и”, “ӣ”, “у” ва “ӯ” доранд, ба ёд меорем ва салоҳиятҳои хонандагонро дар имлои дурусти калимаҳо аз рӯйи иҷрои супориш дар дафтари машқ (навиштани калимаҳои дорои чунин ҳарфҳо) месанҷем.
4. Саволҳои саҳ. 142 барои ҷамъбасти мавзӯъ пешниҳод шудаанд. Мавқеи истеъмоли калимаи “дӯст”-ро дар мавридҳои дигар низ шарҳ медиҳем: саг – дӯсти бовафои инсон аст, китоб дӯсти безабони мост. Мафҳумҳои “некӣ” ва “бадӣ”-ро фаҳмонда, ташвиқ мекунем, ки одамон ба ҳамдигар фақат бояд некӣ кунанд, бадӣ инсонро ба мақсад намерасонад, ҳар кас ки бад кард, мукофоти бад мегирад.
5. Байти Саъдии Шерозиро шарҳ дода, дар дафтар навиштан ва аз ёд кардани онро супориш медиҳем.

6. Ҷамъбасти дарсро ҳамчун лаҳзаи дамгирӣ бо ҳарфҳои коғазии “Д”, “Ӯ”, “С”, “Т”, “Ӣ” анҷом медиҳем: бачагонро ба гурӯҳҳои панҷнафара тақсим карда, бо навбат ба назди тахта мехонем. Ҳарфҳоро дар шакли пароканда (бачагон набояд ҳарфҳоро бинанд, яъне тарафи ақиби коғазҳоро тақсим мекунем) ба онҳо яктоӣ тақсим мекунем. Бачагон аз рӯйи тартиби ҳарфҳо яке паҳлуи дигаре ҷой мегиранд, то ки калимаи “ДӮСТӢ” пайдо шавад. Ин корро бо санҷиши вақти иҷрои он ташкил кардан беҳтар аст. Ҳар гурӯҳе, ки ки аз ҳама пештар ва бехато иҷро мекунад, ғолиб аст.

## БОБИ ИНСОН (14 СОАТ)

Бачагон оҳиста-оҳиста ба мафҳумҳои абстрактӣ низ сарфаҳм мераванд. Дар боби гузашта онҳо мафҳумҳои «дӯстӣ», «қадри дӯст» ва ғайраро ёд гирифтанд. Боби Инсон идомаи мантиқии бобҳои гузашта буда, хонандагонро бо моҳияти инсон ва бузургии ӯ шинос менамояд, шавқу ҳаваси онҳоро барои илм омӯхта, ихтироъкору ҳунарманд шудан бедор мекунад.

Шавқу ҳаваси хонандагонро барои сайругашт дар ин боғ ба воситаи ташкили суҳбат аз рӯйи расм (с. 145) бештар кунед.

Ҳама гуна орзуҳои инсоният, пеш аз ҳама, дар афсонаҳо тасавввур мешуданд. Масалан, қабл аз он ки инсон парвоз кунад, телевизор ихтироъ шавад, дар афсонаҳо одамон образҳои аспи паррону гилеми парронро меофариданд, оинаи ҷаҳоннаморо тасвир мекарданд. Аз ин ҷост, ки боби «Инсон» ҳам бо чунин афсона (Фариштамоҳ) шурӯъ мешавад. Таъкид кардан бамаврид аст, ки бо шарҳу таҳлили ин афсона дар дили бачагон орзуҳои ҳунаромӯзиву ихтироъкориро парвариш диҳем.

Матнҳои «Дар мактаби кайҳоннавардӣ» ва «Одамон дар осмон» (саҳифаҳои 151 ва 154) ба бачагон нишон медиҳад, ки агар инсон хоҳад, бо роҳи илмомӯзӣ ба баландтарин қуллаҳои умед мерасад.

Бузургии инсон аз бузургӣ ва офаридгории ақлу дониш аст. Инро бо шарҳи афсонаи «Хоб доност ё шамол?» фаҳмондан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, дар боби «Инсон» бачагон бори дигар бо ҷаҳони имрӯзӣ, ки бо қувваи ақлу дасти инсон ободшудааст, бо мафҳумҳои маҳсули ақли ӯ, мисли мошину трактор, радиою телевизор ва ғайра шинос мешаванд.

Аксари маводди ин боб ба инкишофи тафаккур ва бедор кардани ҳисси боварӣ ба бузургии худи хонандагон равона шудааст.

Инсон бо ҳама бузургии худаш пеши модар сари таъзим фуруд меорад. Аз ин ҷост, ки модар бузургтарини бузургҳост. Бобои Хирад инро бо меҳри беандоза ба бачагон мефаҳмонад. Бо шеъри «Модари меҳрубони ман» ба охир расидани ин боб басо рамзист...

### Дарсҳои 1-2
### Мавзӯъ: Рӯзи Ғалаба

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**
**1. 2. 1. Дар вазъиятҳои муайян (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**
**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**
**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- тасаввуроти худро роҷеъ ба ҷашнҳои миллӣ ва давлатӣ тақвият диҳанд;
- матнро бурро хонда тавонанд;
- мафҳумҳои “ҷанг” ва “сулҳ”, “зафар” (ғалаба, пирӯзӣ) ва “орден”-ро дарк кунанд, бартарияти оромиву сулҳро нисбат ба ҷанг фаҳманд;
- шеърро бурро хонда ва аз ёд гуфта тавонанд;

- аз рӯйи матн ҷумлаҳоро пурра карда, навишта тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникии шунидани сабти овозӣ, расмҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дафтари машқ.

**Таъкид:** Ин мавзӯъ берун аз сюжети асосии китоб аст, онро вобаста ба тақвим дар ҳар рӯзи муносиб (арафаи ҷашни Ғалаба) таълим додан лозим аст.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Аз тарзу усулҳои маъмулии ташкили дарс, ки ба такрори мавзӯъҳои гузашта асос меёфт, даст мекашем, зеро ин мавзӯи ҷашнӣ ва пас аз кадом мавзӯъ омадани он маълум нест. Бинобар ин, дар қисмати аввали дарс ба мавзӯи умумии ҷашнҳои расмӣ руҷӯъ мекунем. Ба ёд меорем, ки мо кадом ҷашнҳову идҳоро қайд кардем (Иди Соли нав, Рӯзи Артиши миллӣ, Рӯзи модарон, Наврӯз...). Мефаҳмонем, ки ҳар ҷашну ид таърихи худро дорад. Сипас, роҷеъ ба Рӯзи Ғалаба ва таърихи пайдоиши он бо ҳамон забони кӯдакона мухтасар маълумот медиҳем.
2. Кор бо матни “Рӯзи ғалаба”. Сабти овозии матн дар диск мавҷуд аст. Онро мешунавонем (ё худамон мехонем). Пеш аз бори дуюм шунавонидан (ё хондан) маънои баъзе калимаҳоро шарҳ медиҳем (аз ҷумла, *ғалаба, мактуб, ақибгоҳ, парчами зафар, орден, сулҳ).* Сипас, хондани мустақилонаи матнро супориш медиҳем. Барои санҷиши маҳорати хонандагон қисм-қисм хондани онро ташкил кардан мумкин аст.
3. Бозгӯйи матнро якҷоя бо гузориши саволҳои с. 144 ташкил кардан мумкин аст. Дар охир роҷеъ ба мафҳумҳои “ҷанг” ва “сулҳ”, муборизаҳои падарону бобоёни мо барои барқарор намудани сулҳ суҳбати озод ташкил мекунем. Беҳтар аст, ки пеш аз ин дарс ба хонандагон супориш диҳем, ки аз падарону калонсолони хона дар бораи ҶБВ, иштироки гузаштагони хонадон дар он ҷанг маълумот ҷамъоварӣ карда биёянд.
4. Суруди сарбоз тибқи супориши китоб фақат барои хондан пешниҳод шудааст. Аммо матни он бисёр сода аст, аз ин рӯ, онро пас аз чанд бор хондан ва маънои баъзе ифодаҳоро шарҳ додан (чашми бози Ватан, гӯш андохтан ба овози Ватан) барои аз ёд кардан ҳам супориш додан мумкин аст.
5. Кор бо сурат. Барои бачагони синни хурд фаҳмидани чӣ будани “гулхани абадӣ”, қабри сарбози номаълум ва шиори “Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш нашудааст” хеле мушкил аст. Бинобар ин, ҳангоми кор бо сурат танҳо як қисми он (Дар расм чиҳоро мебинед?)-ро ҳамроҳ бо хонандагон иҷро карда, ба идомаи он мафҳумҳои мазкурро шарҳу тавзеҳ медиҳем. Ёдовар мешавем, ки дар шаҳрҳои калон, аз ҷумла, дар шаҳри Душанбе майдону боғҳои Ғалаба мавҷуданд ва ҳар сол дар арафаи ҷашн одамон ба он ҷо рафта, қурбониёни ҷангро бо некӣ ёд мекунанд. Ҷашни Ғалаба ҳоло ба ҳафтаи хотираи қурбониён ва иштирокчиёни ҳамаи ҷангҳо (ҶБВ, ҷанговарони интернатсионалист) табдил ёфтааст.
6. Ду ҷумла аз матн барои машқи навиштан дода шудааст. Хеле хуб аст, агар бачагон худашон калимаҳои лозимаро ёфта, ҷумлаҳоро пурра кунанд. Агар дар ёдашон набошад, бигзор худашон матнро бори дигар хонда, он калимаҳоро ёбанд ва дар дафтар нависанд. Ин машқро ҳамчун машқи хушнависӣ ташкил кардан низ мумкин аст.
7. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Салоҳиятҳои шунидан, хондан ва фаҳмиши матнро аз рӯйи саволу ҷавоб муайян мекунем. Барои санҷиши салоҳиятҳои навиштан ва омӯзиши луғат иҷрои супоришҳоро дар дафтари машқ тафтиш мекунем. Тақвияти хотира бо роҳи ба ёд овардани ҷашнҳову идҳои дигаре, ки дар дарсҳои гузашта маълумот гирфта буданд, санҷида мешавад.

**Дарсҳои 3-4**

**Мавзӯъ: Боғи Инсон. Гурӯҳбандии калимаҳо.**

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**
**1. 2. 1. Дар вазъиятҳои муайян (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**
**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**
**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**
**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**
- мазмуни расмро мефаҳманд, ашёи тасвиршударо шиносанд;
- ба қудрату тавоноии инсон пай баранд;
- мазмуни матни шунидаро фаҳманд ва бозгӯ кунанд;
- ашёро аз рӯйи таъйинот тавсиф карда тавонанд;
- ҷумлаҳоро дурусту хоно навишта тавонанд;
- мафҳумҳои навро дарк кунанд ва дар нутқ истифода карда тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникии шунидани сабти овозӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Охирин мулоқоти Азизҷону Азизаро бо бобои Хирад (аз такрори боби Дӯстӣ) ба хотир меорем. Мепурсем, ки боғи гузашта чӣ ном ва боғи навбатӣ чӣ ном дорад. Барои санҷиши сатҳи тафаккур ва андешаҳои бачагон савол мегузорем, ки ба фикри онҳо, дар боғи Инсон мо чиро ёд хоҳем гирифт. Ҳар кас андешаи худро мегӯяд, ҳамаи онҳоро бидуни рад ё қабул кардан тасдиқ мекунем. Сипас, таваҷҷуҳи бачагонро ба расми саҳ. 145 ҷалб мекунем.
2. Ҳадафи асосии кор бо ин расм нишон додани қудрати ақли инсон аст. Ҳар чизе ки дар расм мебинем (ҳавопаймо/тайёра, қатора, мошинҳои гуногун, пул ва ғ.) маҳсули ақлу меҳнати инсон аст. Аммо таъкид мекунем, ки на ҳар кас чунин чизҳоро сохта метавонад, инҳоро фақат одамоне месозанд, ки дониш доранд, дар мактаб нағз хондаанд. Пас агар хоҳед, ки шумо ҳам дар оянда ягон чизи нав созед, бояд дар мактаб хуб хонед, бисёр чизро донед. Ҳангоми кор бо расм бо саволҳои одӣ (дар расм чиҳоро мебинед?) қонеъ нашуда, саволҳои ба фикр водоркунанда низ тартиб додан мумкин аст. Масалан: - *Тайёра (ҳавопаймо) барои чӣ лозим аст? Қатора чӣ? Мошинҳо чанд хел мешаванд? Барои чӣ дар ин ҷо Азизҷону Азиза нестанд? (ҷавоб: онҳо дар даруни тайёра, қатора ё ягон мошин нишастаанд!)* ва ғайра. Ҳангоми иҷрои ин кор хеле муҳим аст, ки бачагон истифодаи калимаҳои тоҷикиро ба ҷойи калимаҳои маъмулии русӣ (самолёт, поезд) ёд гиранд.
3. Ба бачагон барои саъю кӯшиш ва иштироки фаъолонаашон дар иҷрои машқи гузашта таҳсину офарин хонда, эълон мекунем, ки акнун ҳама ба боғи Инсон ворид мешавем. Сабти овозии матни саҳ. 146 дар диск мавҷуд аст. Онро мешунавонем (ё мехонем), бозгӯ мекунем. Калимаҳои дар луғат овардашударо шарҳ дода, аз ёд кардан ва истифодаи онҳоро ҳангоми суҳбатҳо супориш медиҳем. Сипас, бачагон худашон матнро мехонанд. Матн он қадар калонҳаҷм нест, вақт ҳам имкон медиҳад, бинобар ин, хониши матнро барои санҷиши суръати хониш (бо вақт) ташкил кардан мумкин аст.
4. Байти Саъдии Шерозӣ ҳам барои навиштан, ҳам хондан ва ҳам аз ёд кардан оварда шудааст. Пас аз хондан маънои байтро барои бачагон шарҳ медиҳем. Онро калима ба калима шарҳ додан шарт нест, муҳим аст, ки бачагон маънои умумии байтро дар хотир нигоҳ доранд. *Яъне, либосе, ки мо мепӯшем, аломати одами хуб будани мо нест, боодобӣ,*

*хушгуфторӣ, меҳнатдӯстӣ, китобдӯстӣ, тозагӣ, доноӣ ва ҳунармандӣ – ин ҳама одамро зебо мекунад.* Навиштани ин матнро мисли иҷрои машқи хушнависӣ истифода баред.

5. Хеле хуб аст, агар расми рангаи ҳар яке аз мафҳумҳое, ки дар супориши охири саҳ. 146 оварда шудаанд, дар синф бошад. Он гоҳ бачагонро ба 8 гурӯҳ ҷудо намуда, барои ҳар гурӯҳ яке аз ин расмҳоро (бо номашон) пешниҳод мекунем ва супоришро мефаҳмонем: бачагон бояд бо маслиҳати ҳамдигар роҷеъ ба ҳар яки ин чизҳо маълумоти мухтасар диҳанд. Як намунаи кори бачагон чунин буда метавонад: *Ин телефон аст. Мо ба воситаи телефон бо ҳамдигар суҳбат мекунем. Телефонро вақте истифода мекунем, ки аз ҳамдигар дур бошем. Падари ман дар ҷойи дур аст, мо ҳар гоҳ бо ӯ бо телефон гапзанон мекунем. Телефон кори моро осон мекунад. Телефон чанд хел мешавад. Як қисми телефонҳо дар хона гузошта мешаванд, онҳо калонанд, онҳоро ба ҷойи дигар бурда намешавад, бардошта гашта намешавад. Аммо боз телефонҳои хурд ҳам ҳастанд, ки одамон бо худ гирифта мегарданд, онро телефони дастӣ ё ҳамроҳ мегӯянд. Ба бачагони хурдсол истифодаи телефонҳои ҳамроҳ мумкин нест. Ҳар гоҳ ки калон шудем, мо ҳам аз он истифода карда метавонем.*

6. Хушнависии ҳарфи “ю”-ро анҷом медиҳем. Пеш аз иҷрои он мазмуни мисраъро ба бачагон мефаҳмонем ва онҳоро низ барои некуном шудан ташвиқ мекунем.

7. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Натиҷаҳои кори гурӯҳиро барои санҷидани салоҳиятҳои дарки мафҳумҳо ва таъйиноти онҳо истифода мебарем. Ба расми с. 136 баргашта, бо роҳи саволу ҷавоб малакаҳои гуфторӣ ва нутқи шифоҳиро месанҷем. Салоҳиятҳои навиштан ва луғатдониро тибқи иҷрои супориш дар дафтари машқ месанҷем. Бачагонро ба дарсҳои оянда омода мекунем: Аввал мепурсем, ки кӣ шудан мехоҳед? Вақте ки як-як касбу ҳунарҳои гуногунро интихоб мекунанд, интихоби ҳар касро дастгирӣ мекунем, мефаҳмонем, ки ҳама касбу ҳунар хуб аст, аммо барои ба ин касб соҳиб шудан чӣ кор кардан лозим аст? Иштироки ҳар чӣ бештари бачагонро ба ин суҳбат таъмин кунед *(на бо роҳи маҷбуркунӣ ва танқид барои камфаъолиятӣ, балки бо роҳи ташвиқ: канӣ, Алиҷон, фикри ту чӣ? Аниса, ту ҳам ба фикри Моҳира розӣ ҳастӣ?).*

## Дарсҳои 5-6
## Мавзӯъ: Фариштамоҳ (Қисми якум).

**Салоҳиятҳо:**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**

- мазмуни матни шунидаро бо риояи пайдарпайӣ нақл карда тавонанд;
- персонажҳои матнро шиносанд;
- маънои калимаҳои навро аз рӯйи мазмуни матн муайян карда тавонанд;
- андешаҳои худро роҷеъ ба вазъияти мушаххас баён карда тавонанд;
- қисматҳои алоҳидаи матнро бурро ва бо риояи оҳанг хонда тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникии шунидани сабти овозӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Бори дигар таваҷҷуҳи хонандагонро ба расми саҳ. 145 ҷалб мекунем. Мепурсем, ки ин чизҳо ҳамааш яку якбора сохта шудааст ё не? Кай сохта шуда бошад? Барои чӣ мошинҳои гуногун ҳастанд? Оё мо метавонем бе радиову телевизор, телефону

мошин зиндагӣ кунем? Ҳамаи ин саволу ҷавобҳо бачагонро барои фаҳмидани таърихи дуру дарози гузаштагони мо, орзуву омоли онҳо ва ниҳоят пиёда шудани он орзуҳо дар замони муосир омода мекунанд.

2. Афсонаи "Фариштамоҳ" маҳз ба хотири он оварда шудааст, ки одамон аз замонҳои қадим орзу мекарданд, ки парвоз кунанд, тамоми дунёро бинанд, аз бемориҳо раҳо ёбанд. Афсона ба ду қисм ҷудо карда шудааст. Аввалан, бо ин роҳ мо мехоҳем ба инкишофи тафаккури кӯдакон мусоидат намоем, сонияи, ҳаҷми он нисбатан калон аст. Сабти овозии он низ дар ду қисм дода шудааст. Гузашта аз ин шунидани фақат қисми якум бачагонро барои донистани давоми афсона ташвиқ мекунад, онҳо бесаброна дарси дигарро интизор мешаванд. Дар айни замон афсона дар як ҷойи ҷолибу шавқовар қатъ мешавад ва бачагонро водор месозем, ки давоми афсонаро худашон тасаввур кунанд, ки чӣ хел дидан мехоҳанд. Бо ин роҳ мо тафаккури бачагонро тақвият медиҳем, барои пайдо шудани аввалин малакаҳои баёни андешаи худ ва дифоъ аз он ёрӣ мерасонем.

Вобаста ба ин мулоҳизаҳо бо матни афсона мо чанд машғулиятро анҷом медиҳем. Пеш аз ҳама, матни қисми аввали афсонаро мешунавонем ва ё дар сурати мавҷуд набудани имконоти техникӣ онро худамон бо оҳанги диққатҷалбкунанда мехонем. Агар бачагон хоҳиш дошта бошанд, онро бори дигар такрор мекунем. Пеш аз такрори шунавонидани матн маънои баъзе калимаҳоро, ки дар луғат оварда шудааст, шарҳ медиҳем. Устод калимаҳои шарҳёфта ва Ҳамчунин, баъзе калимаҳои дигарро, ки хонандагон нафаҳмидаанд, шарҳ медиҳад, бо истифода аз онҳо ибора ё ҷумла месозад (*Ман орзу дорам, ки табиб шавам. Ман ба модарам гулдаста ҳадя кардам...)*

Сипас, бозгӯйи матнро аз бачагон хоҳиш мекунем. Як нафар нақл мекунад, бачагони дигар метавонанд илова кунанд, пурра кунанд ва ё ислоҳ кунанд. Барои таҳкими фаҳмиши матн чанд савол низ мураттаб кардан мумкин аст:

– *Барои чӣ шоҳзодаҳо ба Фариштамоҳ туҳфа оварданд?*
– *Шоҳзодаи аввал чӣ овард?*
– *Шоҳзодаи дуюм чӣ?*
– *Себе, ки шоҳзодаи сеюм овард, чӣ хусусият дошт?*

Пас аз анҷом додани чунин суҳбат муҳимтарин саволро пешниҳод мекунем: *Ба фикри шумо, кадом туҳфа беҳтарин аст? Фариштамоҳ аз байни ин шоҳзодагон кадомашро интихоб мекунад? Барои чӣ чунин фикр мекунед?* Вақте ки дар байни бачагон фикрҳои гуногун пайдо мешавад, байни онҳо баҳси озод ташкил кунед, бигзор ҳар кас фикри дигар касро рад кунад ё розӣ шавад.

Ҳамаи фикру андешаҳои хонандагонро қабул мекунем. Кӯшиш мекунем, ки бачагон фикри худро бо далелҳо тасдиқ кунанд *(Масалан: Ба фикри ман туҳфаи беҳтарин аспи паррон аст, чунки бо он Фариштамоҳ дар оянда ба куҷое, ки хоҳад, парвоз мекунад).*

Агар бачагон аз омӯзгор пурсанд, ки охири афсона чӣ мешавад, гӯед, ки дарси оянда мо инро мефаҳмем, аммо ҳоло бояд як машқи дигарро иҷро кунем...

3. Машқи навиштан. Дар ин саҳифаҳои китоб машқи навиштан ё машқи дигари забонӣ нест, аммо ин чунин маъно надорад, ки дар ин дарс бачагон чунин машқ надошта бошанд. Дар дафтари машқ чунин супориш пешниҳод шудааст: ҳар кас яке аз шоҳзодагонро интихоб карда, суханҳои ӯро аз охири қисми якуми афсона нависад. Ба бачагон ин супоришро фаҳмонед ва иҷрои онро назорат кунед. Метавонед аз матн чанд ҷумларо интихоб карда, барои навиштан супориш диҳед. Ҳамчунин, бо ҳарфу ҳиҷоҳо ва калимаҳо ҳар гуна машқ ташкил кардан мумкин аст.

4. Афсонаро дар нақшҳо иҷро мекунем ё ба қисматҳо ҷудо карда мехонем. Интихоби тарзи кор ба худи омӯзгор, шароити синфу мактаб вобаста аст. Барои дар нақшҳо иҷро кардан беҳтар аст, ки расмҳои аспи паррон (болдор), оина ва себи сурхи калонро дар коғазҳои картонӣ кашида тайёр кунем. Барои нақши шоҳдухтар ягон духтарро интихоб мекунем, барои иҷрои нақшҳои шоҳзодагон – писаронро. Аспи паррон, оина ва себро дар се кунҷи синф мегузорем. Ҳамин тавр, иҷрои нақшҳоро ёд медиҳем. Суханҳои шоҳдухтар ва

шаҳзодагон шарт нест, ки айнан нақл шавад – бачагон онро бо ҷумлаҳои худ метавонанд ифода кунанд.

5. Саволҳои охири саҳ. 149 як навъ ҷамъбаст ва арзёбии салоҳиятҳои хонандагон аст. Бо ин роҳ нишон медиҳем, ки имрӯз орзуҳои одамон дар бораи ба осмон парвоз кардан, аз хона истода дунёро тамошо кардан ва ғайра ҷомаи амал пӯшидааст. Ҳамаи ин ба шарофати олимон аст. Олимон онҳое мебошанд, илму дониш омӯхтаанд ва донистаҳои худро дар амал татбиқ мекунанд. Салоҳиятҳои пешгӯйии ҳодисаҳоро бо роҳи саволи зери матн месанҷем. Дар зимн корҳои иҷрокардаи хонандагонро дар дафтари машқ низ тафтиш мекунем. Дар охир ёдовар мешавем, ки ҳама дар хона ҳам як бори дигар дар бораи охири афсона фикр кунанд.

**Дарсҳои 7-8**
**Мавзӯъ: Фариштамоҳ (Қисми дуюм).**
**Калимасозӣ ва ҷумласозӣ. Дар мактаби кайҳоннавардӣ.**

**Салоҳиятҳо:**

1. 1. 2. **Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**
**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**
**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**
**1. 3. 3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.**
**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад**.

**Мақсади дарс:**
- мазмуни матни шунидаро нақл карда тавонанд;
- малакаҳои хулосабарорӣ ба даст оранд;
- аз ҳиҷоҳои додашуда калимаҳои сеҳиҷоӣ сохта тавонанд;
- ҷумлаҳоро вобаста ба мазмуни матн пурра карда, бехато навишта тавонанд;
- роҷеъ ба пешрафти илму техника андешаҳои худро бо ҷумлаҳои сода баён карда тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникии шунидани сабти овозӣ дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Мазмуни афсонаро як бор ба хотир оварда, андешаҳои бачагонро дар бораи давоми афсона мепурсем. Аз имкон берун нест, ки баъзе аз бачагон бо бесабрӣ дар хона давоми афсонаро аз китоб хонда бошанд ва ё хондану нақли онро аз калонсолон хоҳиш карда бошанд. Онҳоро ҳаргиз маломат намекунем, ки чаро аз мавзӯъ пеш рафта, ба ҷойи ин ки худашон фикр кунанд, аз китоб хондаанд. Майлу хоҳиши хонандагон барои пеш рафтан, мустақилона хондани китоб – ин ҳама нишонаи шавқовар будани китобу дарс, саъю кӯшиши хонандагон барои мустақил шудан аст. Аммо дар ин дарс аз чунин бачагон хоҳиш кардан лозим аст, ки то шунидани андешаҳои дигарон роҷеъ ба охири афсона чизе нагӯянд.
2. Пас аз ҷамъбасти андешаҳои бачагон қисми дуюми афсонаро мешунавонем. Бачагон андешаҳои худро бо он чӣ мешунаванд, муқоиса мекунанд, дар бораи дурустӣ ё нодурустии фикрашон хулоса мекунанд. Пас аз шунидани матн хониши онро бо роҳи ба қисмҳо ҷудо кардан ташкил мекунем. Дар охир афсонаро пурра дар нақшҳо ба шакли саҳнача иҷро кардан мумкин аст. Дар ҷамъбасти афсона бори дигар таъкид мекунем, ки аспи паррон як навъ орзуи одамон барои сохтани чизе буд, ки одамон ҳам мисли парандагон парвоз карда

тавонанд, оинаи ҷаҳоннамо орзуи дигари онҳо дар бораи тамошо кардани ҷаҳон аз хона, яъне сохтани телевизор буд, ниҳоят, себи шифобахш – орзуи дигари одамон дар бораи тайёр кардани доруҳо ва раҳо шудан аз ҳамаи дардҳо буд. Имрӯз, хушбахтона, олимон на танҳо ин чизҳо, балки боз чизҳои дигареро сохтаанд, ки зиндагии моро хубу осон кардааст. Дар зимн маънои баъзе калимаҳои душворро шарҳ медиҳем *(наҷот, интихоб кардан, ранҷондан, ба хулоса омадан, ноилоҷ, қабул кардан).*

3. Сохтани калимаҳо аз ҳиҷоҳо. Ин машқ барои бачагон шинос аст. Беҳтараш бо нишон додани ин машқ аз худи бачагон пурсем, ки ҳоло чӣ кор мекунем. Шояд баъзе бачаҳои ҳушёр ба хотир меоранд, ки аз сутунҳои дуюму сеюм ҳиҷоҳои мувофиқро ёфта, калима сохтан лозим аст. Агар чунин набошад, худамон мақсади супоришро шарҳ медиҳем. Тарзи иҷрои кор чунин аст: *аф-со-на, шоҳ-зо-да, зин-да-гӣ, ин-ти-хоб, ху-ло-са.*

4. Пеш аз гузаштан ба иҷрои машқи дигар, ки он ҳам навиштан аст, лаҳзаи дамгирӣ ташкил кардан ба мақсад мувофиқ аст.

5. Ҷумлаҳоро пурра карда навиштан. Кӯшиш кунед, ки ин машқро бачагон бе нигоҳ кардан ба матни китоб худашон мустақилона иҷро кунанд. Бо ин роҳ мо тақвияти хотираи хонандагонро низ месанҷем. Агар дар ёфтани калимаву ибораҳои мувофиқ мушкилӣ кашанд, метавонанд бо ҳамдигар маслиҳат кунанд, ба якдигар ёрӣ расонанд. Шакли дурусти иҷрои машқ чунин аст:

*Шоҳзодаи якум як оина ёфт.*
*Шоҳзодаи дуюм аспи паррон ёфт.*
*Шоҳзодаи сеюм як дарахти себ ёфт.*

Шаклҳои дигари ҷавобҳои ба ин монандро низ қабул мекунем: *оинаи ҷаҳоннамо, як аспи парвозкунанда/болдор/қанотдор, себи шифобахш/доругӣ* ва ғайра.

**6.** Дар мактаби кайҳоннавардӣ. Пеш аз шунавонидан ё хондани матн бо бачагон дар бораи осмону ситораҳо, моҳтобу офтоб суҳбат мекунем. Калимаҳои “кайҳон”, “кайҳоннавард” ва “кайҳоннавардӣ”-ро шарҳ медиҳем. Сипас, матнро шунавонида, шавқу ҳаваси бачагонро ба донистани асрори осмону кайҳон бедор мекунем. Ҳадафи асосии ин матн низ аҳаммияти нағз хондан ва дониш андӯхтан аст: ба осмон касе метавонад парвоз кунад, ки донишманд бошад. Калимаҳои душвор, аз ҷумла, “кайҳоннавард” ва “кайҳоннавардӣ”-ро бо ҳиҷоҳо навишта, хондани онҳоро машқ мекунем. Пас аз бозгӯйи мазмуни матн хондани онро қисм ба қисм анҷом медиҳем.

**7.** Хушнависии ҳарфи “ч”-ро дар охири дарс иҷро мекунем. Мазмуни ҷумларо ба бачагон фаҳмонед. Дар хотир дошта бошед, ки дар ин ҷумла калимаи “агар” ба маънои “агарчи” омадааст. Ин услуби забони классикист. Яъне маънои ҷумла “Биҷӯй илмро, ҳатто агар (агарчи) он дар Чин бошад аст” (яъне дар ҳама ҷо), на “Биҷӯй илмро, ба шарте ки дар Чин бошад”.

**8.** Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Ба салоҳиятнокии пешгӯйӣ кардани хонандагон (инкишофи тафаккур) махсус таваҷҷуҳ кунед. Бачагонеро, ки дар пешгӯйӣ кардан фаъол буданд, ба қайд гиред. Бо онҳое, ки ин малакаҳоро ҳанӯз ба даст наовардаанд, дар оянда кор кунед. Салоҳиятҳои калимасозӣ ва ҷумласозии хонандагонро аз рӯйи иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ арзёбӣ кунед. Бо бачагон дар бораи орзуҳояшон суҳбат кунед. Фаҳмонед, ки ҳар кас метавонад ба орзуҳои худ расад, барои ин меҳнат кардан, яъне нағз хондан лозим аст. Ба бачагон барои иштироки фаъолонаашон ташаккур гуфта, риояи одоби хайрухушро бо ҳамсинфон таъкид мекунем.

**Дарсҳои 9-10**

**Мавзӯъ: Ҳиҷо ва калима. Хоб доност ё шамол?**

**Салоҳиятҳо:**

1. 1. 2. **Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**

**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- калимаҳоро аз рӯйи мансубият ва таъйинот гурӯҳбандӣ карда тавонанд;
- калима ва ҷумлаҳоро дуруст навишта тавонанд;
- мазмуни матни шунила ва хондаро дарк мекунанд ва бо ҷумлаҳои сода бозгӯ карда тавонанд;
- маънои ҷумлаҳои душворфаҳмро бо ҷумлаҳои ҳаммаънои сода фаҳмонда дода тавонанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникии шунидани сабти овозӣ, расмҳои *мошин, трактор, комбайн, радио, телевизор, магнитофон, телефон, компютер, қатора, тайёра ва киштӣ,* дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Суҳбатро аз ихтироъҳои олимон ва маҳсули дастони пурҳунари инсон шурӯъ мекунем. Ҳар он чи дар гирду атрофи мо ҳаст ва бо ақлу дасти одам сохта шудааст, номбар мекунем – аз ашёи хонаву мактабӣ сар карда, то сару либос ва мошину трактор. Барои чӣ лозим будани ҳар як чизро мепурсем ва дар ҳолати зарурӣ онро худамон мефаҳмонем.
2. Супориши саҳифаи 152-ро бо роҳи ҷудо кардани синф ба гурӯҳҳо иҷро мекунем. Дар ин супориш маҳсулоти техникӣ ба чор гурӯҳ ҷудо шудааст. Мафҳумҳои ҳар гурӯҳ байни ҳам робитаи маъноӣ доранд. Масалан, мошин, трактор ва комбайн воситаҳои техникие мебошанд, ки дар рӯйи замин кор мекунанд. Радио, телевизион ва магнитофон васоили иттилоотӣ (овозӣ ва биноӣ) мебошанд. Шояд саволе ба миён ояд, ки чаро телефон бо компютер дар як гурӯҳ оварда шудааст? Имрӯз мафҳуми телефон аз он чизе, ки насли калонсол мефаҳманд, хеле васеъ шудааст. Ҳоло телефонҳои дастӣ тавре сохта мешаванд, ки кори онҳо ва муносибат ба онҳо ба компютер монанд шудааст. Зимнан, агар бачагони ҳушёр чунин савол диҳанд, ин навовариҳои техникиро ба онҳо шарҳ додан хуб аст. Ниҳоят, қатора, тайёра (ҳавопаймо) ва киштӣ дар як гурӯҳ муттаҳид шудаанд, зеро ҳамаи онҳо воситаҳои нақлиёти мусофирбар ва боркашонӣ мебошанд. Кӯшиш кунед, ки бачагон роҷеъ ба ҳар навъи ин васоили техникӣ ҳар чӣ бештар суҳбат кунанд. Ҳангоми кор дар гурӯҳҳо фаъолияти бачагонро мушоҳида кунед, агар лозим шавад, ба онҳо ёрӣ расонед.
3. Аломати хитоб, ки дар аввали машқи оянда истодааст, маънои ба хотир гирифтани ин навиштаро дорад. Бачагон қувваи инсон будани ақлу дастро пай мебаранд, дар онҳо ҳисси доно шудану чизи наве сохтан бештар мешавад. Шумо ҳам бо овардани мисолҳои гуногун ин бузургии инсонро бештар тавзеҳ диҳед.
4. Машқи навиштанро дар айни замон бо чанд мақсад истифода кунед. Аввалан, ин як навъ инкишофи малакаҳои аз ҳиҷо сохтани калимаҳо ва талаффузи дурусти онҳо аст. Аз ҷониби дигар, бо навиштани ҷумла бачагон маънои онро ба хотир мегиранд ва ин як навъ шиори онҳо мешавад. Ниҳоят, ин машқро ҳамчун сайқал додани ҳунари хушнависӣ истифода кардан мумкин аст.

5. Матни “Хоб доност ё шамол?” низ бо чанд мақсад пешниҳод шудааст: шунидан, бозгӯ кардан, хондан, омӯзиши луғат ва навиштан (қисман). Бинобар ин, дар байни иҷрои ҳар яке аз ин супоришҳо лаҳзаҳои дамгирӣ ташкил карданро аз ёд набаоред.

Сабти овозии матн дар диск мавҷуд аст. Онро барои бачагон шунавонед (ё худатон бо риояи оҳанг хонед). Агар бачагон майл дошта бошанд, онро такроран шунавонидан ва хондан мумкин аст. Пас аз шунидани матн бозгӯйи онро супориш медиҳем. Бачагон ба маънои баъзе калимаву ибораҳо сарфаҳм нарафта бошанд ҳам, фаҳмидани мазмуни умумии он мушкил нест. Ба бачагон иҷозат диҳед, ки бо забони содаи худ мазмуни онро нақл кунанд. Барои инкишофи тафаккури бачагон чунин савол гузоштан мумкин аст: Чаро дар ҳақиқат, хоб аз шамол зӯр аст? Оё ҳамеша чунин аст? *Масалан, шамол метавонад дарро кушояд ё пӯшад, дарахтонро афтонад, ҳатто боми хонаро шиканад.* Барои боз ҳам фаҳмотар шудан аз ҳаёти худи бачагон мисолҳо биёред: *Агар шумо дар даст ягон чиз дошта бошеду хобатон барад, он аз дастатон меафтад? Барои чӣ вақти хоб кардан мо наметавонем ягон чизро дар даст маҳкам нигоҳ дорем?* Албатта, фаҳмидани ин чиз барои бачагони хурдсол каме мушкил бошад, бинобар ин, онро худамон шарҳ медиҳем: *Вақте ки мо бедорем, аъзои бадан ва рафтори худро идора мекунем. Ин корро майнаи сар, яъне фикри мо анҷом медиҳад. Аммо ҳангоми хоб майнаи сар истироҳат мекунад, бинобар ин, ҳамаи аъзои мо, аз ҷумла, дасту пойҳо беҳаракат мешаванд.*

Пас аз ташкили лаҳзаи дамгирӣ ба омӯзиши луғат мегузарем. Гурӯҳи аввали калимаҳо бо роҳи бо рангҳои якхела ишора шудан шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Ин гуна машқҳоро бачагон аз ин пеш ҳам иҷро кардаанд ва медонанд. Аз бачагон хоҳиш мекунем, ки калимаҳои ҳамрангро паҳлуи ҳам дар дафтарҳояшон нависанд: *ғолиб – пирӯз, баранда, касе, ки дар бозӣ пирӯз мешавад; рабудан – дуздидан; хаста шудан – монда шудан, вақте ки бисёр кор мекунем, хаста мешавем; пайкар – тан, ҷисм, бадани инсон.* Дар қисми дуюми шарҳи луғатҳо ҷумлаҳо шарҳ дода шудаанд. Ин гуна ҷумлаҳоро яклухт шарҳ додан беҳтар аст, зеро дар онҳо ибораҳои рехта ва феълҳои таркибии душворфаҳм истифода шудаанд. Ин ҷумлаҳоро низ барои навиштан супориш додан мумкин аст.

6. Қисмати дигари кор хониши матн аст. Онро ду-се маротиба бо иштироки ҳар чӣ бештари хонандагон ташкил мекунем: Як нафар хонданро шурӯъ мекунад, пас аз се ё чор ҷумла хондани ӯ каси дигар хониши матнро идома медиҳад. Ба бачагон таъкид мекунем, ки ҳангоми хондани як нафар дигарон ҳама ба китоб бодиққат нигоҳ кунанд, зеро ҳар кас метавонад идомаи онро хонад.

7. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Барои ҷамъбасти дарс ва арзёбии салоҳиятҳо ба супориши аввали дарс баргашта, дониши андӯхтаи хонандагонро бо роҳи саволу ҷавоб месанҷем. Дар зимн бори дигар ихтироъҳои инсонро шарҳ медиҳем, нақши илму донишро дар сохтани ҳама чизҳо таъкид мекунем. Афсонаи “Хоб доност ё шамол?”-ро ҳамчун мавод барои салоҳиятҳои тарбиявӣ истифода мекунем. Барои ин ба бачагон савол медиҳем, ки хоб кардан нағз аст ё не? Муҳимтар аз ҳама донистани аҳаммияти хоб аст (рӯзона тамоми аъзои бадани инсон хаста мешавад, хоб як навъи истироҳат аст ва он қувваи инсонро барқарор мекунад). Аммо аз ҳад зиёд хобидан кори танбалон аст. Иҷрои супоришҳоро дар дафтари машқ барои арзёбии салоҳиятҳои забонӣ ва луғатомӯзӣ истифода мекунем. Ба ҳама барои иштироки фаъолонаашон офарин мехонем.

**Дарсҳои 11-12**

**Мавзӯъ: Ҳарфи калон дар аввали номи персонажҳои ҳикояту афсонаҳо (таҷнис). Панду андарзҳо. Одамон дар осмон.**

**Салоҳиятҳо:**

1. 1. 2. **Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**
**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**
**1. 2. 1. Дар вазъиятҳои муайян (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**
**1. 3. 3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.**
**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- истифодаи ҳарфи калонро дар персонажҳои беҷони ҳикояту афсонаҳо (таҷнис) донанд;
- мазмуни шеърҳои панду ахлоқиро бо ёрии устод фаҳманд ва бо ҷумлаҳои сода баён карда тавонанд;
- мазмуни матни шунида ва хондаро фаҳманд ва бо ҷумлаҳои сода бозгӯ карда тавонанд;
- роҷеъ ба инкишофи илму техника тасаввуроти худро тақвият диҳанд;
- ба моҳияти орзу кардан сарфаҳм раванд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникии шунидани сабти овозӣ, расмҳои *киштиҳои кайҳонӣ ва кайҳоннавардон,* дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Қисмати аввали дарси гузаштаро бо роҳи саволу ҷавоб такрор мекунем. Саъй мекунем, ки саволҳо гуногуну шавқовар бошанд. Масалан, *Он чӣ дар осмон парвоз мекунад, чӣ ном дорад? Одам несту гап мезанад. Он чист?* Ва ғайра. Ҳамчунин, хеле хуб мешавад, агар бо он воситаҳои техникӣ – маҳсули дастони инсон чистонҳо гӯем ва ёфтани ҷавоби онҳоро аз хонандагон хоҳиш кунем.
2. Афсонаи “Хоб доност ё шамол”-ро ба хотири бачагон меорем. Пас аз нақли кӯтоҳи он ба бачагон супориш медиҳем, ки калимаҳои ҳарфи калон доштаро нишон диҳанд. Савол мегузорем: Оё ҳамаи калимаҳое, ки бо ҳарфи калон сар шудаанд, дар аввали ҷумла омадаанд? *(Не).* Кадом калимаҳо дар мобайни ҷумла бо ҳарфи калон сар шудаанд? *(Хоб, Шамол).* Ин калимаҳо номи одамонанд? *(Не).* Номи шаҳр ё деҳа ҳастанд? *(Не).* Пас барои чӣ бо ҳарфи калон сар шудаанд? *(хомӯшӣ...).* Суҳбатро идома медиҳем: Бачаҳо, хобу шамол ҳам гап мезананд? *(Не).* Пас чаро дар ин афсона онҳо гап мезананд? *(хомӯшӣ...).* Сипас, ба бачаҳо мефаҳмонем, ки баъзан дар ҳикояву афсонаҳо чизҳои беҷон низ мисли одамон гап мезананд. Бинобар ин, аввали номи ин гуна калимаҳо низ бо ҳарфи калон навишта мешавад. Пас аз он ки бачагон ин қоидаро аз худ карданд, навиштан ва ба хотир гирифтани онро супориш медиҳем.
3. Панди бузургон. Ин ду панд роҷеъ ба дониш ва неруи он аст. Онҳоро бурро хонда, маънидод мекунем. Беҳтар аст, ки мисраъҳоро яклухт бо ҷумлаҳои сода фаҳмонем: *Ҳар касе, ки доно аст, вай ҳамеша пурзӯру тавоно аст; Шахсе ки дониш дорад, вай ҳеҷ гоҳ пир намешавад* (ин ҷо метавонед ҳикояти “Дарахти зиндагӣ”-ро ба ёди бачагон оред). Дар зимн маънои калимаҳои *тавоно (зӯр, пурқувват), бувад (аст, мебошад) ва барно (ҷавон)*-ро шарҳ медиҳем. Мазмуни байти дуюмро чунин шарҳ додан мумкин аст: *Дониш ба ҳар кас роҳи дурустро нишон медиҳад, мисли чароғ роҳи моро равшан мекунад; Бадтарин чиз барои инсонҳо*

*ҷанг аст, касе ҷанг мекунад, ки нодон бошад.* Калимаҳои *андар (дар), ҷавшан (либоси сарбозӣ)*-ро шарҳ медиҳем. Зимнан, ба тарзи ифоданок хондани ин байтҳо эътибор диҳед:

*Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад,*
*Ба дониш дили* ***пиир*** *барно бувад*
*(садоноки "и" кашидатар талаффуз мешавад).*
***Дони-шандар*** *дил чароғи* ***равша-наст,***
*В-аз ҳама бад бар тани ту* ***ҷавша-наст.***

Дар хотир дошта бошед, ки ин пандҳо барои аз ёд кардан низ пешниҳод шудаанд. Барои бурро хондан ва аз ёд кардан такрор ба такрор шунавонидани сабти овозии ин пандҳо, ки дар диск мавҷуд аст, кумаки амалӣ мерасонад.

**4.** Пеш аз гузаштан ба машқи навиштани панду амсол (саҳифаи 154) лаҳзаи дамгирӣ ташкил кунед. Маънои калимаи "бузургӣ"-ро шарҳ диҳед. Фаҳмонед, ки на ҳамаи калонсолонро бузург гуфта метавонем, бузургу соҳибобрӯ касест, ки пеш аз ҳама, ақл дошта бошад. Ёдовар мешавем, ки ин панд барои навиштан низ пешниҳод шудааст.

**5.** "Одамон дар осмон" идомаи мавзӯи бузургии инсон ва ақлу дониши ӯст. Хеле хуб аст, агар дар синф расмҳои киштиҳои кайҳонӣ, кайҳоннавардон ва осмону ситораҳоро дошта бошем. Ёдовар мешавем, ки сабти овозии ин матн мавҷуд аст. Агар имкониятҳои техникӣ мавҷуд бошад, онро барои бачагон шунавонед. Дар акси ҳол, худатон қироат кунед. Табиист, ки ҳангоми шунидан ва фаҳмидани ин матн дар бачагон саволҳои зиёде пайдо мешаванд. Аз ҷумла, онҳо метавонанд пурсанд, ки чӣ хел дар осмон кайҳоннавардон кор мекунанд? Онҳо аз куҷо хӯрок мехӯранд? Даруни киштии кайҳонӣ чӣ хел аст? Умуман, барои чӣ одамон ба кайҳон парвоз карда, дар он ҷо кор мекунанд? Ва ғайра. Ба ҳар як саволи онҳо бо забони сода ҷавоби саҳеҳ медиҳем ва дар ҳар ҳолат такрор ба такрор зикр мекунем, ки танҳо одами донишманд киштии кайҳонӣ сохта метавонад, танҳо одами донишманд ба кайҳон парвоз карда метавонад. Ҳамин тариқ, шавқу завқи бачагонро ба донишандӯзӣ бори дигар бедор мекунем. Сипас, хониши матнро ба бачагон супориш дода, аз чанд нафар бо овози баланд хондани онро хоҳиш мекунем.

**6.** Машқи навиштани байтро дар бораи орзу (с. 154) дар дафтари корӣ иҷро мекунем.

**7.** Барои ҷамъбаст ва арзёбии салоҳиятҳо иҷрои супориши саҳифаи 154 (суҳбат)-ро истифода кардан мумкин аст. Бигзор ҳама дар бораи орзуҳои худ ҳар чӣ бештар суҳбат кунанд. Боварӣ ҳосил кунанд, ки он чӣ дар афсонаҳо ҳаст, дар зиндагӣ ҳам метавон пайдо кард. Фақат барои ин нағз хондану дониш гирифтан ва одоби хуб доштан лозим аст. Барои арзёбии салоҳиятҳои навиштан ва омӯзиши луғат иҷрои супоришҳоро дар дафтари машқ месанҷем.

**Дарсҳои 13-14**

**Мавзӯъ: Калимасозӣ. Ҷамъбаст ва арзёбии боби Инсон.**

**Салоҳиятҳо:**

1. 1. 1. **Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи муайяни вазъиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои ду-сеамалаи таълимӣ) риоя мекунад.**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.**

**1. 4.3. Фикри худро дар қолаби матни хурд (на камтар аз се ҷумлаи сода) менависад.**

**Мақсади дарс:**

- мафҳумҳои "афсона" ва "ҳақиқат"-ро дарк кунанд;
- ба қудрату тавоноии инсон пай бурда, аҳаммияти донишандӯзиро дарк кунанд;
- мазмуни матни шунидаро фаҳманд ва бо ҷумлаҳои сода бозгӯ кунанд;
- ҷумлаҳоро бехато ва хоно навишта тавонанд;

- ба ҳарфҳои додашуда мустақилона калима созанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникии шунидани сабти овозӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Ба ҷамъбасти дарси гузашта ва суҳбат доир ба мавзӯъҳои пешниҳодшуда (Афсона чист? Ҳақиқат чист? Шумо чӣ орзу доред? Барои чӣ?) бармегардем. Ҳангоми суҳбат бачагонро бори дигар ба мазмуни афсонаи "Фариштамоҳ" ва дастовардҳои илму техника дар замони муосир ҷалб мекунем. Кӯшиш мекунем, бачагон ба қудрати тавоноии худ боварии комил ҳосил кунанд ва дарк кунанд, ки ҳама орзуҳо метавонанд ҷомаи амал пӯшанд. Байтро (саҳифаи 154) ба хотир меорем, агар аз ёд накарда бошанд, онро бо роҳи такрор ба такрор хондан аз ёд кардан мумкин аст.
2. Матни "Такрори боби Инсон" кори бештареро талаб мекунад. Сабти овозии он дар диск мавҷуд аст. Бачагонро табрик мекунем, ки сайругашти худро дар боғи Инсон бомуваффақият анҷом доданд. Акнун ҳамроҳи Азизҷону Азиза бояд ба назди бобои Хирад равем, то ки ба саволҳои ӯ дурусту бехато ҷавоб дода, соҳиби калиди боғи навбатӣ шавем. Аз бачагон хоҳиш мекунем, ки ба суҳбати онҳо бодиққат гӯш диҳанд. Сипас, сабти овозии онро мешунавонем. Агар бачаҳо майл дошта бошанд, онро такроран мешунавонем (мисли ҳамеша дар сурати мавҷуд набудани имкониятҳои техникӣ онро худамон қироат мекунем). Кори дуюми мо нақли шифоҳии матн аст. Бачагон онро қисм ба қисм бо давом додани фикри якдигар нақл мекунанд. Дигарон бодиққат гӯш карда, якдигарро пурра ва ислоҳ мекунанд.

Қисмати сеюми кор дарки бузургии модар ва қадри ӯ аст. Мефаҳмонем, ки оғӯши гарми модар, меҳру муҳаббати модар, ғамхориҳои модар – ин ҳама барои фарзанд биҳишти рӯйи замин аст.

3. Ҳангоми иҷрои машқи навиштан (зарбулмасали "олими беамал – занбӯри беасал) ба чанд чиз таваҷҷуҳ кунед. Аввалан, калимаи "занбӯр" ба шакли "замбӯр" талаффуз мешавад, аммо онро ҳамеша бо "н" менависем (калимаҳои дигарро низ аз ин қабил ба ёд оред: *душанбе – душамбе, анбӯр – амбӯр, санбӯса – самбӯса, танбал – тамбал...*). Сониян, маънои зарбулмасалро шарҳ диҳед: олим ҳамон вақт як чизи нав ихтироъ мекунад, агар дониши худро дар зиндагӣ ба кор барад. Барои кӯдакон дар амал истифода кардани дониш ҳамон иҷрои бехатои супоришҳо аст. Масалан, агар донем, ки дар аввали номи одамону шаҳру деҳаҳо ҳарфи калон навишта мешавад, аммо ин қоидаро риоя накунем, ба олими беамал монанд мешавем. Занбӯр агар асал надиҳад, бефоида аст, олим ҳам агар ба кори фоиданок машғул нашавад, аз ин гуна олим фоидае нест. Ниҳоят, зебо навиштан ва аз ёд кардани ин зарбулмасалро супориш диҳед.
4. Калимасозӣ. Машқи калимасозиро бо ҷудо кардани синф ба гурӯҳҳо иҷро кардан мумкин аст. Бачагонро метавонед ба гурӯҳҳои дунафара (ҳамнишинҳо) ё чорнафара ҷудо карда, тарзи иҷрои машқро фаҳмонед. Бачагон бояд ба ҳар ҳарфи калимаи СИТОРА калимаи нав созанд. Барои намуна ду калима оварда шудааст (инсон, осмон). Албатта, ин калимаҳо аз ҳамин боб гирифта шудаанд, аммо шарт нест, ки бачагон фақат аз боби Инсон калима ёбанд. Иҷрои машқро бо роҳи ташкили мусобиқа – кадом гурӯҳ аз ҳама пештар ва дуруст иҷро мекунад – ташкил кунед. Зимни иҷрои машқ ба назди бачагон рафта, кори онҳоро назорат мекунем, дар вақти лозима ба онҳо ёрӣ медиҳем. Дар охир ба якчанд гурӯҳ имкон медиҳем, ки калимаҳои ёфтаи худро барои дигарон қироат кунанд.
5. Хониши бурро. Ҳамчун идомаи мантиқии мавзӯи бузургии инсон ва парвариши меҳри модар хониши шеърро дар васфи модар супориш медиҳем. Шеър хеле равону сода буда, онро бо чанд маротиба хондан аз ёд кардан мумкин аст. Бинобар ин, аз ёд кардани онро низ ба тариқи мусобиқа ташкил мекунем. Онҳое, ки зуд аз ёд карда, даст боло мекунанд, даъват мекунем, ки камтар сабр кунанд, то ки дигарон ҳам аз ёд кунанд.

Ҳамчунин, бачагонро даъват мекунем, ки дигар шеърҳои дар васфи модар азёдкардаашонро низ хонанд.

6. Машқи навиштанро иҷро мекунем. Маънои онро бо ҷумлаҳои сода шарҳ медиҳем. Ҳангоми навиштан ба назди бачагон рафта, зебову дуруст навиштани ҳарфу калимаҳоро назорат мекунем, ба бачагоне, ки ба кумак ниёз доранд, чанд ҳарфу калимаро дар дафтарашон менависем.

7. Ҷамъбаст ва арзёбӣ. Барои арзёбии салоҳиятҳои хонандагон аз боби Инсон худатон метавонед пешакӣ чанд савол тайёр кунед. Саволҳоро ба шакли тест ҳам тайёр кардан мумкин аст. Барои санҷиши хониши бурро аз якчанд кас хоҳиш мекунем, ки дар васфи модар шеър хонанд. Иҷрои супоришҳоро дар дафтари машқ низ месанҷем. Ба ҳама барои иштирок дар дарс офарин мехонем.

## БОБИ ВАТАН (12 СОАТ)

Ин бобро боби ҷамъбастии китоб номидан мумкин аст. Зеро мафҳуми Ватан тамоми ҳамон мавзӯъҳоеро дар бар мегирад, ки хонандагон то ин дам аз худ кардаанд.

Пас аз иҷрои супоришҳои дигар ва аз ёд кардани шеър дар васфи Ватан тибқи нақша мафҳуми Ватанро шарҳ диҳед. Чунин тарзи кор ба хонандаи хурдсол имкон медиҳад, ки маънои калимаро хуб дарк кунад. Дар хотир доред, ки мафҳумҳои бӯстон ва ҳайвонот бо мафҳумҳои деҳа ва шаҳр алоқамананданд, бинобар ин, онҳо дар шакли алоҳида, ҳамчун як ҷузъи мафҳуми Ватан оварда нашудаанд. Дар охири кор мафҳуми Ватанро ба тариқи зерин шарҳ диҳед: *Ватан – ин падару модари мо, хонаи мо, мактаби мо, дӯстони мо, шаҳру деҳаи мо аст.*

Дарки рамзҳои давлатӣ (Парчам, Нишон, Суруди миллӣ) барои хонандаи синфи якум хеле душвор аст. Дар ин марҳила муҳимтар аз ҳама он аст, ки онҳо бо ин рамзҳо ва Ҳамчунин, бо Президенти кишвар шиносии аввалин пайдо кунанд.

Дар зимн таъкид мешавад, ки аввали калимаҳои Ватан (ба маънои Тоҷикистон), Парчам, Нишон, Суруди миллӣ ва Президент низ мисли исмҳои хос бо ҳарфи калон навишта мешаванд.

Кор бо суратҳои «Манзараҳои Ватани мо» барои нишон додани кишвари паҳновар, бедор кардани ҳисси муҳаббат нисбат ба Ватан мусоидат мекунад.

Забон яке аз рукнҳои ҳастии миллат аст. Хондану аз ёд кардани шеърҳо дар васфи забони модарӣ дар дили хонадагон меҳру шавқи дӯстдории забонро пайдо мекунад.

Табиист, ки хонандаи хурдсол ҳанӯз чӣ будани сулҳро дақиқ дарк намекунад. Аммо хондану аз ёд кардани шеъри «Сулҳи Ватан» (саҳифаи 164) онҳоро ба дарки минбаъдаи маънои он тайёр мекунад.

Барои фаҳмидани мафҳуми иттифоқ ва аҳаммияти он дар пойдории давлат афсонаи «Иттифоқ» оварда шудааст. Забони содаю фаҳмои он имкон медиҳад, ки хурдсолон дар муттаҳидӣ будани неруву қудратро дарк кунанд. Барои ин таркибу ибораҳои дар зери матн овардашударо ба бачагон шарҳ диҳед.

Ба сифати маводди такрорӣ доир ба боби Ватан бозии «Манзараи Тоҷикистон», шеъри «Ватан»-и Боқӣ Раҳимзода ва насиҳатҳои бобои Хирад оварда шудаанд.

### Дарсҳои 1-2

**Мавзӯъ: Ҷумла. Ташаккули маҳорати пайванд кардани мавзӯъҳо.**

**Салоҳиятҳо:**

**1.1.3. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 1. Дар вазъиятҳои муайян (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**

**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**

**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**
**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**
- шеърро бурро хонда тавонанд;
- ҷумлаҳоро дуруст навишта тавонвнд;
- тавассути мафҳумҳои конкретӣ ба моҳияти мафҳумҳои абстрактӣ сарфаҳм раванд;
- хотираи худро тақвият диҳанд;
- маҳорати кори мустақилонаро ба даст оранд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, расмҳои боғҳои пешин ё варақҳо бо номи боғҳои пешина: ОИЛА, ХОНА, МАКТАБ, БӮСТОН, ҲАЙВОНОТ, ДЕҲА, ШАҲР, ДӮСТӢ, ИНСОН, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Ин дарс ҳам дарси ҷамъбасти боби гузашта, ҳам бахотирории тамоми бобҳои пешина аст. Мақсади асосии дарс тайёр кардани бачагон ба мафҳуми Ватан аст. То имрӯз бачагон асосан бо мафҳумҳои айнӣ (конкретӣ) – дидашаванда ошноӣ пайдо мекарданд. Табиист, ки фаҳмидани ашёи айнӣ барои бачагон осон аст. Аммо мафҳумҳои зеҳнӣ (абстрактӣ) бо мушкилӣ дарк мешаванд. Аз тарафи дигар, бачагонро ба такрори тамоми бобҳои гузашта ҷалб намуда, хотираи онҳоро тақвият медиҳем, аввалин малакаҳои фикррониии пай дар пайро ташаккул медиҳем. Бо ба ёд овардани мавзӯи дарси гузашта ва панду амсол ба бачагон хотиррасон мекунем, ки мо дар остонаи боғи дигар қарор дорем. Онҳоро бо ин роҳ барои иштироки фаъолона дар дарс ташвиқ мекунем.
2. Ин қисмати дарс асосӣ ва хеле муҳим аст. Беҳтар аст, пеш аз шурӯи кор як лаҳзаи дамгирӣ ташкил кунем. Сипас, ба бачагон мефаҳмонем, ки барои ворид шудан ба боғи дигар бояд супориши бобои Хирадро ҳамроҳи Азизҷону Азиза иҷро кунанд. Супориш чунин аст, ки ҳамаи боғҳои то имрӯз сайругашт кардаро як-як ба хотир оварда, дар бораи ҳар яки онҳо маълумот диҳем. То имрӯз бачагон дар 9 боғ буданд: ОИЛА, ХОНА, МАКТАБ, БӮСТОН, ҲАЙВОНОТ, ДЕҲА, ШАҲР, ДӮСТӢ, ИНСОН. Аввал номи ин боғҳоро аз бачагон мепурсем. Агар ягон боғро фаромӯш карда бошанд, онро ба хотирашон меорем. Барои ба хотир овардани номи боғҳо супориши дафтари кориро анҷом медиҳем. Сипас, синфро ба 9 гурӯҳ ҷудо карда, ба ҳар гурӯҳ яктоӣ варақҳоеро, ки бо ҳарфҳои калон номи боғҳо навишта шудаанд, месупорем ва вазифа медиҳем, ки ҳар гурӯҳ дар бораи боғи худаш маълумот тайёр кунад. Барои иҷрои ин супориш ба бачагон иҷозат медиҳем, ки саҳифаи даркории китобро аз ҳамон боб кушода, бори дигар ба расмҳои матнҳои он нигоҳ кунанд. Ҳангоми иҷрои супориш ба назди ҳар гурӯҳ рафта, ёрӣ мерасонем. Бачагон метавонанд баъзе чизҳои муҳимро оид ба ҳар боғ ёддошт кунанд, то ки ҳангоми нақл корашон осонтар шавад. Намунаи шарҳи боғҳо чунин буда метавонад:

*Мо дар боғи Дӯстӣ будем. Дар ин боғ мо афсонаи “Дӯсти ҷонӣ”-ро шунидем ва хондем. Фаҳмидем, ки дӯстон се хел мешудаанд: нонӣ, забонӣ ва ҷонӣ. Дӯсти аз ҳама беҳтар дӯсти ҷонӣ будааст. Дӯстони ҷонӣ ҳамеша ба якдигар ёрӣ медиҳанд. Мо ҳамчунин, дар бораи дӯстӣ чанд шеър аз ёд кардем. Яке аз онҳо чунин аст:*

*Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,*
*Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт.*

*Ғайр аз ин, дар боғи Дӯстӣ Азизҷону Азиза дӯстони дигар ёфтанд – Умедҷон ва Малика. Мо ҳам, вақте ки дар ин боғ будем, бо бачагони синфҳои дигар дӯст шудем. Аз бобои Хирад фаҳмидем, ки дӯст пайдо кардан мисли қасри зебо сохтан аст, чунки хонаи дӯст хонаи худи мо будааст...*

Ҳангоми шарҳу тавзеҳи ҳар боб беҳтар аст, ки тартиби онҳоро риоя кунем. Вақте ки бачагон боғҳои худро тасвир мекунанд, аз дигарон хоҳиш мекунем, ки бодиққат гӯш

кунанд, савол диҳанд, илова кунанд. Ҳар гоҳ мондашавии бачагонро ҳис кунем, таваққуф карда, лаҳзаи дамгирӣ ташкил мекунем.

3. Пас аз анҷоми ин кор супориши саҳифаи 158 – ҷо ба ҷо гузоштани номи боғҳоро иҷро мекунем. Бачагон номи боғҳоро бо ҳамон тартибе, ки омӯхта буданд (сайругашт карда буданд), менависанд. Сипас, бачагонро нуҳнафарӣ ба назди тахта даъват мекунем. Коғазҳоро бо номи боғҳо дар тартиби гуногун месупорем. Супориш медиҳем, ки вобаста ба тартиби боғҳо онҳо паҳлуи ҳам қарор гиранд. Ҳамон гурӯҳе ғолиб дониста мешавад, ки ин корро бехато ва аз ҳама зудтар иҷро кунад.

4. Машқи дигар низ барои таҳкими дониши хоандагон аз номи бобҳои китоб равона шудааст. Бо иҷрои амалҳои математикӣ (тарҳу ҷамъ) бачагон аз калимаҳои додашуда калимаҳои нав месозанд, ки номи боғҳо аст. Калимаи охирини ҳосилшуда номи боғи нав – Ватан аст. Иҷрои ин супоришро дар дафтари машқ месанҷем.

5. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Дар ин дарс ба ду салоҳияти муҳим таваҷҷуҳ мекунем: салоҳияти бахотирорӣ ва кори мустақилона. Салоҳиятҳои дигари хонандагонро аз рӯйи иҷрои супоришҳои дафтари машқ месанҷем. Бачагонро табрик мекунем, ки супориши бобои Хирадро пурра иҷро карданд ва акнун дарси дигар онҳо калиди боғи навбатиро мегиранд. Супориш медиҳем, ки барои ин ҳар гурӯҳ аз ҳамон боғи худаш, ки имрӯз такрор карда, суҳбат карданд, яктоӣ ё якпорчагӣ шеъри азёдкардаашонро дарси оянда бурро хонанд. Ба ҳама офарин гуфта, таъкид мекунем, ки бо ҳамдигар бо риояи одоби муошират хайрухуш кунанд.

## Дарсҳои 3-4
## Мавзӯъ: Ватан. Шарҳи мафҳуми Ватан.
## Ҳарфи калон дар аввали рамзҳои давлатии Тоҷикистон.

**Салоҳиятҳо:**

1. 1. 1. **Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи муайяни вазъиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои ду-сеамалаи таълимӣ) риоя мекунад.**
**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**
**1. 2. 1. Дар вазъиятҳои муайян (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**
**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**
**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс**:

- Дар бораи «Ватан» тасаввуроти умумӣ пайдо кунанд;
- Матнро бурро хонда тавонанд;
- Хотираи худро тақвият диҳанд;
- Бо рамзҳои давлатӣ ошноӣ пайдо кунанд;
- Вобаста ба мавзӯъ калимаҳои нав омӯзанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, расмҳои гуногуни манзараи Тоҷикистон, расми рамзии боғи Ватан ва калид, истифодаи кластер, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Мавзӯи гузаштаро ба воситаи саволу ҷавоб ба хотир меорем. Бачагон роҷеъ ба боғҳои дар дарси гузашта интихобкардаи худ суҳбат мекунанд, шеърҳои худро мехонанд.

2. Сипас, ҳамроҳ бо бачагон суҳбати бобои Хирад ва Азизҷону Азизаро мешунавем (сабти овозии он дар диск мавҷуд аст). Таъкид мекунем, ки имрӯз бачагон соҳиби калиди тило шуданд, ин калиди боғи Ватан аст. Ду нафар аз бачагонро ба назди тахта, ба назди дарвозаи боғи рамзӣ даъват мекунем ва ба дасти онҳо калиди боғи Ватанро месупорем.

Хеле хуб аст, агар боғи рамзии Ватанро бо расмҳои манзараҳои зебои Тоҷикистон пешакӣ оро дода бошем. Ҳангоми кушодани дарвозаи боғи Ватан ҳама кафкӯбӣ мекунем.

3. Пеш аз хониши шеъри «Ватан» (саҳифаи 159) чунин суҳбатро ташкил кардан мумкин аст:

*Бачаҳои азиз! Биёед, ба хотир меорем, ки мо дар дарсҳои гузашта доир ба кадом мавзӯъҳо суҳбат карда будем. Бисёр хуб! Ман мебинам, ки машғулиятҳо ба шумо маъқул шудаанд. Мардум ҳама Ватани худро мисли модари худ дӯст медоранд, ситойиш мекунанд. Шоирону нависандагон Ватанро дар шеъру ҳикояҳои худ васф кардаанд. Биёед, ҳоло як шеъри шоира Мавҷуда Ҳакимоваро дар васфи Ватан якҷоя мехонем.*

Сабти овозии шеър дар диск мавҷуд аст. Онро ду ё се маротиба мешунавонем (ва ё бурро мехонем). Баъд хондани онро аз бачагон хоҳиш мекунем. Дар ҳолатҳои зарурӣ устод маънои калимаву ибораҳо ва мисраъҳои алоҳидаи шеърро шарҳ медиҳад. Аз ҷумла, шарҳи таркибу ибораҳои *нури ду чашмони ман, оғӯши дилрабо, роҳати равон, ифтихор кардан* ва ғайраро шарҳ додан ба мақсад мувофиқ аст. Банди охирини шеър барои аз ёд кардан аст. Онро бояд ҳама аз ёд кунанд. Аммо бачаҳои хушзеҳн метавонанд тамоми шеърро аз ёд кунанд. Ба чунин бачагон офарин гуфта, аз дигарон хоҳиш мекунем, ки бо онҳо баробар шаванд.

4. Хушнависии ҳарфи “р”-ро тибқи қоидаҳои маъмул иҷро мекунем.

4. Пеш аз иҷрои машқи навиштани дигар (ҷумлаҳо) беҳтар аст, ки лаҳзаи дамгирӣ ташкил кунем. Сипас, навиштани ҷумлаҳои *Ватани мо Тоҷикистон аст. Мо Ватани худро дӯст медорем*ро супориш медиҳем. Бачагон ҳам навиштанро машқ мекунанд, ҳам доир ба номи Ватани худ маълумот мегиранд.

5. Шарҳи мафҳуми Ватан аз рӯйи нақша. Ин муҳимтарин қисмати дарс аст. Иҷрои онро аввал ба худи хонандагон вогузор кардан мумкин аст. Сипас, устод мавзӯъро беҳтар мефаҳмонад ва ҷамъбаст мекунад:

*Ана, бачаҳо, ҳар он чӣ шумо номбар кардед (бачаҳо номи боғҳоро такрор мекунанд), ҳамаи онҳоро дар якҷоягӣ Ватан мегӯем. Яъне, Ватан ин хонаи мо, синфи мо, шаҳри мо, ҳавлии мо, деҳаи мо, шаҳри мо, модари мо мебошад. Шояд шумо пурсед, ки наход он ҳама боғҳову калимаҳо дар як мафҳуми Ватан ҷой гирад? Бале, бачаҳои азиз, ҳарчанд калимаи Ватан хурд аст, аммо он дар худ мафҳуми бузургеро ҷой медиҳад.*

6. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Аз рӯйи нақшаи с. 160 бори дигар саволу ҷавоб ташкил намуда, боварӣ ҳосил мекунем, ки бачагон оид ба мафҳуми «Ватан» тасаввуроти аввалин пайдо кардаанд. Аз бачагон шарҳи мафҳуми Ватанро мепурсем. Сипас, худамон ҷамъбаст миекунем: *Ана, ҳамин тавр, ҳар шахс Ватани худро дорад. Номи Ватани мо Тоҷикистон аст. Мо бо Ватани худ фахр мекунем, онро дӯст медорем.* Бори дигар шеъри “Ватан”-ро якҷоя мехонем ва салоҳияти хониши бурроро месанҷем. Супоришҳои дафтари машқро низ месанҷем. Ҳамаро бори дигар бо гирифтани калиди боғи Ватан ва ворид шудан ба он табрик мегӯем.

### Дарсҳои 5-6

### Мавзӯъ: Рамзҳои давлатӣ. Президент – ғамхори бачагон.

**Салоҳиятҳо:**

1. 1. 1. **Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи муайяни вазъиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои ду-сеамалаи таълимӣ) риоя мекунад.**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.**

**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**

- рамзҳои асосии давлатиро шиносанд ва номбар карда тавонанд;
- ҷумлаҳоро бехато ва хоно нависанд;
- оид ба мафҳуми Президент маълумот гиранд, Президентро аз рӯйи аксаш шиносанд;
- истифодаи ҳарфи калонро дар аввали номи рамзҳои давлатӣ ёд гиранд.
- луғатҳои навро аз худ кунанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, расмҳои Президент, Парчам, Нишон, матни Суруди миллӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Ба шарҳи мафҳуми Ватан бармегардем. Боғҳоро бори дигар мухтасар ба ёд меорем. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки бачагон ҳар як боғро дӯст доранд. Муҳаббат ба Ватан аз дӯст доштани оила, хона, мактаб, табиати кишвар, шаҳру деҳа ташаккул меёбад.
2. Шиносоӣ бо рамзҳои давлатӣ. Ин корро бо нишон додани рамзҳои калони Нишони давлатӣ ва Парчам ташкил кардан беҳтар аст. Хушбахтона, дар ҳар мактабу синф ин гуна расмҳо ҳастанд. Ҳар як қисмати Нишон ва Парчамро бо роҳи саволу ҷавоб шарҳ медиҳем. Саъй мекунем, тамоми шарҳи онҳоро худамон ташкил накарда, бачагонро низ ба он ҷалб кунем. Чунин саволҳоро пешниҳод кардан мумкин аст:

- *Ин расми чист? (Парчам)*
- *Он чанд ранг дорад? (Се ранг)*
- *Кадом рангҳо? (Сурх, сафед, сабз)*
- *Дар мобайни Парчам чиро мебинед? (Тоҷро)*
- *Дар болои тоҷ чанд ситора ҳаст? (Ҳафт)*
- *Кӣ мегӯяд, ранги сурх чӣ маъно дорад?* Дар ин ҷо бачагон мумкин аст, ки ҷавоб дода натавонанд ё ҷавоби онҳо мулоҳизаҳои кӯдаконаи худашон бошад. Он гоҳ худи устод маънои ранги сурхи Парчамро шарҳ медиҳад. Айнан ин корро бо рангҳои сафеду сабз ва тоҷ анҷом медиҳем.

Ҳангоми кор бо Нишони давлатӣ донишҳои аллакай азхудкардаи хонандагонро месанҷем. Масалан, вақте ки ба саволи “Дар Нишони давлатӣ чӣ чизҳо тасвир шудаанд?” бачагон дар қатори кӯҳ, пахта, гандум, офтоб ва китоб номи тоҷро ба забон меоранд, омӯзгор хоҳиш мекунад, ки онро маънидод кунанд. Албатта, бачагон доир ба чизҳои дигар (кӯҳ, пахта, гандум, офтоб ва китоб) низ маълумот доранд ва онҳоро ба таври худ тавсиф мекунанд. Тавсифи бачагонро як-як шунида, сабаби дар Нишони давлатӣ ҷой дода шудани онҳоро бештар шарҳу тавзеҳ медиҳем. Дар зимн ҳисси эҳтироми рамзҳои давлатиро дар дили бачагон ҷой медиҳем. Тавре медонем, Суруди миллӣ низ аз рамзҳои давлатӣ аст. Матни Суруди миллӣ дар китоб ҷой дода нашудааст, аммо мутмаинем, ки дар ҳар синф матни он ҳаст ва бачагон шояд онро кайҳо аз ёд кардаанд. Онро бори дигар якҷоя мехонем, дар мавриди зарурӣ калимаву ибораҳои душворфаҳмро шарҳ медиҳем.

**Таъкид:** Дар аксар матнҳои Суруди миллӣ дар банди охир ба як иштибоҳ роҳ дода шудааст. Сатри аввали банди сеюм маъмулан ба шакли “Ту модари ягонаӣ” навишта ва хонда мешавад. Шакли мантиқан дурусти он “Ту модарӣ, ягонаӣ” мебошад. Яъне, ту модар ҳастӣ, ту ягона ҳастӣ.

3. Шиносоӣ бо мафҳумҳои давлат, номи расмии Тоҷикистон, сарвар, Президент. Ин қисмати дарсро аз кор бо расм шурӯъ мекунем. Бачагон то имрӯз борҳо Президенти

кишварро дидаанд, дар бораи ӯ бисёр чизҳоро медонанд. Бинобар ин, ташкили чунин суҳбат мушкил нест. Сипас, матни зери расмро мехонем, ба бачагон мафҳумҳои *давлат, сарвар ва президент*ро шарҳ медиҳем.

4. Машқи навиштан. Муҳимтарин калимаву мафҳумҳои ин дарс – *Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президент, Парчам, Суруди миллӣ, Нишон* барои машқи навиштан пешниҳод шудаанд. Дар байни онҳо калимаи "сулҳ" низ омадааст. Ин калима дар матн вуҷуд надошта бошад ҳам, ҳангоми суҳбат роҷеъ ба сарвари давлат ва зикри хизматҳои шоёни ӯ дар барқарор кардани сулҳ дар кишвар хоҳ-нохоҳ ин калимаро истифода мекунем, аз ин рӯ ин мафҳум низ ба таври рамзӣ дар байни калимаҳои дигар ҷой дода шудааст. Дар тахтаи синфи унвони расмии Президентро низ нависед ва дуруст хондану ба хотир гирифтани онро ташвиқ кунед: **Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат.** Ҳангоми иҷрои машқи навиштан ба назди бачагон рафта, кори онҳоро назорат мекунем.

5. Истифодаи ҳарфи калон дар аввали калимаҳои ифодакунандаи рамзҳои давлатӣ. Аз худ кардани ин қоидаро дар ду зина ба роҳ мондан беҳтар аст: Дар зинаи аввал қоидаҳои истифодаи ҳарфи калонро дар аввали ҷумлаҳо ва исмҳои хос ба ёд меорем. Дар зинаи дуюм дар тахтаи синф ҷумлаҳои зеринро менависем:

1. Ҳар шахс ватан дорад. Номи Ватани мо Тоҷикистон аст.
2. Ҳар давлат суруди миллӣ дорад. Мо Суруди миллии худро аз ёд медонем ва онро ҳар рӯз месароем.

Сипас, аз бачагон мепурсем:

- *Дар сатри аввал чанд калимаи "ватан" ҳаст? (дуто)*
- *Дар ҷумлаи аввал он бо кадом ҳарф навишта шудааст? (ҳарфи хурд)*
- *Дар ҷумлаи дуюм чӣ? (бо ҳарфи калон)*

Айнан чунин саволу ҷавобро бо ҷумлаҳои сатри дуюм иҷро мекунем. Сипас, қоидаро шарҳ медиҳем:

*Бачаҳои азиз! Агар мо калимаҳои "ватан"-ро ба маънои ватани худамон, яъне Тоҷикистон ва "суруди миллӣ"-ро ба маънои Суруди милллии Тоҷикистон истифода кунем, дар аввали онҳо ҳарфи калон менависем. Калимаҳои парчам, нишон ва президент низ ду тарзи навишт доранд: агар мақсади мо аз ин калимаҳо Парчами Тоҷикистон, Нишони давлатии Тоҷикистон ва Президенти Тоҷикистон бошад, дар аввали онҳо ҳарфи калонро истифода мекунем.*

Сипас, навиштани қоидаро ба бачагон супориш медиҳем. Дар охир, барои санҷиши дониши бачагон як нафарро ба назди тахта даъват карда, навиштани ду ҷумларо аз ӯ ва ҳамаи бачагони дигар хоҳиш мекунем:

*Сарвари давлатро президент мегӯянд. Номи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аст.*

Агар дар навишти калимаи "президент" бачагон ба иштибоҳ роҳ диҳанд, шакли дурусти навишти онҳоро бори дигар нишон медиҳем. Дар охир навиштани ҷумлаи "Эмомалӣ Раҳмон ғамхори бачагон аст"-ро дар дафтари машқ супориш медиҳем.

6. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Омӯзгорони азиз! Умедворем, ки шумо дар ҷараёни дарс дар ҳолатҳои мондашавии бачагон ташкил кардани лаҳзаҳои дамгириро аз хотир набаровардаед. Офарин ба шумо! Акнун маводди асосии дарсро якҷоя бо бачагон ҷамъбаст намуда, салоҳиятҳои бадастовардаи онҳоро санҷед. Иҷрои супоришҳоро дар дафтари машқ барои санҷиши салоҳиятҳои навиштан ва истифодаи ҳарфи калон дар аввали номҳои рамзҳои давлатӣ истифода кунед. Дар охир офарин гуфтан ба онҳоро низ фаромӯш накунед!

**Дарсҳои 7-8**

**Мавзӯъ: Манзараҳои Ватани мо. Забони модарии мо.**

**Салоҳиятҳо:**

1. 1. 3. **Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**

**1. 2. 1. Дар вазъиятҳои муайян (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**

**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**Мақсади дарс:**

- бо манзараҳои асосии кишвар (кӯҳ, ёдгориҳои таърихӣ, Қасри миллат) шиносой пайдо кунанд;
- нутқи шифоҳии худро инкишоф диҳанд;
- роҷеъ ба мавқеи забон дар зиндагӣ тасаввурот пайдо кунанд;
- шеърро бурро хонанд, луғатҳои вобаста ба матнро аз худ кунанд;
- малакаҳои навиштанро тақвият диҳанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникӣ барои шунавонидани сабти овозӣ, расмҳои манзараҳои гуногуни Тоҷикистон, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Дарсро бо такрори рамзҳои давлатӣ оғоз мекунем. Аз ҷумла, Суруди миллиро якҷоя хондан ба мақсад мувофиқ аст. Рангҳои Парчам ва мазмуни онҳо, расмҳои Нишони давлатӣ ва моҳияти онҳоро аз хонандагон пурсида, дар мавриди лозима худамон бори дигар онҳоро шарҳ медиҳем. Бори дигар таъкид мекунем, ки аввали номи рамзҳои давлатӣ мисли номи одамону шаҳру деҳаҳо ва дигар исмҳои хос бо ҳарфи калон навишта мешаванд.
2. Кор бо расмҳои “Манзараҳои Ватани мо”. Хуб аст, агар бо расмҳои саҳифаи 162 маҳдуд нашуда, расмҳои калонтару рангаи манзараҳои гуногуни Тоҷикистонро ҳамчун асбоби аёнӣ дар синф ҳозир кунем. Муҳимтарин мақсади кор бо расмҳо ташаккули тасаввуроти мусбат роҷеъ ба Ватани худ, зебоии табиати он, ёдгориҳои таърихӣ ва меъмориҳои ҳозиразамон ва бо ин роҳ тақвияти меҳру муҳаббати онҳо ба Ватан аст. Аз ин рӯ, дар ин дарс аз аксу суратҳои маҳаллу минтақаи худ – аз он манзараҳое, ки бачагон бо он аз наздик шиносанд, низ истифода кардан мумкин аст. Боке нест, агар бачагон чӣ будани аксҳои дар расмҳо тасвиршуда ва дар куҷо будани онҳоро аниқ надонанд. Корро аз он чизе сар мекунем, ки иҷрои он осон бошад. Барои ин бачагонро ба гурӯҳҳо тақсим карда, ба ҳар гурӯҳ ба таври шифоҳӣ тавсиф намудани як расмро супориш медиҳем. Ҳангоми иҷрои супориш ба назди ҳар гурӯҳ рафта, муҳимтарин маълумотро роҷеъ ба ҳамон расм (чӣ тасвир ёфтааст, номи он чист, дар кадом ноҳия ё минтақа аст ва ғайра) пешниҳод мекунем. Ҳатто мумкин аст пешакӣ дар варақҳо чанд ҷумла навишта, онро ба бачагон барои истифода диҳем. Пас аз иҷрои супориш ҳар гурӯҳ расми интихобкардаи худро ба дигарон нишон дода, муаррифӣ мекунад.
3. Пеш аз он ки зарбулмасалро хонем ва маънои онро ба бачагон шарҳ диҳем, чанд савол мегузорем:

1. *Булбул чист? (Паранда); Он дар куҷо зиндагӣ мекунад? (Дар боғ, дар болои дарахт, дар дашту саҳро...); Хӯроки он чист? (сабзаву алаф, дон, нонреза...); Ҷое ки сабзаву дарахт бисёр аст чӣ мегӯем? (боғ, сабзазор, алафзор, чаман...); Агар чаман(зор) набошад, булбул метавонад зиндагӣ кунад? (Не).*

2. *Ватан чист? (Хонаи мо, деҳи мо, шаҳри мо, мактаби мо, оилаи мо...); Агар мо хона надошта бошем, шаҳру деҳа надошта бошем, дар кучо зиндагӣ мекунем? (Ханда ва хомӯшӣ); Пас, барои зиндагӣ кардан ба мо чӣ лозим? (Хона, кӯча, бозор, шаҳр, деҳа...).*

Пас аз чунин саволу ҷавоб фаҳмидани маънои зарбулмасал барои бачагон хеле осон мегардад. Онро бо роҳи чанд маротиба такрор кардан аз ёд мекунем.

4. Машқи навиштан. Дар машқи навиштан сухан дар бораи забон ва нақши он меравад. Иҷрои ин машқ дар баробари мусоидат намудан ба инкишофи малакаҳои навишторӣ, хонандагонро барои иҷрои машқи оянда омода месозад. Фаромӯш намекунем, ки ҳангоми иҷрои ин машқ ба назди бачагон рафта, кори онҳо, аз ҷумла, тарзи дуруст нишастану зебо навиштанро назорат мекунем.

5. Хониши бадеӣ. Сабти овозии шеъри “Забони модари мо” дар диск мавҷуд аст. Пеш аз шурӯи кор ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ кунед: Сабти овозии шеърро чанд маротиба мешунавонем (ё худамон бурро қироат мекунем. Калимаҳоеро, ки дар луғат оварда шудаанд, шарҳ медиҳем. Сипас, мустақилона хондани шеърро ба хонандагон супориш медиҳем. Синфро ба се гурӯҳ тақсим намуда, якпорчагӣ аз ёд кардани онро низ супориш додан мумкин аст. Бачагон баъди аз ёд кардан сенафарӣ (аз ҳар гурӯҳ – як нафар) ба назди тахта омада, шеърро пурра мехонанд.

6. Хушнависии ҳарфи “з”-ро, ки он ҳам ба забон бахшида шудааст, дар ҳамин дарс анҷом додан хуб аст. Агар вақти соати дарсӣ нарасад, онро ба дарси дигар гузаронед.

7. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Барои ба ёд овардани маводди имрӯз омӯхташуда ба бачагон чунин савол мегузорем: *Соати аввали дарс мо чӣ кор кардем? (Дар бораи манзараҳои Ватан суҳбат кардем, ҷумлаҳо навиштем) Соати дуюм чӣ кор кардем? (Ду шеър дар бораи забони модарӣ хондем, шеъри дуюмро ба дафтар навиштем). Кадом калимаҳои навро омӯхтем? (хушоҳанг, дур(р), бекарон, покиза).* Саволҳои дигар низ таҳия карда, мепурсем. Аз рӯйи натиҷаи саволу ҷавоб салоҳиятҳои хонандагонро месанҷем. Агар вақт имкон диҳад, хониши шеър ё суҳбатро роҷеъ ба манзараҳои Ватан мухтасар такрор кардан мумкин аст. Таъкид мекунем, ки забони модариро дӯст доштан аз нағз ёд гирифтан, покиза нигоҳ доштан ва дуруст истифода кардан иборат аст.

Ба ҳама барои иштироки фаъолона дар дарс офарин мегӯем.

## Дарсҳои 9-10
## Мавзӯъ: Сулҳи Ватан. Иттифоқ.

**Салоҳиятҳо:**

1\. 1. 1. Қоидаҳои **одии гӯш карданро дар доираи муайяни вазъиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои ду-сеамалаи таълимӣ) риоя мекунад.**

**1. 1. 2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 2. 1. Дар вазъиятҳои муайян (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.**

**1. 3. 1. Қоидаҳои одии хонданро медонад, оҳанги одии хонишро риоя мекунад.**

**1. 3. 3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.**

**1. 4. 1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.**

**Мақсади дарс:**

- аз рӯйи намуна калимаҳои нав созанд;
- бо мафҳумҳои “сулҳ”, “ваҳдат” ва нақши онҳо дар зиндагӣ пай баранд;
- қувваи шунавоӣ ва нутқи шифоҳии худро инкишоф диҳанд;
- дар доираи мавзӯъ калимаҳои навро омӯзанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникӣ барои шунавонидани сабти овозӣ, ҳафт дона химча, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Пас аз саломуалейк ва аҳволпурсӣ роҷеъ ба забон, нақши он дар зиндагӣ, таърихи дуру дароз доштани забони модарӣ, ширину гуворо будани он суҳбат ташкил мекунем. Бачагон шеъри азёдкардаи худро мехонанд. Аз ёд хондани шеъри "Забони модарии мо"-ро ба таври умумӣ ташкил кардан мумкин аст: ҳамаи бачагони гурӯҳи аввал (тибқи тақсимоти дарси гузашта) банди якуми шеър, гурӯҳи дуюм – банди дуюм ва гурӯҳи сеюм банди сеюмро мехонанд. Нақароти шеърро (Забони модарии мо, Забони модарии мо) ҳама мехонанд. Агар дарси гузашта чунин корро анҷом надода бошем, аз чанд кас хоҳиш кардани хондан (аз ёд ё аз китоб) кофист.

2. Калимасозӣ. Аз бачагон хоҳиш мекунем, ки банди охирини шеъри "Забони модарии мо"-ро бори дигар бодиққат хонанд. Мепурсем, ки калимаҳои охири байти якум (сатри якуму дуюм) бо кадом ҳарфу овозҳо тамом шудаанд (бурро<u>тар</u>, гуворо<u>тар</u>). Пас илова мекунем: *"зеботар" аз "зебо", "калонтар" аз "калон" чӣ фарқ дорад?* Барои боз ҳам осонтар шудан чунин мисолҳо овардан мумкин аст: *Бачаҳо, шумо бо хондани Алифбо доно шудед, яъне хондану навиштанро ёд гирифтед. Акнун бо хондани Забони модарӣ ва сайругашт дар боғи дониш боз донотар шудед. Ана бинед, Маҳваш имрӯз куртачаи тозаю хушрӯ пӯшидааст, аз дирӯза зеботар шудааст.* Бо ин роҳ мефаҳмонем, ки агар ба калима пасванди "-тар" илова кунем, он нишон медиҳад, ки яке нисбат ба дигаре ҳамин сифату хусусиятро бисёртар дорад. Сипас, иҷрои машқи калимасозиро супориш медиҳем. Як кас ин корро дар тахтаи синф иҷро мекунад, дигарон дар дафтарҳои худ менависанд.

3. Сулҳи Ватан. Сабти овозии ин шеър дар диск мавҷуд аст. Онро чанд маротиба мешунавонем (ё худамон бурро мехонем). Ҳангоми бори дуюму сеюм шунидани шеър хоҳиш мекунем, ки ба китоб нигоҳ кунанд. Сипас, калимаҳои дар луғат овардашударо шарҳ медиҳем, бачагон дар дафтарҳои худ менависанд. Ба бачагон супориш медиҳем, ки худашон мустақилона шеърро хонанд. Азбаски ҳаҷми шеър калон аст, ҳамаи онро аз ёд кардан хеле мушкил аст. Бинобар ин, бачагонро ба чор гурӯҳ ҷудо карда, аз ёд кардани онро якпорчагӣ супориш медиҳем. Ҳангоми тақсими синф ба гурӯҳҳо бояд таваҷҷуҳ кард, ки дар ҳар гурӯҳ бачагони сатҳи донишашон гуногун бошанд. Баъди аз ёд кардани шеър бачагон ҳар як порчаи онро бо ҳамовозӣ дар гурӯҳ хонда метавонанд.

4. Фаҳмиши матни шеърро бо роҳи саволу ҷавоб, бо истифода аз саволҳои саҳифаи 165 ва саволҳои иловагӣ санҷидан мумкин аст. Табиист, ки дарки мафҳумҳои "ваҳдат", "ягонагӣ", "иттифоқ", "азму субот" ва ғайра мушкил аст. Ин мафҳумҳоро ба таври сода шарҳ медиҳем. Зимнан, афсонаи "Иттифоқ", ки мавзӯи навбатии дарс аст, барои фаҳмидани мафҳумҳои "ваҳдат", "ягонагӣ" кумак мекунад.

5. Беҳтар аст, агар пеш аз сар кардани кор бо матни "Иттифоқ" таркибу ибораҳои дар зер овардашударо ба бачагон шарҳ диҳем. Ин кор барои осонтар шудани фаҳмидани мазмуни ҳикоя ва нақли он мусоидат мекунад. Сабти овозии ин матн дар диск мавҷуд аст. Агар имконияти техникӣ набошад, онро худи омӯзгор ду ё се маротиба бо риояи оҳанг мехонад. Пас аз шунидани ҳикоя аз бачагон хоҳиш мекунем, ки мазмуни онро нақл кунанд. Кӯшиш мекунем, ки бо гузориши саволҳо онҳоро барои фикр кардан водор созем. Масалан, чунин саволҳо тартиб додан мумкин аст:

- *Подшоҳ чанд писар дошт?*
- *Барои чӣ як химчаро шикастан осон аст?*
- *Барои чӣ ҳафт химчаро шикаста натавонистанд?*
- *Чаро подшоҳ бо писаронаш ин корро анҷом дод?*
- *Иттифоқ будан чӣ маъно доштаст?*
- *"Аз як гиребон сар баровардан" чӣ маъно дорад?*

Пас аз ин ба бачаҳо муроҷиат мекунем: *Бачаҳо, мехоҳед ин корро худамон санҷем?*

Аввал ҳафт дона химчаро якҷоя карда, бо навбат ба чанд нафар иҷозат медиҳем, ки кӯшиш кунанд, химчаҳоро дар якҷоягӣ шикананд. Табиист, ки ҳеҷ кас онро шикаста наметавонад. Баъд, ҳар як химчаро дар алоҳидагӣ як-як ба бачагон медиҳем, то ки шиканананд. Ҳар кас химчаро шикаста ба дигарон нишон медиҳад. Бо ин кор бачагон ба ҳақиқати афсона ва қувваи муттаҳидиву ягонагӣ боварӣ ҳосил мекунанд.

6. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Барои ҷамъбаст ва аразёбии салоҳиятҳо ду мавзӯи асосии дарсро бо ҳам муттаҳид мекунем: пойдории сулҳ танҳо ҳамон вақт имкон дорад, ки агар ҳамаи мо муттаҳид бошем. Ваҳдату муттаҳидӣ на танҳо омили асосии сулҳу оромӣ, балки пешрафту некуаҳволии халқ аст. Дарки ин матлабро аз ҷониби хонандагон бо роҳи саволгузорӣ месанҷем. Дар зимн, даъват мекунем, ки иттифоқ шуданро аз синф сар кардан лозим аст, яъне, мо, ки ҳама дар як синф мехонем, бояд бо ҳам дӯсту рафиқ бошем. Барои ин ки мактаб мактаби ҳамаи мост, бо бачагони синфҳои дигар низ дӯстиву бародарӣ дошта бошем. Салоҳиятҳои калимасозб ва навиштанро аз рӯйи иҷрои супоришҳои дафтари машқ месанҷем. Дар охир ба бачагон барои иштирокашон дар дарс офарин мегӯем.

## Дарсҳои 11-12
## Мавзӯъ: Ҷамъбаст ва арзёбии боби Ватан.

**Салоҳиятҳо:**

1. 1. 3**. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.**

**1. 4.3. Фикри худро дар қолаби матни хурд (на камтар аз се ҷумлаи сода) менависад.**

**Мақсади дарс:**

- мафҳумҳои Ватан, Президент, Парчам, Нишон, Суруди миллӣ, сулҳ, ваҳдатро дарк кунанд ва дар ҷумлаҳои сода истифода кунанд;
- роҷеъ ба минтақаҳо ва шаҳрҳои Тоҷикистон маълумоти бештар гиранд;
- маҳорати шунавоӣ ва нутқи шифоҳии худро тақвият диҳанд;
- қувваи шунавоӣ ва нутқи шифоҳиро инкишоф диҳанд;
- калима ва ҷумлаҳоро дуруст ва хоно нависанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникӣ барои шунавонидани сабти овозӣ, расмҳои минтақаҳо ва шаҳрҳои Тоҷикистон, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Аз бачагон мепурсем, ки дар боғи Ватан онҳо чӣ чизҳои навро ёд гирифтанд. Фикру андешаҳои онҳоро дар тахтаи синф менависем: *Ватан, Президент, Нишон, Суруди миллӣ, Парчам, ваҳдат, муттаҳидӣ, меҳри Ватан...*Агар бачагон гуфтани баъзе аз ин мафҳумро фаромӯш карда бошанд, худамон ёдовар шуда, менависем. Масалан, мегӯем: *Хуб, бачаҳо, боз чиро ёд гирифтем? Канӣ, саҳифаи 160-ро кушода бинед, он ҷо чӣ ҳаст? Офарин, Нишон ва Парчами Тоҷикистон. Ҳамин тавр?* Дар охир нақли афсонаро низ хоҳиш мекунем ва мазмуни асосии онро ба ёд меорем.

2. Сабти овозии “Такрори боби Ватан” дар диск ҳаст. Пеш аз шунавонидан ва ё хондани он ба бачагон муроҷиат мекунем: *Бачаҳо, мо аз боғи Ватан бисёр чизҳоро ёд гирифтем. Ҳамин тавр? Офарин! Биёед акнун мефаҳмем, ки Азизҷону Азиза ҳам ин чизҳоро ёд гирифтанд ё не. Ҳоло шумо гӯш кунед ва гӯед, ки Азизҷону Азиза аз боғи Ватан чиҳоро ёд гирифтанд.* Сипас, матнро мешунавонем. Муҳимтарин матлабро таъкид мекунем: “Хонаи мо, мактаби мо, шаҳру деҳаи мо як пораи хоки Ватан аст. Иттифоқу ваҳдат кишварро ободу зебо мекунад”. Барои мустаҳкам кардани мавзӯъ хониши онро низ ташкил мекунем.

3. Манзараи Тоҷикистон. Ҳадафи асосии ин қисмати кор шинос кардани бачагон бо минтақаҳо ва шаҳрҳои гуногуни Тоҷикистон аст. Аввал номи шаҳрҳоро мехонем, баъд хондани калимаҳои бо ранги сурх навишташударо супориш медиҳем. Мазмуни ин манзараи Тоҷикистон чунин аст: Ҳамаи ин шаҳрҳо дар якҷоягӣ Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, Душанбе ҳамчун пойтахти Тоҷикистон пояи асосии он аст. Омӯзгор номи шаҳру деҳаи худи бачагонро низ ба ин манзара илова мекунад. Агар бачагони ҳушёр пурсанд, ки барои чӣ номи шаҳри мо дар ин ҷо нест, метавонед шарҳ диҳед, ки аз ҳар минтақаҳо намояндаҳо ҳастанд. Масалан, Хоруғ ҳамчун маркази Бадахшон шаҳру ноҳияҳои Ишкошим, Мурғоб ва ғайраро низ нишон медиҳад.

4. Калима ва ҳиҷо. Номи шаҳрҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда навиштан чанд ҳадаф дорад. Аввалан, бо ин роҳ бачагон номи шаҳрҳоро ба хотир мегиранд. Сониян, қобилияти ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани калимаҳоро инкишоф медиҳанд. Ниҳоят, малакаҳои навиштанро низ тақвият медиҳанд.

5. Машқи навиштани ҷумла. Пеш аз иҷрои ин супориш ташкил кардани лаҳзаи дамгириро фаромӯш накунед. Дар баробари навиштани ҷумла хоҳиш кунед, ки бачагон онҳоро зебову хоно ва бехато нависанд.

6. Шеъри Боқӣ Раҳимзода "Ватан"-ро бо оҳанг, мисли суруд хондан беҳтар аст. Сабти овозии ин шеър дар диск ҳаст. Аввал онро чанд бор мешунавонем. Сипас, баъзе калимаҳоро шарҳ медиҳем: *васф, дида, машҳур, зарра, ҳифз, дунё* ва ғайра. Ҳангоми хондан ё сурудан ба тарзи навишт ва талаффузи баъзе калимаҳо диққати бачагонро ҷалб мекунем, яъне ҳарфи "ӣ" пас аз садонок "йӣ" хонда мешавад. Намунаҳои он дар охири саҳифаи 167 оварда шудааст.

7. Бачагонро ба шунидани суҳбати бобои Хирад бо Азизҷону Азиза даъват мекунем. Ин суҳбат як навъ хулосаи сайругашти бачагон дар боғи дониш аст. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки бачагон худроояндаи кишвар ҳис кунанд, нағз хондан, боодоб шудан, калонсолонро эҳтиром кардан, меҳнатдӯст шуданро шиори зиндагии худ кунанд. Фаҳманд, ки ин ҳама хислатҳо асоси ободии кишвар аст. Ин матн бачагонро ба таътили тобистона омода мекунад. Сабти овозии матн дар диск мавҷуд аст. Онро як ё ду маротиба мешунавонем. Сипас, бачагон худашон мустақилона мехонанд ва мазмунашро нақл мекунанд.

8. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Дониши азхудкардаи бачагонро месанҷем. Хоҳиш мекунем, ки китобҳоро пӯшанд. Сипас, супориш медиҳем, ки номи шаҳрҳои Тоҷикистонро номбар кунанд. Номи пойтахти кишварро низ мепурсем. Хуб аст, агар бачаҳо дар бораи ин ё он шаҳру деҳа шеър хонанд. Барои ҳар як мафҳум (Ватан, Президент, Парчам, Суруди миллӣ, сулҳ, ваҳдат, иттифоқ) савол мегузорем ва салоҳиятнокии дарки ин мафҳумҳоро месанҷем. Иҷрои супоришҳоро дар дафтари машқ месанҷем. Бачагонро табрик мекунем, ки дар боғи Ватан низ сайругашти босамаре анҷом доданд.

## БОБИ ҶАМЪБАСТӢ. ХУШ ОМАДӢ, ТОБИСТОН! ХАЙР МАКТАБ! (10 соат)

### Дарсҳои 1 – 2. Ҷумласозӣ. Тобистон. Фаслҳои сол ва моҳҳо. Дар рӯзаки тобистон

**Салоҳиятҳо:**

1. 1. 2. **Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад.**

**1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.**

**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**1. 4.3. Фикри худро дар қолаби матни хурд (на камтар аз се ҷумлаи сода) менависад.**

**Мақсади дарс:**

- донишҳои андӯхтаи худро роҷеъ ба фаслҳои сол тақвият диҳанд;
- тобистон ва хусусиятҳои ин фасли солро донанд ва тавсиф кунанд;
- роҷеъ ба пайванди пайванди таътил ва таҳсил тасаввурот пайдо кунанд;
- ҷумлаҳоро бехато ва хоно навишта тавонанд;
- дар бораи қоидаҳои оббозӣ дар ҷӯйбору кӯлҳо ва дарёҳо маълумот гиранд ва онҳоро риоя кунанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникӣ барои шунавонидани сабти овозӣ, коғазпораҳо бо номҳои фаслҳо ва моҳҳо, дафтари машқ.

1. Сухбати бобои Хирад бо Азизҷону Азизаро аз дарси гузашта ба хотир оварда, роҷеъ ба фаслҳои сол саволгузорӣ мекунем ва махсусан, зимистону баҳорро бо хусусиятҳояшон ёдовар мешавем. Хотиррасон мекунем, ки мо дар остонаи фасли дигари сол – тобистон қарор дорем ва моҳи июн моҳи аввали ин фасл аст.

3. Тобистон. Пеш аз хондани матн аз бачагон мепурсем, ки ҳангоми сайругашт дар боғи дониш кадом фаслҳоро диданд. Ба ёд меорем, ки мо дар бораи зимистон ва баҳор маълумот гирифта будем. Саъй мекунем, ки бачагон бо роҳи ҷавоб додан ба саволҳои омӯзгор фаслҳои зимистон ва баҳорро тавсиф кунанд, шеър хонанд. Сипас, хондани матни “Тобистон”-ро супориш медиҳем. Барои санҷиши дониши хонандагон машқи саволу ҷавобро (саҳифаи 169) иҷро мекунем. Омӯзгор метавонад бо саволҳои дар китоб овардашуда қонеъ нашуда, аз худаш саволҳои дигар илова кунад. Масалан: *Дар фасли тобистон кадом меваҳо мепазанд? Барои чӣ дар тобистон барф намеборад?* Ва ғайра.

4. Навиштани ҷумлаҳо. Ба бачагон нақшаро мефаҳмонем. Ҷумлаҳоро худашон бояд созанд. Ҳар ҷумла тибқи нақша аз се калима иборат мешавад (пешоянду пасояндҳо ҷузъи ҷумла нестанд). Барои беҳтар шудани кор мумкин аст пешниҳод кунем, ки гурӯҳи дуюми ҷумлаҳо аз чор калима иборат бошанд. Иҷрои онро ба бачагони лаёқатмандтар супориш медиҳем. Барои беҳтар фаҳмидани супориш дар тахта барои намуна як ё ду ҷумларо тибқи ин нақша менависем.

5. Супориши дигарро шифоҳӣ (хониш) ташкил кардан беҳтар аст. Ин лаҳзаро бо роҳи кор бо расм гузаронидан мумкин аст. Хеле муҳим аст, ки дар баробари иҷрои машқ бачагон фаҳманд, ки ҳангоми оббозӣ кардан дар дарёву ҷӯйҳо бояд эҳтиёт шаванд, танҳо оббозӣ накунанд.

6. Фаслҳои сол ва моҳҳо. Чор нафарро ба назди тахта даъват мекунем ва ба дасти ҳар кадомашон коғазҳоеро, ки номи фаслҳои сол навишта шудаанд, медиҳем: БАҲОР, ТОБИСТОН, ТИРАМОҲ, ЗИМИСТОН. Онҳо дар як кунҷи синф қарор мегиранд. Ҳар якеро бо навбат ба мобайн мехонем ва аз дигарон хоҳиш мекунем, ки номи моҳҳои ҳамон фаслро номбар кунанд. Пас аз номбар кардани моҳҳо ҳама якҷоя чанд бор такрор мекунем: Баҳор – март, апрел, май...Он гоҳ 12 нафарро боз ба назди тахта мехонем ва ба дасти ҳар яки онҳо номи як моҳро медиҳем. “Фаслҳо”-ро дар чор гӯшаи синф ҷойгир намуда, аз “моҳҳо” хоҳиш мекунем, ки ба назди “фасл”-и худ рафта, бо тартиби тақвимӣ истанд. Ҳамон гурӯҳ ғолиб аст, ки ин корро аз ҳама зудтар ва бехато иҷро кунад. Пас аз анҷоми ин бозӣ машқи навиштани фаслҳои сол ва моҳҳоро супориш медиҳем.

7. Аз рӯйи машқи болоӣ супориш медиҳем, ки солу моҳҳоро дар дафтари машқ ба шакли дарахт, чор шоха ва се шохаҳои хурдтар дар ҳар шоха тасвир кунанд. Бачагон бояд расми дарахтеро кашанд, ки тана ва чор шоха дорад. Дар ҳар шоха номи фасли солро навишта, аз он боз се шохаи хурди дигар мекашанд ва номи моҳҳои мувофиқро менависанд.

8. Хушнависии ҳарфи “й”-ро бачагон дар дафтари машқ иҷро мекунанд.

8. Шеъри “Дар рӯзаки тобистон”-ро шунавонида, ба бачагон як порагӣ тақсим мекунем. Сабти овозии ин матн дар диск мавҷуд аст. Дар сабти овозӣ иҷрои нақшҳо риоя шудааст, яъне ин шеър ҳамчун муколама сабт шудааст. Сабти овозии онро мешунавонем, аз бачагон хоҳиш мекунем, ки бодиққат гӯш кунанд. Ҳангоми бори дигар шунавонидани матн супориш медиҳем, ки ба матни китоб нигоҳ кунанд. Сипас, хониши онро бо иҷрои машқҳо ташкил мекунем. Барои иҷрои пурраи машқҳо 14 нафар лозим аст. Нақшҳоро чунин тақсим мекунем:

***Мӯрчаяк***
*Х. 1. : чор мисраи аввал (пурсанда);*
*Х. 2. : чор мисраи охир (мӯрчаяк);*
***Занбӯри асл***
*Х. 3. : чор мисраи аввал (пурсанда);*
*Х. 4. : чор мисраи охир (занбӯри асал);*
***Санҷобак***
*Х. 5. : чор мисраи аввал (пурсанда);*
*Х. 6. : чор мисраи охир (санҷобак);*
***Калламушак***
*Х. 7. : чор мисраи аввал (пурсанда);*
*Х. 8. : чор мисраи охир (калламушак);*
***Харгӯшак***
*Х. 9. : чор мисраи аввал (пурсанда);*
*Х. 10. : чор мисраи охир (харгӯшак);*
***Булбулак***
*Х. 11. : чор мисраи аввал (пурсанда);*
*Х. 12. : чор мисраи дигар (барои мӯрча, оруяк);*
*Х. 13. : шаш мисраи дигар(барои санҷобак, калламушак, харгӯшак);*
*Х. 14. : чор мисраи охир.*

Агар дар синф 28 нафар хонанда бошад, синфро ба ду гурӯҳи калони чордаҳнафара тақсим мекунем. Ҳангоми ба 12 пурра тақсим нашудани хонандагон баъзе нақшҳоро тағйир медиҳем. Масалан, як гӯянда барои ду ҳайвон саволҳоро мехонад, як кас нақши ду персонажро мебозад, нақши будбулакро ду кас ё се кас ба уҳда мегирад ва ғайра. Ҳамчунин, метавонем баъзе нақшҳоро ба ду кас супориш дода, хондани якҷояи онро пешниҳод кунем. Умуман, мақсади асосӣ ин аст, ки ҳама бояд кор кунад. Ҳангоми хондану аз ёд кардан ва ба иҷрои нақшҳо тайёр шудани бачагон ба назди ҳар яки онҳо рафта, корашонро назорат мекунем, ёрӣ мерасонем. Дар охир бачагон нақшҳоро бо навбат дар назди тахта иҷро мекунанд. Агар баъзеҳо аз ёд карда натавонанд, иҷозат медиҳем, ки аз китоб хонанд.

| Таъкид: Дар ин дарс муҳимтар аз ҳама он аст, ки ҳар кас порчаҳои худашро донад. Супориш медиҳем, ки дар хона он порчаро якҷоя бо калонсолон хонда аз ёд кунанд. |
|---|

8. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Дониши бачагонро аз мафҳуми фасли тобистон бо роҳи такрори саволҳои с. 169 месанҷем. Махсусан ба салоҳиятҳои рафтори хонандагон дар лаби ҷӯ, соҳили дарё ва кӯлҳо эътибор диҳед. Салоҳиятҳои навиштан ва донистани моҳҳои фаслҳои солро тибқи иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ санҷед. Аз бачагон хоҳиш мекунем, ки дар дафтар расми як дарахтро бо чор шоха кашида, дар атофи ҳар шоха номи моҳҳои ҳамон фаслро ба шакли гул нависанд. Ин корро аввал дар тахтаи синф анҷом диҳед: Як нафар расми дарахтро мекашад, чор нафари дигарро бо навбат ба назди тахта даъват карда, навиштани номи моҳҳоро дар ҳар шохаи дарахт супориш медиҳем. Суханҳои ширину панду насиҳати бобои Хирадро ба ёд меорем. Бачагонро бо фарорасии фасли тобистон ва тамом шудани таҳсили соли аввал табрик мегӯем. Ба ҳама бори дигар офарин мехонем.

## Дарсҳои 3-4

**Мавзӯъ: Дар рӯзаки тобистон (идома). Офарин, бачаҳо! Ташаккур, устод!**

**Салоҳиятҳо:**

1\. 1. 3. **Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.**

**1. 4.3. Фикри худро дар қолаби матни хурд (на камтар аз се ҷумлаи сода) менависад.**

**Мақсади дарс:**

- малакаҳои хониши бадеӣ ва иҷрои нақшҳоро тақвият диҳанд;
- ба мафҳуми "роҳат аз меҳнат" аст пай баранд;
- вобаста ба мавзӯъ калимаҳои навро аз худ кунанд;
- аввалин малакаҳои дарки шахсияти худ ва ифтихор аз комёбиҳоро ташаккул диҳанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникӣ барои шунавонидани сабти овозӣ, коғазпораҳо бо номҳои фаслҳо ва моҳҳо, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1\. Шеъри "Дар рӯзаки тобистон"-ро ба ёд меорем. Тақсимоти порчаҳоро ба бачагон месанҷем. Бачагонро аз рӯйи порчаҳои шеърии тақсимшуда дар паҳлуи ҳам мешинонем. Яъне, ҳамаи онҳое, ки чор мисраи аввалро тайёр кардаанд, дар як ҷо, онҳое, ки чор мисраи дуюмро хонда аз худ кардаанд, дар ҷойи дигар ва ғ. Беҳтар аст, ки бачагон тартиби хондани шеърро (кӣ аз паси кӣ) хуб донанд. Сабти овозии шеърро бори дигар мешунавонем. Аз ҳар гурӯҳ якнафариро интихоб карда, хониши занҷирноки шеърро ба роҳ мемонем. Дар охир мазмуни асосии шеърро шарҳ медиҳем, мефаҳмонем, ки роҳат бе меҳнат намешавад, ғами имрӯзро фардо хӯрдан чунин маъно дорад, ки агар хоҳем дар оянда зиндагиамон хуб бошад, бояд имрӯз бештар хонем ва дар фасли тобистон низ хондану такрор карданро фаромӯш накунем. Дар зимн сифатҳои ҳар як ҳайвонро аз матн ёфта, навиштани онҳоро супориш медиҳем.

2\. Ба бачагон эълон мекунем, ки саёҳати мо дар боғи Дониш ба охир мерасад. Андешаҳову таассуроти онҳоро роҷеъ ба сайругашт ва ошноӣ бо бобои Хирад ва Азизҷону Азиза мепурсем. Савол медиҳем, ки аз он ки сайругашти мо ба охир расид, онҳо хушҳоланд ё ғамгин. Агар касе гӯяд, ки аз қаҳрамонон ҷудо шудан намехоҳад, дилпур мекунем, ки ғам нахӯрад, соли оянда бачагонро боз китобҳои шавқовари дигар бо афсонаву ҳикояҳо интизор ҳастанд...Ва илова мекунем: Бобои Хирад барои ҳар яки мо шеър гуфтаанд, биёед, якҷоя мехонем. Сипас, ба бачагон мефаҳмонем, ки ин шеърҳо фақат ба Азизҷону Азиза тааллуқ надоранд, балки он барои ҳамаи писарону духтарон аст. Дуруст аст, ки дар сатри аввали шеъри якум (Азизи хонадони мо) калимаи "азиз" ба ду маънӣ – ҳам ба маънои номи қаҳрамони китоб, номи писар ва ҳам ба маънои "гиромӣ", "ширин" омадааст. Шумо талқин кунед, ки онро ҳамаи писарон ҳамчун шеъре барои худашон қабул кунанд, зеро ҳар яки онҳо азизи хонадони худ ҳастанд. Шеъри дуюмро низ ҳамаи духтарон ҳамчун тавсифи худашон қабул кунанд. Барои аз ёд кардани ин шеър падару модаронро низ ташвиқ кунед. Бигзор ин шеър ҳамчун туҳфа аз синфи якум дар хотираи бачагон нақш бандад. Ҳамчунин, онро дар дафтари кориашон навиштан беҳтар аст – китобҳои дарсӣ охири соли таҳсил баргардонида мешаванд, ин шеър дар дафтарашон боқӣ монад, беҳтар аст. Дар байни иҷрои ин супориш чанд лаҳзаи дамгирӣ ташкил мекунем. Ба бачагон таъкид мекунем, ки дар хона шеърҳоро якҷоя бо калонсолон хонанд ва аз ёд кунанд.

3. Ба бачагон савол диҳед, ки *Оё бобои Хирад ба онҳо маъқул шуд ё не? Барои чӣ маъқул шуд? Бобои Хирад чӣ гуна инсон аст? Шахсе, ки ба дигарон ҳама чизро ёд медиҳад, ӯро чӣ мегӯянд?* Дар охир бачагонро даъват мекунем, ки якҷоя барои бобои Хирад, ки устоди ҳамаи мост, шеър хонанд. Сабти овозии ин шеърро мешунавонем (чанд маротиба), баъзе калимаҳои душворро шарҳ медиҳем: *сират – хислат, намуди дарунӣ, ботин; инсон – одам, кас; одамият – хислатҳои неки инсонӣ; бино – бинанда, ганҷ – зару зевар, бойигарӣ.* Бачагонро ташвиқ мекунем, ки ин шеърро ҳам аз ёд кунанд.

4. Пеш аз ҷамъбасти дарс хушнависии ҳарфи "ъ"-ро анҷом медиҳем. Матни зарбулмасали овардашуда низ ба он равона шудааст, ки инсон барои комёб шудан ба мақсадҳои худ бояд заҳмат кашад. Хонандагонро даъват мекунем, ки заҳмат кашанд ва дар тобистон низ хондани китобчаҳои шавқоварро фаромӯш накунанд.

5. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Барои донишҳои аз мазмуни шеър азхудкардаро ба малакаҳои ҳаётӣ табдил додан саволгузорӣ мекунем:

- *Мо ҳам барои зимистон тобистон тайёрӣ мебинем?*
- *Барои ин чӣ кор мекунем?*
- *Тезтар калон шудан мехоҳед?*
- *Донову коргари хуб шудан мехоҳед?*
- *Барои ин тайёриро кай сар кардан даркор?...*

Салоҳиятҳои хониши бурро, тақвияти хотира (аз ёд кардани порчаҳои шеър) ва фаҳмиши мазмуни матнро месанҷем. Салоҳиятҳои навиштан ва инкишофи тафаккурро аз рӯйи иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ месанҷем.

**Дарсҳои 5 – 6**

Ин соатҳои таълимӣ ба имло (диктант) бахшида мешавад. Барои имло (диктант) аз матнҳои иловаҳо якеашро интихоб кардан мумкин аст. Худи омӯзгор низ бо истифода аз таҷрибаи кории худаш матнеро метавонад пешниҳод кунад. Матни диктант бояд чунин унсурҳоро дошта бошад:

- ҳарфи калон дар аввали ҷумла ва исмҳои хос;
- калимаҳое, ки ҳарфҳои и, ӣ, ӯ, у, ҳ, ъ, й доранд;
- ҳарфҳое, ки шакли чопӣ ва дастиашон аз ҳамдигар фарқ дорад (т, д, р, б ва ғайра).
- калимаҳое, ки дорои се ва зиёда аз он ҳиҷо доранд;
- як-ду калимае, ки барои хонандагон нав аст;

Салоҳиятҳои навиштан ва забондонии хонандагон аз рӯйи фадвали салоҳиятҳо санҷида мешаванд.

Аз рӯйи ҷамъбасти натиҷаҳои кори хаттӣ ҷиҳатҳо қавӣ ва сусти хонадагонро қайд карда, бо падару модари онҳо (калонсолони хонавода) суҳбат оростан бамаврид аст, то ки дар таътил барои бартараф кардани ҷиҳатҳои суст бо фарзандонашон кор кунанд.

**Таъкид:** Дар ин дарс машқи хушнависӣ оид ба ҳарфи "ъ" низ оварда шудааст. Онро дар дафтари машқ анҷом додан лозим аст.

**Дарсҳои 7 - 8**

**Мавзӯъ: Ҷамъбасти соли таҳсил (4 соат, 2 соати аввал).**

**Салоҳиятҳо:**

1. 1. 3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян **мекунад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 3. 2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурдро, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад.**

**1. 3. 3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима)-ро, ки 1-2 калимаи нав доранд, муайян мекунад.**

**1. 4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.**

**1. 4.3. Фикри худро дар қолаби матни хурд (на камтар аз се ҷумлаи сода) менависад.**

**Мақсади дарс:**

- малакаҳои хониши бадеӣ ва хотираро инкишоф диҳанд;
- бо бозиҳои омӯзишӣ шинос шаванд ва аз онҳо дар таътили тобистона истифода кунанд;
- барои таътил нақша тахия кунанд ва онро иҷро кунанд.

**Таҷҳизот:** Китоби дарсӣ, китоби роҳнамо, таҷҳизоти техникӣ барои шунавонидани сабти овозӣ, дафтари машқ.

**Равиши дарс:**

1. Оғози дарс. Шеърҳои "Ба Азизҷон", "Ба Азиза" ва "Ба устод"-ро бори дигар мехонем. Аз бачагоне, ки ҳанӯз натавонистанд ин шеърҳоро аз ёд кунанд, хоҳиш мекунем, ки онҳоро дар хона ҳамроҳи калонсолон машқ ва аз ёд кунанд, бурровy равон хондани онҳоро ёд гиранд.
2. Суҳбати охирини Азизҷону Азизаро бо бобои Хирад мешунавонем (ё худамон мехонем). Бори дигар таъкид мекунем, ки дар таътили тобистона бачагон ҳам истироҳат кунанд, ҳам хонанд.
3. Бачагонро бо бозиҳои омӯзишӣ ошно месозем. Дар зимн салоҳиятҳои хонадагонро ба таври умумӣ баҳогузорӣ кунед. Дар охири дарс боз ба суҳбати бобои Хирад, охирин суҳбату насиҳати ӯ таваҷҷуҳи бачагонро ҷалб мекунем. Сабти овозии ин матн низ дар диск мавҷуд аст. Муҳимтарин мақсади ин суҳбат талқину ташвиқи бачагон ба он аст, ки дар таътили тобистона низ китобро аз даст нагузоранд, ҳам бозӣ кунанд, ҳам омӯзанд. Онҳоро ташвиқ мекунем, ки аз бозиҳои одӣ ба бозиҳои дидактикӣ рӯ оваранд, на танҳо худашон бо ин бозиҳо машғул шаванд, балки дигаронро низ ба чунин бозиҳо ҷалб кунанд.
4. Калимаёбӣ. Ба ҷойи нуқтаҳо номи меваҳои дар расмҳо тасвиршударо монда, байтҳоро мехонем. Мефаҳмонем, ки ҳангоми гузоштани номи меваҳо аломати нохунакро наменависем. Як байтро барои намуна худамон навишта нишон медиҳем.

| |
|---|
| Таъкид: Муаллифи шеърҳо шоира Латофат Кенҷаева аст. Номи муаллифро барои бачагон таъкид кунед. |

Тарзи иҷрои он чунин аст:

*Мағз хоҳӣ, бирав Ванҷ,*
*Чормағзи он ҳамчу ганҷ.*

*Зардолуи Исфара,*
*Бар ҷону дилат фараҳ.*

*Ғончӣ макони ангур,*
*Овозадору машҳур.*

*Ноки болаззати Ғарм,*
*Дилҳоро мекунад гарм.*

*Харбуза – роҳати ҷон,*
*Дар Шаҳритус пазад он.*

*Гелоси Истаравшан,*
*Мадору қуввати тан.*

*Ширин анори Норак,*
*Дар боғи нав муборак!*

*Бомаза пистаи Панҷ,*
*Дар кӯҳу пушта чун ганҷ.*

**5.** Соати дуюмро ба иҷрои супоришҳо дар дафтари машқ мебахшем. Корро дар гурӯҳҳо ташкил кардан лозим аст. Иҷрои ин кор як навъ ҷамъбасти умумии ҳамаи мавзӯъҳоест, ки хонандагон дар давоми соли таҳсил онро аз худ кардаанд.

6. Ҷамъбаст/Арзёбӣ. Барои санҷиши дониши умумии хонандагон аз ҷадвале, ки дар дафтари машқ оварда шудааст, истифода кардан мумкин аст.

**Дарсҳои 9 - 10**

**Мавзӯъ: Ҷамъбасти соли таҳсил. Нақшаи ман дар таътил (4 соат, 2 соати охир).**

**Салоҳиятҳо:**

1. 1. 3. **Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда(гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст, муайян мекунад.**

**1. 2. 3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад.**

**1. 4.3. Фикри худро дар қолаби матни хурд (на камтар аз се ҷумлаи сода) менависад.**

**Мақсади дарс:**

- бо мафҳуми таътили тобистона ошно шаванд;
- дар баробари истироҳат кардан бо омӯзиши мустақилона (хондани китобҳои хурди бадеӣ, чистону тезгӯяку афсонаҳо) машғл шуданро ёд гиранд;
- аввалин малакаҳои нақшаи корӣ тартиб додан (мақсад гузоштан)-ро ёд гиранд;

**Равиши дарс:**

1. Бачагонро барои бомуваффақият ба итмом расонидани соли таҳсил табрик мегӯем. Мефаҳмонем, ки бузургон гуфтаанд: “Деҳқон бошӣ, шудгор кун, олим бошӣ, такрор кун!” Агар мо донистаҳои худро такрор накунем, бисёр чизҳои ёдгирифтаамон фаромӯш мешавад. Бинобар ин, дар тобистон, дар баробари истироҳат кардан такрор карданро низ набояд аз ёд барорем.

2. Барои ташвиқи бачагон аз ҳар кас хоҳиш мекунем, ки барои худаш як нақша тартиб диҳад. Онро “Ман дар тобистон чӣ кор мекунам?”, “Нақшаи ман дар тобистон” ва ғайра номгузорӣ кардан мумкин аст. Ба бачагон намунаҳои гуногуни фаъолиятҳоро барои интихоб кардан пешниҳод мекунем (номгӯйи ин фаъолиятҳоро дар тахтаи синф навиштан беҳтар аст): *бозӣ кардан, ба деҳа рафтан, оббозӣ кардан, сайругашт кардан бо калонсолон, китоб хондан, шеър аз ёд кардан, варзиш кардан, ба модар (додарча, хоҳарча) кумак кардан, ба хонаи хешу табор рафтан, чистонбозӣ кардан, ҳарфбаракбозӣ кардан, рақс кардан, суруд хондан...*

3. Хонандагон худашон аз ин фаъолиятҳо якчандтояшро интихоб мекунанд. Сипас, нақшаи худро дар шакли матни хурд менависанд.

4. Пас аз тафтиши нақшаҳо хоҳиш мекунем, ки шакли охирини нақшаро ба дафтари машқ кӯчонанд. Таъкид мекунем, ки ин саҳифаи дафтари кориро бо худ нигоҳ доранд ва иҷрои нақшаи худро фаромӯш накунанд.

5. Дар охири дарс лаҳзаҳои гуногуни дамгирӣ, суҳбати озоди ширин, байту шеърхонӣ ва ғайра ташкил кардан мумкин аст.

## ДАРСҲОИ ТАКРОРӢ (4 соат)

Чор соати охири соли таҳсилро ба такрор мебахшем. Дар ин ҷо тарзи ташкили дарсҳо пешниҳод намешаванд. Онро худи омӯзгорон вобаста ба салоҳдиди худ ва бо дарназардошти хусусиятҳои фардии хонандагон ташкил мекунанд. Аммо ба дарсҳои такрорӣ бояд ҷиддӣ муносибат кунем. Натиҷаҳои арзёбии салоҳиятҳои ҳар як хонандаро ба назар гиред. Шумо аллакай ҷиҳатҳои ҷавӣ ва сусти ҳар як шогирди худро медонед. Дар иловаҳо матнҳо (шеърҳо, афсонаҳо, ҳикояҳо), чистонҳо ва тезгӯякҳо оварда шудаанд. Ба ҳар хонанда (ё гурӯҳи муайяни хонандагон вобаста ба сатҳи пешрафташон) матнҳои муносибро интихоб намуда, тибқи қобилиятҳои шахсии онҳо упоришҳои мушаххас таҳия кунед. Матнҳои интихобшуда бояд ба ду мақсад истифода шаванд: таҳкими салоҳиятҳое, ки барои бартараф намудани камбудиҳои хонанда равона мешавад ва ташаккули кори мустақилонаи онҳо. Дар охир порчаҳои дигари боқимондаро бо супоришҳои мушаххас ба хотири истифода аз онҳо дар таътили тобистона ба бачагон тақсим кунед ва иҷрои онро дар нақшаи тобистонаи онҳо ворид кунед.

Хеле муҳим аст, ки дар охири сол маҷлиси падару модаронро баргузор намуда, ин супоришҳоро ба волидон (шахсони калонсоли хонавода) фаҳмонед.

# «РОҲНАМОИ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ  БАРОИ СИНФИ 1-УМ»

## Барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умум


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | М. Мунавваров |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Қ. Саъдуллоев |
| Тарроҳ | Қ. Назаров |

Ба матбаа 28.06.2016 супорида шуд
Ба чоп 12.08.2016 иҷозат дода шуд. Андозаи 60х84 1/8.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 22,5.
Адади нашр 10000 нусха.
Супориши № 99/2016

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади. Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66.
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «ТоРус» чоп шудааст.